**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**САДРИДДИНИ АЙНИДДИН**

# НАҚШИ НИЗОМУЛМУЛК ДАР НИЗОМИ ИДОРИИ ҶАМЪИЯТӢ ВА СИЁСИИ ДАВЛАТИ САЛҶУҚИЁН

Ихтисос: 07.00.02 – Таърихи ватанӣ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих

**Роҳбари илмӣ**: доктори илмҳои таърих, профессор **Расулиён Қ.Р.**

**БОХТАР – 2020**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**..................................................................................3-25

**БОБИ I. НИЗОМУЛМУЛК ХОДИМИ БУЗУРГИ ДАВЛАТӢ ВА ФАРҲАНГӢ**……………………………………………………………26-89

I.1. Низомулмулк-ходими маъруфи ҷамъиятӣ ва сиёсии асри XI…….........26

I.2. Нақши Низомулмулк дар таъйини сиёсати дохилӣ ва хориҷии Салҷуқиён…………………………………………………………………51

I.3. «Сиёсатномаи»-и Низомулмулк дастури идории давлатдорӣ, сарчашмаи муҳими таърихӣ ва мероси гаронбаҳои фарҳангӣ....................69

**БОБИ II. НИЗОМИЯҲО – НАХУСТИН МАРКАЗҲОИ ТАЪЛИМӢ ВА ИЛМӢ БО СОХТОРИ ИДОРИИ МУНАЗЗАМ ВА ПЕШРАФТА**….90-178

II.1. Аз таърихи мадрасаҳои Хуросони Бузург ва фаъолияти онҳо............90

II.2. Низомияи Бағдод бузургтарин маркази таълимию илмии замони худ…………………………………………………………………….....106

II.3. Мақоми низомияҳо дар таҳаввули низоми таълими асрҳои баъдӣ…141

**ХУЛОСА**……………………………………………………….........179-186

**АДАБИЁТ**……………………………………………………………...187-197

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзӯъ.** Миллати тоҷик, ки аз қадимтарин сокинони сарзамини густурдаи Хуросони Бузург аст, дар тӯли таърих фарзандони маъруферо аз шумори давлатмардон, сиёсатмадорон ва донишмандон ба тамаддуни ҷаҳонӣ тақдим намудааст. Аз миёни чунин ашхоси соҳибноми таърихи халқи тоҷик Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тӯсӣ, маъруф ба Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ (408 ҳ.қ. /1017-1018 – 10 рамазони 485 ҳ.қ./ 14.10.1092) мебошад, ки ба ҳайси яке аз донишмандон ва сиёсатмадорони бузурги замони худ эътироф шудааст. Низомулмулк бо истеъдоди фавқулоддае, ки дошт, аз вазифаи дабирӣ то мақоми вазорат дар давлати Салҷуқиён расид ва бо фазилату хирад тавонист низоми давлатдории ниёгонаш - Сосониён ва Сомониёнро дар замони вазорати худ дар давлати туркони Салҷуқӣ татбиқ намояд.

Рисолаи «Сиёсатнома»-и Низомулмулк дастури ҳамешагии сиёсатмадорони баъдӣ ва низомияҳои таъсиснамудааш намунае барои таъсиси нахустин марказҳои илмию таълимии пешрафта чун донишгоҳҳо на танҳо дар ҷаҳони ислом, балки дар олами Ғарб буданд. Омӯзиш ва таҳқиқу баррасии ҳаёту фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Низомулмулк хеле муҳим ва мубрам буда, он дар чунин нуктаҳо хулоса мешавад:

- роҳи паймудаи Низомулмулк то ба дараҷаи баландтарин мансаби дарборӣ, яъне вазири дарбори Салчуқиён расидани ӯ бисёр ҷолиб ва омӯзанда аст. Вай ҳангоми вазири Алпарслон ва Маликшоҳ буд тавассути дониши фарогир ва кордонӣ тавонист тамоми умури ин давлати қаламраваш густурдаро ба ихтиёри худ гирад. Аз ин рӯ нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятиву сиёсии давлати Салҷуқиён меҳварӣ буда, дар асрҳои баъдӣ аз саҳми муҳими ин ходими бузурги давлатӣ ва сиёсатмадори барҷаста дар таҳкими давлати Салҷуқиён таърихнависон борҳо дар осорашон зикр кардаанд. Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи ин вазири ботадбир давлати таъсиснамудаи туркҳои Салчуқӣ дар сарзаминҳои Хуросон, Эрон ва Мовароуннаҳр, ки аз

ҳокимони алоҳида иборат буда, ҳар доим ин сарзаминҳо дучори ғорату торочи онон мегардид, ба давлати мутамарказ ва қаламрави зери фармони онҳо ба як сарзамини воҳид мубаддал гашта, халқи муқимии он тоҷикон ва форсҳо муддате аз тохту тоз ва ғоратгариҳои туркҳои саҳронишин раҳоӣ ёфтанд;

- Хоҷа Низомулмулк чун сиёсатмадори барҷаста ва олими нуктасанҷ бо таълифи рисолаи «Сиёсатнома» тавонист барои насли баъдӣ як ёдгории ҷовидонаро ба мерос гузорад. «Сиёсатнома» китобест, ки ҳадафи аслии онро тарғиби давлати ягонаи мутамарказ бо сарварии шоҳи одил ва вазири ботадбир ташкил медиҳад. Вай бо овардани ҳикоёти пандомӯз аз ҳаёти подшоҳону вазирони бузурги Сосониёну Сомониён ҳокимони асри хешро ҳидоят менамуд, ки дар ҳукумат кардан ва давлатдорӣ аз таҷрибаи гузаштагони мардумони муқимии ин сарзаминҳо, аз хирад ва тадбири оқилона кор гиранд. Тадбирҳо ва талошҳои Низомулмулк намунаи ибрате буд дар амалӣ шудани ин кори басо мушкил;

- низомияҳои таъсиснамудаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ нахустин марказҳои таълимию илмии давлатии пешрафта, дорои низоми ягона ва ҷавобгӯ ба талаботи замон буданд. Бо таъсиси низомияҳо шуҳрати мадрасаҳои анъанавӣ, ки ба ашхоси алоҳида тааллуқ доштанд, аз байн рафт ва низомияҳо ба бузургтарин ва бонуфузтарин донишгоҳҳои асри XI ва баъди он ба ҳисоб рафта, ба макони гирд омадани донишмандон ва донишҷӯён аз гӯшаю карони кишварҳои исломӣ мубаддал гаштанд. Эътибори низомияҳо то ҷое буд, ки зери таъсири онҳо ашхоси маъруфи давр, аз ҷумла халифаи Аббосиён Мустансир (1226-1242) мадрасаҳои худро бо талқид аз онҳо таъсис намуд. Бузургтарин хидмати Низомулмулк ва низомияҳои ӯ дар таърихи илму фарҳангии ҷаҳон тибқи иқрори донишмандони ғарбӣ, он аст, ки бо пайравӣ аз низоми идорӣ ва таълимии онҳо нахустин донишгоҳҳо дар Аврупо таъсис ёфтанд.

Ҳамаи ин масоили зикрёфта гоҳе дар алоҳидагӣ ва аксаран ба тариқи гузаро дар осори муҳаққиқони таърихи асрҳои миёна чи дар замони Шӯравӣ ва чи пасошӯравӣ матраҳ шудаанд. Муаллифи рисола талош

кардааст, то ин масоилро дар шакли маҷмӯӣ таҳлилу баррасӣ намуда, симои Низомулмулкро дар таърихи ватанӣ аз сояравшанҳо берун оварда, нақши ӯро на танҳо чун ходими маъруфи сиёсӣ, инчунин дар таърихи фарҳанги тоҷикон низ барҷаста баён намояд. Таҳлили ин ҳама масъалаҳо мубрам будани мавзӯи мавриди таҳқиқро муайян мекунад.

**Сатҳи омӯзиши илмии мавзӯъ.** Дар бораи ҳаёту фаъолияти Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ ва асари ӯ «Сиёсатнома» муҳаққиқони кишварҳои гуногун аз охири асри XVII таваҷҷуҳ зоҳир карда, аз нимаи дуюми асри XIX омӯзиши он оғоз шудааст. Аз ҷумла шарқшиноси фаросавӣ д'Эрбело (1625-1695) дар охири асри XVII қомуси ҷомееро бо номи «Bibliotheque Orientale» таҳия намуд, ки дар бораи Низомулмулк ва «Сиёсатнома»-и ӯ маълумот медиҳад.[1]

Соли 1881 феҳристи дасхатҳои осорхонаи Британия аз ҷониби Ш.Рьё ба чоп мерасад, ки дар он роҷеъ ба Низомулмулк ва асараш «Сиёсатнома» ахбори мухтасар дода шудааст.[2]

Ховаршиноси фаронсавӣ Шарл Шеффер соли 1891 «Сиёсатнома»-ро дар асоси дастхате, ки дар наздаш буд ва соли 690 ҳ.қ./ 1291 нусхабардорӣ шуда аст, инчунин ду нусхае, ки яке аз он дар хизонаи китоби Лондон маҳфуз аст ва дар Аҳмадободи Ҳинд нусхабардорӣ шуда ва дигаре дар китобхонаи Берлин мавҷуд аст ва он низ дар Ҳиндустон навишта шудааст ва ҳар ду нусха аз рӯи нусхае, ки соли 564 ҳ.қ./1168-1169 дар шаҳри Урумия ба дастури ҳоҷиби кабир Алпҷамолиддин навишта шуд, муқобила карда, ба забони фаросавӣ тарҷума намуд. Ин ховаршинос бори нахуст дар бораи Низомулмулк ва асари ӯ маълумоти муҳим медиҳад, ки ин иқдоми арзишманд дар илми шарқшиносии Аврупо ба ҳисоб меравад.[3]

Соли 1906 ҷилди дуюми «Таърихи адабиёти форсӣ» мутааллиқ ба қалами Э.Браун чоп мешавад, ки муҳаққиқ ба ҳангоми пажӯҳиши адабиёти

---

[1] Заходер Б.Н. Введение в изучение памятника //Низам ал-мульк. Сиасет-намэ – книга о правлении вазира XI столетия Низам ал-мулька. Перевод, введение и примечания профессора Б.Н. Заходера. М.-Л. 1949 (-379 с.) С.247.
[2] Ҳамон ҷо. С.247-248.
[3] Муқаддимаи Шеффер – мусташриқи Фаронсавӣ // Низомулмулк. Сиёсатнома. Бо ҳавошӣ ва ёддоштҳо ва ишорот ва тасҳеҳи М.Қазвинӣ. Чопи дувум. Теҳрон, 1344 (-295 с.) С. Ёздаҳ.

баъди асри Сомониён «Сиёсатнома»-ро яке аз арзишмандтарин асарҳои насри форсӣ меҳисобад.[1]

Шарқшиноси маъруфи Шӯравӣ Е.Э.Бертелс таърихи адабиёти форсиро баррасӣ карда, соли 1928 китоберо зери унвони «Очерки истории персидской литературы» ба табъ расонид, ки дар он дар бораи Низомулмулк ва рисолааш «Сиёсатнома» маълумоти мухтасар дода, аз нақши Низомулмулк дар тақвияти давлати Салҷуқиён дар нимаи дуюми асри XI ва фаъолиятҳои фарҳангии ин вазир, ба хусус ифтитоҳи низомияҳо ёд мекунад. Е.Э.Бертелс Низомулмулк, Ҳасани Саббоҳ ва Умари Хайёмро ҳамзамон дониста, ҳамсабақ будани онҳоро, чуноне ки дар баъзе аз осори таърихӣ омадааст, афсонае беш намешуморад.[2]

«Сиёсатнома»-ро бори аввал дар Эрон соли соли 1310 ҳ.ш. мусодиф ба 1932 Абдурраҳмони Халхолӣ таҳия намуда, ба табъ расонида, баъдан соли 1941 аз тарафи А.Иқбол ва солҳои 1955 ва 1965 аз ҷониби М.Қазвинӣ ва М.Чаҳордеҳӣ таҷдиди чоп шудааст.

Соли 1935 шарқшиноси англис Ҳюберт Дарк дар асоси нусхаи дар шаҳри Табрез маҳфузбуда ин асарро бо номи «Сияр-ул-мулук» ба нашр расонид.

Бори нахуст дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1949 «Сиёсатнома» ба ташаббуси шарқшиноси шӯравӣ Б.Н.Заходер зери унвони «Сиасет-намэ – книга о правлении вазира XI столетия Низам ал-мулька» бо охирсухани мухтасар ба забони русӣ тарҷума шуд.[3] Матни тарҷумаи рисола 237 саҳифаро фаро гирифта, дар охирсухани хеш ба ин асар профессор Б.Н.Заходер дар бораи масоили таърихнигорӣ, таркиби рисола, гузинаҳо ва иловаҳо ба рисола, вижагиҳои хоси он сухан ронда, тавзеҳоти арзишманде ба матолиби китоб додааст. Б.Н.Заходер дар қисмати охири китоб зери унвони «Введение в изучение памятника» фасле ҷудо карда,

---

[1] Заходер Б.Н. Введение в изучение памятника //Низам ал-мульк. Сиасет-намэ – книга о правлении вазира XI столетия Низам ал-мулька. С. 248.
[2] Бертельс Е.Э. Очерки истории персидской литературы. Ленинград: Издание Ленинградского восточного института имени А.С.Енукидзе, 1928 (-203 с.). С. 43-44.
[3] Низам ал-мульк. Сиасет-намэ – книга о правлении вазира XI столетия Низам ал-мулька. Перевод, введение и примечания профессора Б.Н. Заходера. М.-Л. 1949. -379 с.

тамоми дастхатҳои дастрас ва нашрҳои «Сиёсатнома»-ро баррасӣ карда, инчунин мақолаву тақриз ва пажӯҳишҳои ба ин асар алоқамандро бо хулосаҳои илмӣ ҷамъбаст намудааст.[1] Ин мутарҷим талош кардааст матни аслии ба қалами Низомулмулк тааллуқдоштаро аз матнҳое, ки баъдан аз ҷониби дигарон ба «Сиёсатнома» илова шуд, мушаххас кунад. Бино ба назари Б.Н.Заходер бобҳои 2-39, 42-43, 48-50 мансуб ба қалами Низомулмулк буда, аммо муқаддима, бобҳои 1, 40, 41, 44, 45, 46 ва 47 ба қалами дигар муаллифон марбут аст.[2]

Б.Н.Заходер роҷеъ ба тарҷумаи ҳоли Низомулмулк дар ниҳояти мухтасарӣ иттилоъ дода, аз душмании ӯ бо исмоилиён таъкид карда, ба дасти онҳо кушта шудани ин вазирро зикр мекунад.[3] Ҳадафи иншои чунин рисоларо Б.Н.Заходер мушаххас карда, «Сиёсатнома»-ро чун санади тезу тунди сиёсӣ мепиндорад, ки матолиби он алайҳи рушди низоми иқтадорӣ ва тамаркуззудоӣ аз қудрати давлат равона шудааст. Дар «Сиёсатнома» Низомулмулк ба тамаркузи дастгоҳи идории давлат, лашкар ва хадамоти гуногуни давлатӣ даъват мекунад.[4] Ин муҳаққиқ аз арзиши «Сиёсатнома» чун сарчашмаи бисёр муҳими аҳди салтанати Салҷуқиёни нимаи дувуми асри XI ва аввалҳои асри XII таъкид карда, менависад, ки «дар пояи ин асар як санади сиёсии воқеӣ, ки аз ҷониби вазир навишта шудааст, қарор дорад».[5]

Соли 1951 ба тарҷумаи русии «Сиёсатнома»-и аз ҷониби Б.Н.Заходер анҷомёфта муҳаққиқ Л.М.Меликсет-бек тақризе дар маҷаллаи «Известия Академии наук Армянской ССР» нашр карда, аз ҷумла менависад, ки бо тарҷумаи русӣ аз ҷониби Б.Н.Заходер ба чоп расидани асари бисёр маъруфи адабиёти тоҷикӣ-форсӣ - «Сиёсатнома» пас аз нашри асари таҳқиқии академик В.Гордлевский «Государство сельджуков Малой Азии»

---

[1] Низам ал-мульк. Сиасет-намэ – книга о правлении вазира XI столетия Низам ал-мулька. Перевод, введение и примечания профессора Б.Н. Заходера. С.244-312.
[2] Ҳамон ҷо. С.311.
[3] Ҳамон ҷо. С.242.
[4] Ҳамон ҷо. С.242.
[5] Ҳамон ҷо. С.311.

(М.-Л., 1941), бешубҳа ҳодисаи бузург дар илми шарқшиносии шӯравӣ, бахусус барои омӯзиши таърихи Салҷуқиён ба ҳисоб меравад.[1]

С.Г.Агаджанов таҳқиқотҳое дар заминаи омӯзиши таърихи Салҷуқиён дар солҳои мухталиф ба табъ расонид.[2] Дар ин асарҳо муҳаққиқ масоили иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва низомӣ-сиёсии оғузҳо ва туркманҳо, инчунин сарнавишти оғузҳо ва туркманҳо дар ҳайати давлати Салҷуқиёнро баррасӣ карда, дар омӯзиши масоили таърихии асри XI «Сиёсатнома»-и Низомулмулкро сарчашмаи муҳими ин давр ҳисобида, аммо бидуни далел менависад, ки ҳанӯз исбот нашудааст, ки ин асар ба қалами Низомулмулк тааллуқ дошта бошад.[3] Ҳамчунин ин муаллиф аз нақши калидии Низомулмулк дар умури идории давлати Салҷуқиёни нимаи дуюми асри XI зикре намекунад.

«Сиёсатнома» бори нахуст ба расмулхатти тоҷикӣ соли 1989 бо кӯшиши Аликул Девонақулов ба табъ расид, ки матни «Сиёсатнома»-ро дар асоси матни «Сиёсатнома»-и соли 1932 нашрнамудаи матншиноси эронӣ Абдурраҳмони Халхолӣ таҳия намудааст.[4] А.Девонақулов дар пешгуфтори ин китоб муқаддимае бо номи «Низомулмулки Тӯсӣ ва «Сиёсатнома»-и ӯ» навишта, муруре ба чараёни зиндагии Низомулмулк карда, марҳилаҳои сабзиши ӯ то ба ҳадди вазири Салҷуқиён – Алпарслон ва Маликшоҳро мухтасар баён намуда, сабабҳои барканорӣ ва билохира ба қавли муаллиф «аз дасти зани шоҳ (Турконхотун) ба воситаи истифодаи кинаи деринаи Ҳасани Саббоҳ (пешвои исмоилиёни қалъаи Аламут) 14 октябри соли 1092 дар вақти сафари Бағдод дар наздикии шаҳри Наҳованд бо теғи қотил Абӯтоҳир» ба қатл расидани ӯро зикр мекунад.[5]

---

[1] Меликсет-бек Л.М. Сиасет-намэ – книга о правлении вазира XI столетия Низам ал-мулька. Перевод, введение в изучение памятника и примичания профессора Б.Н.Заходера. Издание Академии наук СССР. М.-Л., 1949. 379 стр. // Известия Академии наук Армянской ССР. Общественные науки. №1. 1951. С.95-98.
[2] Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен средней Азии X-XIII вв. Ашхабад: Ылым, 1969. – 297 с.; Ҳамин муаллиф. Сельджукиды и Туркмения в XI-XII вв. Ашхабад: Ылым, 1973. – 164 с.; Ҳамин муаллиф. Государство Сельджугидов в Средняя Азия в XI-XII вв. Москва: Наука, 1991. – 303 с.
[3] Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен средней Азии X-XIII вв. Ашхабад: Ылым, 1969. С.19.
[4] Низомулмулк. Сиёсатнома. Ба чоп тайёркунанда А.Девонақулов. Душанбе: Адиб, 1989. -200 с.
[5] Ҳамон ҷо. С.5.

Дар бораи сабаби иншои «Сиёсатнома» ва муҳтавои он А.Девонақулов изҳори назар карда, ин асарро дастуруламали сиёсии хонадони Салҷуқиён меҳисобад.[1]

Соли 1998 бо кӯшиши Аҳмад Ҳоҷиев «Сиёсатнома» бо хатти кириллӣ ба чоп расид.[2] «Сиёсатнома»-и таҳия намудаи А.Ҳоҷиев дар асоси чопи дувуми «Сиёсатнома», ки ба ташаббуси Аббоси Иқбол дар Эрон соли 1990 ба нашр расидааст, нисбат ба «Сиёсатнома»-и таҳиянамудаи А.Девонақулов мукаммал буда, 50 фаслро фаро мегирад. Дар пешгуфтор ба ин китоб А.Ҳоҷиев мурурe ба шарҳи ҳоли Низомулмулк карда, аз сарчашмаи муҳими таърихии асри миёна будани «Сиёсатнома» таъкид намудааст.[3]

Дар осори муҳаққиқон Низомулмулк чун шахсияти маъруфи сиёсӣ ва давлатӣ дар иртиботи таҳқиқи ҳаводиси сиёсии аҳди ҳукумати Салҷуқиён, бахусус замони давлатдории Алпарслон ва Маликшоҳи Салҷуқӣ зикр шуда, «Сиёсатнома» на танҳо чун маъхази муҳими таърихии асри XI, инчунин аҳди Сосониён ва Сомониён низ шинохта шудааст. Аз ҷумла шарқшиноси маъруф В.В.Бартолд дар осори ба таърихи давлатҳои асримиёнагии Мовароуннаҳру Хуросон бахшидаи худ, ба аҳди Салҷуқиён низ таваҷҷуҳ кардааст. Ин муҳаққиқ дар пажӯҳиши «Туркистан в эпоху монгольского нашествия» бо такя ба маводи «Сиёсатнома» низоми давлатдории Салҷуқиёнро таҳлил намуда, нақши калидии Низомулмулкро дар ин давлат таъкид карда, менависад, ки Низомулмулк метавонист худро комилан шарики ҳукумат бо давлатдорони аҳди хеш ҳисобад.[4]

Дар пажӯҳиши дигари В.В.Бартолд «История Туркистана» ҳукумати Қарахониён, Салҷуқиён ва қарахитоиён мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар мавриди кӯшишҳои Низомулмулк дар амри ба вуҷуд овардани давлати мутамарказ ёд карда, муҳаққиқ зикр мекунад, ки бо вуҷуди талошҳои

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Ба чоп тайёркунанда А.Девонақулов. С.6.
[2] Низомулмулк. Сиёсатнома. Таҳияи матн, пешгуфтор, тавзеҳот ва луғот А.Ҳоҷиев. Душанбе: Шарқи озод, 1998. -249 с.
[3] Низомулмулк. Сиёсатнома. Таҳияи матн, пешгуфтор, тавзеҳот ва луғот А.Ҳоҷиев. С. 12-19.
[4] Бартольд В.В. Туркистан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения Т.I. М., 1963 (С.238-385). С.371.

вазирони форс, аз ҷумла Низомулмулк, усули ваҳдати давлатӣ дар ҳукумати Салҷуқиён татбиқи худро наёфт.[1]

В.В.Бартолд дар «Двенадцать лекций по истории турецких народов Средней Азии» аз ҷонибдори сарсахт будани пешвоёни Салҷуқиён, аз ҷумла Туғрул аз мазҳаби ҳанафӣ ва аз шофеимазҳаб будани вазири Алпарслон ва Маликшоҳи Салҷуқӣ - Низомулмулк сухан карда, аз қавли Низомулмулк менависад, ки Алпарслон шофеиёнро бад медид ва бисёр афсӯс мехӯрд, ки аз хидмати вазири шофеимазҳабе чун Низомулмулк истифода мекунад. [2]

Академик Б.Ғафуров дар боби «Халқи тоҷик дар давраи ҳукмронии Салҷуқиён ва давлати Хоразмшоҳӣ»-и асараш «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»[3], ки соли 1947 ба табъ расид, аз нақши тоҷикон-эрониён дар низоми давлатдории Салҷуқиён таъкид карда, Низомулмулкро як марди хеле оқил, фозил ва боистеъдодтарини замони хеш дониста, менависад, ки ӯ «дар корҳои мамлакатдорӣ ба куллӣ ба таҷрибаҳои давраи Сомониён такя менамуд. Ӯ дар дарбори Алпарслон, махсусан Маликшоҳ (1072-1092) ба нуфузи беандозае соҳиб гардида, кӯшиш намуд, ки дар доираи васеи мамлакати Салҷуқиён анъанаҳои мадании давраи Сомониёнро аз нав зинда ва ҷорӣ намояд».[4] Дар ин фасли «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» бо вуҷуди мухтасарии матлаб дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Низомулмулк ва низомияҳои ӯ, академик Б.Ғафуров бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ нақши Низомулмулкро дар ба низом овардани усули идории давлати Салҷуқиён пас аз харобиҳои давраи аввали ҳукмронии онон таъкид карда, барои тақвияти андешаи худ аз «Сиёсатнома» иқтибосҳо оварда, менависад, ки «Яке аз хизматҳои бузурги Низомулмулк дар ин ҷост, ки ӯ нисбат ба рафтори он аъён ва ашрофи феодалӣ-ҳарбии туркони

---

[1] Бартольд В.В. История Туркистана // Сочинения Т. II., Ч.I. М., 1963 (С.109-163). С131.
[2] Бартольд В.В. Двенадцать лекций по истории турецких народов Средней Азии // Сочинения Т.V. М., 1968 (С.19-194). С.95.
[3] Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷ.I. Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1947 (-384 с.). С.209-234.
[4] Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷ.I. С.210-211.

Салҷуқӣ, ки деҳқонон ва умуман гурӯҳҳои истеҳсолкунандаи мамлакатро бераҳмона тороҷ мекарданд, чораҳои даркорӣ пешбинӣ намуд».[1]

Б.Ғафуров қатли Низомулмулкро ба дасти фиристодаи пешвои исмоилиёни қалъаи Аламут Ҳасани Саббоҳ медонад.[2]

Академик Б.Ғафуров дар нашрҳои дуюм ва сеюми «Таърихи халқи тоҷик дар баёни мухтасар», ки бо забони русӣ солҳои 1952 ва 1955 бо тасҳеҳ ва иловаҳо ба нашр расид, дар боби «Халқи тоҷик дар давлати Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён» (нашри соли 1952)[3] ва «Халқи тоҷик дар давлати Ғуриён, Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён» (нашри соли 1955)[4] ва дар китоби «Таджики»[5] зербоби махсусеро зери унвони «Салҷуқиён ва Низомулмулк» ҷудо карда, матолиби бештареро аз нақши Низомулмулк дар тақвияти умури идорӣ, рушди тиҷорати хориҷӣ ва аз миён бардоштани баъзе андозҳое, ки дар давлати Салҷуқиён дар рушди тиҷорат монеа эҷод мекарданд, баён намуда, хулоса мекунад, ки «Баъзе аз таърихнигорон Низомулмулкро тақрибан ба унвони як мубориз барои хубиҳо ба мардум тасвир мекунанд. Ӯ, албатта, ҳаргиз чунин набуд. Агар баъзе аз тадобири ӯ бедодгариҳои ҷангсолорон ва феодалонро маҳдуд карда бошад, агар ӯ дар мавриди ташкили мадрасаҳо ғамгорӣ намудааст, пас ин ҳама барои тақвияти қудрати давлати Салҷуқиён, барои афзоиши даромад ба хазинаи давлат анҷом шудааст».[6]

Дар бораи Низомулмулк ва асараш «Сиёсатнома» бештар дар донишномаҳо (энсиклопедияҳо) таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Соли 1967 роҷеъ ба Низомулмулк ва асари ӯ «Сиёсатнома» («Сайру-л-мулук») дар китоби «Советская историческая энциклопедия» аз ҷониби муҳаққиқ А.Я.

---

[1] Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷ.I. С.211.
[2] Ҳамон ҷо. С.215.
[3] Гафуров Б. Г. История таджикского народа в кратком изложении. Издание второе, исправленное и дополненное. М.: Государственное издательство политической литературы, 1952 (-508 с.). С.238-243.
[4] Гафуров Б. Г. История таджикского народа в кратком изложении. Издание третье, исправленное и дополненное. М.: Государственное издательство политической литературы, 1955 (-544 с.). С.265-269.
[5] Таджики древнейшая, древняя и средневековая история. Москва: Наука, 1972 (-658 с.). С.396-399.
[6] Гафуров Б. Г. История таджикского народа в кратком изложении. 1952. С.241; 1955. С.267; Таджики. С.397.

Новосельцев маълумоти мухтасар оварда шуда, муаллиф дар бораи ҷонибдори ҳукумати марказӣ будани Низомулмулк таъкид карда, аз ҷониби имоилиён ба қатл расидани ӯро ишора намудааст.[1]

Доктори илмҳои таърих, профессор А.Мирбобоев дар мақолаи хеш «Мадраса» аз таърихи таъсиси мадрасаҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон ёд карда, дар солҳои вазораи Низомулмулк дар давлати Салҷуқиён дар бораи фаъолияти мадрасаҳои низомия дар Нишопур, Ҳирот, Балх, Марв ва ғайра ба таври кӯтоҳ сухан ронда, адибону мутафаккирони машҳури форсу тоҷик Рашиди Ватвот ва Чалолуддини Балхиро хатмкардагони мадрасаи низомияи Балх зикр мекунад.[2]

Дар ҷилди панҷуми «Энциклопедияи советии тоҷик», ки соли 1984 ба нашр расид, роҷеъ ба тарҷумаи ҳоли Низомулмулк, ки ба қалами муҳаққиқ Л.Додхудоева тааллуқ дорад, ахбори мухтасар зикр шуда, муаллиф сабабҳои дар охири зиндагиаш ба мушкил гароидани муносиботи ӯ ва Маликшоҳро фитнагарии Тоҷулмулук ва бадхоҳии зани Маликшоҳ Турконхотун дониста, санаи вафоташро 15 октябри соли 1092 ва маҳалли дафнашро шаҳри Исфаҳон зикр кардааст.[3]

Ҳамчунин дар ин ҷилд мақолаи ниҳоят кӯтоҳе бо номи «Низомия», ки ба қалами Қ.Махсумов марбут аст, нашр шудааст, ки муаллиф аз таъсиси низомияҳо дар шаҳрҳои Хуросон ёд карда, бузургтарин ва муҳимтарин миёни онҳо Низомияи Бағдодро гуфтааст, ки соли 1065 таъсис ёфта, дар он донишмандони бузург Абӯисҳоқи Шерозӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ ва Саъдии Шерозӣ таҳсили илм кардаанд.[4]

Дар бораи «Сиёсатнома» ва муҳтавои он муҳаққиқи тоҷик А.Алимардонов дар ҷилди ҳафтуми «Энциклопедияи советии тоҷик» (1987) маълумоти мухтасар дода, ба қалами муаллиф 39 боби асарро марбут

---

[1]Новосельцев А.Я. Низам аль-мульк // Советская историческая энциклопедия. Т.10. Главный редактор Е.М.Жуков. Москва: Издательство «Советская энциклопедия», 1967. С.200.
[2] Мирбобоев А.К. Мадраса // Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷ.4. Сармуҳаррири илмӣ М.Осимӣ. Душанбе, 1983. С.126.
[3] Додхудоева Л. Низомулмулк // Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷ.5. Сармуҳаррири илмӣ М.Осимӣ. Душанбе, 1984. С.181-182.
[4] Махсумов Қ. Низомия // Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷ.5. Сармуҳаррири илмӣ М.Осимӣ. Душанбе, 1984. С.181.

дониста, 11 боби онро ба дасти котибе вориди «Сиёсатнома» гаштанашонро таъкин намуда, аммо мушаххас накардааст, ки ин бобҳо кадомҳоянд.[1]

Таърихи пайдоиш ва ташаккули мадраса дар қаламрави кунунии Тоҷикистон аз ҷониби донишманди тоҷик, профессор А.К.Мирбобоев дар рисолаи «Мадраса Таджикистана» таҳқиқи ҳамаҷонибаи худро ёфтааст.[2] Дар боби аввали ин рисола бо номи «Место мусульманских институтов в системе Среднеазиатского города» муаллиф дар бораи таърихи пайдоиш ва ташаккули мадрасаҳо андешаронӣ карда, ба таври бисёр мухтасар аз низомияҳои Хуросон дар аҳди Низомулмулк ёд мекунад.[3]

Дар бораи таърихи мадрасаҳои Мовароуннаҳру Хуросон ва услуби меъмории онҳо аз аҳди қадим то ибтидои асри XX рисолаи А.Мирбобоев, Р.Муқимов ва С.Муқимова зери унвони «Мадраса Мавераннахра и Хорасана» соли 1998 ба табъ расид.[4] Ин китоб чун очерки таърихӣ-меъморӣ матолиберо дар бораи пайдоиши ва ташаккули мадрасаҳо, низоми таълим дар Мовароуннаҳр ва Хуросон, мадрасаҳо чун марказҳои илмӣ дар Шарқи Наздик ва Миёна ва услуби анъанавӣ ва навоварӣ дар меъмории мадрасаҳоро фаро гирифта, муаллифон назари кӯтоҳе ба низомияҳо ва меъмории онҳо меандозанд.[5]

Рисолаи А.Мирбобоев «Муқаддимаи таърихи Хуҷанд», ки соли 2013 ба нашр расид,[6] зерфасле аз он ба таърихи мадрасаҳо бахшида шудааст ва муаллиф танҳо ба мадрасаҳои шаҳри Хуҷанд маълумот медиҳад ва дар бораи низомияҳо ахборе вуҷуд надорад.[1]

Муҳаққиқон Х.Бобозоде ва П.Мухибали рисолае роҷеъ ба таърихи ташаккул ва рушди меъморӣ ва умури бинокории биноҳои динӣ-ҷамъиятӣ дар қаламрави Осиёи Марказӣ ва Эрон таълиф намуда, зимни баррасии

---

[1] Алимардонов А. Сиёсатнома // Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷ.7. Сармуҳаррири илмӣ М.Осимӣ. Душанбе, 1987. С.77.
[2] Мирбабаев А. Мадраса Таджикистана. Душанбе: Мерос, 1994. -125 с.
[3] Ҳамон ҷо. С.22.
[4] Мирбабаев А.К., Мукимов Р.С., Мукимова С.Р. Мадраса Мавераннахра и Хорасана. Душанбе: Мерос, 1998. -185 с.
[5] Ҳамон ҷо. С.9-109.
[6] Мирбобоев А. Муқаддимаи таърихи Хуҷанд. Хуҷанд: Ношир, 2013. -448 с.

меъмории мадрасаҳои Эрону Хуросон зикре аз низомияҳо кардаанд, ки ин мадрасаҳо дар аҳди Алпарслон ва Маликшоҳи Салҷуқӣ ба ташаббуси Низомулмулк ба муассисаи давлатӣ табдил дода шуданд. Дар ин рисола ба таври кӯтоҳ дар бораи сохти меъмории мадрасаи Низомияи Харгирд, ки харобаҳое аз он боқӣ монда ва дар пештоқи айвони марказии он номи Низомулмулк навишта шудааст, маълумот дода мешавад.[2]

Таърихи ташаккули марокизи илмӣ ва таълимӣ дар қаламрави Мовароуннаҳр ва Хуросон дар маҳдудаи замонии густурда аз аҳди қадим до замони муосир дар рисолаи С.Муқимова ва Д.Бузургниё «Научные и образовательные учреждения Среднего и Ближнего Востока» инъикоси худро ёфтааст. Муҳаққиқон хеле мухтасар роҷеъ меъмории мадрасаи Низомияи Низомулмулк дар Харгирд ва Рай маълумот дода, дар бораи усули таълим дар ин мадрасаҳо чизе намегӯянд.[3]

Соли 2010 дар Боку рисолаи Рауф А. Гусейн-заде «Кавказ и сельджуки»[4], ки дар бораи таърихи муносибатҳои Салҷуқиён бо мардуми Қафқоз дар асрҳои XI-XII баҳс мекунад, ба нашр расид. Муҳаққиқ дар омӯзиши таърихи Салҷуқиён «Сиёсатнома»-и Низомулмулкро муҳимтарин маъхази таърихӣ медонад, ки ахбори ӯ роҷеъ ба низоми сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, зиндагии маишии дарбор ва ташрифот дар он аз аршиши илмӣ бархӯрдоранд.[1] Ин муаллиф дар масоили иқтоъ бештар ба асари Низомулмулк такя карда, аммо роҷеъ ба нақши Низомулмулк дар умури идории Салҷуқиён зикре намекунад.

Дар масъалаи омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Низомулмулк ва низомияҳои таъсисдодаи ӯ донишмандон ва пажӯҳандагони Эрон асарҳое офариданд ва инчунин осори ба Низомулмулк ва низомияҳои ӯ бахшидаро аз дигар забонҳо ба форсӣ тарҷума карданд. Асарҳои Абдулраззоқи Конпурӣ, Нуруллоҳ Касоӣ, Бундори Исфаҳонӣ, Аббос Иқбол, Ҳасани

---

[1] Мирбобоев А. Муқаддимаи таърихи Хуҷанд. С.222-230.
[2] Бабазаде Х., Мохибали П. Архитектура и строительное дело Центральной Азии и Ирана. Бешкек, 2004 (-148 с.). С.91.
[3] Муқимова С., Бузургниё Д. Научные и образовательные учреждения среднего и Ближнего Востока. Душанбе, 2007 (-165 с.). С.78-81.
[4] Рауф А. Гусейн-заде. Кавказ и сельджуки / Рауф А. Гусейн-заде. Баку: Кавказ, 2010. -272 с.

Самарқонӣ, Муҳаммад Ғаравӣ, Ҷ.А. Бойл, Нуруллои Фалсафӣ, Ҷалолуддин Ҳумоӣ аз шумори онҳо ба ҳисоб меравaнд.[2]

Муҳаққиқоне мисли Мустафо Ҷавод, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Забеҳуллоҳ Сафо, Ҷалолиддин Ҳумоӣ ва Конпури Ҳиндӣ[3] бевосита низомияҳои таъсиснамудаи Низомулмулк ва масоили усули дарс додан дар онҳоро дар китобу мақолаҳои худ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд. Аз ҷумла А.Зарринкӯб аз нахустин таъсиси мадрасаҳо дар Эрон ёд карда, менависад, ки низомияҳо «ба ҳеҷ ваҷҳ аввалин мадорис дар Эрон маҳсуб намешаванд ва ин ки баъзе аз муаррихон Хоҷа Низомулмулки Тӯсиро бонии аввалин мадорис дар олами ислом хондаанд, албатта мусомиҳаомез ва хилофи воқеият аст».[4] Ин ҷо муҳаққиқи эронӣ матлаби муҳимеро, ки низомияҳо аввалин мадрасаҳо бо усули нави идорӣ, зинаҳои омӯзиш ва сифати таълим аз мадрасаҳои пештаъсисшудаи худ фарқ карда, давлатӣ буданд ва ба ин далел нахустин дар олами ислом ҳисобида мешаванд, ба назар нагирифтааст. Баъдан ин муаллиф дар ҷойи дигар ба тавре низомияҳоро аз ин қарор аввалин медонад, ки «маскан барои толибони илм буд, ки қабл аз он собиқа надошт».[5]

Дар мақолаи «Низомияи Бағдод»-и Саид Нафисӣ аз ин мадраса чун куҳантарин маркази илмию таълимӣ дар ҷаҳони ислом ёд шуда, муаллиф аз чанд тан устодону донишомӯхтагони он ном мебарад. С.Нафасӣ

---

[1] Рауф А. Гусейн-заде. Кавказ и сельджуки. С.27-28.
[2] Конпурӣ А. Зиндагонии Хоҷа Низомулмулк. Тарҷумаи Мустафо Таботабоӣ. Теҳрон, 1975; Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995; Исфаҳонӣ Бундор. Таърихи силсилаи Салҷуқӣ. Тарҷумаи Муҳаммадҳусайни Ҷалилӣ. Теҳрон, 1977; Иқбол А. Таърихи Эрон. Теҳрон, 1983; Самарқонӣ Ҳ. Беҳтарини тоҷикон. Теҳрон, 2004; Ғаравӣ М. Асри тиллоии Низомулмулк. Теҳрон, 1988; Бойл Ҷ.А. Таърихи Эрони Кембриҷ. Ҷ. 5. Теҳрон, 1987; Фалсафӣ Н. Ҳашт мақолаи таърихӣ ва адабӣ.Теҳрон, 1951; Ҳумоӣ Ҷ. Ғазолинома. Теҳрон, 1963.
[3]Ҷавод М. Ал-мадраса ал-низомия би Бағдод // Маҷаллаи Шумер, 1953, №9; Зарринкӯб А. Фирор аз мадраса. Теҳрон, 1985; Ҳамин муаллиф. Рӯзгорон. Таърихи Эрон аз оғоз то суқути салтанати Паҳлавӣ. Чопи панҷум.Теҳрон. 1383; Сафо З. Таърихи адабиёт дар Эрон. Теҳрон, Ҷ.2. 1971; Ҳумоӣ Ҷ. Ғаззолинома. Теҳрон, 1963; Ҳиндӣ К. Зиндагонии Хоҷа Низомулмулк. Теҳрон, 1995.
[4] Зарринкӯб А. Рӯзгорон. Таърихи Эрон аз оғоз то суқути салтанати Паҳлавӣ. Чопи панҷум.Теҳрон. 1383. С.484-485.
[5] Ҳамон ҷо. С.485.

муътақид аст, ки донишгоҳҳои Аврупо низ аз низомияҳои Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ таъсир пазируфтаанд.[1]

Донишманди сурияги Асъад Талас дар рисолаи хеш «Низомияи Бағдод ва таърихи он» ба аҳволи сиёсию иҷтимоии аҳди Салчуқиён, хилофати Аббосиён, Низомулмулк ва Низомияи Бағдод, мударрисон ва донишомӯхтагони он пардохтааст.[2]

Донишманди ироқӣ Ночии Маъруф бахше аз китоби «Уламо-ал-низомиёт ва мадорис-ал-Шарқ-ал-исломия»-и хешро ба низомияҳо бахшида, дар он феҳристи аъзои созмони идорӣ ва омӯзиши Низомияи Бағдодро оварда, баъдан дар бораи дигар низомияҳо маълумот додааст. Бояд гуфт, ки ин корро муаллиф бидуни ҳеҷ гуна ишора ба сарчашмаҳо анҷом додааст.[3]

Китоби Нуруллоҳ Кисоӣ «Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он» дар ҳафт бахш таълиф шуда, бо истифода аз сарчашмаҳои муътабари таърихӣ дар бораи авзои сиёсию иҷтимоӣ ва илмии сарзаминҳои исломии ҳамзамон бо низомияҳо, зиндагинома ва фаъолиятҳои Низомулмулк, низомияҳо ва таъсироти онҳо ба ҷаҳони Шарқу Ғарб маълумот медиҳад.[4]

Дар китоби «Беҳтарини тоҷикон»-и Ҳасан Содиқи Самарҷонӣ масоиле аз қабили таърихи Салчуқиён, зиндагиномаи Низомулмулк ва ақоиди сиёсию иҷтимоии ӯ, ҳамчунин саҳми вай дар таъсиси низомияҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.[5]

Дар мақолаи «Низомия»-и Зайниддин Наботзода, ки дар бораи низомияҳо маълумот додааст, хулосаи муаллиф ба воқеияти таърихӣ мувофиқат намекунад. Вай менависад: «Таъсиси низомияҳо ё худ мадрасаҳо, ки омӯзиши тамоми фанҳоро дар бар мегирифт, дар баробари амалӣ кардани фармудаи Худованд дар бораи соҳибилм шудани ҳар як

---

[1] Нафисӣ С. Низомияи Бағдод // Меҳр, 1934, №2.
[2] Талас А. Низомияи Бағдод ва таърихи он. – Париж, 1939.
[3] Маъруф Н. Уламо-ан-низомиёт ва мадорис ал-машриқ ал-исломӣ. – Бағдод, 1973; Ҳамин муаллиф. Мадориси илмияи қабл аз низомия // Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. Теҳрон, 1986
[4] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1984.
[5] Самарҷонӣ Ҳ. Бештарини тоҷикон. Теҳрон, 2004.

инсон, бе фарқияти мазҳабию нажодӣ, инчунин зарбаи сахте буд ба онҳое, ки илмро авлодӣ намуда буданд ва табақаи хоссе буданд, ки омӯзиши илмро фақат ба авлоди хеш раво медоштанд».[1]

Дар ин баёни муаллиф ду иштибоҳ ба назар мерасад. Аввал ин ки дар тамоми мадориси ҷаҳони ислом, чи пеш аз низомияҳо ва чи баъд аз низомияҳо ва аз ҷумла худи низомияҳо асосан улуми динӣ дарс дода мешуд ва ба илмҳои ғайридинӣ таваҷҷуҳ намекарданд ва ҳатто дар бархе аз мавориди зиддият ҳам нишон дода мешуд. Дувум ин ки низомияҳо танҳо барои пайравони мазҳаби шофеӣ таъсис шуда буданд. Барои дарсгӯӣ ва таълим дар низомияҳо пайравони дигар динҳо ва мазҳабҳои исломӣ роҳ дода намешуданд. Дар сарчашмаҳои муътабари таърихӣ омадааст, ки бархе аз донишмандон ба хотири роҳ ёфтан ба низомияҳо ба ҳайси устод ва корманд ҳатто мазҳаби худро иваз намудаанд. Чунончи, Абулҳасани Киё Ҳаросӣ (ваф. 1110), ки аз ҳамдарсони имом Ғаззолӣ ва яке аз шогирдони беҳтарини Ҷувайнӣ ва толибилм дар Низомияи Нишопур буд, соли 1101 бо иғвои душманонаш ба пайравӣ аз мазҳаби ботиния муттаҳам ва ба дастури султон Муҳаммади Салҷуқӣ дастгир ва зиндонӣ шуд. Аммо теъдоде аз донишмандон ва пешвоёни мазҳабӣ ба бегуноҳии ӯ гувоҳӣ доданд ва султон вайро аз зиндон озод намуд.[2]

Дигар мисол ин аст, ки Фасеҳи Астарободиро (ваф. 1122) ба гуноҳи шиа будан аз мансаби устодии Низомияи Бағдод хориҷ карданд. Абулфатҳ ибни Бурҳон (ваф. 1124), ки дар ибтидо пайрави мазҳаби ҳанбалӣ буд, ба хотири устоди Низомия шудан ба мазҳаби шофеӣ гаравид.[3]

Ҳамчунин Зарири Наҳвӣ (ваф. 1215), ки дар ибтидо мазҳаби ҳанбалӣ дошт, илми фиқҳро дар мазҳаби Абуҳанифа омӯхт ва чун донист, ки яке аз шартҳои устодӣ дар Низомия пайрави мазҳаби шофеӣ будан аст, ба мазҳаби шофеӣ гаравид ва ба мансаби устодии Низомияи Бағдод расид.[4] Чунин мисолҳо дар манобеи таърихӣ хеле зиёданд.

---

[1] Наботзода З. Низомия // Фарҳанг, 2006, №5. С. 31.
[2] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1984. С.142.
[3] Ҳамон ҷо. С.144.
[4] Ҳамон ҷо. С.153.

Муҳаққиқи эронӣ Баят Козем Хайдаркулӣ дар мавзӯи «Учебные центры Мавераннахра и Хорасана в период Сельджукидов» рисолаи номзадӣ навишта, бо риоя накардани чаҳорчӯби замонӣ дар зербоби аввали боби аввали рисола «Марокизи таълимии Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-X» дар бораи масҷидҳо, мактабҳо ва мадрасаҳои аҳди Сомониён маълумот дода,[1] дар зербоби дуюми боби аввал «Развитие культуры и просвещения в период Сельджукидов» ба таври мухтасар дар бораи Низомулмулк ва роҳи зиндагии ӯ сухан ронда,[2] дар зербоби аввали боби дуюм дар бораи низомияҳо тавзеҳот медиҳад.[3]

Аммо бо ин ҳама таҳқиқоти маҷмӯие, ки масири зиндагии Низомулмулкро ба риштаи таҳқиқ кашида, нақши ӯро дар низоми идории ҷамъиятиву сиёсии давлати Салҷуқиён мушаххас карда, мақоми Низомулмулкро дар таҳаввули низоми таълими асри XI ва баъди он муайян карда бошад, дар таърихи ватанӣ анҷом наёфтааст. Ин таҳқиқот кӯшиши нахустинест дар баррасӣ ва омӯзиши ин мавзӯъ дар таърихи ватанӣ.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи кафедрати таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои солҳои 2016-2020 дар мавзӯи «Омӯзиши давраҳои муҳими таърихи халқи тоҷик» иҷро шуд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** аз инъикоси нақши Низомулмулки Тӯсӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар аҳди ҳукумати Салчуқиён иборат буда, дар робита ба ин вазифаҳои зерин муайян шудаанд:

- мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани зиндагиномаи Низомулмулк;

---

[1]Баят Казем Хайдаркули. Учебные центры Мавераннахра и Хорасана в период Сельджукидов. Автореферат дисс. На соискание ученой степени кандидата исторических наук. Душанбе, 2014 (-22 с.). С. 10-12.

[2] Баят Казем Хайдаркули. Учебные центры Мавераннахра и Хорасана в период Сельджукидов. С.14.

[3] Ҳамон ҷо. С.15-18.

- тафсифи чеҳраи Низомулмулк ҳамчун сиёсатмадор ва ходими бузурги фарҳангӣ;

- нишон додани нақши Низомулмулк дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати Салчуқиён;

- мавриди таҳлил қарор додани асари «Сиёсатнома»-и Низомулмулк;

- тавзеҳ намудани таърихи таъсиси мадрасаҳо дар қаламрави Хуросони Бузург;

- нишон додани саҳми Низомулмулк дар таъсиси низомияҳо чун маркази тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои идораи сохторҳои гуногуни давлатӣ ва илмию фарҳангӣ;

- ошкор намудани таъсири низомияҳо дар ташкили марказҳои омӯзишӣ дар саросари давлати Салчуқиён ва таъсиси марказҳои омӯзишӣ дар тақлид ба низомияҳо дар саросари ҷаҳони ислом;

- мушаххас намудани нақши низомияҳо дар таъсиси нахустин донишгоҳҳо дар Аврупо.

**Предмети таҳқиқот** ҳаёт ва фаъолияти сиёсӣ, давлатӣ ва фарҳангии Низомулмулки Тӯсӣ аст.

**Объекти таҳқиқот** зиндагинома ва нақши Низомулмулки Тӯсӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XI дар Эрон, Хуросон ва Мовароуннахр, ҳамчунин саҳми низомияҳои таъсиснамудаи ӯ дар таъсис ва ташаккули марказҳои илмӣ ва таълимӣ - донишгоҳҳо дар Шарқ ва Ғарб мебошад.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Ҳангоми таълифи рисола методҳо ва назариёти умумиилмӣ ва махсус, чун усули таърихият, айният, бетарафӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, татбиқӣ, тавсифӣ, таҳлил ва умумият додан мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар рисола муаллиф ба консепсияҳо ва назариёти бисёре аз олимони ватаниву хориҷие, ки таҳқиқоташон бевосита ба мавзӯи рисолаи таҳқиқшаванда наздиканд, такя намудааст.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Сарчашмаҳои омӯзиши мавзӯро метавон ба ду бахш тақсим кард. 1. Асари Низомулмулки Тӯсӣ «Сиёсатнома». 2. Осори муаррихони асримиёнагии форс-тоҷик ва араб.

Низомулмулк «Сиёсатнома»-ро дар 39 фасл бо забони модариаш, яъне забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф намудааст. Пас аз 13 соли қатли Низомулмулк «Сиёсатнома» бо афзудани 11 фасли нав бо дасти котибе пурра гардида, ки ин нусхаи комил то ба рӯзгори мо расидааст.

Низомулмулк дар «Сиёсатнома» доир ба низоми давлатдорӣ, тарзи рафтори кормандони давлат, муомилаю муносибат ва сиёсату раёсати кормандони давлатӣ: подшоҳон, вазирон, дабирон, ходимони сатҳи гуногуни давлат, аз қабили шаҳрдорон, қозиён, посбонон, намояндагони ҳукумати марказӣ дар вилоёти кишвар, лашкардорию хазинадорӣ ва ғайра андешаҳои хешро баён намудааст. «Сиёсатнома» як навъ бардошти муаллифи он аз таҷрибаи беш аз сисолаи хидмат дар умури давлатӣ ва вазириаш мебошад.

Таҳқиқи мо дар асоси «Сиёсатнома»-и таҳиянамудаи Муҳаммади Қазвинӣ ва А.Ҳоҷиев анҷом ёфтааст.[1] Бо вуҷуди ин ки бори нахуст «Сиёсатнома» дар Тоҷикистон бо ташаббуси А.Девонақулов соли 1989 ба чоп расидааст, аммо А.Девонақулов ҳангоми таҳияи матни «Сиёсатнома» 17 фасл, аз ҷумла: ҳаштум «Андар пажӯҳиш кардан ва баррасидани кори дину шариат ва монанди он», дувоздаҳум «Андар ғулом фиристодан аз даргоҳ дар муҳимот», чаҳордаҳум «Андар пайк фиристодан», понздаҳум «Андар эҳтиёт кардани парвонаҳо дар мастиву ҳушёрӣ», шонздаҳум «Андар вакили хос ва равнақи кори ӯ», бистум «Андар тартиби силоҳҳои мурассаъ дар боргоҳ», бисту дувум «Андар сохта доштани алаф дар манзилҳо», бисту севум «Андар равшан доштани амволи ҷумлаи лашкар», бисту панҷум «Андар ба наво доштан ва муҳим доштани лашкар аз ҳар қавм ва даргоҳ», бисту шашум «Андар доштани туркманон бар мисоли ғуломон ва туркон ва ғайри он дар хидмат», бисту ҳаштум «Андар тартиби ғуломони сарой», бисту нуҳум «Андар додани хоссу ом», сиюм «Андар тартиби маҷлиси шаробу шароити он», сиюякум «Андар тартиби истодани бандагону чокарон», сиюдувум «Андар ҳоҷат хостан ва илтимосҳои

лашкару хидмати ҳашам», сиюсевум «Андар шинохти таҷаммул ва силоҳу олати ҷангу сафар», чилучаҳорум «Андар боз намудани аҳволи бадмазҳабон ва Маздаку маздакиён»-ро ихтисор карда, фаслҳои 27 («Андар заҳмат накардани бандагон ҷуз вақти хидмат ва тартиби кори эшон») ва 28 («Андар тартиби ғуломони сарой»)-ро зери унвони «Андар заҳмат накардани бандагон ҷуз вақти хидмат ва тартиби кори инон дар парвариш»[2] дохили ҳам овардааст. Иловатан, таҳиякунанда ба иштибоҳҳое ҳангоми баргардонии матн аз хати форсӣ ба кириллии тоҷикӣ роҳ додааст. Масалан, дар боби севум «Андар мазолим нишастани подшоҳ ва адлу сирати неку варзидан» Низомулмулк аз муносиботи Яъқуби Лайси Саффорӣ бо халифаи Аббосӣ ва номаҳои онҳо ба ҳамдигар ёд карда, аз қавли Яъқуб ба халифа менависад, ки «Аз пой нанишинам, то сари ту ба Маҳдия нафиристам ва хонадони туро вайрон накунам» («Не успокоюсь, пока не отправлю твою голову в Махдию, пока не разрушу твой дом»).[3] Аммо А.Девонақулов вожаи «Маҳдия»-ро «ҳадя» хондааст, ки иштибоҳ аст. Маҳдия шаҳрест дар шимоли Африқо, дар сарзамини имрӯзи Тунис, ки пойтахти Фотимиён буд ва рақиби хулафои Бағдод ба шумор мерафт. А. Девонақулов боби чиҳилуми «Сиёсатнома»-ро «Андар амири ҷарас ва ҷӯбдорони даргоҳ»[4] баргардон кардааст, дар сурате ки он «Дар амири ҳарас ва ҷӯбдорон ва асбоби сиёсат» («Об эмир-и-харас, ликторах и об орудиях наказания»)[5] унвон дорад.

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Бо ҳавошӣ ва ёддоштҳо ва ишорот ва тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ. Чопи дувум. Теҳрон, 1344. -295 с.; Низомулмулк. Сиёсатнома. Таҳияи матн, пешгуфтор, тавзеҳот ва луғат аз А.Ҳоҷиев. Душанбе, 1998.-246 с.

[2] Низомулмулк. Сиёсатнома. Ба чоп тайёркунанда А.Девонақулов. С.83.

[3] Хоҷа Низомулмулк. Сиёсатнома. Бозшиносӣ, нақду таҳлил ва вероиши матн, тавзеҳот ва феҳрастҳо М.Истеъломӣ. Теҳрон, 1390. С.49-50; Низам ал-мульк. Сиасет-намэ – книга о правлении вазира XI столетия Низам ал-мулька. Перевод, введение и примечания профессора Б.Н. Заходера. С.20; Низомулмулк. Сиёсатнома. Таҳияи матн, пешгуфтор, тавзеҳот ва луғат аз А.Ҳоҷиев. С 27.

[4] Низомулмулк. Сиёсатнома. Ба чоп тайёркунанда А.Девонақулов. С.105.

[5] Низам ал-мульк. Сиасет-намэ – книга о правлении вазира XI столетия Низам ал-мулька. Перевод, введение и примечания профессора Б.Н. Заходера. С.143; Низомулмулк. Сиёсатнома. Таҳияи матн, пешгуфтор, тавзеҳот ва луғат аз А.Ҳоҷиев. С.125.

Ба гурӯҳи дувум осори муаррихон ва тазкиранависони асримиёнагии форс-тоҷик ва араб Зикриё Маҳмуди Қазвинӣ[1], Рашиди Ватвот,[2] Муҳаммад Авфӣ,[3] муаллифи рисолаи Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас,[4] Муҳаммади Ҷувайнӣ,[5] Носируддин Муншии Кирмонӣ,[6] Ибни Исфандиёр,[7] Исфандиёр,[7] Ҳамдуллоҳ Қазвинӣ,[8] Абӯнасри Ҷузҷонӣ,[9] Шабонкораӣ,[10] Ровандӣ,[11] Мирхонд,[12] Хондамир,[13] Ибни Батута,[14] Ибни Халикон,[15] Ибни Асир,[16] Ибни Бибӣ,[17] Ибни Қифтӣ,[18] Хатиби Бағдодӣ,[19] Тартусӣ[20] ва дигарон шомил мешаванд, ки аз тавзеҳи асарҳои ин муаллифон ба хотири риоя шудани ҳаҷми рисола худдорӣ менамоем. Дар ин маъхазҳои таърихӣ илова бар зикри вазорати Низомулмулк, инчунин роҷеъ ба мадрасаҳои таъсиснамудаи ӯ ахбори арзишманде дода мешавад.

---

[1] Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ[1]. Осор -ул-билод ва ахбор-ул-ибод. Тарҷума аз арабӣ А.Шарафкандӣ. Теҳрон: Муассисаи илмии андешаи ҷавон, 1366. -271 с.
[2] Рашиди Ватвот. Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ул-ривоёт. Теҳрон, 1984; Ҳамин муаллиф. Ҳадоиқу-с-сеҳр фӣ дақоиқи-ш-шеър. Теҳрон, 1986.
[3] Авфӣ Муҳаммад. Тазкираи Лубоб-ул-албоб. Теҳрон, 1982.
[4] Муаллифи беном. Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас[4]. Ба тасҳехи Маликушшуаро Баҳор. Теҳрон. 1318.-537 с.
[5] Муҳаммади Ҷувайнӣ. Таърихи ҷаҳонкушои Ҷувайнӣ Ҷ.3. Ба саъй ва эҳтимоми М.Қазвинӣ. Чопи сеюм. Теҳрон: Дунёи китоб, 1382. -590 с.
[6] Носируддин Муншии Кирмонӣ. Насоим-ул-асҳор мин латоим- ул- ахбор. Дар таърихи вузаро. вузаро. Ба тасҳеҳ, муқаддима ва таълиқи Мирҷалолуддини Ҳусайнии Урмавӣ. Чопи дувум. Теҳрон: Интишороти Иттилоот, 1364. -160 с.
[7] Ибни Исфандиёр Котиб Муҳаммад. Таърихи Табаристон. Теҳрон, 1320 (1941).
[8] Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида. Ба эҳтимоми А.Навоӣ. Чопи панҷум. Теҳрон: Амир Кабир, 1387. -816 с.
[9] Абӯнаср Минҳоҷуддин Усмон ибни Муҳаммад Сируҷуддини Ҷузҷонӣ.Табақоти Носирӣ. Теҳрон, 1953.
[10] Шабонкораӣ М. Маҷмаъ-ул-ансоб. Теҳрон, 1984.
[11] Ровандӣ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон. Роҳат-ус-судур ва оя ус-сурур дар таърихи оли Салҷуқӣ. Тасҳеҳи Муҳаммад Иқбол. Теҳрон, 1985.
[12] Мирхонд Мирмуҳаммад ибни Саидраҳмониддини Ҳовандшоҳ. Таърихи равзат-ус-сафо. Ҷ. 4. Теҳрон, 1338 (1959).
[13] Хондамир. Дастур-ул-вузаро. Теҳрон, 1938.
[14] Ибни Батута Шамсиддин Абӯабдуллоҳ ибни Иброҳим. Туҳфа-ул-анзор фӣ ғароиб-ул-амсор ва аҷоиб-ул-асфор. Тарҷумаи М.Муваҳҳид. Теҳрон, 1337 (1958).
[15] Ибни Халикон. Вафиёту-л-аъён. Қум, 1985
[16] Ибн ал-Асир. Таърихи Комил. Ҷ. 8. Теҳрон, 1991; Ҳамин муаллиф. ал-Комил фи-ал таърих. Ҷ. 9. Бейрут, 1967; Ҳамин муаллиф. Комили таърихи бузурги ислом ва Эрон. Тарҷумаи Алӣ Ҳошимии Ҳоирӣ. Ҷ. 17. Теҳрон. 1991.
[17] Ибни Бибӣ. Ахбори салоҷуқаи Рум. Ба эҳтимоми Муҳаммадҷаводи Машкур. Теҳрон, 1971.
[18] Ибни Қифтӣ. Таърих-ул-ҳукамо. Теҳрон, 1968.
[19] Хатиби Бағдодӣ. Таърихи Бағдод. Бейрут, 1986.
[20] Тартусӣ Абӯбакр Муҳаммад. Сироҷ-ул-мулук.Теҳрон, 1981.

**Чаҳорчӯби замонии таҳқиқот** асри XI-ро фаро мегирад. Дар ин аср сиёсатмадор ва донишманди бузурги халқи тоҷик Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ (1018-1092) умр ба сар бурда, дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, бахусус фарҳангии халқи тоҷик нақши бузург гузоштааст.

**Ҳудуди ҷуғрофиёии таҳқиқот** сарзаминҳои Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрон, Ироқ ва Осиёи Сағирро, ки дар аҳди вазорати Низомулмулк, шомили давлати Салҷуқиён буданд, фаро мегирад.

**Навоварии таҳқиқот:**

- дар рисола бори аввал дар илми таърихи ватанӣ зиндагиномаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ ба таври муфассал мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст;

- чеҳраи Низомулмулки Тӯсӣ ҳамчун сиёсатмадор ва ходими бузурги фарҳангӣ тавсиф шудааст;

- нақши Низомулмулк дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати Салчуқиён нишон дода шудааст;

- асари маъруфи Низомулмулки «Сиёсатнома» таҳлилу таҳқиқ гардидааст;

- таърихи таъсиси мадрасаҳо дар қаламрави Хуросони Бузург тавзеҳ шудааст;

- ҷанбаҳои фаъолияти Низомияи Бағдод ва дигар низомияҳо мушаххас гардидаанд;

- таъсири низомияҳои таъсиснамудаи Низомулмулк дар сар задани ҳаракати таъсиси мадрасаҳо дар қаламрави давлати Салчуқиён ва саросари ҷаҳони ислом ва таъсиси нахустин донишгоҳҳо дар Аврупо бо далелҳои муътамад нишон дода шудааст.

**Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мегарданд:**

- Низомулмулки Тӯсӣ дар шаҳрҳои Тӯс, Нишопур, Балх, Исфаҳон ва Бағдод таҳсил намуда, чун яке аз донишмандон ва сиёсатмадорони бузурги давраи асримиёнагии халқи тоҷик ба камол расид;

- дар давраи вазорати Низомулмулк дар дарбори Салчуқиён - Алпарслон ва Маликшоҳ ӯ сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати Салчуқиёнро муайян менамуд;

- давлати таъсиснамудаи туркҳои салчуқӣ, ки дар ибтидо аз ҳокимони алоҳида иборат буд, дар аҳди вазирии Низомулмулки Тӯсӣ ба як сарзамини воҳид мубаддал гашта, дар натиҷаи вусъат пайдо намудани қаламрави ин давлат халқи муқимии он, яъне тоҷикон ва форсҳо аз тохтутоз ва ғоратгариҳои туркҳои саҳронишин раҳоӣ ёфтанд;

- рисолаи «Сиёсатнома»-и Низомулмулк дар сиёсати давлатдорӣ аз нахустин асарҳо буда, сарчашмаи асосӣ дар омӯзиши сохтори сиёсии давлатҳои шарқи мусулмонӣ маҳсуб меёбад. «Сиёсатнома» ин асари ҷамъбастиест аз фаъолияти сиёсии беш аз сисолаи муаллиф ва нуқтаи назарҳои ӯ роҷеъ ба одобу ахлоқ ва сиёсати ҳукуматдорӣ;

- Низомулмулки Тӯсӣ дар густариши илму фарҳанги замони худ саҳми арзишманд гузоштааст, ки бузургтарини ин хидматҳо таъсиси низомияҳо дар шаҳрҳои гуногуни давлати Салчуқиён аст;

- низомияҳои таъсиснамудаи Низомулмулки Тӯсӣ сабаби сар задани наҳзати мадрасасозӣ натанҳо дар қаламрави давлати Салчуқиён, балки дар саросари ҷаҳони ислом гардида, баъдан намуна барои таъсиси нахустин донишгоҳҳо дар Аврупо шуд.

**Аҳамити назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Назариёт ва хулосаҳое, ки дар давоми таҳқиқи мавзӯъ муаллифи рисола ба даст овардааст, асоси илмӣ барои омӯзиши ояндаи мавзӯи мавриди назар маҳсуб меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи фаслҳо ва бобҳои алоҳидаи таърихи халқи тоҷик, дар рафти таълими фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар донишгоҳҳо, донишкадаҳо, коллеҷҳо, литсейҳо ва макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ, таҳияи маводи таълимӣ ва таълимию методӣ истифода намуд. Ҳамчунин натиҷаи таҳқиқотро метавон ҳангоми таълими давраҳои (курсҳои) назариявӣ мавриди истифода қарор дод.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар ба даст овардани натиҷаҳо иборат аст аз: таҳқиқ ва мушаххас намудани ҷойгоҳи

Низомулмулки Тӯсӣ чун ходими бузурги ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангии асри XI мутобиқ ба усули таърихият; ҷамъоварии маводҳо аз сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо; ба гардиши илмӣ ворид намудани маводи сарчашмаҳои таърихӣ; ба чоп расонидани мақолаҳо ва омода намудани маърӯзаҳо роҷеъ ба мавзӯи таҳқиқотӣ. Коркарди тамоми маводи сарчашмаҳои таърихӣ ва илмии ба даст омада ва тафсири онҳо дар рисола аз ҷониби муаллиф анҷом шудааст.

**Апробатсияи диссертатсия.** Дастнависи рисола дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (қарори №7 аз 19.02.2020) мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҳимоя тавсия гардид. Мазмуни асосии рисола дар чаҳор мақолаи муаллиф, дар маҷаллаҳои илмие, ки ба феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вориданд, баён шудаанд. Ҳамчунин дар конфронсҳои ҳарсолаи апрелии ҳайати устодони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз мавзӯи мавриди таҳқиқ муаллиф гузоришҳои илмӣ додааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 197 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (157 номгӯй) иборат аст.

# БОБИ I
# НИЗОМУЛМУЛК ХОДИМИ БУЗУРГИ ДАВЛАТӢ ВА ФАРҲАНГӢ
## I.1. Низомулмулк- ходими маъруфи ҷамъиятӣ ва сиёсии асри XI

Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ машҳур ба Низомулмулк соли 408 ҳ.қ./1017-1018 дар деҳаи Нуғони вилояти Родакони Тӯс дар хонаводаи корманди давлатӣ ба дунё омадааст. Даврони кӯдакӣ ва айёми таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш сипарӣ намуда, бо раҳнамоии падар Қуръонро аз бар карда, сипас ба таҳсили фиқҳи шофеӣ дар шаҳри Тӯс пардохт. Дар бораи истеъдоди Низомулмулк устоди фиқҳи ӯ фақеҳ Абдулсамад чунин мегӯяд: «Ҳофизаи Ҳасан бисёр қавӣ ва шигифтангез буд. Ҳар як дарсе, ки дигар донишҷӯён аз ҳифзи он оҷиз буданд, ӯ бо ду бор мурур аз бар мекард. Ва пас аз чаҳор сол вай барои такмили камолот аз Тӯс роҳии Нишопур гардид».[1]

Шаҳри Нишопур дар он замон яке аз марказҳои муҳими илмию таълимӣ ба шумор мерафт. Ҳузури яке аз олимони бузурги фиқҳи шофеӣ Имом Муваффақиддини Нишопурӣ донишҷӯёни фаровонеро ба сӯи Нишопур ҷалб мекард ва ҷавонони ташнаи илму дониш аз дарси ӯ истифода мекарданд. Низомулмулк дар бораи Имом Муваффақиддини Нишопурӣ чунин менависад: «Имом Муваффақиддини Нишопурӣ аз уламои аълом ва саромади донишмандони Хуросон буд ва дарси ӯ мавриди таваҷҷуҳ ва назари бисёр аз ҷавонон шуда ва тақаддус ва тақвои Имом тавре шуҳрат дошт, ки ҳар навъ донишҷӯ, ба вижа туллоби ҳадис ва тафсирро ба ҷониби Имом кашонда ва ба ӯ пайвастагӣ ва иртибот медод ва ин ҷанбаи покдоманӣ ва зуҳди Имом василаи асбобе буд, ки падари маро водор намуд, ки маро ба ҷамоъаи Нишопур равона дорад»[1].

Дар сафар ба шаҳри Нишопур устоди Низомулмулк фақеҳ Абдулсамад ҳамроҳи вай буд. Низомулмулк дар муҳлати таҳсил нисбат ба Имом Муваффақиддин унс пайдо карда ва муддати чаҳор сол дар Нишопур

---

[1] Конпурӣ, Абдурраззоқ. Зиндагонии Хоҷа Низомулмулк. Тарҷумаи Мустафо Таботабоӣ. Теҳрон, 1975. С. 11-12.

таҳсил намуд. Вай дар тӯли ин солҳо ба илмҳои замони худ, аз ҷумла ба фиқҳи шофеӣ ошноии пурра пайдо карда, ҳамчунин забони арабиро комилан аз худ намуд. Ба қавли муаллифи китоби «Райҳонат-ал-адаб» ӯ ақли фитрии мавҳубаро бо ақли мактабӣ тавъам сохта ва фиқҳ ва ҳадис ва адабиёт ва дигар улуми мутадовила табаҳҳури комилро ба даст оварда ва ба ду забони арабӣ ва форсӣ шеър мегуфтааст. Баъзе низ вайро аз ровиёни ҳадис меноманд. Дар тарҷумаи рисолаи «Қаширия» омада аст, ки Хоҷа аз Қаширӣ самоъи ҳадис кард[2].

Муаллифи китоби «Зиндагонии Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ» аз қавли Ибни Халикон чунин менависад: «Дар «Табақоти кубро» танҳо як ҳадис аз ӯ нақл шудааст: «Пайғамбар фармуд: «Ҳар вақт ба масҷид омадед, пеш аз нишастан ду ракъат намоз бихонед».[3]

Низомулмулки Тӯсӣ дар шаҳри Балх аз Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Аҳмад ибни Ҷаъфари Балхии Вашхӣ китоби «Сунан»-и Абудовуд ва улуми ҳадисро фаро гирифт. Шамсуддини Заҳабӣ дар китоби «Тазкиратулҳифоз»-и худ зимни шарҳи ҳоли Абӯалии Балхии Вахшӣ (ваф. 1018) ба нақл аз Самъонӣ аз қавли худи Абӯалии Балхии Вахшӣ чунин менависад: «Ман ба илми ҳадис иштиғол доштам ва сафарҳо кардам ва бо заҳмату хорӣ ковиши тамом намудам ва ба Вахш бозгаштам. Вале касе қадри маро нашинохт ва ба мартабаи ман дар улум пай набурд. Ба худ гуфтам, ки аз дунё меравам дар ҳоле, ки овозаам пароканда нашуда ва касе ба ман раҳмат наёвардааст. Худованд корҳоро осон намуд ва Низомулмулкро тавфиқ дод то ин ки ин мадрасаро сохт ва маро дар он ба таълим нишонд то ба нақли ҳадис бипардозам»[1].

Дигар аз устодони Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ дар илми ҳадис Абулфатҳ Аҳмад ибни Балхӣ буд.

Низомулмулк дар шаҳри Исфаҳон аз Муҳаммад ибни Меҳрязди Адиб ва Шуҷоъ ибни Алӣ ибни Шуҷоъ, дар шаҳри Нишопур аз Абулқосими

---

[1] Сайф Озод, Абдурраҳмон. Таърихи хулафои Фотимӣ. Теҳрон, 1989. С. 50.
[2] Фурӯзонфар Б. Тарҷумаи рисолаи «Қаширия». Теҳрон, 1936. С. 43.
[3] Конпурӣ Абдураззоқ. Зиндагонии Хоҷа Низомулмулк. Тарҷумаи Мустафо Таботабой. Теҳрон, 1975. С. 14.

Қаширӣ, дар шаҳри Бағдод аз Абулхаттоб ибн ал-Батр ва дигарон илм омӯхтааст. Дар навбати худ теъдоде ҳам аз Хоҷа Низомулмулк ҳадис шунидаанд ва ё ривояти ҳадис намудаанд, ки дар ин миён метавон аз Абулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулҳусайн Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Бастомӣ, Зулфиқор ибни Муҳаммад маъруф ба Ҳамидон Ҳасан-Алавии Марвазӣ (ваф. 1156), Наср ибни Насри Акбарӣ, Алӣ ибни Тарод, Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Мансури Самъонӣ, Абулқосими Урмавӣ, Абулқосими Акбарӣ ва дигарон ном бурд.

Баъд аз таҳсил аз шаҳри Нишопур Низомулмулк ба шаҳри Тӯс ба назди падари худ бармегардад. Ин давра ҳамзамон бо истилои туркҳои Салҷуқӣ бар Хуросон буд. Шикасти Масъуди Ғазнавӣ 23 майи соли 1040 дар ҷанги Дандонақон барои ҳамешагӣ ба ҳукумати Ғазнавиён дар Хуросон хотима бахшид.[2] Ҳукмрони Ғазнавӣ Сурӣ тамоми молу амволи Алӣ ибни Исҳоқро ғорат намуда, ба Ғазна гурехт. Падари Хоҷа Низомулмулк дар Тӯс боқӣ монд. Вай, ки бо ин вазъ қодир ба идомаи зиндагӣ дар Хуросон набуд, ҳамроҳи писари 21 солааш Низомулмулк аз шаҳри Тӯс ба шаҳри Байҳақ ва аз он ҷо ба шаҳри Ғазна рафта ва ба вазир Абдулсамади Аббосӣ дар дастгоҳи давлати Ғазнавиён, ки бо ӯ ошно буд, пайваст. Низомулмулк низ ба хидмати Ғазнавиён даромад ва дар дастгоҳи онҳо ба кори девонӣ (дафтардорӣ) пардохт. Вай пас аз муддате чун давлати Салҷуқиёнро дар авҷи қудрат дид, аз Ғазна ба шаҳри Балх рафт ва дар дастгоҳи Абӯалӣ ибни Шозон, ки аз ҷониби Чағрибек Довуд – бародари Туғрул, ки ҳокими он ҷо буд, ба хидмати дарбирӣ пардохт. Вай бо донишу кордонӣ ва лаёқати худ мавриди таваҷҷуҳи амири Балх қарор гирифт.

Муалифи китоби «Таҷоруб-ус-салаф» дар бораи аҳволи Низомулмулк дар Балх ва пайвастани ӯ ба Алпарслон чунин менависад: «Мудате бо Ибни Шозон амири Балх мебуд ва китобат мекард. Ва Ибни Шозон ба ҳар чанд муддат ба Хоҷа гуфтӣ: Ту котибӣ, туро қалам бас бошад. Чун ин

---

[1] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С. 58.
[2] История таджикского народа. Т.III. Душанбе: Дониш, 2013. С.58.

ҳаракати хасисонаи амири Балх муқаррар шуд аз хидмати ӯ малул шуд ва ба Марв рафт ва Чағрибеки падари Алпарслон он ҷо буд. Хоҷа пеши ӯ рафт ва ҳоли худ ба ӯ гуфт. Чағрибекро сухан гуфтани ӯ хуш омад ва ба нури фаросате, ки мулуки пок эътиқодро бошад, иморати наҷобат ва иқбол дар носияи ӯ мушоҳида кард. Ӯро пеши Алпарслон фиристод ва мактубе навишт, ки бояд ӯ котиб ва мушир ва мудаббир бошад. Ба ҷои падар ва амиди Балх кас фиристод ба Марв ба талаби Хоҷа ва ба султон нома навишт, ки котиби Балх гурехтааст ва ба хидмат омада. Агар фармон бошад, то ӯро бозгардонанд, ки корҳои Балх маҳмил мемонад. Раъйи олӣ бартар бошад. Султон илтифот накард ва гуфт: Пеши Алпарслон бошад. Туро бо ӯ мебояд гуфт. Расул бемақсуд бозгашт. Ва чун султон Алпарслон дар мулк мутамаккин шуд, ба Хоҷа вазорат дод дар санаи 456 ҳ.қ. (1063-64)».[1]

Бояд гуфт, ки фақат хуш омадани Чағрибек аз суханони гуфтаи Низомулмулк наметавонист далеле барои ба мансаби вазирӣ расидани Низомулмулк бошад. Чунки лаёқати Низомулмулк дар пеши Абӯалии Шозон маълум буд. Дар зимн муаллифи ин китоб менависад: «Ҳукумати Балх бо Абӯалии Шозон набуд, балки ба уҳдаи Низомулмук будааст. Абӯалӣ, ки мариз буд, мусташори амини худро ба шоҳзода Алпарслон муаррифӣ ва тавсия кард».[2]

Пас аз вафоти Туғрул дар соли 1062 Амидулмулк Кандарӣ, ки даҳ сол вазири ӯ буд[1], худро ба пойтахти Салҷуқиён шаҳри Рай расонид ва писари Чағрӣ, яъне Сулаймонро, ки модараш дар ақди Туғрул даромада буд, ба подшоҳӣ расонид. Аммо ин амали Кандарии вазир якдилона пазируфта нашуд. Амирон ва хешовандони Туғрул мухолифат карданд. Аз ҷумла, яке аз амирони Туғрул дар Қазвин ва Хоҷа Низомулмулки вазири Алпарслон писари дигари Чағриро ба ҷои падараш ба симати подшоҳӣ пешниҳод намуданд. Абдумалик чун дид, ки ҷонибдорони Алпарслон пурқудратанд,

---

[1] Нахҷавонӣ Ҳиндушоҳ. Таҷоруб-ус-салаф. Теҳрон, 1965. С. 266-267.
[2] Ҳамон ҷо. С. 267.

ӯ низ дар шаҳри Рай ҷонибдории худро изҳор намуд ва Сулаймонро валиаҳди Алпарслон қарор дод ва Қутламиш ибни Исроили амаки падари Алпарслон низ бар зидди ӯ баромад. Алпарслон бо ёрии Низомулмулк Сулаймонро мағлуб намуда, ба қатл расонида, соли 1062 ба шаҳри Рай ворид шуд ва худро султон эълон кард. Низомулмулк ба таври расмӣ вазири давлати Салҷуқиён гардид ва лақаби Низомулмулкро гирифт.

Бино ба ахбори Носируддини Кирмонӣ чун салтанат ба Алпарслон расид вазир Амидулмулк Кандариро «дар қабз овард ва муддатҳо муқайяд дошт ва бар ваҷҳе шанеъ ва қатле фазеъ ҳалок гашт».[2]

Алпарслон ҳангоми таъйини Низомулмулк ба вазифаи вазирӣ ӯро чун атабек (муаллим ва ноибусалтанаи шоҳзода то расидан ба синни булӯғ[3])-и писараш Маликшоҳ интихоб карда, ба ӯ унвони илиқ ва атохоҷаро дод[4], ки маъмулан унвони илиқ ба пешвоёни иттиҳодияҳои бузурги қабилавӣ дода мешуд ва  баландтарин рутба дар силсилаи рутбаҳои аҳди Салҷуқиён ба ҳисб мерафт. Султон Маликшоҳи ҷавон низ унвони атабекро ба Низомулмулк дода, гуфт, ки «ҳамаи корҳои хурду бузургро ба ту додам ва аз ин ба баъд ту ба ман ба ҷойи падар ҳастӣ».[5]

Низомулмулк замоне ба вазири Салҷуқиён таъйин шуд, ки вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии давлати онон дар ҳоли мушкил қарор дошт. Дар робита ба ин Бундори Исфаҳонӣ чунин менависад: «Ҳангоме ки Низомулмулк ба вазорат нишаст, шерозаи корҳои кишвар гусехта буд. Ин айём поёни ҳукумати Дайламиён ва ибтидои давлати Салҷуқиён буд. Дар рафтани он ҳукумат ва омадани ин силсила шаҳрҳо вайрон ва холӣ аз сакана шуда буданд. Ситамкорон бар шаҳрҳо даст гушуда буданд ва дар

---

[1] Носируддин Муншии Кирмонӣ. Насоим-ул-асҳор мин латоим- ул- ахбор. Дар таърихи вузаро. Ба тасҳеҳ, муқаддима ва таълиқи Мирҷалолуддини Ҳусайнии Урмавӣ. Чопи дувум. Теҳрон: Интишороти Иттилоот, 1364 (-160 с.). С.48-49.
[2] Ҳамон ҷо. С.49.
[3] Камол Х. История вторжения кочевых племен в Мавераннахр и Хорасан (XVI в.). Душанбе: Дониш, 2012 (-408 с.). С.149.
[4] Агаджанов С.Г. Очерков истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII  вв. С.114.
[5] Мунадҷимбошӣ. Саҳоиф-ул-ахбор. Истамбул, 1285 ҳ.қ. С.535.

ҳар гӯшае нола ва ҷазои ситамдидагон баланд шуда буд ва маҷолиси унс ба маҳофили азодорӣ табдил гардида буд».[1]

Аксари сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи мухолифат миёни вазири Туғрул Амидулмулки Кандарӣ ва Низомулмулки Тӯсӣ хабар дода, дар осори таҳқиқотии донишмандони кишварҳои гуногун низ ин мавзӯъ ба таври васеъ мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор гирифтааст. Сабабҳои асосии ин мухолифатҳоро метавон чунин арзёбӣ намуд:

Якум ихтилофи мазҳабӣ. Низомулмулк пайрави мазҳаби шофеӣ ва Амидулмулки Кандарӣ пайрави мазҳаби ҳанафӣ буд. Доир ба ин қазия дар китоби «Комил»-и Ибни Асир чунин омадааст: «Абдулмалик нисбат ба шофеиён бисёр таассуб меварзид. Бар шофеиён метохт ва таассуби ӯ дар ин бора ба ҷое расид, ки бо султон дар бораи манъ кардани рофизиён бар манобири Хуросон гуфтугӯ кард ва иҷозат гирифт ва дастур дод рофизиёнро манъ кунанд ва ашъариёнро ҳам мазид бар онҳо намуд. Айимаи Хуросон аз амали ӯ мутанаффир шуданд. Аз ҷумла, Абдулқосими Қаширӣ ва Имом Абдумаъолии Ҷувайнӣ ва ғайра Хуросонро тарк гуфтанд. Имомалҳарамайн чаҳор сол дар Макка иқомат гузид то давлати Кандарӣ мунқазӣ шуд».[2] Ин амал ҳисси бадбинӣ ва нафрати Хоҷа Низомулмулки Тӯсиро нисбат ба Амидулмулки Кандарӣ афзоиш медод.

Мавриди дигари ихтилоф миёни Низомулмулк ва Амидулмулки Кандарӣ вуҷуди халифа Қоим Бомируллоҳ дар Бағдод буд. Бояд тазаккур дод, ки халифаи Бағдод низ ба хотири пофишорие, ки Амидулмулк дар бораи издивоҷи Турғул бо духтари ӯ ба харҷ дода буд, аз ин вазир чандон хушнуд ва розӣ набуд. Ин омилҳо сабаб шуд, ки бо кӯшиши Хоҷа Низомулмулк ва бо дастури Алпарслон Амидулмулкро дастгир ва дар Нишопур зиндонӣ намуда ва баъдан ба Марврӯд бадарғааш карда, соли 1063 ӯро ба қатл расониданд.[3]

---

[1] Бундори Исфаҳонӣ. Таърихи силсилаи Салҷуқӣ. Тарҷумаи Муҳаммадҳусайни Ҷалилӣ. Теҳрон, 1977. С. 67.

[2] Ибни Асир. Комил таърихи бузурги ислом ва Эрон.Ҷ.17. Теҳрон,1984. С.97.

[3] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С. 31.

Ихтилофи севум бар сари ҷонишинии Туғрул буд. Тибқи навиштаи муаллифи «Зиндагиномаи Хоҷа Низомулмулк Тӯсӣ» баъд аз вафоти Туғрулбек бародарзодаи ӯ Алпарслон соҳиби тахту тоҷи подшоҳӣ гардид. Вазири амаки ӯ ва яке аз шахсиятҳои пурнуфузи сиёсӣ Амидулмулки Кандарӣ аз Сулаймон ҷонибдорӣ намуд. Алпарслон аз чунин ранг гирифтани вазъият парешонхотир гашт ва ба Низомулмулк, ки ӯро ягона шахси мавриди эътимоди худ мепиндошт, муроҷиат карда, ёрӣ хост. Бояд гуфт, ки шоҳзода Сулаймон дар миёни мардум ҷонибдорони зиёде надошт. Амидулмулки Кандарӣ хатогии худро фаҳмида, ба тарафдорони Алпарслон пайваст ва номи ӯро дар хутбаи намоз илова намуд. Аммо Алпарслон ба салтанати муштарак бо Сулаймон розӣ набуд. Алпарслон ва Низомулмулк аз Амидулмулки Кандарӣ дар хавф буданд.[1] Ин буд, ки соли 1062 Алпарслон Амидулмулкро аз вазорат дур намуда, Низомулмулкро вазири давлати Салҷуқиён таъйин кард.

Низомулмулки Тӯсӣ аз даврони ҳаёташ то кунун ба ҳайси яке аз сиёсатмадорон ва донишмандони саршинос аз ҷониби муҳаққиқони кишварҳои гуногуни олам эътироф гардида, давлатдории аҳди Алпарслон ва Маликшоҳро ба шарофати тадбирҳои хирадмандонаи ин вазир медонанд. Аз ҷумла, академик Бобоҷон Ғафуров ҳангоми баррасии вазъи даврони Салчуқиён ба лаёқати вазири дарбори онҳо Низомулмулк баҳои сазовор дода, менависад: «Бузургтарин арбоби давлати аҳди Салчуқӣ Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ бинни Исҳоқ буд, ки дар Хуросон таваллуд ёфта, тақрибан сӣ сол (1062-1092) дар замони ҳукмронии Алпарслон ва Маликшоҳ хидмати вазириро адо кардааст. Ӯ дар дарбори ин подшоҳон, алалхусус Маликшоҳ обрӯй ва нуфузи зиёде пайдо намуда, лақаби «Низомулмулк»-ро гирифтааст. Низомулмулк як марди хеле оқил ва фозиле буд. Ӯ дар корҳои давлатдорӣ комилан ба таҷрибаҳои давраи Сомониён такя мекард ва барои эҳё намудани анъанаҳои мадании он давра кӯшишҳои зиёде ба харҷ медод».[2]

---

[1] Конпурӣ А. Зиндагиномаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ. Теҳрон, 1974. С.100.
[2] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби якум. Душанбе, 1983. С. 535.

Е.Э Бертелс дар бораи ба арсаи таърих омадани Салчуқиён мухтасар сухан ронда, аксари муваффақиятҳои он давраро бо номи Низомулмулки Тӯсӣ вобаста медонад: «Вазир Абӯалӣ Ҳасан, ки лақаби ифтихории Низомулмулкро гирифта буд барои муваффақияти илму санъат дар қаламрави бузурги Салчуқиён хаста нашуда, хидмат карда, дар Бағдод ба мактаби олиеро бо номи Низомия асос гузошт, ки минбаъд дар тамоми Шарқ шуҳрат ёфт. Ӯ андешаҳои хешро роҷеъ ба сиёсат ва таърих дар рисолаи бағоят шавқовари худ «Сиёсатнома» баён кардааст, ки тамоми таҷрибаи бузурги зиндагии хешро дар он гузошта».[1]

Пешрафту дастовардҳои Салчуқиён чӣ дар умури дохилӣ ва чӣ дар сиёсати хориҷӣ, ки то даврони вазорати Хоҷа Низомулмулк ҷуз нишастан ба тахт ва машғул шудан ба шикору маишат дигар коре надоштанд, ҳам дар аҳди Алпарслон ва ҳам дар замони салтанати Маликшоҳ бо шарофати корҳои вазири ботадбир Низомулмулк, ки амалан идораи кулли кишварро бар уҳда дошт, ба вуҷуд омадааст. Дар дар натиҷаи сиёсати оқилонаи Низомулмулк тамоми қаламрави империяи Салчуқиён дар аҳди Маликшоҳ зери назорати ҳукумати онон қарор гирифт.

Низомулмулк бо тадбирҳои сиёсӣ ҷои Амидулмулки Кандариро дар саҳнаи сиёсат гирифта, дар кори аз байн бурдани низоъҳои мазҳабӣ кӯшиши зиёде ба харҷ дод. Низомулмулки Тӯсӣ ба ин назар буд, ки бо ҳимоя аз мазҳаби шофеӣ ва таъсиси марказҳо барои парвариши фикрии донишмандони саршинос барои интишори ин мазҳаб ва маҳдуд намудани доираи фаъолияти мазҳабҳои дигар як ваҳдати динӣ дар саросари қаламрави Салчуқӣ ва хилофати Аббосӣ ба вуҷуд оварад.

Баробари расидан ба мансаби вазири Низомулмулк ба амалӣ намудани нақшаҳои бузурги сиёсии хеш пардохт. Аз ҷумла, пойтахти давлати Салчуқиёнро аз шаҳри Нишопур ба шаҳри Исфаҳон интиқол дод. Дар баробарии ин ба хотири вусъат додани қаламрави Салчуқиён подшоҳони онҳоро ба тасарруфи сарзаминҳои нав ташвиқ намуда ва дар

---

[1] Бертельс Е.Э. Очерки истории персидской литературы. Ленинград: Издание Ленинградского восточного института имени А.С.Енукидзе, 1928 (-203 с.). С. 44.

ин амр муваффақ гардид. Дар даврони тӯлонии вазорати Низомулмулки Тӯсӣ қаламрави давлати Салчуқиён хеле густариш ёфт.

Пас аз қатли Алпарслон Низомулмулк ягона шахси бонуфуз ва вазири ботадбире буд, ки қаламрави васеи Салчуқиёнро аз ошуфтагии авзоъ, харҷу марҷ ва тоҷу тахтхоҳии фарзандони Алпарслон эмин нигоҳ дорад ва дар амри ба салтанат расидани Маликшоҳ нақши муҳимро бозид. Дар зимн Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ менависад: «султон Маликшоҳ бо вуҷуди чанд бародари меҳтар, ба саъйи вазир Низомулмулк подшоҳ шуд».[1] Низомулмулки Тӯсӣ дар аҳди Маликшоҳ соҳибихтиёри мутлақи тамоми корҳои давлати Салҷуқиён буд. Дар замони ҳукумати Маликшоҳ ва вазорати Низомулмулк бино ба ахбори сарчашмаҳо «маҳсули мулки ӯ ҳар сол бисту як ҳазор тумон (-и зарри сурхи ин замонӣ, манзур замони Ҳ.Қазвинӣ) будааст».[1] Агарчи вай ба таври расмӣ як вазир ва иҷрокунандаи амру фармонҳои подшоҳони Салчуқӣ буд, вале дар асл тамоми қаламрави бузурги ин давлатро мустақилона идора менамуд ва қудрати ӯ ба ҳадде расида буд, ки ҳатто дастгоҳи хилофати Аббосиёнро бо майлу иродаи худ мегардонид. Низомулмулк солҳои тӯлонӣ кӯшиш ба харҷ дод то миёни султонҳои Салчуқӣ ва халифаҳои Аббосӣ сулҳу салоҳ барқарор бошад. Метавон вайро кафили сулҳ миёни ин ду хонадони ҳукуматгар дар ин замон донист.

Дар натиҷаи забткориҳои густурда дар асри XI ашрофи ҳокими қабилаии салҷуқӣ соҳиби шаҳрҳо ва вилоятҳо ба сифати иқтоъ ё милк шуданд. Бояд зикр кард, ки тақсим кардани замин чун иқтоъ ба низомиён барои хидмат дар лашкари Салҷуқиён дар миёнаҳои асри XI, баъд аз ишғоли кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна оғоз шуд. Чунин кор дар замони Туғрул (1017-1063) таҷруба шуд ва вилоятҳои алоҳида чун иқтоъ ба низомиён тақдим мегардид. Баъдан ба иқтоъ чун институти муҳими асримиёнагӣ дар нимаи дуюми асри XI аз ҷониби Низомулмулк дар замони Алпарслон ва Маликшоҳ ислоҳот ворид гардид. Моҳияти ин

[1] Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида. Ба эҳтимоми А.Навоӣ. Чопи панҷум. Теҳрон: Амир Кабир, 1387 (-816 с.).

ислоҳот дар он дида мешуд, ки агар дар гузашта ҳаққи хизмати моҳонаи сарбозонро аз хазинаи давлат мепардохтанд, ки харҷи зиёд дошт, пас дар асари ислоҳоти Низомулмулк дар ивази хидмати ҳарбӣ ба сарбозон заминҳоро тақсим карда доданд, ки он манбаи даромади низомиён гардид. Чунин заминҳоро иқтооти ҳашам меномиданд. Тибқи ислоҳоти Низомулмулк ба касоне замин дода мешуд, ки онҳо иқтоъ надоштанд. Ислоҳоти Низомулмулк фазои мусоид барои рушди кишоварзӣ фароҳам овард, зеро иқтоъдор манфиатдор буд то аз заминаш ҳосили фаровон гирад.[2]

Аммо ашрофи низомии кӯчии турк, ки бештари сарзаминҳои ишғолии Салҷуқиёнро чун иқтоъ зери даст оварда буданд, ба давлати мутамарказ ниёз надоштанд ва дар зимн талошҳои таҷзияталабӣ ва марказгурезӣ менамуданд. Ба хотири ҷилавгирӣ аз ин раванди номатлуб Алпарслон ва Маликшоҳ ба ашроф ва рӯҳонияти эронӣ такя намуданд, ки онон дар мавҷудияти давлати мутамарказ манфиатдор буданд. Дар амалӣ шудани ин тадбир ба Салҷуқиён ходими барҷастаи давлатӣ, сиёсатмадори хирадманд ва шахсияти барҷастаи сиёсӣ ва мазҳабӣ Низомулмулк кумак кард ва умри давлати ононро ба дарозо кашид.[3] Низомулмулк ба манзури гирифтани пеши роҳи чунин равандҳои хатарнок ба низомиён заминҳоеро аз каронаҳои кишварҳои дури ишғолии Салҷуқиён  чун иқтоъ медод. Дар ин мазмун Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ мегӯяд: «Иқтооти эшон дар мамолик пароканда будӣ, то ҳар ҷо ки расидандӣ бозмондагӣ набуд».[4] Яъне иқтоъҳои низомиён пароканда дар вилоятҳои мухталифи ишғолии Салҷуқиён ҷойгир буданд ва низомиёни Маликшоҳ, ки тибқи ахбори ҳамин муаллиф 47 ҳазор савор дар рикоби ӯ буданд[5], наметавонистанд дар кишварҳое, ки ба онҳо иқтоъ дода шуда буд, ба таври доимӣ зиндагӣ кунанд.

---

[1] Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида. С.439.
[2] Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв. С.222.
[3] История таджикского народа. Т.III. Душанбе, 2013. С.85-86.
[4] Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида. С.439.
[5] Ҳамон ҷо. С.439.

10 рамазони соли 485 ҳ.қ. баробар ба 14 октябри соли 1092 сиёсатмадори бузург, вазири ботадбир, муаллифи китоби арзишманди «Сиёсатнома», муассиси як силсила мадрасаҳо бо низоми пешрафтаи таълим ва тадрис бо номи Низомия Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ бар асари як сӯиқасд ба қатл расид. Роҷеъ ба рӯзи қатли Низомулмулк дар сарчашмаҳои таърихӣ ихтилоф вуҷуд дорад ва он баъдан баён хоҳад шуд.

Авомили сӯиқасд ба ҷони Низомулмулк дар чӣ буд? Аз замони ба вуқӯъ пайвастани ин террор ба баъд дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва осори илмии донишмандони Шарқу Ғарб изҳори назарҳои зиёд шудааст, ки онҳо доир ба чанд далели ин куштор изҳори андеша намудаанд.

Омили аввал ин пайрави мазҳабҳои гуногун будани Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ ва Маликшоҳи Салҷуқӣ (1072-1092) мебошад. Низомулмулк аз мазҳаби шофеӣ ва Маликшоҳ аз мазҳаби ҳанафӣ пайравӣ менамудаанд. Аз ин лиҳоз Низомулмулк ҳамеша нигарони он буд, ки душманонаш аз мазҳаби Маликшоҳ сӯйистифода намуда, вайро ба муқобили ӯ таҳрик менамояд. Зеро Маликшоҳ ҳамеша орзу мекард, ки вазираш шофеӣ набошад. Низомулмулк дар китоби «Сиёсатнома»-и худ ба ин нуқта ишора намуда, менависад: «Дар ҳама ҷаҳон ду мазҳабанд, ки нек аст, яке мазҳаби Бӯҳанифа ва яке мазҳаби Шофеӣ ва султони саъид (Алпарслон 1063-1072) чунон дар мазҳаби хеш салб ва דуруст буда, ки борҳо ба забони ӯ рафт, ки «Эй дареғо, агар вазири ман шофеимазҳаб набудӣ». Ӯ бо сиёсат ва боҳайбат будӣ ва ман бад-он сабаб, ки ӯ мутаассиб буд ва мазҳаби шофеиро айб медошт, ҳамеша аз ӯ андешеманд будам».[1] Низомулмулк дар ҷои дигари асараш норизоиятии худро аз мазҳаби шоҳ баён медорад ва менависад: «Ӯ аз мазҳаби шофеӣ нанг медорад ва ба ҳар вақт сарзаниш мекунад».[1]

Омили дигар зери назари фарзандҳо, домодҳо ва ҷонибдорони Низомулмулк қарор гирифтани қаламрави мамлакат: «Фарзандон ва домодон ва ғуломонро ба иёлат ва ҳукумат ва аморат дар мамолик

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Бо ҳавошӣ ва ёддоштҳо ва ишорот ва тасҳеҳи М.Қазвинӣ. Чопи дувум. Теҳрон, 1344. С. 114.

мунташир гардонид».[2] Ин қудрат ғурури фарзандони ӯро ба вуҷуд оварда буд, ки он боиси нохушнудии Маликшоҳи Салҷуқӣ гардид. Маликшоҳ медид ва эҳсос мекард, ки қудрати вазир ва фарзандонаш аз қудрати ӯ бештар аст. Табиист, ки Маликшоҳ ин гуна вазъиятро наметавонист таҳаммул кунад. Донишманди муосири эронӣ Аббос Иқбол дар ин бора чунин менависад «Аммо Маликшоҳ бо вуҷуди майли қалбӣ, ки ба кӯтоҳ кардани дасти Хоҷа ва писар ва касони ӯ аз корҳо бинобар маслиҳат ва бим аз таваллуди иғтишош (шӯру ошуб) дошт, асосан наметавонист ба ин кор (халъи Хоҷа аз симати садорат) иқдом кунад ва бахусус, ки ҷамоате аз лашкариён ҷиддан аз Хоҷа ва фарзандони ӯ ҳимоят мекарданд. Ва тоифае аз эшон, ки ғуломони Низомия хонда мешуданд, мустаъиди (омодаи) он буданд, ки андак муомила сує, ки нисбат ба махдумини эшон раво дошта шавад, сар ба шӯриш ва туғён бардоранд».[3]

Муҳаммад ибни Хованшоҳ ибни Маҳмуд маъруф ба Мирхонд (1434-1498) дар китоби «Равзат-ус-сафо фӣ сирати-л-анбиё в-ал-мулук в-ал-хулафо»-аш ба он нукта ишора менамояд, ки «султон Маликшоҳ дар тӯли муддати вазорати Хоҷа ва истилои ӯ бар мамолик ва тасарруфи ӯ дар амвол бар сабили истиқлол ва ба ҳукми писарон ва домод ва ноибони вай дар он ҷо ва ақсори ҷаҳон мутаббарин ва малул шуда буд».[1]

Қудрату тавоноӣ ва нуфузи фарзондони Низомулмулк то ҷое афзоиш ёфт ва боло рафт, ки ҳеҷ ҳаросе аз Маликшоҳ надоштанд ва ба ҳар амали хубу носазо даст мезаданд. Аз ҷумла Бундори Исфаҳонӣ дар китоби «Зубдат-ун-нусра» аз писари Низомулмулк Ҷамолулмулк менависад, ки ба худ иҷозати корҳоеро медод, ки дар салоҳияташ набуд: «Ҷамолулмулк Абӯмансур писари бузурги Низомулмулк буд ва падараш дар рӯзгори Алпарслон аз вай хост то вазири Маликшоҳ шавад. Ҷамолулмулк дар ҷавоб гуфт: Чун ман вазири бачае намешавад. Ӯ сипас дар Балх сокин шуд ва дар он шаҳрҳо муставлӣ буд. Шунид, ки Доқаки Ҷаъфарак дар Исфаҳон

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 115.
[2] Носируддин Муншии Кирмонӣ. Насоим-ул-асҳор мин латоим- ул- ахбор. Дар таърихи вузаро. С.50.
[3] Иқбол А. Таърихи Эрон. Теҳрон, 1983. С. 335.

аз падараш бадгӯӣ карда ва вазоратро ҳаққи Баҳманёр гуфтааст. Вай аз Балх ба Исфаҳон омад ва дар муқобили султон Ҷаъфаракро гирифт ва забонаш аз пӯшти сари ӯ даровард ва Ҷаъфарак бимурд. Сипас бо тадбир ин Баҳманёрро гирифт ва дар банд кард».[2]

Писари дигари Низомулмулк Муидулмулк низ аз ин шеваи бародари худ истифода намуда, Абуҷаъфари Ҷузаниро алорағми тавсияи Маликшоҳ ба кор напазируфт, ки сабаби барканории вай аз девони суғро гардид.

Бояд гуфт, ки дигар моҷароҳои фарзандони Низомулмулк ва сарпечии онҳо аз дастурҳои шоҳ назари неки Маликшоҳ нисбат ба Низомулмулкро ба тарафи манфӣ тағйир медод. Ин мунокишаҳо боиси коҳиши эътибори вазир дар пеши султон гашта, масъалаи дур кардани Низомулмулкро аз вазорат бештар матраҳ сохт. «Шояд маҷмӯаи авомили фавқ буд, ки Хоҷа беҳтар дид қабл аз ин, ки султон барканории вайро аз мансаби вазорат бихоҳад, вай истеъфо диҳад».[3]

Омили севум ихтилофи назарҳои Маликшоҳи Салҷуқӣ ва Низомулмулк дар муносибат ба халифаи Бағдод буд. Маликшоҳ дар фикри маҳдуд намудани қудрати халифа, ҳатто сарнагун намудани ӯ афтод. Аммо Низомулмулк эҳтироми хосе ба халифа дошт. Аз ҷониби дигар халифа Муқтадӣ (1075-1094), ки пайрави мазҳаби шофеӣ буд, ин муносибати Низомулмулкро нисбат ба худаш шунида, эҳтиромаш нисбат ба вай афзуд. Дар дувумин сафари Низомулмулк ба шаҳри Бағдод дар соли 1091 халифа Муқтадӣ иҷозаи нишастан дар баробари маснади хилофат ба ӯ дода, мегӯяд: «Эй Ҳасан, ҳамон тавр ки хотири маро фароҳам кардӣ, Худованд низ аз ту хушнуд хоҳад шуд. Хоҷа дар посухи ин мужда гуфт: «Умедворам худованди олам дуои амиралмуъмининро мустаҷоб фармояд».[4]

Маликшоҳ, ки дар фикри сарнагун кардани халифа афтода буд, Низомулмулкро дар ин амр садди роҳи худ медонист. Издивоҷи хоҳари Маликшоҳ – Моҳмулк (аз издивоҷи Моҳмулк бо халифа Муқтадӣ писаре

---

[1] Мирхонд. Равзат-ус-сафо. Ҷ. 4. Теҳрон, 1983. С. 298.
[2] Исфаҳонӣ Б. Таърихи силсилаи Салчуқӣ. Теҳрон, 1977. С. 82.
[3] Самарҷонӣ Ҳ. Беҳтарини тоҷикон. Теҳрон, 2004. С. 220.
[4] Ҳамон ҷо. С. 223.

бо номи амир Ҷаъфар ба дунё омад[1]) бо халифа ва восита будани Низомулмулк ба манзури рафъи ин ихтилоф мавқеияти халифаро устувор нигаҳ медошт. Аммо қатли Низомулмулк майдонро барои Маликшоҳ дар ин кор боз намуд. Маликшоҳ дар охирин сафари худ ба Бағдод дар соли 1092, ки пас аз марги Низомулмулк иттифоқ афтод, хост, ки тасмими худро ба иҷро расонида, халифаро сарнагун созад. Аммо дере нагузашта Маликшоҳ низ вафот кард.

Омили чаҳорум ҷой доштани ихтилофот дар байни Низомулмулк ва ҳамсари Маликшоҳ Турконхотун дар бораи он, ки чӣ касе бояд ҷонишини Маликшоҳ гардад. Писари Турконхотун Довуд, ки писари дӯстдори падар Маликшоҳ буд, бояд ҷойнишини падар мешуд, аммо соли 1081 Довуд вафот кард. Баъди шаш сол Маликшоҳ писари дигари худ Абӯшуҷоъро ҷойнишини худ интихоб намуд, аммо чанде баъд вай ҳам вафот кард. Баъд аз он Турконхотун хост, ки писари севумаш Маҳмудро, ки нисбат ба дигар номзадҳо ҷавонтар буд, ба ҷойнишинии Маликшоҳ пешниҳод кунад. Аммо бар хилофи Турконхотун Низомулмулк ва бисёре аз сарварони сипоҳ мехостанд писари дигари Маликшоҳ-Баркиёруқ, ки модараш Зубайдахотун - шоҳзодахонуми салҷуқӣ, духтари Ёқут (писари Ҷағробек) буд, ҷонишини шоҳ бошад. Баркиёруқ писари калонии Маликшоҳ ва лоиқтар аз дигар бародаронаш дар ҷойнишинии падар дида мешуд. Дар мавриди ин моҷаро Хондамир дар «Дастур-ул-вузаро» менависад: «Бинобар ин миёни Хоҷа ва Турконхотун бар асари ҷойнишинии султон Маликшоҳ ғубор ва нақор иртифоъ ёфта, зеро Хоҷа тарафдори Баркиёруқ буд ва Туркон дар хилват ба қабеҳи афъол ва аҳволи Хоҷа сутуда, хисоли иштиғол менамуд... Ва мегуфт, ки Низомулмулк дувоздаҳ писар дорад, ки эшонро ба масобаи айимаи исноашар дар чашми мардум азиз гардонида аст ва ҳукумати мамлакатро бар он ҷамоат тақсим намуда ва тариқи манофеъро бо дигар ҳавас ва муқаррабон масдуд сохт. Ин калимот дар хотири султон таъсир карда буд»[2]. Зери таъсири ин гуфтаҳо муносибати

---

[1] Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида. С.440.
[2] Хондамир. Дастур-ул-вузаро. Теҳрон, 1938. С.195.

Маликшоҳ ба Низомулмулк тағйир ёфт. Конпурӣ А. аз қавли Низомулмулк дар бораи мухолифати Турконхотун чунин менависад: «Муддате аст, ки ҳарами бузург (Турконхотун)-ро аз ман малол воқеъ аст. Ба воситаи он, ки мехоҳад то подшоҳ валиаҳдии худро ба фарзанди ӯ Маҳмуд диҳад. Хотире дорад мунҳариф ҳарчанд бар атроф ва ҷавониб мегардад ва мехоҳад муфсада ба ман иснод кунад, ки муҷиби тағйири мизоҷи султон бошад ва аз ҷавомеъи бадсиголаи ман ва мухолифони ман истинтоқ мекунад ҳеҷ муяссар намешавад ва ҳеҷ наметавонад гуфт илали он ки Хоҷа мамлакатро миёни фарзандони худ қисмат намуда агар чи касе дигар матлаъ нест валекин ҳамин маро маълум аст, ки ин сухан дар ботини султон таъсир карда...».[1]

Омили панҷум ихтилофи Низомулмулк бо бархе аз вазирон. Вазирони мухолифи Низомулмулк ба ду гурӯҳ ҷудо мешуданд. Гурӯҳи аввал онҳое, буданд, ки бар асоси ҳисси ҷоҳталабии худ бо Низомулмулк ба мухолифат бархостанд. Дар ин шумор Ибни Баҳманёр ва Абдулмаҳосин Муҳаммад буданд. Ибни Баҳманёр бар асари ин қудратталабӣ аз ҷониби писари Низомулмулк боздошт ва кӯр карда шуд.

Гурӯҳи дувум касоне буданд, ки Низомулмулк нагузошт то эътимоди шоҳ ва ҳамсари ӯ Турконхотунро ба даст оваранд ва ба мақомҳои олӣ бирасанд. Ин гурӯҳ асосан аз пайравони мазҳаби ташаюъ буда, кӯшиш менамуданд, ки бо барканор намудани Низомулмулк аз вазифааш пеши роҳи фишори давлат ба шииёнро бигиранд. Дар баробари ин бо ҳимояи шоҳ ва ҳамсараш Турконхотун битавонанд ба хилофати Аббосиён зарба зананд. Аз миёни ин гурӯҳ метавон аз Тоҷулмулук Абдулғаноим ва Маҷдулмулки Қумӣ ном бурд. Ҳамчунин Абдулмаҳосин Муҳаммад, ки ноиби Камолуддавла дар девони туғро буд, ба дастури Маликшоҳ соли 1083 кушта шуд. Тибқи навиштаи Нуруллоҳ Кисоӣ аз ҷумлаи таблиғоти шуме, ки Абдулмаҳосин Муҳаммад менамуд ин буд, ки «соли 1083 як сол пас аз қатли Ҷамолулмулк бархе аз гуфтугӯҳои байни Маликшоҳ ва надимони ӯ ба гӯши Хоҷа расид. Аз он ҷумла ба вай гуфтанд, ки подшоҳ

---

[1] Конпурӣ А. Зиндагиномаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ. Теҳрон, 1974. С.100-101.

эшонро таслим мекунад, ҳазор-ҳазор динор аз эшон гирифта таслими хазинаи султон мекунад. Хоҷа бо шунидани ин хабар зиёфати шоҳонае тартиб дод ва ғуломони низомияро, ки чанд ҳазор тан буданд, силоҳ пӯшонд ва гирдогирди хон таъбия намуд ва пас аз баргузории зиёфат замин бӯсид ва изҳор дошт: Ман умреро дар хидмати султон, ба падар ва ҷаддаш ба сар бурда ва ҳаққи хидмати ман бар ин давлат собит аст. Ба султон расонидаанд, ки ман ушри амволи ӯро тасарруф мекунам. Ин рост аст. Вале ин ё бар ғуломон сарф мекунам, ки барои подшоҳ гирд овардаам ё ба масрафи хайрот ва мубаррот ва салот ва авқоф мерасонам, ки аҷраш ойиди султон мешавад. Ин ки ман ва ончи мароcт дар пешгоҳи султон аст. Бифармоед ҷумларо забт оранд ва маро бо хирқае дар зовияе ба зиллат боқӣ гузоранд»[1]. Дар мавриди онки баъди ин суханронии Низомулмулк чи гузашт, Ибни Асир менависад, ки «Шоҳ барои истимолот аз вазир дастур дод Абдулмаҳосинро соли 1083 куштанд»[1].

Дар бораи яке дигар аз мухолифони Низомулмулк, ки Тоҷулмулк Абулғаноим буд, Бундори Исфаҳонӣ менависад: «Раис Тоҷулмулк Абдулғаноим вазирзодае дар Форс буд ва сарҳанг Соваткинро муддате хидмат карда буд. Ин сарҳанг амири бузург буд. Назди султон аз Тоҷулмулк некӯӣ гуфт ва изҳор кард шоистаи хидмати султон аст. Соваткин гуфта буд, ки Тоҷулмулк ба хазина ва амволи ӯ расидагӣ мекунад ва мавриди эътимоди ӯст. Тоҷулмулк марди хушлаҳҷа ва забоновар ва сарватманд буд. Султон Тоҷулмулкро пазируфт ва вазораташро ба вай дод. Хазинаи худро дар ихтиёри ӯ гузошт ва корҳои хонаҳо ва умури ҳарамашро ба Тоҷулмулк роҷеъ сохт. Кори лашкариёнро дар бархе вилоятҳо ба вай вогузор кард. Девони туғро ва иншоро ба вай тавфиз намуд. Ноиби ӯ Киё Маҷидуддавла Абуфатҳ Алӣ ибни Ҳусайни Ардистонӣ ноиби Маҷдуддавла буд. Тоҷулмулк бо эҳтироме, ки назди султон дошт авзои кишварро тағйир дод ва тартиберо, ки Низомулмулк барои идораи кишвар дода буд, дигаргун кард. Аз дили султон муҳаббати

---

[1] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. –Теҳрон, 1984. С. 18.

Низомулмулк ва асари гуфтори ӯро маҳв кард. Осори дилтангӣ ва озурдагӣ аз Низомулмулк дар дили султон пайдо шуд. Ӯ низ ба вазир эҳтиром мегузошт зеро аз сарнавишти шуми Амидуддавла (ибни Баҳманёр) ва Саидурруассо, ки бо вай мухолифат карда буданд, ибрат гирифта буд. Тоҷулмулк дар байни султон нобоварӣ нисбат ба вазир падид овард. Тоҷулмулк Наҷмулмулки Қумиро эҳтиром мекард ва назди султон аз ӯ таъкид менамуд. Тоҷулмулк Саидулмулк Абулмаъолӣ Музаффар ибни Абдураззоқ ибни Умар оризи лашкарро ба худ ҳамроҳ кард. Тоҷулмулк бо ҳамроҳии ин ду ба амвол ва шаҳрҳо мусаллат шуда ва ба онон иттифоқ ва иттиҳод карданд, ки ба Низомулмулк мухолифат кунанд ва ақидаи султонро нисбат ба вай тағйир диҳанд»[2].

Бояд тазаккур дод, ки Ҳиндушоҳ ибни Санҷари Нахҷувонӣ низ менависад, ки «Тоҷулмулк аз ҷумлаи ҳасудони Хоҷа ва доиман пеши султон тақбеҳи ҳоли ӯ кардӣ ва Хоҷа ба сабаби суботи қадим ва саволифи ҳуқуқ ва савобиқи ихлос ба саъёти ӯ ихтилоф намекард ва самъи султон ба тадриҷ аз масовии Хоҷа мамлуъ шуд»[3].

Соли 1092 байни ҳокими Марв Тоҷулмулк ва яке аз писарони Низомулмулк Шамсулмулк Усмон низоъ бархост.Ҳокими Марв назди шоҳ шикоят кард ва Маликшоҳ Тоҷулмулк ва Маҷдулмулкро бо пайғоме назди Низомулмулк фиристод, ки Бундори Исфаҳонӣ онро ба ин мазмун меорад: «Ту бар кишвари ман мусаллат шудаӣ ва шаҳрҳоро миёни фарзандон ва домодҳоят ва ғуломонат тақсим кардаӣ. Мисли ин аст, ки дар кишвар шарики ман ҳастӣ. Оё мехоҳӣ, ки бо бардоштани давоти садорат аз муқобили ту фармон диҳам ва мардумро аз ситами ту бираҳонам».[1]

Муаллифи «Насоим-ул- асҳор мин латоим- ул- ахбор» ё «Дар таърихи вузаро» Носируддин Муншии Кирмонӣ, ки ба соли 725 ҳ.қ./1324-1325 рисолаи хешро таълиф намудааст, аз посухи Низомулмулк ба Маликшоҳ чунин менависад: «Султон имрӯз медонад, ки ман ва фарзандон бо ӯ дар

---

[1] Ибни Асир. Комили таърихи бузурги ислом ва Эрон. Тарҷумаи Алӣ Ҳошимии Ҳоирӣ. Ҷ. 17. Теҳрон. 1991. С. 256.
[2] Исфаҳонӣ Б. Таърихи силсилаи Салчуқӣ. Теҳрон, 1997. С. 70-72.
[3] Нахҷувонӣ Ҳ. Таҷориб-ус-салаф. Теҳрон, 1965. С. 281.

мулк мушорикем, Сӣ сол шуд то ин қоида мутаррад аст. Аммо агар давит (давот)-ро, ки фармудааст, агар аз пеши ман бардоранд, тоҷи ӯ низ бардоранд, ки кордорони қазову қадар дар девони азал он тоҷу ин давитро ба ҳам ниҳодаанд».[2]

Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ, ки панҷ сол баъд аз асари Носируддин Муншии Кирмонӣ рисолаи худро навиштааст, нақши Турконхотун-ҳамсари Маликшоҳро дар канор андохтани Низомулмулк аз вазорат муҳим дониста, ин номаҳоро ба таври зайл гузориш медиҳад: «Ту магар бо ман шарикӣ, ки ба дили худ вилоят ба фарзандони худ медиҳӣ? Агар тарки ин шева накунӣ, дастор аз сарат баргирам, яъне бикушам». Низомулмулк ҷавоб фиристод, ки «дастори ман ва тоҷи ту дар ҳам бастаанд». Турконхотун ин суханро рангу бӯйе дод ва ба бадтарин сурате бар султон арз кард. Султон биранҷид ва ӯро маъзул кард».[3]

Маликшоҳ аз сари ғазаб ба дасти душманонаш супоридани сарнавишти Низомулмулкро Муҳаммади Шабонкораӣ зикр мекунад: «Баъд аз ҷавоби Хоҷа Низомулмулк ба паёми Маликшоҳ султон бифармуд то Низомулмулкро бигирифтанд ва ба дасти Тоҷулмулк супурданд ва султон дар он наздики ҳазимати Бағдод кард ва ҳарду вазирро ба худ бибурд».[1]

Тоҷулмулк илова ба бадгӯиву туҳмату буҳтон дар ҳаққи Низомумлмулк аз роҳу воситаҳои дигар низ истифода менамуд. Дар робита ба ин Абдураззоқи Конпурӣ оварда аст: «Ибни Ҳабория аз шоирони маъруфи вазир Низомулмулк буд. Вақте Тоҷулмулк Абдуғаноим аз он шоир хост, ки ҳар гоҳ Хоҷаро ҳаҷв кунад, молу маноли зиёд ба вай хоҳад дод ва чун Ибни Ҳабория аз Хоҷа хайри зиёде дида буд, қабул накард. Вале ба асари тамаи зиёд ба арабӣ шеъре суруд, ки байти охираш ин аст: Рӯзгор монанди чархе аст, ки фақат ба василаи гов ба гардиш меафтад. Ва чун шеъри ӯ ба гӯши Хоҷа расид, Хоҷа гуфт Ибни Ҳабария ба

---

[1] Исфаҳонӣ Б. Таърихи силсилаи Салчукӣ. Теҳрон, 1977. С. 72-73.
[2] Носируддин Муншии Кирмонӣ. Насоим-ул-асҳор мин латоим- ул- ахбор. Дар таърихи вузаро С.51; Ғаравӣ М. Асри тиллоии Низомулмулк. Теҳрон, 1988. С. 316.
[3] Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида. С.438.

масали машҳур, ки мардуми Тӯс голанд, аз роҳи шӯхӣ ба Тӯсӣ будани ман ишора кардааст»[2]. Нуфуз ва қудрату тавоноии Тоҷулмулк Абдулғаноим то ҳадде боло рафта буд, ки чуноне дар боло аз қавли Шабонкораӣ иқтибос кардем, дар охирин сафари Низомулмулк ба Бағдод Маликшоҳ ихтиёри Низомулмулкро ба дасти Тоҷулмулк супурд. Ин муаллиф ҳатто қатли Низомулмулкро ба Тоҷулмулк Абдулғаноим нисбат медиҳанд ва менависад, ки «гӯянд, ки куштани Низомулмулк ба дасти Тоҷулмулк буд. Зеро, ки Тоҷулмулк, ки хасми ӯ буд ва ҳеҷ каси дигар бар қатл иқдом нанмудӣ»[3].

Нисбат додани қатли чунин шахсияти барҷастае мисли Низомулмулк ба дасти Тоҷулмулк Абулғаноим, ки пайрави мазҳаби шиа буд ва ҷуръат ва тавони онро ба танҳоӣ надошт, шояд аз ҷониби бархе муаррихон бар пояи душмании мазҳабӣ қарор гирифта бошад. Аз ин рӯ дур аз воқеият аст, ки Тоҷулмулк даст ба ин иқдом зада бошад. Аммо аз ошноӣ бо осори муаррихони гуногун метавон натиҷагирӣ кард, ки эҳтимол меравад ин қатл аз ҷониби худи Маликшоҳ ё аз ҷониби ҳамсараш Турконхотун ва ёронаш Тоҷулмулк Абулғаноим ва Маҷдулмулк Абулфазл низ тарҳрезӣ шуда бошад ва онро душмани ақидатии ӯ исмоилиён ба иҷро расонидаанд.

Носируддин Муншии Кирмонӣ аз душмании Тоҷулмулк Абулғаноим, Маҷдулмулк ва Турконхотун бо Низомулмулк чунин менависад: «Ва ба охири аҳди султон Маликшоҳ Тоҷулмулк Абулғаноим, аз вазирзодагони Шероз ва Маҷдулмулк Абулфазл аз Баровистони Қум, ки мушрифи мулк буд, дар қасди ӯ иттифоқ карданд ва ба тарбият ва тақвияти Турконхотун модари фарзандони султон никояти эшон муассир омад».[4] Таъбири «никояти эшон муассир омад»-ро метавон ба маънии ба куштани Низомулмулк муваффақ шудан маърифат кард. Аммо Носируддин

---

[1] Шабонкораӣ М. Маҷмаъ-ул-ансоб. Теҳрон, 1984. С. 105.
[2] Конпурӣ А. Зиндагиномаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ. Теҳрон, 1974. С.100.
[3] Шабонкораӣ М. Маҷмаъ-ул-ансоб. Теҳрон, 1984. С. 105.
[4] Носируддин Муншии Кирмонӣ. Насоим-ул- асҳор мин латоим- ул- ахбор. С.50-51.

Муншии Кирмонӣ қотилони Низомулмулкро «душманони малоини фидоиёни мулоҳида», яъне исмоилиён ном бурдааст.[1]

Омили шашум ин муносибати Низомулмулк бо пайравони мазҳаби исмоилияи Эрон ва пешвои онон Ҳасани Саббоҳ аст. Ҳасан ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Ҷаъфар, ки бо номи Ҳасани Саббоҳ дар таърих маъруф аст, дар Рай таваллуд шудааст. Мувофиқи хабари Ҳамдуллоҳи Муставфӣ Ҳасани Саббоҳ дар дарбори Алпарслон ба сифати ҳоҷиб кор мекард ва миёни ӯ, ки шиаи исноашарӣ буд ва Низомулмулк, ки суннӣ буд, «кини дин қоим буд».[2] Ба ривояти ҳамин манбаъ Алпарслон рӯзе аз вазираш Низомулмулк нусхаи ҷамъу харҷи маҳсули мамлакатро дархост кард ва Низомулмулк муддати таҳияи онро ду сол муайян намуд. Чун дар ин суҳбат Ҳасани Саббоҳ низ ҳузур дошт, гуфт, ки чунин корро дар чиҳил рӯз тамом кунад. Ҳасани Саббоҳ дар муддати ваъдакардааш ин корро анҷом медиҳад ва Низомулмулк дебочаи он гузоришро тавассути гумоштагони худ мегирад. Ҳасани Саббоҳ бехабар аз ин кор ин гузоришро ба назди Алпарсол бурд ва аз ин авроқи парешон чизе натавонист ба султон гузориш бидиҳад. Низомулмулк, ки дар ин қабули Алпарсол низ иштирок дошт, гуфт: «Дафтаре, ки доноёнро ба ду сол тамом бояд кард, ҷоҳиле ба чиҳил рӯз тамом кунад, ҳосили ӯ ҷуз ин ҳону ҳун набошад. Султон аз Ҳасани Саббоҳ биранҷид ва хитобе хост фармуд. Аммо чун баркашидаи ӯ буд, таваққуфе намуд. Ҳасани Саббоҳ аз ҳазрати султон биҷаст ва сар ба илҳоду зандиқа баровард».[3]

Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ дар фасли «Исмоилиёни Эрон»-и рисолааш, ки аз Ҳасани Саббоҳ шурӯъ мешавад, оғози душмании Ҳасани Саббоҳ бо Низомулмулкро на аз ихтилофҳои мазҳабӣ, балки пеш аз ҳама сари ҳисоби мамлакат медонад: «Миёни ӯ ва Низомулмулки вазир бар сари ҳисоби мамолик, чунон ки зикр рафт, хусумат афтод».[4]

---

[1] Ҳамон ҷо. С.51.
[2] Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида. С.431.
[3] Ҳамон ҷо. С.431-432.
[4] Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида. С.518.

Чуноне ки дида шуд, Ҳасани Саббоҳ, ки марди доно ва зирак буд, дар ибтидо бо мусоидати Низомулмулк ба дарбори Салҷуқиён кашида мешавад. Аммо дере нагузашта ба гуфтаи Б.Ғафуров «дар натиҷаи ҷоҳталабӣ ва дигар хусусиятҳои ӯ» дар байни вай ва Низомулмулк ихтилоф меафтад ва ин боис шуд, ки Ҳасани Саббоҳро соли 1078 аз дарбори Салҷуқиён берун карданд.[1] Академик Б. Ғафуров қатли Низомулмулкро тавассути фидоии фиристодашуда аз ҷониби Ҳасани Саббоҳ медонад.[2]

Донишманди шӯравӣ Е.Э. Бартелс (1890-1957) дӯстии Низомулмулк ва Ҳасани Саббоҳро, ки сохтаҳои тазкиранависони пасин аст, афсонае беш намедонад.[3]

Баъд аз хориҷ шудан аз дарбор, ба ривояти Ҷувайнӣ, Ҳасани Саббоҳ ба зодгоҳаш Рай омада, бо чанд тан доиёни исмоилӣ ошно гардид ва ба мазҳаби онон дилбастагӣ ёфт. Соли 471 ҳ.қ./1078-1079 ба Қоҳира омада, як сол бештар дар он ҷо зиндагӣ кард ва ба дарбори халифаҳои Фотимӣ роҳ ёфт ва баъдан ба Эрон омада, қалъаи Аламут ва дигар қалъаҳои наздик ба онро ба даст оварда, дар дохили давлати Салҷуқиён минтақаеро мустақил сохт ва муддати 35 сол дар Аламут зист ва аз он ҷо берун нарафт. Маликшоҳи Салҷуқӣ натавонист Ҳасани Саббоҳро аз роҳи сулҳ моил ба хеш кунад ва дар оғози соли 485 ҳ.қ./ моҳи феврали 1092 лашкареро бо фармондеҳии Алтунтош, ки заминҳои Рӯдбор чун иқтоъ марбуташ буданд, ба ҷанги ӯ фиристод. Алтунтош вазъи Ҳасани Саббоҳро мушкил кард ва ҳар киро аз тарафдорони Ҳасани Саббоҳ меёфт, мекушт. Чун Алтунтош вафот кард, вазъи Ҳасани Саббоҳ андаке ором шуд.[1] Аммо Низомулмулк, ки дар мубориза бар зидди пайравони мазҳаби исмоилия ва саркӯб намудани онҳо нақши калидӣ дошт, ба фишори Ҳасани Саббоҳро идома

---

[1] Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷ.I. С.214-215.
[2]Гафуров Б. История таджикского народа в кратком изложении. Т.I. М.: Государственное издательство политической литературы, 1952 (-503 с.). С.243; Гафуров Б. История таджикского народа в кратком изложении. Издание третье исправленное и дополненное. Т.I. М.: Государственное издательство политической литературы, 1955 (-544 с.). С.269; Гафуров Б. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. Москва: Наука, 1972 (-658 с.). С.398.
[3] Бертелс Е.Э. Таърихи адабиёти форсӣ. Аз даврони Фирдавсӣ то аҳди Салҷуқиён. Тарҷума ба форсӣ аз С.Эзидӣ. Чопи аввал. Теҳрон: Интишороти Ҳирманд, 1374 (-400 с.). С.187.

дод. Нуқтаи олии ин мубориза бо ризоияти Низомулмулк фиристодани сипоҳиён бо сарварии Арслонтош аз ҷониби Маликшоҳ барои саркӯбии Ҳасани Саббоҳ ва фатҳи қалъаи Аламут буд. Ҳасани Саббоҳ аз пешвои исмоилиёни Қазвин Деҳдор Абӯалӣ[2] мадад хост.[3] «Ҳамла барои тасарруфи қалъаи Аламут мунҷар ба муҳосираи ин қалъа гардид ва Ҳасани Сабоҳ дар тангно қарор гирифт. Аммо бо расидани нерӯи кумакӣ аз тарафи Деҳдор Бӯалӣ барои Ҳасани Сабоҳ сардори салҷуқӣ шикаст хӯрд ва ҳанӯз чанд рӯзе аз расидани вай ба хидмати султон нагузашта буд, ки Низомулмулк кушта шуд».[4]

Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ дар асараш «Осор-ул-билод ва ахбор-ул-ибод», ки соли 600 ҳ.қ./1203-1204 онро таълиф карааст, аз душмании Низомулмулк бо исмоилиён ёд карда, менависад: «Гӯянд Хоҷа Низомулмулк, ки бо фирқаи ботинӣ бисёр душманӣ меварзид, ботиниён пайи фурсате мегаштанд, ки ба қатлаш бирасонанд».[5]

Ҷувайнӣ низ аз душмании ақидатии Низомулмулк бо Ҳасани Саббоҳ зикр карда, менависад, ки «Ҳасани Саббоҳ масоид (домҳо)-и макоид (макрҳо) бигустард, то сайде шигарф чун Низомулмулк дар доми ҳалок овард...Шахсе Бӯтоҳири Арронӣ ном бо ин залолат, ки талаби саодати охират мекард, шаби одинаи дувоздаҳуми рамазони санаи 485 ҳ.к/16 октябри соли 1092 ба ҳудуди Наҳованд дар манзиле, ки Саҳна хонанд, ба шакли сӯфӣ пеши миҳфа (тахти равон)-и Низомулмулк рафт...корде бар ӯ зад ва Низомулмулк аз он захм шаҳид шуд ва аввал касе, ки фидоиён куштанд Низомулмулк буд».[6]

Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ қатли Низомулмулкро 10 рамазони соли 485 ҳ.қ./14 октябри 1092 дар маҳалле бо номи Саҳна ба дасти «фидоиёни

---

[1] Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида. С.519.
[2] Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ ӯро Деҳдор Абӯалии Ардистонӣ ном бурдааст: Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида. С.519.
[3] Муҳаммади Ҷувайнӣ. Таърихи ҷаҳонкушои Ҷувайнӣ Ҷ.3. Ба саъй ва эҳтимоми М.Қазвинӣ. Чопи сеюм. Теҳрон: Дунёи китоб, 1382 (-590 с.). С.188-215.
[4] Бойл Ҷ.А. Таърихи Эрони Кембриҷ. Ҷ. 5. Теҳрон, 1987. С. 72-73.
[5] Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ. Осор -ул-билод ва ахбор-ул-ибод. Тарҷума аз арабӣ А.Шарафкандӣ. Теҳрон: Муассисаи илмии андешаи ҷавон, 1366 (-271 с.). С.191.
[6] Муҳаммади Ҷувайнӣ. Таърихи ҷаҳонкушои Ҷувайнӣ Ҷ.3. С.204.

мулҳид» медонад ва меафзояд, ки «ин аввалин хуне буд, ки фидоиён дар Эрон карданд».[1]

Низомулмулк ба навиштаи Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ шаби ҷумъаи 21 рамазони соли 485 ҳ.қ./25 октябри 1092 дар рустои Қайдиҷон тобеи Наҳованд,[2] баъд аз ифтор дар тахти равон аз боргоҳи шоҳӣ ба хиргоҳи хеш мерафт, ҷавоне аз фидоиёни исмоилӣ ба номи Бӯтоҳири Арронӣ дар либоси сӯфиён ба баҳонаи тақдими арзи ҳол наздики ӯ рафта, корде бар вай зад ва Низомулмулк аз он захм кушта шуд.[3] Бино ба ахбори муаллифи «Осор-ул-билод ва ахбор-ул-ибод» «ҷанозаи шарифашро ба Исфаҳон баргардониданд ва дар донишгоҳи сохти хеш дафнаш карданд».[4] Ин мавзеъ баъдан бо номи Турбати Низом маъруф гардид.

Чуноне ки дида шуд, қатли Низомулмулкро Ҷувайнӣ шаби одинаи 12 рамазон, Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ бидуни зикри рӯз 10 рамазон ва Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ шаби ҷумъаи 21 рамазони соли 485 ҳ.қ. зикр кардаанд. Пас кадоме ин рӯзҳо дуруст аст? Чун қатли Низомулмулкро аксари муаллифони рисолаҳои таърихӣ шаби ҷумъа гуфтаанд, тибқи ҷадвали таҳвили соли ҳиҷрӣ ба мелодии И.Орбелӣ, ки дар он рӯзу моҳу сол муайян аст, танҳо 10 рамазон ба он мувофиқ меояд.

Низомулмулк баъд аз хӯрдани захми корд, ба ривояти таърихнигорон ин қитъаи шеъриро дар силқи назм кашид ва назди Маликшоҳ фиристод:

Сӣ сол ба иқболи ту, эй шоҳи ҷавонбахт,
Гарди ситам аз чеҳраи айём сутурдам.
Чун шуд зи қазо муддати умрам наваду шаш,
Андар сафар аз зарбати як теғ бимурдам.
Маншури накуномиву туғрои саодат,
Пеши малик-ул-арш ба тавқеи ту бурдам.
Бигзоштам ин хидмати дерина ба фарзанд,

---

[1] Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида. С.438-439.
[2] Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ. Осор -ул-билод ва ахбор-ул-ибод. С.191.
[3] Фалсафӣ Н. Ҳашт мақолаи таърихӣ ва адабӣ. Теҳрон, 1951. С. 218.
[4] Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ. Осор -ул-билод ва ахбор-ул-ибод. С.191.

Ӯро ба Худову ба худованд супурдам».[1]

Пас аз кушта шудани Низомулмулк ва марги Маликшоҳи Салҷуқӣ Ҳасани Саббоҳ ва пайравони ӯ дар Эрон нуфузи бештар ёфтанд ва фидоиёни исмоилӣ дар куштани мухолифони мазҳаби хеш густохтар шуданд. Ин буд, ки вазирон ва амирони давлати Салҷуқӣ аз бими фидоиёни исмоилӣ ҳамеша дар зери либос ҷавшан ва зиреҳ мепӯшиданд. Бино ба ахбори Ҷувайнӣ баъди қатли Низомулмулк исмоилиён ба ҷони ду писараш - яке Абӯнаср Аҳмад ибни Низомулмулк дар Бағдод ва дигаре Абӯфатҳ Музаффар ибни Низомулмулк маъруф ба Фахрулмулк дар Нишопур сӯиқасд карданд. Абӯнаср Аҳмад ки ӯ низ монанди падараш лақаби Низомулмулк дошт ва аз соли 500 то 504 ҳ.қ./1106-07-1110-1111 вазири султон Муҳаммад ибни Маликшоҳ ва аз соли 516 то 517ҳ.қ./1122-23-1123-1124 вазири халифа Абӯмансури Мустаршид (1118-1135) буд, соли 507 ҳ.қ./1113-14 дар Бағдод аз захми корди фидоиёни исмоилӣ ба қавли Ҷувайнӣ мафлуҷ гашт.[2] Фахрулмулк, ки соли 488 ҳ.қ./1095 ба вазорати Барқиёруқи Салҷуқӣ ва соли 490 ҳ.қ /1096-97 ба вазорати султон Санҷар дар Хуросон мансуб гардида буд, муддати даҳ сол то охири умри худ дар он мақом бимонд ва соли 500 ҳ.қ/1106-07 дар Нишопур ба дасти фидоиёни исмоилӣ кушта шуд.[3]

Рақибони Низомулмулки Тӯсӣ - Тоҷулмулк ва Маҷдулмулк пас аз ҳодисаи кушта шуданаш аз ҷониби тарафдорони ин вазир ба қатл расиданд.[1]

Бо баррасии ахбори манобеи таърихӣ ва осори илмии ба мавзӯи қатли Низомулмулк бахшида метавон хулоса кард, ки қатли Низомулмулк танҳо кори дасти исмоилиён нест ва имкон дорад, ки ханҷари фидоии исмоилӣ ба пайкари вазир бо иштироки ҳарами ҳукуматдӯстдори шоҳ ва рақибони дарбории ӯ равона шуда бошад. Дар мубориза҇ҳои дарборӣ, ба хусус барои ҷойнишинии Маликшоҳ дар баробари Низомулмулк ҳамсари бонуфузи

---

[1] Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида. С. 439; Айнӣ С. Маънои калимаи тоҷик // Садои Шарқ. – №8, 1986. С. 79.
[2] Ҷувайнӣ. Таърихи ҷаҳонкушои Ҷувайнӣ. Ҷ.3. С.206.
[3] Ҳамон ҷо. С.207.

Маликшоҳ – Турконхотун ва ҷоҳталабоне чун Тоҷулмулк Абулғаноим ва Маҷдулмулк Абулфазл меистоданд. Онҳо тавонистанд бо бадгӯӣ ва туҳматҳои зиёде Маликшоҳро нисбат ба Низомулмулк бадбин созанд ва ӯро аз вазорат маъзул кунанд. Аммо онҳо медонистанд, ки Низомулмулк бо он эътибор, нуфуз ва истиқлолу иқтидоре, ки миёни амирон ва сипоҳиёну ҳокимони вилоятҳо дорад, бо маъзул шуданаш аз вазорат, он ҳамаро ҳифз ва барои ин гурӯҳи душманон мушкилот халқ хоҳад кард. Бинобар ин аз ҳақиқат дур нест, ки ин душманони дохили дарбор барои аз миён бардоштани Низомулмулк аз хусуматҳои ин вазир бо Ҳасани Саббоҳ истифода карданд ва шароитеро фароҳам оварданд, то фидоии исмоилӣ барои қатли ӯ маъмур шавад.

Дар осори таърихии баъд аз Низомулмулк мо танҳо васфи атвори неки ӯро ба мушоҳида мегирем. Аз ҷумла Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ менависад: «Аз бад-ӯ хилқат то имрӯз чун ӯ вазире ботадбир ва донишдӯст ва хайрандеше набудааст».[2]

Носируддин Муншии Кирмонӣ бо муҳаббат аз Низомулмулк сифот карда, ӯро «садри ҷаридаи вузарои олишон ва сархайли тавоифи мудаббирони мамолики рӯи замин» ном бурда[3], пешгӯиҳои Низомулмулкро дар номааш ба Маликшоҳ, ки тоҷи султонӣ бо давоти вазорат ҳарду бо ҳам бастаанд ва ба ҳам пайваста ва ҳар вақт ин давоти вазорат аз ман баргиранд, он тоҷ низ аз сари ту гирифта хоҳад шуд, чун фоле дониста, мегӯяд, ки «султон Маликшоҳ баъд аз як моҳ ҷаҳонро видоъ кард ва ақиби қатли хоҷа ва вафоти султон... навоири шарру фитна сар баровард ва балову фасод дар билоду ибод ба қатли вазир ва вафоти султон дар ҷунбиш омад».[4] Дар ин иртибот Б.Ғафуров менависад, ки марги Низомулмулк дар таърихи давраи салтанати Салҷуқиён муқаддимаи вайроншавии ин давлат гардид.[5]

---

[1] Носируддин Муншии Кирмонӣ. Насоим-ул- асҳор мин латоим- ул- ахбор. С.51.
[2] Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ. Осор -ул-билод ва ахбор-ул-ибод. С.189.
[3] Носируддин Муншии Кирмонӣ. Насоим-ул- асҳор мин латоим- ул- ахбор. С.49.
[4] Ҳамон ҷо. С.51.
[5] Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷ.I. С.215.

Хулоса, Низомулмулки Тӯсӣ - ин шахсияти бузурги сиёсат ва вазорат ба подшоҳони турки бодиянишини Салҷуқӣ усули давлатдорӣ, идораи раият, сарварии лашкар ва кишваркушоиҳоро омӯзонид ва давлати васеъ аз Ҳалаб гирифта, то Кошғарро зери фармони онҳо овард. Тамоми дастовардҳои султонҳои Салчуқии аҳди Низомулмулк натиҷаи лаёқату кордонии ин вазири ботадбири хуросонӣ буд. Аммо туркони Салҷуқӣ поси хадамоти бузурги Низомулмулкро дар давлатсозии онон надонистанд ва бо иғвои душманонаш ӯро аз вазорат маъзул карданд ва авзои мулкро ошуфта сохтанд.

### I.2. Нақши Низомулмулк дар таъйини сиёсати дохилӣ ва хориҷии Салҷуқиён

Низомулмулки Тӯсӣ, ки ҳудуди сӣ сол вазорати яке аз қудратмандтарин империяи даврони худ – Салчуқиёнро ба уҳда дошт, тавонист бо раъю тадбири хирадмандонаи худ сиёсати дохилию хориҷии кишварро ба таври бояду шояд роҳандозӣ намояд. Вай ҳангоми вазирии худ ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар умури хориҷӣ ислоҳоти ҷиддӣ гузаронид, ки ҷавобгӯ ба талаботи замон бошад. Ба қавлӣ Носируддин Муншии Кирмонӣ Низомулмулк «бар раъйи вазӣ ва тадбири разӣ давлати Салҷуқиро уббуҳате (шукуҳу ҷалоле) тамом дод ва мамлакати эшонро тартибе ба камол ниҳод».[1]

Низомулмулк корро аз ислоҳоти девонҳо оғоз кард. Дар ин давра девонҳо ва ё вазоратҳои садорат, истифо, ашрофа, барид, арз, иқтоъ, туғро, қазо, авқоф, хосс ва мусодара фаъолият менамуданд. Низомулмулк доираи фаъолияти ҳар девонро мушаххас намуда, зери назорати қатъии хеш қарор дода буд. Девонҳои аҳди вазорати Низомулмулк аз инҳо иборат буд:

1. Девони садорат, ки сарварии онро вазир бар уҳда дошта, аз фаъолияти тамоми девонҳо назорат менамуд.

---

[1] Носируддин Муншии Кирмонӣ. Насоим-ул-асҳор мин латоим- ул- ахбор. Дар таърихи вузаро. С.50.

2. Девони истифо, ки сарвари онро муставфӣ ба зимма дошт ва вазифаҳои он иборат буданд аз: а) ҳисоби умумии даромади давлат; б) ба иҷро расонидани корҳои молии давлат. в) муайян намудани маблағи нақдинаи солонаи давлат.

Дар яке аз фармонҳои султон Санҷари Салҷуқӣ омада, ки муставфӣ бояд дорои чунин хусусиятҳо бошад: шахси мавриди эътимоди давлат, фарди бодиёнат, ба рамз ва ё сухани пӯшидамаънои муомилот огоҳ, дорои хислатҳои хоси мудирият, шахси одил ва бо расму оин ва одоби дарбор ошноӣ дошта бошад.

Дар ин девон ноиби муставфӣ шахси дувум ба ҳисоб рафта, ӯ мисли раиси худ, яъне муставфӣ тамоми молу мулки девонӣ, дахлу харҷ, идора кардани муҳосиботро бар ухда дошта ва аз тарафи худ барои ба иҷро расонидани супоришҳо ба шаҳру вилоятҳо маъмурон мефиристод. Маъмурони ҷамъоварии молиёт ва хироҷро муҳоссил, яъне гирандаи хироҷ мугуфтанд.

Тамоми даромад аз ҳисоби ҷамъоварии молиёт ва хироҷ дар ду хазина: хазинаи марказӣ ва хазинаи харҷ ҷамъоварӣ мешуд. Султон хазинаи махсуси худро дошт.

3. Девони ишроф. Вазифаи ин девон назорат ба тамоми корҳои девонӣ, дарборӣ ва ғайра буд. Раиси онро мушриф меномиданд. Низомулмулк дар тавзеҳи рисолати ин девон ва масъулони он менигорад: «Касонеро, ки бар вай эътимоди тамом аст, ӯро ишроф фармоянд, то он чи ба даргоҳ равад, ӯ медонад ва ба вақте ки хоҳаду ҳоҷат афтад, боз менамояд. Ва ин кас бояд аз дасти хеш ба ҳар шаҳреву ноҳияте ноибе фиристад...Ва эшонро он чи ба кор ояд, аз байтулмол бидиҳанд, то эшон ба хиёнат кардан ва ба ришват ситадан муҳтоҷ набошад».[1]

4. Девони барид. Вазифаи асосии ин девон расонидани хабар ва номаҳои давлатӣ, аз ҷумла ахбори ошкоро ва махфӣ ва ё хабарҳои ҷосусӣ аз ҷониби кормандон ва масъулони ин девон ба султон буд. Низомулмулк дар «Сиёсатнома» дар бораи ин девон ва вазифаҳои он ба тафсил сухан

ронда, зарурияти вуҷуд доштани чунин девонро таъкид менамояд.[2] Аз ҷумла дар бораи фиристодани ҷосусон ба гӯшаву канори кишвар ва огаҳ шудан аз вазъи мавҷуда менависад: «Бояд, ки ба ҳамаи атроф ҳамеша ҷосусон раванд, бар сабили бозаргонон ва сайёҳон ва сӯфиёну доруфурӯшон ва дарвешон. Ва аз ҳар чи мешунаванд, хабар меоваранд, то ҳеҷ гуна аз аҳволи чизе пӯшида намонад».[3]

Девони барид инчунинанд эътимоди мардум ба султон ва амният дар кишварро фароҳам оварда, сари вақт аз исёни роҳбарони вилоятҳо ва ҳамлаи душманони хориҷӣ ба султон хабар медод.[2]

5. Девони арз. Ин девон марбут ба нерӯҳои ҳарбӣ буда, раиси онро ориз ва ё оризи сипоҳ меномиданд. Номи ин девон аз таъбири «арз кардан», яъне гузаронидани сипоҳ аз пеши чашм буд. Вазифаи ин девон асосан аз таъйини дараҷаҳои сипоҳ, таъмини он бо сарбозон, таҳияи арқому омори пардохти моҳона, захираи хӯроки ҳайвоноти мавҷуд дар ихтиёри сипоҳ ва дар ҳангоми ҷанг таҳияи таҷҳизоти ҷангӣ ва дифоӣ буд.

Низомулмулк ташкили сипоҳи муназзамро бар пояи таъмини молӣ, аз дастаҳои мухталиф ташкил кардани он ва ҷалби хуросониёну дайламиён ба сипоҳро муҳим меҳисобад: «Лашкарро мол равшан бояд кардан ва он чи аз аҳли иқтоъ бошанд, дар дасти эшон мутлаќу муќаррар бояд дошт ва он чи ғуломонанд, ки иқтоъ надоранд, моли эшон падид бояд овард...Чун лашкар ҳама аз як ҷинс бошанд, аз он хатарҳо хезад ва сахткӯш набошанд ва тахлит (табоҳӣ) кунанд. Бояд, ки аз ҳар ҷинс лашкар бувад, чунон ки ду ҳазор марди дайламу хуросонӣ бояд, ки муқим ба даргоҳ бошанд».[4]

Таъкиди Низомулмулк аз ду ҳазор сипоҳии дайламӣ ва хуросонӣ пеш аз ҳама бар он аст, ки мехост ба ин восита мавқеи худро дар дарбори Салҷуқиён устувор дошта бошад, дигар ин ки аз ғорат, ки шеваи туркон ба ҳангоми лашкаркашист, дороиҳои мардумро ҳифз намояд.

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С.67.
[2] Ҳамон ҷо. С.68-74.
[3] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С.77.
[2] Беҳтарини тоҷикон. С. 76-80.
[4] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С.99-100.

6. Девони иқтоъ. Мутасаддии заминҳои иқтоъ маъмурони давлатӣ буданд. Давлат ба роҳбарони сипоҳ барои хидматҳояшон қитъаи замин медод, ки он метавонист меросӣ бошад. Дар бораи ин девон ва масъулони он ки муқтеъ номида мешуданд, Низомулмулк дар боби «Андар муқтеон ва баррасидан, ки ба раоё чун меравmember ва аҳволи эшон»[1] сухан гуфта, менависад: «Муқтеон, ки иқтоъ доранд, бояд, ки бидонанд, ки эшонро бар раоё ҷуз он фармон нест, ки моли ҳақ, ки бад-эшон ҳаволат кардаанд, аз эшон бистонанд, ба ваҷҳе неку».[2]

Низомулмулк ба хотири ҷилавгирӣ аз фасод дар кори ин девон ва масъулони он пешниҳоди бисёр муҳиме мекунад, ки он на танҳо дар низомҳои гузашта, балки имрӯз низ аз аҳамияти муҳиме бархӯрдор аст: «Ва дар муҳиммоти мамлакат дар ҳар ду-се сол уммолрову муқтеонро бадал бояд кард, то пой сахт накунанд ва ҳисне (қалъа) насозанду дилмашғулӣ надиҳанд ва бо раоё неку раванд ва вилоят ободон монад».[3]

7. Девони қазо. Дар аҳди Салчуқиён қозиулқузоти кишвар ҷонишини султон дар саросари қаламрави Салчуқиён дар кори аҳкоми шаръӣ буд ва бархе аз корҳои ин соҳаро султон анҷом медод.

Низомулмулк дар фасли «Андар муомилаи қозиён ва хатибон ва муҳосаба ва равнақи кори эшон» менависад: «Бояд, ки аҳволи қозиёни мамлакат ягон-ягон бидонанд ва ҳар кӣ аз эшон олиму зоҳид ва кӯтоҳдасту камтамаъ бошад, ӯро тарбия кунанд ва бад-он кор нигоҳ доранд. Ва ҳаргиз на чунин бувад, ӯро маъзул кунанду ба дигарӣ, ки шоиста бошад, бинишонанд. Ва ҳар якеро аз эшон ба андозаи кифояти ӯ мушоҳарат (моҳона) итлоқ кунанд, то ӯро ба хиёнате ҳоҷат наяфтад, ки ин кор муҳимму нозук аст... Нашояд ин шуғл ба ҷоҳилу нопок додан, илло тафвизи ин кор ба олими бовараъ (парҳезгор. Чун ҳокиме ба ҷаҳлу тамаъ ё қасд имзои ҳукме кунад, ... лозим шавад он ҳукми бадро маълуми подшоҳ гардонидан, он касро маъзул кардан ва молиш додан».[4]

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С.39-48.
[2] Ҳамон ҷо. С.39-40.
[3] Ҳамон ҷо. С.48.
[4] Ҳамон ҷо. С.49.

Дар замони ҳукумати Алпарслон нигоҳдорӣ аз масоҷид ва вақф, анҷоми додрасии шаръӣ ва таваҷҷуҳ ба васиятномаҳо низ дар шумули вазифаҳои қозиулқузот буд.[1]

Дар ин давр султон ва ё қозикалон қозиҳои вилоётро таъйин менамуданд ва онҳо аз як сӯ намояндагии султонро ба уҳда дошта бошанд, аз сӯи дигар намояндаи шариати ислом низ буданд.

Тартиби мансабҳои муназзам дар созмони додрасии қозигии давраи Салчуқиён чунин буд:

1. Султон, ки болотарин дараҷаи қазоват ва раиси ҳамаи созмони додрасӣ дар мамлакат буд.
2. Қозикалон, ки ҷонишини султон дар кори қазоват буд ва бархе аз корҳои ҳукм карданро шахсан анҷом медод.
3. Қозиҳое, ки аз тарафи султон дар вилоятҳо таъйин мешуданд.
4. Ноибони қозии вилоятҳо, ки корашон идораи умури қазоват дар маҳалҳо буд[2].

Дар замони султон Маликшоҳи Салҷуқӣ, ки Низомулмулк ба авҷи қудрат расида буд, бисёре аз корҳои марбут ба дину мазҳабро ба даст гирифт. Аз ҷумла, сарпарастии созмони авқоф, ки худ шахсан ба он назорат мекард. Ширкати ӯ ба корҳои марбут ба дин сабаб шуд, то аз қудрати қозиён дар саросари кишвар коста гардад ва ин замон Низомулмулк тақрибан мансаби қозиулқузотро низ ишғол мекард ва ин буд, ки ин риштаи давлатдорӣ хеле пешрафтҳо дошт.

8. Девони авқоф ва ё вақфҳо. Вазифаи ин девон нигаҳдорӣ аз молу мулки вақф ва назорат ва чигунагии харҷи ин молу мулк буд. Дар баъзе аз мавридҳо ин девон ба қозиҳо супорида мешуд ва онҳо масъулонро барои нигаҳдории молу мулки вақфшуда таъйин менамуданд. Далелҳои вақф кардани молу мулк ё ҷанбаи маънавӣ дошт ва ё тарс аз мусодираи онҳо, ки соҳиби он мутмаин набуд, ки тақдири молу мулкаш баъд аз сари ӯ чӣ мешавад. Шахсе, ки маъмури роҳбарии ин кор буд, соҳиби девони авқоф

---

[1] Самарҷонӣ С. Беҳтарини тоҷикон. С.98.
[2] Низоми ҳукумати Эрон дар даврони исломӣ. С. 358-359.

номида мешуд. Вазифаи соҳиби ин девон тафтиш ва ҷустуҷӯ намудан дар вақфҳо, вақфномаҳо ва равшан кардани шахсоне буд, ки молу мулки худро вақф кардаанд. Ҳамчунин мушаххас кардани чигунагии масрафи ин молу мулк буд.

Низомулмулк саъй менамуд, ки авқофро ба шахсони амонатдор супорад ва намегузошт «нодурустон амволи афродро бихӯранд. Онҳоро ба афроди амин ва мавриди эътимод месупурд».[1]

9. Девони хосс. Вазифаи аслии ин девон расидагӣ ба мулкҳои султон ва таҳияи омор аз ҳосили бардошташуда ва ҳифзу нигаҳдории онҳо буд.

10. Девони мусодара масъули амволи мусодара буд, ки бо авомили мухталиф ба даст меомад. Кори мусодара дар лаҳзае пеш меомад, ки дар ин ё он соҳа бесару сомонӣ ва харҷи зиёдатӣ ба амал омада бошад. Дар натиҷа шахс ба мусодираи молу мулк маҳкум мегашт. Мусодараи молу мулки шахс ангезаҳои дигар ҳам дошт.

11. Девони туғро. Ин девон дар давраи аввали ҳукумати Салҷуқиён он қадар муҳим набуд. Вале ба тадриҷ аҳамияти хос пайдо намуд. «Туғроӣ дар айёми муқаддам як нафар амири ҷавони туркнажот аз табақаи боло буд. Валекин аз замони вазорати Низомулмулк ба дасти аъзои девонӣ афтод ва чизе нагузошт, ки ин девон давотхонаи императорӣ гардид ва муншӣ ё гузоришгарии муҳовирот ва мукотиботи расмӣ тобеи шахсе шуд, ки пас аз вазир ва муставфӣ муҳимтарин мақоми императорӣ ба шумор мерафт».[2]

Аҳамияти девони туғро дар давраи вазорати Низомулмулк хеле боло рафт. Дар охирҳои замони ҳукумронии ӯ ин девон ба маркази зидди таблиғи вазир табдил ёфт ва нақши зиёде дар суқути Низомулмулк низ бозид. Дар ин маврид Бундорӣ чунин менависад: «Низомулмулк ду нафар ҳамкори амин дошт. Ин ду Камолуддавла Абдулризо Фазл ибни Мансур ибни Муҳаммад соҳиби девони туғро ва иншо ва дигаре Шарафулмулк Абӯсаъд Муҳаммад ибни Мансур ибни Муҳаммад соҳиби девони истифо

---

[1] Самарҷонӣ С. Беҳтарини тоҷикон. С.102.
[2] Самарҷонӣ С. Беҳтарини тоҷикон. С.81.

буданд. Ин ду ҳар як ноибе доштанд. Ноиби Камолуддавла фарзандаш саидалруассо Абулмақосин, ки ӯ мавриди қабули ҳама буд. Мақоми ӯ дар наздикӣ ба султон Маликшоҳ ва муҳаббати султон ба вай ба ҳисобе расид, ки ҳеҷ ҳамнишине ва ҳамсуҳбате он мақомро наёфт. Саидалруассо домоди Низомулмулк шуд, аммо ноиби Шарафулмулк устод Абуғолиб Баровастонии Қумӣ ва Наҷиби Гулпойгонӣ буданд. Сипас Абулғолиб аз кор канора гирифт ва бар ҷои вай Абулфайз Асъад ибни Муҳаммад ибни Мусо Баровастонӣ (ӯ сипас лақаби Маҷдулмулк гирифт) ноиб шуд... Фармондори Форс вазире дошт, ки ба вай Ибни Баҳманёр мегуфтанд ва Амидуддавла лақаб дошт. Вай марди боҳикмат ва ба корҳои кишвар бино ва ба ҳузури султон расид ва мақом ва манзалати вай боло рафт. Миёни ин Баҳманёр ва саидурруасо дӯстӣ ва ягонагӣ барқарор шуд, вале ҳар ду ба офат ва душманӣ бо Низомулмулк гирифтор шуданд ва дар ин душманӣ муттаҳид ва якдил ва якзабон шуданд. Аз ин рӯ ба ҳабс ва занҷир гирифтор шуданд ва ҳар ду кӯр шуданд ва мақоми Камолуддавла бо суқути фарзандаш нузул кард. Вай сесад ҳазор динор ҷарима ба хазинаи султон аз моли хоси худ пардохт ва сипас фарзанди Низомулулк Муидулмулк ба ҷои Камолуддавла уҳдадори девони иншоъ ва туғро гардид».[1]

Авфӣ дар бораи ихтилофи Муидулмулк ибни Низомулмулк бо Адиб Зузанӣ, ки ба мақоми туғро расид ва дар осеб расонидан ба ҳашмати Низомулмулк нақш дошт, менависад: «Дар аҳди Абулмаҳосин ноиби вай марде ба номи Абуҷаъфар Зузанӣ буд, ки солҳо дабирии султон карда буд ва султон ӯро ҳаққулмаърифат мешинохт. Муидулмулк Исмоил Котиби Исфаҳониро, ки аз ҷумлаи куттоб буд, наёбати худ кард ва Зузаниро кор нафармуд. Адиб Зузанӣ бекор шуд ва ҳар чанд шафеон ангехт, Муидулмулк истимоъ накарда вай пеши султон Маликшоҳ рафт. Аз вай хост то Муидулмулк ӯро ба кор гуморида ва агарчи султон қозии лашкар Музаффари Сангиро пеши Муидулмулк фиристод, Муидулмулк дар ҷавоб гуфта буд: «Фармон подшоҳро бошад, валекин ман савганд хӯрдаам, ки то ман дар кор бошам, Адибро кор нафармоем». Вақте қозӣ аз пеши

---

[1] Исфаҳонӣ Бундор. Таърихи силсилаи Салҷуқӣ. Теҳрон, 1977. С. 70.

Муидулмулк баргашт ва гузоришро ба султон дода, султон гуфт: «Ман низ савганд хӯрдаам, ки Адибро туғрокашӣ бифармоям. Сипас дастур дод Муидулмулкро аз кор барканор кард ва Зузаниро бар ҷои вай ниҳод. Низомулмулк ӯро таҳният гуфт ва башошат намуд. Ва Адиб то дар ҳаёт буд, мақоми туғроиро ба аҳд дошт ва истибдоди Муидулмулк яке ӯро зиён кард ва дигаре асбоби нуқсони ҳашмат ва ҳурмати Низомулмулк гашт».[1]

Тоҷулмулк Абулғаноим, ки дар барканории Низомулмулк аз мақоми вазорат нақши аслӣ дошт, ин замон раёсати девони туғро ва иншои султон ва вазорати Турконхотунро ба уҳда дошт.

Ба таври куллӣ бояд гуфт, ки Салҷуқиён низоми идориро, ки аз усули давлатдории Сомониён ба ирс бурда буданд, тавонистанд бо тағйироте андаке дар он сарзаминҳои густурдаи зери фармони худро то ҳудуде муназзам идора кунанд. Дар асоси усули давлаттории Салҷуқиён қарор додани низоми давлати Сомониён пеш аз ҳама аз таваҷҷуҳи хосе, ки Низомулмулк ба ин хонадон дошт, сарчашма мегирад. Бо баёни ҳар матлабе дар «Сиёсатнома» Низомулмулк аз Сомониён ба некӣ ёд мекунад, аз ҷумла дар бораи Исмоили Сомонӣ менависад: «Амири Одил аз ҷумлаи Сомониён будааст, ки ӯро Исмоил ибни Аҳмад гуфтандӣ, сахт одил будааст ва ӯро сиратҳои неку бисёр будааст...Ва ин Исмоил он аст, ки ба Бухоро нишастӣ ва Хуросону Ироқ ва Мовароуннаҳр ҷумла падарони ӯ дошта буданд».[2]

Аз усули қабилавии идораи давлат дасткашидани Салҷуқиён ва зери таъсири шеваи мутамарказгароии ин вазири тавоно қарор гирифтани онҳо таҳаввулотеро дар низоми идории мамлакат ба вуҷуд овард.

Низомулмулк бар ин ақида буд, ки тавсеаи қаламрави Салҷуқиён боиси афзоиши қудрати давлат мегардад ва барои ин, ки ба яке аз давлатҳои неруманд табдил ёбад, лозим буд то кишварҳои обод тобеи он бошанд. Дар давраи вазорати ӯ ин фурсат фароҳам омад ва ба ӯ муяссар шуд, ки қудрати давлаташро ба ҳамсоякишварҳо нишон диҳад. Дар робита

---

[1] Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ул-ривоёт. Теҳрон, 1984. С. 70-75.
[2] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С.24.

ба ин Ибни Асир чунин менависад: «Қабл аз ҳаракат ба сӯи Самарқанд барои тасарруфи он султон ба Исфаҳон тоза ворид шуда буд, ки фиристодаи подшоҳони Рум ба он ҷо расид ва хироҷи муқаррараро барои султон ба ҳамроҳ оварда буд. Хоҷа ӯро ҳам ба ҳамроҳ бурд ва дар фатҳи билод ҳозир буд. Ҳамин, ки ба Кошғар расиданд, Хоҷа Низомулмулк ба фиристодаи Рум иҷоза дод ба билоди худ бозгардад ва гуфт: «Дӯст доштам, ки дар таворих аз мо зикре шавад, ки подшоҳи Рум ҷизя барои мо фиристод. Ва онро то ба дарвозаи Кошғар ба ӯ расонд ва аз ин раҳгузар вусъати қаламрави султон бар вай маълум гардад ва тарси ӯ бештар шавад, то дучори васваса ва сарпечӣ аз итоат накунад».[1]

Низомулмулк бо нишон додани вусъати сарзамини Салҷуқиён барои фиристодаи императори Рум баёнгари он аст, ки ин вазири қудратманд чӣ қадар ба ин ақида вафодор аст. Зеро ӯ баъд аз фатҳи Самарқанд низ ба вусъат бахшидани қаламрави Салҷуқиён ва афзоиши қудрати султон ва давлат муҳобот мекунад ва онро на танҳо омиле дар ҷиҳати пешгирӣ аз саркашии императори Рум медонад, балки онро барои оянадагон мояи эътимоди давлатдорӣ медонад.

Маҳмуд ибни Муҳаммади Оқсаройӣ дар китоби «Таърихи Салоҷуқа» дар ин бора чунин менависад: «Дар аҳди Маликшоҳ гӯянд, ки Низомулмулк Ҳасан, ки вазири ӯ буд, ба вақти мурочиати султон аз Самарқанд, баъд аз он ки фатҳи он диёр намуда буд, хоқони Самарқандро асир оварда, ба вақти убур аз маъбари Ҷайҳун иҷрати маллоҳон ва ҷарояти сагбонон ба Истанбул ва Антокия навишт ва султон аз ин маънӣ бозхост кард, ки ваҷҳе, ки бар канори Ҷайҳун харҷ мебояд кардан, ба Антокия ва Истанбул навиштан чӣ ваҷҳ дорад. Гуфт, ки ман ин ҷо он ваҷҳ ва масрафи вуҷуб мерасонам ва онро ба иваз бииситонам ҷиҳати номуси давлат ба интишори ҳукм, то вақте гӯянд, ки Антокия ва Истанбул ротиби сагбонон ва киштибонони Маликшоҳ буд. Агарчи дар он муддат Антокия ба куллӣ мусаххар нашуда буд, аммо сесад ҳазор дирам мутааҳҳид шуда

---

[1] Ибни Асир. Комили таърихи бузурги ислом ва Эрон. Тарҷумаи Алӣ Ҳошимии Ҳоирӣ. Ҷ. 17. Теҳрон. 1991.С. 147.

буд ва сол ба сол мерасонид ва он маблағро дохили дигар амволи диёри Араб карда буданд ва ба Хоҷа намерасониданд».[1]

Низомулмулк бо ҳарос додани душманони хориҷиаш фазои тарсу ҳаросро ба амирони дохилӣ барои ҷилавгирӣ аз сарпечӣ ва итоати онҳо ба ҳукумати марказӣ фароҳам месохт. Бе шак Низомулмулк бо истифода аз дараҷаи қудрату тавоноии хеш дар назди султон даст ба чунин корҳо мезад. Бундори Исфаҳонӣ дар робита ба ин амалҳои Хоҷа Низомулмулк чунин менависад: «Гоҳе Низомулмулк ҳазор динор барои яке аз сипоҳиён ҳуқуқ таъйин мекард ва нисфи ин муқарририро ба шаҳре аз шаҳрҳои Рум ҳавола медод ва ними дигари онро ба дуртарин нуқоти Хуросон. Соҳиби ҳавола чун аз вусули муқаррарӣ мутмаин буд, чӣ медонист навиштае, ки имзои вазирро дорад қобили накул нест, хушҳол ва розӣ буд».[2]

Низомулмулк барои нишон додани қудрату тавоноии худ подшоҳони давлатҳои ҳамсоя ва амирони кишварҳоро вазифадор мекард, ки ба хазинаи султон барои эмин будан аз лашкаркашӣ молиёт ва хироҷ фиристанд. Қарор дода буд, ки ҳокимон ва амирони шаҳру вилоятҳо бояд тобеи даргоҳи султон бошанд, русуми дарборро риоя намоянд ва ҳангоми ниёз ба сипоҳ султонро мадад кунанд, зеро вай таваҷҷуҳи зиёде ба сипоҳиён дорад.[3]

Сиёсати Низомулмулк дар густариши марзҳои кишвар аз ҳисоби ишғоли сарзаминҳои дигар аз он ҷо муайян мегардад, ки вай ба султон Маликшоҳ пешниҳоди ҳафтсад ҳазор сипоҳиро мекунад ва аз султон мехоҳад бо ин миқдор сипоҳ Ғазнӣ, Синд, Туркистон, Чину Мочин, Яман, Ҳабашистон, Барбар, Мағриб, Шом, Андалузия ва Қирвонро тасарруф намояд. Низомулмулк дар бораи кишваркушоиҳо ва таъсис додани як ҳукумати бузурги ҷаҳонӣ мегӯяд: «Яке фасоди мулк меҷӯяд ва тавфирҳо менамояд, худовандро бар он дорад, ки ҷаҳон софист ва ҷои душман ва мухолифе нест, ки муқовимат тавонад кард ва қурби чаҳорсад ҳазор савор

[1] Оқсаройӣ, Маҳмуд ибни Муҳаммад. Таърихи Салоҷуқа. Тасҳеҳи Усион Турон. Анқара, 1983. С. 18-19.
[2] Бундори Исфаҳонӣ. Таърихи силсилаи салҷуқӣ. С. 67.
[3] Ҳамон ҷо. С. 68.

ҷомакихор дорад, ҳафтод ҳазор кифоят бошад ва ба ҳар вақту миҳиме номзад кунад... ки ҳар сол чандин ҳазор-ҳазор динор тавфир бошад ва ба андак рӯзгор хазина пур шавад. Ва чун бар лафзи худованд ин маънӣ бирафт, донистам, ки ин сухани кист ва дар ин фасоди мулк мехоҳад. Агар чаҳорсад ҳазор мардро ҷомақи медиҳад, лоҷарам Хуросну Мовароуннаҳр ва Кошғару Балосоғун ва Хоразму Нимрӯз ва Ироқу Порс ва Шому Озарбойҷон ва Армaну Антокия ва Байтулмуқаддас ҳама худовандро ҳаст. Бояд, ки ҷои чаҳорсад ҳазор ҳафтсад ҳазор савор будӣ ва вилоят беш будӣ. Ва Синду Ҳинду Туркистон ва Чину Мочин худовандро будӣ ва то Ҳабаша ва Барбар Руму Миср ва Мағриб дар итоат будӣ ва чун аз чаҳорсад ҳазор савор ҳафтод ҳазор бидоранд, сесад ҳазору сӣ ҳазор мардро ном аз девон маҳв кунанд ба ҳама ҳол сесаду сӣ ҳазор марди дигар ба изофати он шавад то зинда бошанд чун аз ин давлат умедашон бурида шавад».[1]

Аз ин гуфтаҳо хулоса мешавад, ки Низомулмулк дар даврони подшоҳии Алпарслон ва Маликшоҳи Салҷуқӣ роҳбар ва илҳомбахши таъйини сиёсати хориҷии Салҷуқиён будааст. Муҳаммад Котиби Самарқандӣ дар китоби «Эъроз-ал-сиёса фӣ эъроз-ал-раёса»-и худ дар зимн чунин менависад: «Ӯ (Маликшоҳ) мегӯяд: «хушии зиндагонӣ дар се чиз аст: вусъати макон, касрати хидматгорон ва мувофиқати фарзандон ва ёрон».[2]

Низомулмулк дар пайи сиёсати кишваркушоии худ дар даврони вазириаш ба қисме аз орзую омоли худ ноил мегардад. Дар давраи вай сипоҳиёни давлати Салҷуқиён дар Шарқ то Кошғар ба пеш мераванд ва дар Ғарб бо шикасти империяи Руми Шарқӣ ва фатҳи сарзаминҳои таҳти тасарруфи халифаҳои фотимӣ ғайр аз Миср қадамҳои устувори худро ба сӯи амалӣ гардидани андешаҳои Хоҷа Низомулмулк бармедоранд.

Ба назар мерасад, ки Низомулмулк чун пешвои мазҳаби шофеӣ дар ин роҳ мехост, ки як ваҳдати динии ҷаҳони исломро дар асоси мазҳаби шофеӣ

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Бо ҳавошӣ ва ёддоштҳо ва ишорот ва тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ. Чопи дувум. Теҳрон, 1344 (-295 с.). С.185-186.
[2] Самарқандӣ, Муҳаммад ибни Алӣ ал-Котиб. Эъроз-ал-сиёса фӣ эъроз-ал-раёса. Тасҳеҳи Ҷаъфари Шиор. Теҳрон, 1980. С. 398-399.

барпо кунад ва аз ин дидгоҳ хоҳони як императории ҷаҳонӣ таҳти нуфузи давлати Салҷуқиён буд. Вай муътақид буд, ки асоси мулк лашкар аст, ҳарчи теъдоди лашкари зиёд бошад, вилоятҳои бештар таҳти фармони ҳукумат мешаванд ва расидан ба ҳадафи дар боло зикршуда осонтар мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки баъд аз марги Хоҷа Низомулмулк ва Маликшоҳи Салҷуқӣ подшоҳони баъдии ин хонадон саъю кӯшиш карданд, ки ин ҳадафҳоро амалӣ намоянд. Аз ҷумла, султон Санҷар Ғазниро фатҳ намуд, вале мухолифати дохилии шоҳзодагон ва заифии давлат монеъ аз амалӣ гаштани ин ҳадафҳо шуд.

Дар тӯли вазирии Низомулмулк дар давраи подшоҳии Алпарслон ва Маликшоҳ ин ду султон дар сиёсати хориҷӣ комилан бо андешаи Низомулмулк ҳамназар буданд ва махсусан дар давраи Маликшоҳ Низомулмулк аз қудрати бештаре бархӯрдор шуда, тавонист бахше аз орзуҳои худро дар сиёсати кишваркушоӣ амалӣ созад. Дар робита ба ин Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар тазкираи «Лубоб-ул-албоб» чунин менависад: «Низомулмулк дар навбати давлати Маликшоҳ қоидаи ҷаҳондориро истеҳкоми тамом дод ва тамомати мамолики Рум бо Хуросон ва Ироқ ва Мовароуннаҳр мазбут гашт».[1]

Низомулмулк ва Алпарслон ба ин бовар расида буданд, ки барои пешгирии ҳуҷуми душман бояд ба сари душман ҳуҷум кард ва вайро дар лонааш нобуд сохт. Бинобар ин дар давраи аввали ҳукмронии Алпарслон Низомулмулк давлати Румро ба дараҷаи давлати Фотимиёни Миср барои давлати Салҷуқиён хатарнок медид. Воқеае, ки бештар Алпарслон ва Низомулмулкро муваҷҷеҳи ин амр намуд, дастгир гардидани халифаи Аббосиён Қоим Бомируллоҳ аз тарафи румиҳо бошад. Муаллифи «Табақоти Носирӣ» дар ин бора чунин менависад: «Алпарслон дар соли 1061-1062 азимати забти мамолики Туркистон буд. Чун ба ҳудуди Кошғар ва Балосоғун расид, мухбирон дар ақиб бирасиданд ва хабар доданд, ки амиралмуъминин ал-Коим Бомируллоҳро ҳодисаи саъб афтод ва миёни ӯ

ва лашкари насории Рум масофе буд ва ҳазимати лашкари ислом афтод ва амиралмуъминин гирифтор омад. Ва ӯро ба қалъае муқайид ва маҳбус карданд, ки дар ҷиболи билоди Анбор ва Ҷазира аст. Аз навоҳии сарҳади Рум ва он қалъа бар кӯҳи шомих аст бар шати оби Фурот. Алпарслон бо сад ҳазор савори ҷаррори теғзан инсироф намуд бар сабили таъҷил барои истихлоси амиралмуъминин ва интиқоми лашкари ислом ва дар қатъи манозил суръати ба ҳадде фармуд, чунончи дар шонздаҳ рӯз ва ҳафдаҳ рӯз ва илло билҳақиқа аз Балосоғун ба пои он қалъа, ки бар шати Фурот буд, расид ва ба тарикe, ки даст дод, соҳиби он қалъаро ба ислом даъват кард ва ба ташрифоти мусулмонӣ ӯро мушарраф гардонид ва амиралмуъмининро аз он қайд халос дод».[2]

Низомулмулк ва Алпарслон дар ин давра ба хатари Рум ба андозаи давлати Фотимӣ пай бурда, эҳтимол меравад ба ин натиҷа расиданд, ки қудрат ёфтани онон мумкин аст боиси наздикии давлат бар зидди давлати Салҷуқиён гардад ва қабл аз ин ки ин ду давлат иттиҳод ба якдигар диҳанд, бояд яке аз ин ду ҳамла намуд ва онро аз миён бардошт. Алпарслон Арманистонро барои ҳамла интихоб мекунад. Нависандаи китоби «Ҷангҳои салибӣ» дар ин маврид менависад: «Алпарслон аз бими иттифоқи эҳтимолии Фотимиён ва давлати Рум бар он шуд то пеш аз пардохтан бо кори Фотимиён бо тасхири Арманистон хештанро аз хатари румиён масун гардонад»[3]. Ибни Асир аз лашкаркашии Алпарслон ба ҷониби Рум зикре карда, аз ҷумла менависад: «Дар аввали рабеулаввали соли 456 ҳ.қ.(март-апрели соли 1064) султон аз Рай ба Озарбойҷон раҳсипор шуд ва пас аз расидан ба Маранд тасмим ба ҷанг ва ғазваи Рум гирифт. Ҳангоми таваққуф дар Маранд амире аз умарои туркмон ба номи Туғдкин, ки бештар ба ғазваи Рум мерафт, ба ҳузури султон расид ва гурӯҳе аз ашираи ӯ, ки ошноӣ бо ҷиҳод доштанд, он билодро мешинохтанд, ҳамроҳи вай буданд. Туғдкин Алпарслонро ташвиқ кард

---

[1] Авфӣ, Муҳаммад. Тазкираи «Лубоб-ул-албоб». Теҳрон, 1982. С. 116.
[2] Абӯнаср Минҳоҷуддин Усмон ибни Муҳаммад Сируҷуддини Ҷузҷонӣ.Табақоти Носирӣ. Теҳрон, 1953. С. 202-203.
[3] Рашод Муҳаммад. Таърихи ҷангҳои салибӣ. Теҳрон, 1978. С. 82.

қасди билоди Рум кунад ва роҳи мустақими рафтан ба сарзаминҳои румиёнро барои ӯ тазмин кард ва ба ҳамроҳи ӯ шуд. Ҳамин ки Алпарслон аз гирдоварии сипоҳ ва тадоруки киштиҳо фароғ пайдо кард ва ба билоди Карх рафт, дар он ҷо Маликшоҳ фарзанди хешро ба ҷои худ фармондеҳи сипоҳ кард ва Низомулмулкро вазири ӯ таъйин кард. Маликшоҳ ва Низомулмулк ба қалъае расиданд, ки гурӯҳи касире аз румиён дар он ҷамъ шуда буданд. Низомулмулк ва Маликшоҳ дар он нуқта фуруд омад ва он қалъаро тасхир ва амири онро куштанд ва аз он ҷо ба қалъаи Сарморӣ рафтанд. Онҳо он қалъаро мутасарриф шуданд. Маликшоҳ хост он қалъаро хароб кунад ва Низомулмулк монеъ шуд ва гуфт: «Ин ҷо марзи муслимин аст ва онро бо мардони размандa ва захоир ва амвол ва силоҳ пур ва муҷаҳҳаз кард». Ва ин қалоъро, ки гушуда буданд, таслими амири Нахҷувон намуданд. Маликшоҳ ва Низомулмулк аз он маҳал ба шаҳри мирнишин раҳсипор шуданд ва дар он шаҳр гурӯҳи зиёд аз роҳибон ва кашишон иқомат доштанд ва мулуки насорӣ ва оммаи мардуми насорӣ ба сокинони ин шаҳр тағарруб меҷустанд ва шаҳре мустаҳкам буд ва беруни шаҳр аз сангҳои бузург ва хоро, ки бо сурб ва оҳани гудохта ба ҳам пайваста буд, бино шуда буд ва рӯди бузурге наздик бад-он ҷараён дошт. Низомулмулк барои пайкор тадорукот бидид. Он чӣ аз киштиҳо ва ғайраҳо мавриди ниёз буд, фароҳам овард ва иқдом ба ҷанг кард ва набардро рӯзу шаб идома дод ва сипоҳиён дар он нуқта ба навбат ба пайкор пардохтанд. Куффор аз идомаи набард фарсуда ва сустӣ ва хастагӣ онҳоро фаро гирифт ва мусулмонон дар пешравии худ ба боруи шаҳр расиданд ва нардбонҳо бар онҳо насб карда, бар фарози он боло рафтанд. Зеро ки теша бар сангҳои боруи шаҳр нақб задан бад-он коргар наяфтода буд. Ҳамин ки аҳолии шаҳр мусулмононро бар болои боруи шаҳр бидиданд, бозувонашон аз кори ҷанг васитез биафтод ва шаҳр ба дасти мусулмонон афтод ва Маликшоҳ вориди шаҳр шуд ва Низомулмулк ба ҳамроҳи ӯ байатгоҳ бисӯзонданд ва хароб карданд ва бисёре аз аҳолии шаҳрро куштанд ва бисёре ҳам таслим шуданд».[1]

---

[1] Ибни Асир. Комили таърихи бузурги ислом ва Эрон. С. 17.

Низомулмулк ва Маликшоҳи Салҷуқӣ давлати Абхозистонро фатҳ намуда, ба назди Алпарслон баргаштанд. Худи султон Алпарслон ба вилояти Картелии Гурҷистон рафт. Подшоҳи давлати Абхозистон ночор ба пардохти хироҷ ва додани духтари худ ба Алпарслон ба сулҳ розӣ шуд. Ин духтарро баъдҳо Алпарслон талоқ дод ва Низомулмулк ба никоҳи худ даровард.

Фатҳи Арманистон на танҳо дар таърихи императории Салҷуқиён, балки дар миқёси байналмилалӣ низ аз аҳамияти фаровоне бархӯрдор буд. Рафтори сарбозон бо сардории Низомулмулк ва Маликшоҳи Салҷуқӣ дар қатли мардуми пайрави дини масеҳӣ, ҳамчунин аҳамияти стратегии Арманистон барои империяи Руми Шарқӣ аз ҷониби лашкари Салҷуқиён сабаби ҷангҳои салибӣ ба ҳисоб меравад.

Тавре ки дар боло баён намудем, султон Алпарслон фарзандаш Маликшоҳ ва Низомулмулкро барои фатҳи Арманистон ба он сарзамин фиристода буд. Фармондеҳии лашкар расман бар уҳдаи Маликшоҳ вогузор гардид. Аммо чун Маликшоҳ хеле ҷавон буд, тамоми корҳо ба дасти Низомулмулк ба анҷом мерасид. Фатҳи Арманистон ифтихори бузурге барои ин вазири муқтадир ба ҳисоб мерафт. Зеро дар ин фатҳ яке аз нуқтаҳои стратегии империяи Руми Шарқӣ ба дасти лашкари давлати Салҷуқиён афтод.

Пас аз хотимаи ин ҷанг байни Салҷуқиён ва Руми Шарқӣ паймони сулҳ ба муддати 50 сол ба имзо расид. Империяи Руми Шарқӣ уҳдадор гардид, ки муодили 1,5 миллион сиккаи тилло ба Алпарслон товони ҷанг бидиҳад ва соле 360 ҳазор сиккаи тилло ба унвони хироҷи давлати Салҷуқиён бипардозад. Ҳамчунин ҳамаи асирони ҳарбиро ҷониби Руми Шарқӣ озод намуд.[1]

Фатҳи шаҳри Малозиград воқеъ дар миёни Ихлот ва Арзурум яке аз воқеаҳои муҳими таърихи Осиёи Ғарбӣ мебошад. Зеро баъд аз ҳодиса:

---

[1] Ибни Бибӣ. Ахбори салоҷуқаи Рум. Ба эҳтимоми Муҳаммадҷаводи Машкур. Теҳрон, 1971. С. 77.

1. Румиҳо, ки ҳамвора аз аҳди Ашкониён дар Арманистон эҳтимоли нуфуз мекарданд, дигар ба ин сарзамин рӯй наоварданд.

2. Баъд аз ин фатҳ ба тадриҷ Осиёи Хурд низ аз таъсири пайравони дини масеҳӣ берун шуд. Дар натиҷа тамаддуни юнонӣ ва расму русуми масеҳиён муддати тӯлонӣ дар натиҷаи нуфузи Руми Шарқӣ то ҳудуди Аррону Озарбойҷон таъсир пайдо карда буд, ҷои худро ба тамаддуни исломӣ ва забони форсӣ-тоҷикӣ дод.[1]

3. Пас аз фатҳи Малозиград як силсила ҷангҳо миёни мусулмонон ва масеҳиён сар зад, ки ба ҷангҳои салибӣ маъруф буда, ки ин ҷангҳоро метавон яке аз паёмадҳои ҷанги Малозиград донист.

4. Баъд аз ин пирӯзӣ оҳиста-оҳиста дар ин минтақа давлати нав бо номи Салҷуқиёни Рум таъсис гардид, ки он ба таъсиси империяи Усмонӣ асос гузошт. Соли 1092 пойтахти рақиби асосии онҳо - давлати Фотимиёни Миср, шаҳри Қоҳира аз ҷониби артиши Салҷуқиён фатҳ гардид.

Яке аз ҳадафҳои Низомулмулки Тӯсӣ дар густариши марзҳои шимолу шарқии давлати Салҷуқиён ин тасхири Кошғар ва Чин буд. Дар пайравӣ аз ин сиёсат вай дар интизори расидани фурсати муносиб буд ва ин ҳадаф соли 1089 ҷомаи амал пӯшид. Барои лашкаркашӣ ба сӯи марзҳои шарқии империяи Салҷуқиён сабабе пайдо шуд. Дар ин ҳангом ҳокими Самарқанд Муҳаммадхон ибни Хизрхон, ки бародарзодаи Турконхотун - ҳамсари султон буд, аз итоат ба ҳукумати марказӣ саркашӣ менамуд. Сабаби дигари ҳуҷуми лашкари Салҷуқӣ ба Самарқанд афзудани ҷабру зулми Муҳаммадхон ба мардуми ин сарзамин ва шикояти онҳо ба дарбори Салҷуқиён гардид. Дар ин маврид муаллифи «Таърихи комили Эрон» чунин менависад: «Чун аҳолии он ҳудуд аз аъмоли ҳукмрони Самарқанд ба танг омада, маҳрамона Маликшоҳро ба гирифтани он билод таҳрик карданд».[2]

В.В. Бартолд дархости фақеҳи шофеӣ Абӯтоҳир ибни Иликро аз Маликшоҳ омили ин лашкаркашӣ медонад ва менависад: «Дар оғози

---

[1] Баҳромӣ, Акбар. Таърихи Эрон аз зуҳури ислом то суқути Бағдод. Теҳрон, 1971. С. 715.
[2] Иқбол, Аббос. Таърихи Эрон. Теҳрон, 1983. С. 201.

салтанати Аҳмад вазир Абӯнаср Сулаймони Кошонӣ, ки дар замони Хизр – падари Аҳмадхон қозиулқузот буд, эъдом шуд. Бино ба гуфтаи Самъонӣ рафтори ӯ ҳамчун султон чандон хуб ва шоиста набуда ва ба нақл аз Ибни Асир хони ҷавон ба аҳолӣ фишор меовард ва Абутоҳир ибни Илик фақеҳи шофеӣ аз тарафи мазлумот Маликшоҳро ба ёрӣ металабад».[1]

Соли 1089 Салҷуқиён ба сӯи Бухоро лашкар кашида, он ҷоро ишғол намуда, сипас пас аз муҳосираи тӯлонӣ Самарқандро низ ба тасарруфи худ даровvarданд. Пас шаҳри Узкантро низ тасарруф намуданд. Аҳмадшоҳро асир гирифта, ба шаҳри Исфаҳон оварданд. Аммо чун Аҳмадшоҳ бародарзодаи Турконхотун буд, бори дигар ба мансаби ҳокимии Самарқанд расид. Вале соли 1095 дар мубориза бар зидди рӯҳониён ҳалок шуд. Муаллифи рисолаи «Муҷмал-ут-тавохир ва-л-қисас» дар ин бора чунин менависад: «Хон, чунон ки гузашт, дар даврони иқомати хеш дар Эрон бо дайламиёни баддин робита дошта ва пас аз бозгашт вай ба Мавороуннаҳр ба баддинӣ муттаҳамаш карданд. Аҳмад дар пойтахт observer онҷунон маҳбуби омма буд, ки иқдом ба қиём дар он маҳал шумурда мешуд. Дору дастаи лашкариён, Туғрул Янолбек раиси шаҳри Кошонро розӣ кард, ки аз давлат дурӣ кунад. Чун Аҳмад бо лашкар ба зери ҳисор расид, сарони сипоҳ туғён карданд, хонро гирифта ва ба Самарқанд бозгардонданд. Дар он ҷо хони махлуъ аз тарафи рӯҳониён муҳокима шуда, Аҳмад хештанро аз ҳеҷ ҷиҳат муқассир нашинохт. Вале қузот далоили ҷурмро кофӣ донистанд. Хон ба марг маҳкум ва ба зеҳи камон хафа шуд».[2]

Пас аз тасарруфи Самарқанд ва фиристодани Аҳмадшоҳ ба Исфаҳон Маликшоҳ ба сӯи Кошғар ҳаракат намуда, ба Узганд расид. Хони Кошғар изҳори итоат кард ва ба номи Маликшоҳ хутба хонда, сикка зарб зад.[3]

Ҳамин тавр Низомулмулк дар сиёсати кишваркушоӣ ба ҷониби сарзаминҳои шарқӣ ба бархе аз орзуҳои худ расид.

---

[1] Бартолд В.В. Туркистонноma. Тарҷумаи Карими Кишоварз. Теҳрон, 1973. С. 662.
[2] Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас. Ба тасҳеҳи Маликушшуаро Баҳор. Теҳрон. 1318. С. 408.
[3] Самарҷонӣ, Ҳасан Содиқӣ. Беҳтарини тоҷикон. Теҳрон, 2004. С. 214.

Низомулмулки Тӯсӣ андешаҳои пешгузаштагони донишмандро омӯхта, оид ба қишрҳо ва ё табақаҳои мухталифи ҷомеъа изҳори назар намудааст. Вай таъкид менамояд, ки ҷомеаи инсонӣ аз табақоти гуногун асос ёфтааст. Гурӯҳе аз инсонҳо бо кишоварзӣ, гурӯҳи дувум бо ҳунармандӣ, гурӯҳи дигар бо тиҷорат, гурӯҳе ҳам ба корҳои роҳбарӣ ва ғайра машғуланд. Вай роҷеъ ба табақаҳои рӯҳониён, иқтоъдорон, лашкариён, деҳқонон, қозиён, роҳбарони дараҷаҳои гуногун, аз ҷумла шаҳрдорон ва ғайра андешаронӣ карда, дар зимн ҳуқуқ ва вазифаҳои ҳар кадоме аз онҳоро муайян менамояд.

Яке аз дигар масоили бисёр муҳиме, ки таваҷҷуҳи Низомулмулкро ба худ ҷалб намудааст, масъалаи тарзи идораи дастгоҳи давлатӣ мебошад. Бояд гуфт, ки дар таърихи осори иҷтимоию сиёсӣ асареро пайдо намудан мушкил аст, ки чун «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ба сохти идораи дастгоҳи давлатӣ ин қадар таваҷҷуҳи хос дода бошад. Мавзӯи низоми давлатдорӣ, муносибати хоси подшоҳон ба вазирону ҳокимон, муносибати онҳо нисбат ба зердастон ва ҳимояи ҳуқуқҳои мардуми оддӣ ҳамчун матлаби асосии ҳамаи фаслҳои ин асарро ба тариқи як силсилаи муайян ба ҳам мепайванданд. Бесабаб нест, ки муҳаққиқон нуқтаи назари Низомулмулкро дар бораи идораи давлат консепсияи ӯ роҷеъ ба «салтанату вазорат» номидаанд. Муҳтавои консепсияи (таълимот) мазкур дар он ифода меёбад, ки давлатро бояд шоҳ идора намояд. Танҳо тавассути шоҳ – ҳокими мутлақ метавонад ҳалқ қобилияти дар худ ниҳон бударо ошкор сохта ва ба пешрафти ҷомеа ҳиссагузор гардад. Ҳама бояд бе ҳеҷ шакку тардид ба подшоҳ итоат кунанд.

Хулоса, авҷи қудрати давлати Салчуқиён ба давраи подшоҳии Алпарслон ва Маликшоҳ рост меояд, ки вазири ҳар ду ин султони салчуқӣ Низомулмулки Тӯсӣ буд. Вай дар тӯли қариб сӣ сол вазорат ҳамеша дар маркази таъйини сиёсати дохилӣ ва хориҷии Салҷуқиён қарор дошт.

Низомулмулк дар сиёсати дохилӣ роҳи пешгирӣ ва бартараф намудани ихтилофоти табақотӣ, ҷангу ҷидол ва сабаби ба амал омадани ошуфтагии авзоъро нишон дода, ба подшоҳон маслиҳат медиҳад, ки ду омилро

мавриди назар қарор диҳанд. Аввалан расму ойини пешинро риоя намуда, аз ҳоли кулли сокинони кишвар бохабар бошанд. Дигар ин ки ба табақаҳои гуногуни ҷомеъа новобаста ба мақоми иҷтимоии онҳо муносибати одилона намоянд.

Дар сиёсати хориҷии хеш Низомулмулк ҳамеша ҷонибдори густариши қаламрави давлат аз ҳисоби тақвият додани лашкар, аз миён бардоштани давлатҳое, ки метавонистанд хатаре эҷод кунанд буда, дар ин кор султонҳои Салҷуқиро ҳамеша ташвиқ мекард.

Низомулмулк нахустин мутафаккире мебошанд, ки асосҳои сиёсию ахлоқии ду пояи муҳими давлати феодалӣ-салтанат ва вазоратро тарҳрезӣ кардааст, ки баъдан ин консепсияи ӯро дигарон мавриди истифодаи васеъ қарор додаанд.

Низомулмулк на танҳо дар идораи умури дохилӣ ва хориҷии давлати Салчуқиён хидмати бузург кардааст, инчунин ҳамчун мутафаккири бузурги аҳди хеш асаре чун «Сиёсатнома» аз худ ба мерос гузоштааст, ки дар он андешаҳои ин вазири хирадманд роҷеъ ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат низ баён шудаанд.

## I.3. «Сиёсатнома»-и Низомулмулк дастури идории давлатдорӣ, сарчашмаи муҳими таърихӣ ва мероси гаронбаҳои фарҳангӣ

Низомулмулки Тӯсӣ дар баробари ходими бузурги давлатӣ ва сиёсатмадори тавоно будан, яке аз донишмандони саршиноси замони худ маҳсуб мешуд. Вай дар шаҳрҳои Марв, Нишопур, Рай, Исфаҳон ва Бағдод, ки аз марказҳои бузурги тамаддун ва илму фарҳанги аҳди Низомулмулк ба шумор мерафтанд, илмҳои замони худро аз бар намуда, «дар замонаш кофитар аз ӯ дар саноати ҳисоб ва иншо дар забони тозӣ ва порсӣ ёфт намешудааст. Хоҷа ба адаби арабӣ ва забони тозӣ ниҳояти алоқа ва таваҷҷуҳро дошта. Дар заминаи насри порсӣ Хоҷа аз нависандагони баноми давраи Салҷуқӣ маҳсуб аст ва ҳамин тасаллут ва табаҳҳури ӯ дар

саноати иншо ва тарсил буд, ки ӯро аз ҳирфаи котибӣ ба мартабаи садорат иртифоъ дод»[1].

Дар бораи таҳсилу тадриси ин вазири муқтадир бародари Низомулмулк Абулқосим Алӣ ибни Исҳоқ чунин гуфтааст: «Дар Рай имлои ҳадис мекард. Ва чун фориғ шуд, гуфт, ки худро шоистаи ин кор намедонам, лекин дӯст дорам хештанро дар силки ноқилони ҳадиси расули Худо (с) муртабат созам».[2]

Аз осори Низомулмулк китоби «Сиёсатнома» ё «Сайр-ул-мулук» ва чанд мактуб боқӣ мондааст. Яке аз ин номаҳоро ба писараш Фахрулмулк навиштааст. Ин нома ҳангоме иншо шуда, ки Фахрулмулк вазири Маликшоҳ буд. Низомулмулк онро ҳамчун насиҳат ва дастурамал барои фарзандаш иншо намудааст. Номаи дигар шарҳе аст, ки Хоҷа Низомулмулк ба султон Маликшоҳ навишта ва аз вай иҷозаи азимати ҳаҷро хостааст. Вай ин номаро дар охирҳои умр ва мавқее навиштааст, ки ба воситаи бархе пешомадҳо аз подшоҳ озурда буда ва қасди тарки хидматро доштааст.[1]

Маликшоҳи Салҷуқӣ (1072-1092) дар солҳои охири ҳукмрониаш ба донишмандони дарбор супориш медиҳад, ки дар бораи тартибу низом ва қавонини асосии давлатдорӣ рисолае таҳия намоянд, ки дар он таърихи подшоҳони гузашта ва ҳаводиси мухталифи рӯзгор гирдоварӣ шавад ва тавонад ҳамчун дастуруламали мушаххас барои идора намудани давлат қобили истифода бошад. Дар радифи дигарҳо Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ низ ба навиштани чунин рисола оғоз карда, онро дар 39 фасл нигошта, соли 1091 пешкаши Маликшоҳ намуд, ки он мавриди писанди султон гардид.

Низомулмулк соли 1092 барои тозанавис кардан нусхаи комили «Сиёсатнома»-ро ба котиби махсуси дарбор Муҳаммади Мағрибӣ медиҳад. Дар зимн Низомулмулк менависад: «Дар санаи хамса ва самонин ва арбаъумия (485 ҳ.қ./1092), ки ба сӯи Бағдод хостем рафт, ба нависандаи

---

[1] Субкӣ Тоҷиддин. Табақот-уш-шофият-ал-кубро. Ҷ. 3. Қоҳира,1964. С. 313.
[2] Субкӣ Тоҷиддин. Табақот-уш-шофият-ал-кубро. Ҷ. 4. Қоҳира, 1964. С. 318.

китобҳои хос Муҳаммади Мағрибии носих додам ва фармудам, то ба хати равшан бинависад».[2] Дар ин миён Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ ба қатл расида, Маликшоҳи Салҷуқӣ вафот мекунад. Бинобар ин, Муҳаммади Мағрибӣ соли 1105, дар давраи салтанати Ғиёсиддин Муҳаммад (1105-1118) рисоларо тозанавис мекунад.

Бояд гуфт, ки “Сиёсатнома”-и то ба рӯзгори мо расида иборат аз 50 фасл бо тартиби зерин аст: Андар аҳволи мардуми рӯзгор ва мадҳи Худованди олам, султони одил шоҳаншоҳи аъзам халладаллоҳ мулкаҳу; Андар шинохти қадри неъмати эзид таъоло мар подшоҳонро; Андар мазолим нишастани подшоҳ ва адлу сифати наку варзидан; Андар уммол ва пурсидани аҳволи вазирону дабирон; Андар муқтеъон ва баррасидан, ки аҳволи раоё, чун меравանд ва аҳволи эшон; Андар муомилаи қозиёну хатибон ва муҳосибаву равнақи кори эшон; Андар пурсидан аз ҳоли омилу қозӣ ва шиҳнаву раис ва шарти сиёсат; Андар пажуҳиш кардан ва баррасидани кори дину шариат ва монанди он; Андар мушаррафони давлат ва кафофи эшон; Андар соҳибхаборон ва мунҳиён ва тадбири корҳои мулк кардан; Андар таъзим додани фармонҳои олӣ ва мисолҳо, ки аз даргоҳ навистанд; Андар ғулом фиристодан аз даргоҳ дар муҳимот; Андар ҷосусон фиристоданд ва тадбири кори эшон карданд; Андар пайкон фиристодан ва барандагон бар муқовамат; Андар эҳтиёт кардани парвонаҳо дар мастиву ҳушёрӣ; Андар вакили хос ва равнақи кори ӯ; Андар надимону наздикон ва тартиби кори эшон; Андар мушоварат кардани подшоҳ бо донишмандону ҳакимон дар корҳо; Андар сохта доштани алаф дар манзилҳо; Андар равшан доштани амволи ҷумлаи лашкар; Андар лашкар доштан аз ҳар ҷинс; Андар ба наво доштан ва муқим доштани лашкар аз ҳар қавм ба даргоҳ; Андар доштани туркманон бар мисоли ғуломон ва туркон ва ғайри он дар хидмат; Андар заҳмат накардани бандагон ҷуз вақти хидмат ва тартиби кори ишон; Андар тартиби ғуломони сарой; Андар бор додани хоссу ом; Андар тартиби

---

[1] Самарҷонӣ С. Беҳтарин тоҷикон. Теҳрон, 2004. С.220.
[2] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С.218.

маҷлиси шаробу шароити он; Андар тартиби истодани бандагону чокарон; Андар ҳоҷат хостан ва илтимосҳои лашкару хидмати ҳашам; Андар шинохти таҷаммул ва силоҳу олати ҷангу сафар; Андар итоб кардан бо боркашидагон ҳангоми хатову гуноҳ; Андар тартиби кори посбонон ва навбатиёну дарбонон; Андар ниҳодани хони неку ва тартиби он; Андар ҳақ гузоридани хидматгорон ва бандагони шоиста; Андар эҳтиёт кардан дар иқтои муқтеъон ва аҳволи раият; Андар шитоб накардан дар корҳои мамлакат мар подшоҳро; дар амири ҳарас ва чубдорон ва асбоби сиёсат; Андар бахшудани подшоҳ бар халқи Худой азза ва ҷалла ва ҳар кореву расмеро ба қоида овардан; Андар ду амал як мардро нафармудан ва амал ба мардуми покдин ва шоиста додан ва бекоронро амал фармуданд маҳрум нагузоштан ва бадмазҳабу бадкешро амал надодан ва аз хештан дур доштан; Андар маънии аҳли ситр ва сарои ҳарам ва ҳадди зердастону тартиби он; Андар боз намудани аҳволи бадмазҳабон ва маздаку маздакиён; Дар берун омадани Синбоди габр бар мусулмонон аз Нишопур ба Рай ва фитнаи кори ӯ; Андар берун омадни ботиниён дар Хуросону Мовароуннаҳр; Андар хуруҷи ботиниён дар замини Шом ва Мағриб; Дар берун омадани Алӣ ибни Муҳаммади Бурқаӣ бар мазҳаби ботинӣ ба Хузистон ва Басра бо лашкари зангиён; дар берун омадани Ҳасани Ҷанобӣ ва писараш Бутоҳир дар Баҳрайн ва Лаҳсо; Дар хурҷи Хуррамдиниён ба Исфаҳону Озарбойгон; дар хуруҷи Бобак; Андар хазоин ниҳодан ва нигоҳ доштан ва қоидаву тариби он; Андар посух додан ва гузоридани шуғли мутазаллимон ва инсоф додан; Андар нигоҳ доштани ҳисоб ва маҷмуоту иртифоъ ва нақси он.[1]

Муҳаққиқони «Сиёсатнома» чунин мешуморанд, ки ин асар дастурамали сиёсии хонадони Салҷуқиён мебошад. Дар воқеъ, Низомулмулки зираку ботадбир мефаҳмид, ки худсарӣ, беадолатӣ ва зулму ситами ҳокимони азхудрафтаи Салҷуқиён пояи ҳукмронии онҳоро суст менамуд. Бинобар ҳамин ҳам вай чунин дастурамалеро пешниҳод мекунад,

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Ба кушиши Абос Иқбол. Теҳрон, 1990; Низомулмулк . Сиёсатнома.Бо кушиши Аҳмад Ҳоҷиев. Душанбе,1998.

ки ғояи асосии он иборат аз барқарор намудани адолат, ҷорӣ кардани тарзи оқилонаи давлатдорӣ, поквиҷдону порсо будани арбобони давлатӣ, аз пайи ободонии кишвару осоиштагии раият шудани шахсони масъул мебошад. Муаллиф барои водор кардани арбобони давлатӣ бар андешаҳои олии инсондӯстонааш ду омилро бо муваффақият истифода мебарад Нахуст донишмандию ботаҷрибагии худро ба кор андохта, ҳар як мутолиакунандаи асарашро асири афкори талқин намудааш менамояд. Дувум, аз осори илмӣ, тарбиявӣ-ахлоқӣ ва эҷодиёти шифоҳӣ мукаммал баҳраманд мегардад.

Дар «Сиёсатнома» чунин афкори муаллиф сабт мегардад, ки бештар кору кирдори вазири оқил ва хислатҳои наҷиби он мавриди тасвир гардад, то ки майлу рағбати шоҳонро ба вазирон ҷалб намояд. Дар ҳар маврид шоҳ бо маслиҳати вазир кор кунад. Бинобар ин Низомулмулк дар бисёр масъалаҳои идора кардани давлат фаъолияти шахсӣ доштану истиқлолияти фикрӣ варзидани шоҳро дархост менамояд. Вай ҳамчун шахси бамаърифату донишманди давр мушоҳида мекард, ки вазирону амалдорони ин ва ё он дарбор бо толону тороҷ кардани халқ, бо фисқу фуҷур овора буда, зулму ситамро дастури амалиёти худ қарор дода буданд. Пас Низомулмулк дар чунин маврид маҷбур мешавад, ки бо фаъолияти шахсии шоҳ бо тадбирҳои оқилонаи ӯ мардумро аз гирифторӣ наҷот диҳад.

Яке аз мавзӯъҳои муҳиме, ки Хоҷа Низомулмулк дар «Сиёсатнома» мавриди баҳсу баррасӣ қарор додааст, нақши шоҳ ё султон дар низоми ҳукуматдорӣ аст. Вай подшоҳони Сосониён ва Сомониёнро намуна қарор дода, шоҳро меҳвар интихоб карда, менависад, ки агар шоҳ дар роҳбарии мамлакат набошад, дар кишвар харҷу марҷ ба вуҷуд меояд. Вай муътақид аст, ки бо будани подшоҳ корҳо сару сомон меёбанд ва мамлакат оромиш пайдо мекунад. Бояд мардум ба подшоҳ итоат намуда, ба кори худ машғул шаванд. Агар аз мардум касе ва ё касоне ба подшоҳ хиёнат кунанд, бояд ба андозаи гуноҳи худ ҷазо бинанд. Дар ин маврид ӯ чунин менависад: «Пас аз бандагон якеро ба тавфиқи эзидӣ саодате ва давлатеву иқболе ҳосил

шавад ва аз ҳақ таоло донишеву ақле ёбад, ки бад-он донишу ак зердастонро ҳар як ба андозаи хеш бидорад ва ҳар якеро бар қадри ӯ мартабае ва маҳалле ниҳад. Ва хидматкорону касони эшонро аз миёни халқ ва мардумон баргузинад. Ва ба ҳар як аз эшон пойгаҳеву манзалате диҳад. Ва бар кифояти муҳимоти динию дунявӣ бар эшон эътимод кунад ва раоёро нигоҳ дорад. Он ки роҳи итоат сипарад ва ба кори хеш машғул бошад, аз ранҷҳо осуда дорад, то дар сояи аҳли ӯ ба роҳат рӯзгор мегузаронанд. Ва боз агар касе аз хидматкорон ва гумоштагон ношоистагиву дароздастӣ падид ояд, агар бе таъдибе (ҷазое) ва бандиву боздоштӣ адаб гирад, ва аз хобби ғафлат бедор шавад, ӯро бар он кор бидорад. Ва агар бедорӣ наёбад, ҳеҷ ибқо (таъхир) накунад. Ӯро ба касе дигар, ки шоиста бошад, бадал кунад. Ва аз раоё касоне, ки ҳаққи неъмат нашиносанд ва қадри амну роҳат надонанд ва ба дил хиёнате андешанд ва тамарруде (саркашӣ) намоянд ва пой аз андозаи хеш берун ниҳанд, бар андозаи гуноҳ ба эшон хитобе кунад ва ба миқдори ҷурми эшон молиш фармояд ва боз домани авф бар гуноҳи эшон бипӯшад ва аз сари он даргузарад».[1]

Яке аз масъалаҳои дигаре, ки дар ҳукуматдорӣ аз назари Хоҷа Низомулмулк хеле муҳим аст, адолат аст. Вай таъкид мекунад, ки подшоҳ бояд адл варзад. Аз назари вай адл асоси ҳукумат аст. Бидуни адл ҳукумат ва мамлакат аз байн меравад ва умри дароз намебинад. Вай менависад: «Эзиди субҳонаҳу ва таоло дар ҳар асреву рӯзгоре якеро аз миёни халқ баргузинад ва ӯро ба ҳунарҳои подшоҳона ва сиратҳои сутуда ороста гардонад ва масолеҳи ҷаҳону оромии бандагонро бад – ӯ бозбандад ва дари фасоду ошӯб бар ӯ баста гардонад ва имзову ҳашамати ӯ дар қулубу уюн (дилу дидаҳо)-и халоиқ бигустаронад, то мардумон дар сояи адлу паноҳи риояти ӯ рӯзгор мегузаронанд ва эмин ҳамебошанд ва бақои давлати ӯ ҳамехоҳанд».[2]

---

[1] Низомулмулк . Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С.20-21.
[2] Ҳамон ҷо. С. 20.

Бояд гуфт, ки Низомулмулк зарурати вуҷуди подшоҳро барои иҷрои адолат медонад ва адлро пояи ҳукумат ва имтидоди он мешуморад. Ӯ адлро аз ду дидгоҳ матраҳ менамояд ва менависад: «Ва бар ҳақиқат Худованди олам бидонад, ки андар он рӯзи бузург ҷавоби ин халоиқ, ки зери фармони ӯ мебошанд, аз ӯ хоҳанд пурсид ва агар ба касе ҳаловат кунад, нахоҳанд шунид. Чун чунин аст, бояд, ки мулк ин муҳим ба ҳеҷ кас бознагзорад ва аз кори халқ ғофил набошад. Ва чандон ки тавонад пинҳону аён аҳволи эшон бармерасад ва дастҳои дароз кӯтоҳ мекунад ва зулми золимонро аз эшон бозмедорад, то баракоти он дар рӯзгори давлати ӯ мерасад».[1]

Низомулмулк дар китоби худ зулм ба мардумро ба чанд навъ тақсим мекунад ва таъкид менамояд, ки давлат онро бояд аз байн бибарад, то адолат барқарор шавад. Роҳҳои аз байн бурдани зулмро Низомулмулк чунин мебинанд: адолати шоҳ нисбат ба мардум; ҷилавгирӣ аз зулми иқтоъдорон ба халқ; ҷилавгирӣ аз зулми вазир нисбат ба мардум; ҷилавгирӣ аз зулми омилони давлат нисбат ба халқ; ҷилавгирӣ аз зулми мардум ба мардум; азорат ба амру фармонҳо барои иҷро намудани таъмини адолат.

Чун Низомулмулк яке аз пешвоёни дину мазҳаб буд, бинобар ин шарти адолати шоҳро худотарс будани вай медонад. Ба ақидаи ӯ, подшоҳи худотарс на танҳо ба мардум зулм намекунад, балки лашкар ва гумоштагони ӯ низ аз вай пайравӣ карда, ба халқ зулм намекунад. Дар ин маврид вай чунин менависад: Чун подшоҳ худотарс ва оқибатандеш бошад, ба ҳама одил тавонад буд ва одил ҳамеша бахшоянда бувад. Ва чун подшоҳ чунин бошад, гумоштагон ва лашкари вай ҳамчунин шаванд ва сирати ӯ гиранд. Лоҷарам халқи Худои мутаол дар роҳат афтанд ва самароти он ба ҳарду ҷаҳон биёбад[2].

Низомулмулк аҳамияти зиёде ба ҷилавгирӣ аз зулми кормандони давлатӣ ба мардум дода, муътақид аст, ки аз кору кирдори онҳо ба таври

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С. 23.
[2] Низомулмулк. Сайр-ул-мулук. Теҳрон, 1976. С. 188.

пинҳонӣ пурсуҷӯ карда ва дар мавриди сар задани ноадолатиҳо аз ҷониби ходимони давлатӣ онҳоро аз мансабашон бояд озод кард, то ба дигарҳо дарси ибрат гардад. Доир ба ин масъала ӯ менависад: «Ва аз аҳволи омил пайваста мебояд пурсид, ки агар чунин равад, ки ёд кардем, амал бар вай нигоҳ доранд ва илло ба касони шоиста бадал кунанд. Ва агар аз раият чизе ба зулм ситада бошад, аз вай бозситонанд ва бар раият боздиҳанд. Пас аз он агар ӯро мисоле бошад, бояд бистонанд ва ба хизона оранд ва ӯро маҳҷур (бекор) кунанд ва низ амал нафармоянд то дигарон ибрат гиранд ва дароздастӣ накунанд».[1]

Бояд гуфт, ки ба ақидаи Низомулмулк барои сар назадани зулм аз ҷониби вазир бояд подшоҳ аз аҳволи ӯ дар пинҳонӣ иттилоъ пайдо кунад. Зеро вазир баъд аз подшоҳ рукни асосӣ дар давлат мебошад: «Ва аз аҳволи вазир ва муътамадон ҳамчунин дар сир мебояд пурсидан, то шуғлҳо бар ваҷҳ меронад ё на, салоҳ ва фасоди подшоҳ ва мамлакат бад – ӯ бозбаста аст, ки чун вазир некравиш ва некраъй бошад, мамлакат ободон бувад ва лашкару раоё хушнуду осудаву бобарг (тавоно) ва подшоҳ фориғдил. Ва чун бадравиш бошад, дар мамлакат он халал таваллуд кунад, ки дарнатвон ёфт ва ҳамеша подшоҳ саргардон бувад ва ранҷурдил ва вилоят музтариб»[2].

Низомулмулк дар бораи соҳибони иқтоъҳо низ андешаронӣ намуда, менависад, ки онҳо замин аз тарафи ҳукумат ба иқтоъ гирифтаанд, ба раияте, ки дар қаламрави мулки онҳо машғули хидматанд, набоянд зулм кунанд. Вай, ки дар низоми иқтоъдорӣ назму тартиб ба вуҷуд оварда буд, дар «Сиёсатнома»-аш чунин менависад: «Муқаттаоне, ки иқтоъ доранд, бояд, ки бидонанд, ки эшонро бар раоё ҷуз он фармон нест, ки моли ҳақ , ки бад-эшон ҳаволат карданд, аз эшон биситонанд ба ваҷҳе неку. Ва чун он бистинанд, раоё ба тану мол ва фарзандону асбоб ва заёъ аз эшон эмин бимонандва муқтеонро бар эшон сабиле набувад. Ва раоё агар хоҳанд, ки ба даргоҳ оянд ва ҳоли хеш бознамоянд, эшонро аз он боз надоранд. Ва

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С. 31.
[2] Ҳамон ҷо. С. 31-32.

ҳар муқтеъ, ки ҷуз ин кунанд, дасташ кӯтоҳ ва иқтоъи ӯ бозситонанд ва бо ӯ итоб фармоянд то дигарон ибрат гиранд ».[1]

Доир ба назариёти Низомулмулк роҷеъ ба адолат бояд гуфт, ки вай дар мавриди зулми мардум бар мардум ё зулми гурӯҳе ба гурӯҳи дигар ва ё зулми як шахс ба шахси дигар андешаронӣ намуда, хоҳони он аст, ки шоҳ дод аз бедодгар биситонад, то золимон аз тарси шоҳ монеи зулм ва бедодгарӣ шаванд. Вай менависад: «Чорае нест подшоҳро аз он ки дар ҳафта ду рӯз ба мазолим (додхоҳӣ) бинишинад ва дод аз бедодгар биситонад ва инсоф бидиҳад ва сухани раият бишнавад бевосита. Ва чанд қисса, ки муҳимтар бувад бояд, ки арза кунад ва дар ҳар як мисоле диҳад. Чун ин хабар дар мамлакат пароканда шавад, ки Худованд мутазаллимон (зулмдидагон) ва додхоҳонро пеш мехонад ва дар ҳафтае ду рӯз сухани эшон мешунаваду золимонро шикаста медорад... ва дастҳои эшон кӯтоҳ шавад ва кас наорояд бедодӣ кардан аз бими уқубати ӯ».[2]

Низомулмулк ба фаъолияти қозиён таваҷҷуҳи хосе зоҳир намуда, муътақид аст, ки бояд онҳо аз ҳисоби шахсони донишманд ва зоҳид ва касоне, ки дорои ин ду хусусият мебошанд, интихоб шаванд ва агар ин ду хусусиятро надошта бошанд, ба ин мансаби муҳим пазируфта нашаванд: «Бояд аз аҳволи қозиёни мамлакат ягон-ягон бидонанд ва бошад, ӯро тарбият кунанд ва бад – он кор нигоҳ доранд. Ва ҳаргиз на чунин бувад, ӯро маъзул кунанд ва ба дигареро, ки шоиста бошад, бинишонанд. Ва ҳар якеро аз эшон ба андозаи кифояти ӯ мушоҳарат (моҳона) итлоқ кунанд, то ӯро ба хиёнате ҳоҷат наяфтад, ки ин кор муҳиму нозук аст… Нашояд ин шуғл ба ҷоҳилу нопок додан, илло тафвизи ин кор ба олими бовараъ (парҳезгор)».[3]

Низомулмулк навъи дигари адолатро дар он медонист, ки ҳар фарди болаёқат бояд дар мақомҳои мухталифи давлатӣ кор кунад, вале афсӯс мехӯрад, ки мардумони шоиста ва «маъруфону кордонон як шуғл надоранд

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 39-40.
[2] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С. 24.
[3] Ҳамон ҷо. С. 49.

ва маҳруму муаттал монда».[1] Ӯ аз раванди интихоби шахсиятҳои нолоиқ дар мақомҳои муҳими давлатӣ нохушнуд буд ва бо истеҳзо менависад, ки ин шахсҳои орӣ аз донишу маърифат баъди расидан ба мақомҳо ба худ лақабҳое мегиранд, ки миёни олиму омӣ фарқе намондааст. Низомулмулк мегӯяд, ки «лақаб дархӯри мард бояд»[2] ва идома медиҳад, ки «Ин аҷаб аст, ки камтар шогир ва ё омили турк, ки аз вай бадмазҳабтар нест ва дину мулкро аз вай халалу фасод аст, хештанро Муинуддавла ё Ҷамолулмулк ё Шамсулмулк ё Муайидудавла ё Амидулмулк ва монанди ин лақабҳо карда...Ва акнун ҳар беилме ва ноаҳле ва маҷҳуле «дин» ва «давлат» ва «мулк»-ро дар алқоби хеш оваранд».[3]

Низомулмулк дар мавриди ҳукумат ва сиёсати дохилии он дар «Сиёсатнома» нукоти муҳим баён кардааст. Замоне ки вай ба мансаби вазирӣ расид, дар низоми ҳукуматии Салҷуқиён омилҳои зиёде қудрат ва тавоноии шоҳ ё султонро маҳдуд менамуд, ки муҳимтарини онҳо:

- шариати ислом, ки султонҳои Салҷуқӣ вазифадор ба риояти он буданд;

- расму ойин ва одоби қабилаӣ, ки Салҷуқиён бо ёрии қабилаҳои оғуз ба қудрат расида, онҳо барои ҳукмронӣ танҳо ба нерӯҳои низомӣ ва шуҷоати низомиён такя мекарданд.

Чун Низомулмулк хоҳони як ҳукумати мутамарказ буд, ба чашми худ давраи муборизаи дохилии ғузҳоро дида, аз Алпарслон ва фарзандони ӯ мехост, ки ба сабки подшоҳони давлатҳои қудратманди эронитабор давлатро идора кунанд. Бинобар ин Низомулмулк барои тағйир додани низоми давлатдории Салҷуқиён аз усулҳои таҷрибашудаи давлатдории гузашта, ба хусус Сомониён баҳра мебарад ва бо истифода аз шахсони кордону бонуфуз ба ҷои низомиёни турк дар вилоятҳо ва ташкили лашкари доимӣ аз ҳисоби тамоми халқҳо ба ҷои лашкари ғузҳо ва ғайра низоми солими давлатдориро рӯи кор овардани мешавад.[4] Низомулмулк

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С. 145.
[2] Ҳамон ҷо. С. 142.
[3] Ҳамон ҷо. С. 143-144.
[4] Содиқи Самарқонӣ, Ҳасан. Беҳтарини тоҷикон. Теҳрон, 2004. С. 62-63.

ҳатто беш аз подшоҳ ба вазире қудратманд барои ин ҳадафи худ муътақид буд.[1] Ӯ дар мавриди вазир андеша ронда, ӯро асоси ҳукумат медонад ва менависад: «...чун вазир некравиш ва некрой бошад, мамлакат ободон бувад ва лашкарҳо ва раоё хушнуд ва осуда ва бобарг (тавоно) ва подшоҳ фориғдил ва чун бадравиш бошад, дар мамлакат халал таваллуд кунад, ки дарнатвон ёфт ва ҳамеша подшоҳ саргардон ва ранҷурдил бувад ва вилоят музтариб».[2]

Ба шарофати тадбирҳои андешидаи Низомулмулк ва ба тайиди сарчашмаҳои таърихии аҳди Салҷуқиён метавон вусъати нуфузи вазирро дар замони ҳукумати Алпарслон ва Маликшоҳи Салҷуқӣ ба мушоҳида гирифт. Дар ин замон доираи нуфузи вазир корҳои давлатии назорат бар масоили молӣ, ҷамъоварии молиёт, сабт ва дарҷи он дар девони марказӣ; усули пардохт ва дарёфти маоши маъмурини давлатӣ; таъйини молиёт ва хироҷи ҳар вилоят ва харҷи дарбор (вазир метавонист бар дахлу харҷи султон назорат кунад); масоили молии низомиён ва муайян кардани маоши маъмурони даргоҳ ва назорати молии амлоки хоссаро фаро мегирифт.

Вазифаи низомии вазир чун ширкат дар ҷангҳо ва лашкаркашиҳо ҳамроҳ бо вазоифи молии вазир тавъам буд. Чун баъзе аз мақомоти рӯҳонӣ вориди ташкилоти девонӣ шуданд, назорат бар корҳои мақомоти қазоӣ ва расидагӣ ба ҷароиме, ки дар муҳокимаи шаръ матраҳ намешуданд, аз вазоифи вазир буд. Интихоби қозиулқузот аз вазифаҳои вазир ба шумор меомад ва соҳибушшурта, шаҳна ва муҳтасиб бо мувофиқати вай интихоб мешуданд.

Аз вазифаҳои дигаи вазир, ки дар аҳди вазораи Низомулмулк анҷом меёфт, ин умури ташрифот ва пазируфтани намояндагони расмии давлатҳо, анҷоми музокироти сиёсӣ ва пайвандҳои заношӯии хонадони султон ба ҳисоб мерафт.

Ҳамчунин таъйини ҳокимони вилоятҳо дар аҳди вазорати Низомулмулк яке аз вазифаҳои вазир буд. Низомулмулк подшоҳ, вазир,

---

[1] Субкӣ, Тоҷиддин. Табақот-уш-шофият-ал-кубро. Ҷ. 3. Қоҳира,1964. С. 313.
[2] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С. 31-32.

артиш, дорой, халқ, адлро аз рукнҳои муҳим барои идораи мамлакат медонад.

Дар замони вазорати Низомулмулки Тӯсӣ туркҳои салҷуқӣ, ки аз фарҳанг ва тамаддун дур буданд, бо зарби шамшер марзҳои кишварҳои ишғолиро густурдатар мекарданд. Ӯ, ки дар оғози салтанати Алпарслон ба мансаби вазирӣ расид, дар масоили сиёсӣ ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ гардид. Мушкилоти аввал ин буд, ки ҳокимияти низоми қабилавӣ бо вуруди туркҳои салҷуқӣ ба сарзаминҳои ишғолии Хуросон, Эрон, Мовароуннаҳр ва ғайра нерумандтар шуд. Пешвоёни қабилаҳо, ки ҳар кадоми онҳо минтақаеро дар ихтиёр доштанд, он сарзаминҳоро мулки худ донista, барои тасарруфи минтақаҳои дигар бо ҳам ба ҷанг даромада, кишварро дучори харҷу марҷ ва ошӯбзадаву вайрон менамуданд.

Дигар мушкилот он буд, ки тамоюли таҷзияталабӣ ва ҷудоихоҳӣ аз ҳукумати марказӣ ва кӯшиши ба соҳибистиқлолӣ расидан ва итоат накардан ба султон аз ҷониби қабилаҳои Салҷуқӣ монеаи асосие барои ба вуҷуд овардани ҳукумати марказӣ дар кишвар шуда буд.

Метавон истилои Хуросон, Эрон, Мовароуннаҳрро аз тарафи туркҳои Салҷуқӣ фоҷиае ба сари мардуми бумӣ донист, ки Низомулмулк дар ҷилавгирӣ аз ин мушкилоти саросарӣ оҷизӣ мекашид, аммо бо вуҷуди ин ки ӯ яке аз ҷонибдорони густариши қаламрави давлати Салҷуқиён буд ва мехост ба ин васила аз ҳисоби сарзаминҳои умрону обод иқтисоди давлати Салҷуқиёнро тақвият бахшад, мекӯшад дар «Сиёсатнома» роҳҳои идораи бо адолати давлатдориро ба Салҷуқиён талқин кунад, то шиддати зулму шиканҷаи онҳоро нисбат ба мардум кам намояд.

Вуҷуд надоштани қонун ва низоми идорӣ дар кишвар иқтисодиёти кишварҳои ишғолии Салҷуқиёнро дар ҳоли варшикастагӣ қарор дод, ки ин аз шумори мушкилотҳои дигаре дар баробари Низомулмул буд.

Ин мушкилиҳои мавҷуда дар низоми давлатдории Салҷуқиён Низомулмулкро водор намуданд, ки барои дигаргунӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмию фарҳангӣ даст ба ислоҳот занад. Вай барои амалӣ намудани ин иқдомҳои худ дар кори ба як давлати қавӣ мубаддал

сохтани давлати Салҷуқиён талошҳо кард ва то ҳадде муваффақ гардид. Дар зимн «Сиёсатнома»-и Низомулмулки Тӯсӣ дар сиёсати давлатдорӣ аз нахустин асарҳое буд, ки ба қавли В.В. Бартолд «Сарчашмаи асосӣ дар омӯзиши сохтори сиёсии давлатҳои шарқи мусулмонӣ»[1] ба ҳисоб меравад.

«Сиёсатнома» дар баробари асари дастурӣ дар корҳои идораи давлат будан, инчунин яке аз сарчашмаҳои арзишманди таърихӣ низ ба ҳисоб меравад. Низомулмулк дар ин асари ҷовидонаи худ кӯшиш кардааст, рӯйдодҳои муҳими таърихии рухдода дар қаламрави Хуросон, Эрон ва Мовароуннаҳрро, инчунин наҳзатҳои фикрӣ ва ақидатии он рӯзгорон, мисли наҳзати хуррамдиниён, монавиён, маздакиён, қарматиён, ботиниён ва ғайраҳоро баъд аз пирӯзии аъроб ба риштаи таҳрир кашад. Дар бораи наҳзати Синбоди Муғ, ки нимаи аввали моҳи апрели соли 755 ба баҳонаи хунбаҳои Абӯмуслими Хуросонӣ оғоз шуд ва шаҳрҳои Нишопур, Қумис ва Райро ба даст оварда, беш аз ҳафтод рӯз бо арабҳо мубориза кард[2], Низомулмулк ахбори муҳиме медиҳад. Аз ҷумла дар бораи Синбоди Муғ менависад «нахуст Убайдаи Ҳанафиро, ки аз қабли Мансур ҳокими Рай буда, бикушт ва хизонаҳо, ки Бӯмуслим ба Рай ниҳода буд, бардошт. Чун қавиҳол гашт, талаби хуни Абӯмуслим кард ва даъвӣ кард, ки ӯ расули Бӯмуслим аст ва мардумони Ироқу Хуросонро гуфт, ки «Бӯмуслимро накуштаанд, валекин қасд кард Мансур ба куштани ӯ ва ӯ номи меҳини худои таоло бихонд, кабӯтаре гашт сафед ва аз миёни ҳар ду дасти ӯ бипарид ва акнун дар ҳисоре аст аз мис карда ва бо Маҳдӣ ва Маздак нишаста аст ва инак ҳар се берун меоянд ва муқаддам Бӯмуслим хоҳад буд ва Маздак вазираш ва номаи Бӯмуслим ба ман омадааст»[3] ва дар идома чунин зикр мекунад, ки Синбод «ҳар гоҳ бо габрон хилват кардӣ, гуфтӣ, ки «давлат араб шуд, ки дар китобе хондаам аз кутуби Сосониён ба ман расида буд ва ман боз нагардам то Каъбаро вайрон накунам, ки ӯро

---

[1] Бартолд В.В. Сочинение. Т. 1. – М., 1963. С. 71.
[2] Камол Ҳ. Инъикоси хурӯҷи Синбоди Муғ дар манобеи таърихии асрҳои IX-XIII // Муаррих №1 (17) 2019. С.76-83.
[3] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С.190.

бадали офтоб бар пой кардаанд ва мо ҳамчунон қиблаи хеш офтоб кунем, чунон ки дар қадим будааст».[1]

Аз ин суханони Низомулмулк метавон хулоса кард, ки Синбоди Муғ дар муборизааш ба баҳонаи хунбаҳои Абӯмуслим масъалаи эҳёи дини аҷдодиашро дар назар гирифтааст.

Бо вуҷуди ин ки Низомулмулк чун як пешвои мазҳаби шофеии замони хеш ба ин наҳзатҳои мазҳабӣ бо дидаи хусумат менигарад, аммо баёни ҳодисаҳои иртиботдошта ба ин наҳзатҳо дар амри омӯзиши сабабҳои вуқӯи онҳо ба муҳаққиқон кумак менамояд.

Дар ин китоб бисёре аз ахбори муҳимми таърихӣ дар бораи масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Саффориён, Сомониён, Ғазнавиён ва Салчуқиён гирд оварда шудааст. Аз ҷумла Низомулмулк  дар рисолаи хеш ахбори бисёр арзишманди таърихиро роҷеъ ба муборизаҳои Яъқуби Лайси Саффорӣ бар зидди хилофати Бағдод баён мекунад. Соли 873 Яъқуби Лайси Саффорӣ сулолаи Тоҳириёнро дар Нишопур сукут дода, ба қудрат расид ва давлати Саффориёнро дар Хуросон таъсис кард. Яъқуби Лайс баҳори соли 876 ба ҷониби Бағдод лашкар кашид, аммо ба шикаст дучор шуд. Яъқуби Лайс аз ин ноумед нашуда, бори дигар лашкар гирд оварда, хост ба Бағдод бори дуюм ҳуҷум кунад. Халифаи Аббосӣ аз ин хабар ёфта, ба назди Яъқуби Лайс, ки дар Хузистон буд, сафире мефиристад. Дар ин бора Низомулмулк менависад: «Чун Яъқуб номаи халифа бархонд, ҳеҷ гуна дилаш нарм нашуд ва бар он карда пушаймон нахӯрд ва бифармуд то тара ва моҳӣ ва пиёзе чанд бар табақе чӯбин ниҳода, пеши вай оварданд. Он гаҳ бифармуд то расули халифаро дароваранд ва биншонанд. Пас рӯй сӯи расул карду гуфт: «Бираву халифаро бигӯй, ман марди рӯйгарзодаам ва аз падар рӯйгарӣ омӯхтаам ва хӯрдани ман нони ҷавин ва моҳӣ ва тараву пиёз будааст ва ин подшоҳиву ганҷу хоста аз сари айёрӣ ва шермардӣ ба даст овардаам, на аз падар мерос ёфтаам ва на аз ту дорам. Аз пой наншинам, то сари ту ба Маҳдия нафиристам ва хонадони туро вайрон накунам. Ё он чи гуфтаам ба ҷой

[1] Ҳамон ҷо. С. 190.

оварам ё ҳам ба сари нони ҷавину моҳиву пиёз ва тара шавам. Инак, ганҷҳоро дар боз кардам ва лашкарҳоро боз хондам».[1] Низомулмулк дар идома менависад, ки баъд аз ин Яъқуби Лайс дигар фиристодагони халифаро қабул накард ва «рӯй сӯи Бағдод ниҳод. Чун се манзил бирафт ва ӯро иллати қуланҷ буд, қуланҷаш бигирифт ва ҳолаш ба ҷое расид, ки донист аз он дард нараҳад, бародари хеш Амри Лайсро валиаҳд кард ва ганҷномаҳо ба вай дод ва бимурд».[2] Ин ҳодиса дар моҳи июни соли 879 рух дода буд.

Бо он таваҷҷуҳ ва некназарие, ки Низомулмулк ба Сомониён дошт, дар асараш аз ҳодисоти таърихии аҳди давлатдории ин хонадон матолиби зиёд овардааст. Низомулмулк дар фасли «Дар хурӯҷи ботиниён дар замини Шом ва Мағриб» аз хурӯҷи қарматиён ва ботиниён дар Ҳироту Ғур дар соли 295 ҳ.қ./907-908 хабар медиҳад ва менависад, ки «волии Ҳирот Муҳаммади Ҳарсама хабар кард амири Одили Сомониро, ки марде дар кӯҳпояи Ғур ва Ғарҷистон хурӯҷ кардааст ва ӯро Бубилол мегӯянд...Ва мардуми беҳад аз рустои Ҳирот ва навоҳӣ рӯй ба вай ниҳодаанд ва байъат мекунанд».[3] Дар идома Низомулмулк зикр мекунад, ки Исмоили Сомонӣ ба кумаки волии Ҳирот лашкаре фиристод ва дар натиҷа «Бубилол ва даҳ тани дигарро аз раисони эшон бигирифтанд ва сари ҳафтод рӯз аз он ҷо бозомаданд».[4]

Дигар аз ҳодисаҳои таърихии зикрнамудаи Низомулмулк роҷеъ ба Сомониён ба солҳои охири ҳукумати Насри II Сомонӣ иртибот дорад, ки назирашро то кунун дар ҳеҷ сарчашмаи таърихӣ муҳаққиқон пайдо нанамудаанд. Тибқи ахбори Низомулмулк дар аҳди ҳукумати Насри II доиёни исмоилӣ, аз ҷумла Муҳаммади Нахшабӣ бо таблиғи мазҳаби хеш дар қаламрави давлати Сомониён на танҳо мардумони одӣ, инчунин мақомдорону дарбориён, аз ҷумла Насри II-ро низ ба сӯи хеш кашиданд.[1] Ӯ менависад: «Чун табаи ӯ бисёр шуданд, оҳанги подшоҳ кард ва хавосси

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С.27.
[2] Ҳамон ҷо. С.28.
[3] Ҳамон ҷо. С.201.
[4] Ҳамон ҷо. С.201.

подшоҳро бар он дошт, то сухани ӯро бо мастиву ҳушёрӣ пеши Наср ибни Аҳмад ёд мекарданд. Чандон гуфтанд дар мастиву ҳушёрӣ, ки Наср ибни Аҳмад ба дини ӯ рағбат кард... Ва кори Нахшабӣ бад-ин ҷой расид, ки даъват ошкоро кард ва ҳар ки аз наздикони подшоҳ буданд, нусрати ӯ карданд. Ва мазҳаб ошкоро шуд ва подшоҳ ҳампуштии шиаён мекард. Туркон ва сарони лашкарро нохуш омад, ки подшоҳ қарматӣ шуд. Ва он рӯзгор ҳар ки дар ин мазҳаб шудӣ, ӯро қарматӣ хондандӣ».[2]

Ин буд, ки туркон ва сарони лашкар, ки бо онҳо ҳамфикр буданд, дар андешаи табаддулоти давлатӣ афтоданд, то Насри II-ро ба қатл расонанд ва ҳокимиятро ба даст гиранд. Аммо ин табаддулоти давлатӣ нофарҷом монд. Зеро писари Насри II – Нӯҳ ибни Наср аз ин хабар ёфт ва падарашро дар ҷараёни ҳодиса гузошт. Пеш аз он ки туркон даст ба табаддулоти давлатӣ зананд, Насри II омилини он, аз ҷумла Тулунукоро, ки дар меҳвари табаддулот қарор дошт, ба қатл расонида, писарашро ба тахт шинонд. Низомулмулк аз қавли Насри II менависад: «Бидонед, ки он чи шумо дар ҳаққи ман андешидаед, маро хабар шуд, ки қасди ман хостед кардан. Дили шумо бар ман бад шуд ва дили ман бар шумо. Дар миёни мо рӯи эминӣ дигар намондааст. Агар ман аз роҳи суннат биафтодам ва мазҳаби бад гирифтам, дилҳои шумо аз ин сабаб бад шуд.. Нӯҳро, ки писари ман аст, дар ӯ ҳеҷ айбе ҳаст?» Гуфтанд: «На». Гуфт: «Ӯро валиаҳди хеш кардам, подшоҳи шумо акнун ӯст. Агар хато кардам ва агар савоб, баъд аз ин ба узру тавба машғул шавам ва мағфират аз Худои таоло мехоҳам, ки магар Худои таоло тавбаи маро қабул кунад. Ва он кас, ки шуморо бар ин дошт, ҷазои хеш ёфт». Фармуд то он сар (-и Тулунуко) аз турба бароварданд ва пеши эшон андохтанд. Ва худ аз тахт фурӯд омаду бар мусаллии намоз биншаст ва Нӯҳ бар тахт шуду ба ҷои падар бинишаст… Пас банд хост, то бар пои падар ниҳоданд ва дарҳол ба куҳандиз бурданд ва маҳбус карданд».[1]

Аз ин ахбори Низомулмулк ду хулоса метавон ҳосил кард. Нахуст ин

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С.194-195.
[2] Ҳамон ҷо. С.195-196.

ки дар аҳди Сомониён, ба хусус Насри II таблиғи дигар мазҳабҳо мамнӯъ набудааст ва бо истифода аз ин доиёни исмоилӣ бо таблиғи мазҳаби хеш то ба дарбори Сомониён расиданд. Дувум ин ки Насри II ба ҳангоми дар қайди ҳаёт будан, аз мақоми амири Сомониён канор рафта ва тибқи ахбори Низомулмулк маҳбус шуда, баъди чанде вафот кардааст. Бо вуҷуди ин ки то кунун аз манобеи дигари таърихӣ ин хабар тасдиқи худро наёфтааст, ин маълумоти Низомулмулкро наметавон нодида гирифт.

Бояд гуфт, ки Низомулмулк аз он мушоҳидони дақиқназар аст, ки яке аз сабабҳои суқути давлати Сомониён, ки ба он муҳаққиқон бештар такя мекунанд, ин ҷалби ғуломони турк ба сипоҳи Сомониёнро дақиқ баён кардааст. Низомулмулк чи гуна як ғуломи турк аз дараҷаи ғуломӣ то фармондеҳи сипоҳи Сомониён расиданашро дар фасли бисту ҳаштум «Андар тартиби ғуломони сарой» бо чунин ҷузъиёт баён мекунад: «Ҳанӯз дар аҳди Сомониён ин қоида бар ҷой будааст, ки ба тадриҷ ба андозаи хидмату ҳунар ва шоистагӣ ғуломонро дараҷа меафзудандӣ. Чунон ки ғуломеро, ки харидандӣ як сол ӯро пиёда дар рикоб хидмат фармудандӣ ва бо қабое занданичӣ ва мӯза. Ва чун ин ғуломро фармон набудӣ, ки пинҳону ошкоро дар ин як сол бар асп нишастӣ ва агар маълум шудӣ, молиш додандӣ. Ва чун як сол хидмат кард, вусоқбошӣ бо ҳоҷиб бигуфтӣ ва ҳоҷиб маълум кардӣ, он гоҳ ӯро қабоеву аспе туркӣ бидодандӣ бо зинаке дар хом гирифта ва лагоме аз дуволи сода. Ва чун як сол бо аспу тозиёна хидмат кардӣ, дигар сол ӯро қароҷурӣ (шамшери саркаҷ) додандӣ, то бар миён бастӣ ва соли чаҳорум киш (тирдон)-у қирбон (камондон) фармудандӣ, то вақти барнишастан дарбастӣ. Ва соли панҷум зине беҳтар ва ва лагоми мукавкаб (ситоранишон) ва қабои рӯйдореву даббусе, ки дар даббус ҳалқа овехтӣ. Ва соли шашум соқий фармудӣ бо аспдоре ва қадаҳе аз миён даровехтӣ ва соли ҳафтум ҷомадорӣ. Ва соли ҳаштум хаймае шонздаҳмехӣ бидодандӣ ва се ғуломаке навхарида бидодандӣ ва дар хайли ӯ кардандӣ ва ӯро вусоқбошӣ лақаб кардандӣ ва кулоҳе намадини симкашида ва қабое ганҷаӣ дар ӯ пӯшида. Ва ҳар чаҳор сол ҷоҳу таҷаммул

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С.198-199.

ва хайлу мартабати ӯ меафзудандӣ, то хайлбошӣ шудӣ. Пас ҳоҷиб шудӣ. Агар шоистагиву ҳунари ӯ ҳама ҷо маълум шудӣ ва кори бузург аз дасти ӯ баромадӣ ва мардумдору худованддӯст будӣ, он гоҳ то сиюпанҷсола нашудӣ, ӯро амирӣ надодандӣ ва вилоят номзад накардандӣ».[1]

Дар ин фасл Низомулмулк аз ғуломи Сомониён - Алптегин, ки марҳилаҳои дар боло зикршударо паймуда, то ба мақоми сипаҳсолори Хуросон мерасад, ёд кардааст: «Ва Алптегин, ки бандаву парвардаи Сомониён буд, ба сиюпанҷсолагӣ сипаҳсолори Хуросон ёфт ва волии Хуросону Ироқ солҳо ӯ буд ва ду ҳазору ҳафсад ғулому бандаи турк дошт».[2]

Бояд зикр кард, ки дар замони ҳукумати Абдумалик ибни Нӯҳ (954-961) нуфузи туркон дар корҳои идории дарбори Сомониён боло гирифт. Ихтилоф байни туркони сипоҳ бо девон, ки мехостанд сипоҳро ҳам таҳти назорати хеш дароваранд, шиддат ёфт. Муҳаммад ибни Узир, ки мансаби вазорат аз ҷониби Абдулмалик ба вай вогузор шуда буд, ночор канорагирӣ кард. Ин ки баъд аз он мансаби вазорат ба Абӯҷаъфари Утбӣ ва ҳукумати Хуросон ба Абулҳасани Симҷӯр дода шуд, заъфи Абдулмаликро дар муқобили қудрати сипоҳиён нишон дод. Дар тамоми ин таъйинкарданҳо ба вазорат ва озод карданҳо аз мансаби вазорат саркардаи ғуломини турк - Алптегин даст дошт. Абдулмалик кӯшиш кард, то худро аз зери нуфузи Алптегин раҳо созад. Бинобар ин Утбиро бо гуноҳи сарфаи зиёди хазина ва Симҷӯрро барои корҳое, ки дар Хуросон карда буд, аз мансаб дур кард. Аммо бо ин корҳо раҳоӣ аз зери нуфузи Алптегин барои Абдулмалик муяссар нагардид.

Соли 961 Абдулмалик дар бозии чавгон аз асп афтода, ҳалок шуд ва тахти Бухоро холӣ монд. Марги ногаҳонии Абдумалик ибни Нӯҳ боиси кашмакашиҳои дарборӣ гардид. Низомулмулк, аз мудохилаҳои Алптегин дар мавриди нишонидани валиаҳди Сомониён ба тахти давлатдорӣ зикр менамояд. Бо талаби Алптегин писари хурдсоли Абдумалик ибни Нӯҳ

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С. 102.
[2] Ҳамон ҷо. С.102-103.

Насри III-ро Балъамии вазир ба тахт нишонд. Аммо ин интихоб боиси қабули бузургон нашуд. Ихтилофи дарбориён аз нав шиддат гирифт ва бо пешниҳоди Абулҳасани Фоиқ – як саркардаи дигар аз ғуломони хосса, бародари Абдумалик – Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳро (961-976) ба тахт нишонданд. Алптегин, ки дарбор ва сипоҳи Бухороро бар зидди худ дид, аз саҳнаи рақобат худро канор кашид. Низомулмулк дар ин маврид менависад: «Алптегин молҳо базл карду ҳар ҷаҳде, ки мумкин буд, бикард, ба ҳеҷ гуна дили Мансур ибни Нӯҳро ба даст натавонист овардан».[1] Низомулмулк дар идома менависад, ки ҳар воқеае, ки дар Бухоро мегузашт, ҷонибдорони Алптегин ба ӯ менавиштанд ва боре хабар доданд, ки душманони Алптегин ба Мансур ибни Нӯҳ пешниҳод карданд, ки «то Алптегинро накушӣ, ту подшоҳ набошӣ ва фармонраво нагардӣ».[2] Бо шунидани ин хабар Алптегин ба Ғазна рафт ва соли 961 ҳукумати Ғазнавиёнро дар он ҷо бунёд ниҳода, бахше аз қаламрави давлати Сомониёнро ба ихтиёри худ гирифт. Низомулмулк яке сабабҳои парокандагӣ ва билохира суқути Сомониёнро дар канорагирии Алптегин аз хонадони Сомонӣ мепиндорад: «Чун ӯ аз Хуросон бирафт, давлат аз хонадони Сомониён бирафт».[1]

Дар баррасии воқеаҳои таърихии дар «Сиёсатнома» инъикосёфта мо танҳо ба зикри чанде аз онҳо кифоят кардем. Бешубҳа руҳдодҳои таърихии ин асар омӯзиш ва таҳқиқоти алоҳида ва хосро талаб мекунад, ки он дар доираи ин рисола бо дарназардошти фарогир будани матолиби он қобили иҷро нест ва он дар таҳқиқотҳои оянда дар назар гирифта хоҳад шуд.

«Сиёсатнома» аз мероси бузурги фарҳангии асримиёнагии халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Мутмаинан метавон гуфт, ки чун Низомулмулк «Сиёсатнома»-ро ба забони тоҷикӣ-форсӣ навишта, ба Маликшоҳи Салҷуқӣ пешниҳод кард, бинобар ин метавон хулоса кард, ки: нахуст Маликшоҳи Салҷуқӣ бо забони тоҷикӣ-форсӣ ошноии комил доштааст ва дувум забони муоширати дарбори Салҷуқиён тоҷикӣ-форсӣ будааст. Бояд

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С. 105.
[2] Ҳамон ҷо. С. 106.

гуфт, ки мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ-форсӣ аз аҳди Тоҳириён оғоз шуд, Саффориён онро бештар тақвият доданд ва Сомониён ин забонро то мақоми давлатӣ баланд бардоштанд. Дар зимн дабири маъруфи дарбори султон Санҷари Салҷуқӣ, муаллифи рисолаи «Атабат ал-катаба» Мунтаҷабуддин Бадеъ Атобак ал-Ҷувайнӣ менависад: «...мукотибот ва муросилот ба луғати тозӣ соир ва содир буд то бад-ин айёми мамлакати Сомониён ва Дайламиён ва Саффориён, ки ба тадриҷ порсӣ навиштан гирифтанд ва бар даргоҳи мулук бозори забони дарӣ нафоқ ёфт ва муношир ва уҳуд ва рисолот бад-ин иборат равон гашт».[2]

Насри китоб равону сода ва дилкаш ва холӣ аз печидагӣ буда, бо забони фасеҳ ва насри шево нигошта шудааст. «Сиёсатнома» ба қавли ховаршиноси машҳури Фаронсавӣ Ш.Шеффер «иншоаш мушобиҳати тамом дорад бо тарзи баёне, ки феълан дар мамолики Эрон мутадовил аст».[3] Дар зимн муҳаққиқи эронӣ З.Сафо менависад, ки «каломи нависанда ба дараҷае аз равонӣ аст, ки ҳанӯз баъд аз гузашти садҳо сол тароват ва тозагии худро аз даст надода».[4]

Калимаҳо ва таркибҳои зебо, ки дар забони имрӯзи тоҷикӣ аз он фаровон истифода мешаванд, аз қабили «кордор», «миёнаҳол», «нонпора», «арзонӣ доштан», «устувор доштан», «барнишастан», «баркашидан», «фармон ёфтан», «қисса пардохтан» ва ғайра дар насри равони «Сиёсатнома» борҳо ба мушоҳида мерасанд.

Услуби нигориши «Сиёсатнома» чунон аст, ки агар хонанда ба сабки насри гузашта одат накарда бошад ҳам, ба осонӣ мафҳуми матолибро дар ин китоб дарк мекунад.

«Сиёсатнома» шомили ҳикоёт ва ривоёти марғуб ва дилнишин аст ва ин шоистагиҳо буд, ки нависандагон ва донишмандони баъдӣ матолиби онро мавриди истифодаи фаровон қарор доданд.

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, 1998. С. 114.
[2] Мунтаҷабуддин Бадеъ Атобак ал-Ҷувайнӣ. Атабату-л-катаба. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми аллома Муҳаммади Қазвинӣ ва Аббоси Иқбол. Теҳрон: Ширкати саҳҳомии чоп, 1329. С.2.
[3] Муқаддимаи Шеффер // Сиёсатнома. Теҳрон 1344. С. Ёздаҳ
[4] Сафо Забеуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ. 2. Теҳрон, 2000. С. 906.

Хулоса, як асари ҷамъбастӣ оид ба фаъолияти сиёсии беш аз 30-солаи Низомулмулк мебошад, ки дар вай таҷрибаи андӯхтаи муаллиф дар умури сиёсати давлатдорӣ, усули ҳукумат кардан дар сарзаминҳои фарохи ишғолии Салҷуқиён, одобу ахлоқи давлатмардон ва зердастони онҳо, инчуни баъзе аз ҳаводиси таърихии аҳди Сосониён, Саффориён, Сомониён ва Ғазнавиён зикр шудаанд. Равиши Низомулмулк дар тавзеҳи наҳзатҳо ва рӯйдодҳои таърихӣ бар он асос гирифтааст, ки ӯ барои исботи моҳияти ҳар ҳодисае, ки дар бораи он иттилоъ медиҳад, аз воқеияти таърихи пешин далел меорад ва онро бо рухдоди баённамудаи хеш иртибот медиҳад. Низомулмулк дар фаслҳои марбут ба наҳзатҳои динӣ баъд аз ишғоли арабҳо, ки дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр ба вуҷуд омаданд, мисли наҳзати Синбоди Муғ, Маздаку маздакиён, хурӯҷи хуррамдиёниён ва пешвои онҳо Бобак, ботиниён ва ғайра бо таассуби мазҳабӣ сухан мегӯяд ва ба ҷуз аз асҳоби суннату ҷамоат аз қалами ӯ нисбат ба наҳзатҳо ва хурӯҷҳои зикршуда носазогӯиҳо ба мушоҳида мерасад.

# БОБИ II

# НИЗОМИЯҲО – НАХУСТИН МАРКАЗҲОИ ТАЪЛИМӢ ВА ИЛМӢ БО СОХТОРИ ИДОРИИ МУНАЗЗАМ ВА ПЕШРАФТА

## II.1. Аз таърихи мадрасаҳои Хуросони Бузург ва фаъолияти онҳо

Хуросон ба унвони истилоҳи ҷуғрофиёӣ аз замонҳои хеле қадим арзи вуҷуд карда аст. Дар манобеи таърихӣ Варорӯд (Варазрӯд) ва Хуросон (қисмати шарқии Эрон) ба истилоҳи Хуросон ва ё Хуросони Бузарг ёд мешаванд. «Илова намудани вожаи «бузург» ба исми сарзамини Хуросон пеш аз ҳама ба ҳадафи мутамоиз кардани ин сарзамин аз вилояти ҳамноми он – Хуросон дар шарқи Эрон аст, ки дар он танҳо ҳудуди ниме аз бахши ғарбии Хуросони Бузурги таърихӣ ҷойгир аст. Вожаи «бузург» ҳамчунин барои ташхиси мафҳуми ҷуғрофиёи густурда гузошта шуда, номи Хуросони Бузург барои тавсифи як минтақаи бузургтар истифода мешуд, ки он дар шимол аз Варорӯд: Суғду Хоразм то баҳри Хазар, дар самти ҷануб то биёбони Систон ва дар шарқ то кӯҳҳои Ҳиндукуш доман мегустарид».[1]

Хуросони Бузург ҳамеша маҳди илму дониш буд ва онро аз ин рӯ гаҳвораи илму дониш хондаанд, ки ин сарзамин аз аҳди бостон дар бистари отифаи худ бузургтарин мардони илму хирадро парварид, ки онҳо таъсири қобили мулоҳизае дар таърихи илму фарҳанги ҷаҳонӣ гузоштанд. Таҳаввулоти фикрӣ ва ақлӣ ҳамеша дар дарозои таърих дар ин сарзамин новобаста аз авзои замон ба назар мерасад. Беҳуда нест, ки дар асрҳои миёна маркази зуҳури тариқаҳои тасаввуф, мисли қодирия, рифоия, тайфурия, суҳравардия, мавлавия, кубравия, чиштия, нақшбандия, бектошия, ҳайдария, неъматуллоия, нурбахшия, қаландария ва ё дарвешони ҷаҳонгард ва ғайра Хуросони Бузург буд. Қисмати зиёди сӯфиёни аввалия аз шаҳрҳои Хуросони Бузург: Балх, Ҳирот, Самарқанд, Бастом, Нахшаб, Нишобур, Тус, Тирмиз ва ғайра бархостаанд.

---

[1] Камол Ҳ. Ҳокимони Хуросон дар аҳди охирин шоҳони Сосонӣ ва замони хулафои рошидин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). №3/3. Душанбе, 2017. С.4-5.

Бидуни тардид дар роҳи ба гаҳвораи илму дониш табдил ёфтани ин сарзамин нақши марказҳои таълимӣ, ки бо номи мадраса маъруфанд, хеле бузург аст. Мадрасаҳои асри миёнагӣ, ки зинаи баъдии таълим пас аз мактабҳо ба ҳисоб мерафтанд ва фарогири илмҳои бештар буданд, бинобар ин онҳоро метавон шартан ба истилоҳи имрӯз чун донишгоҳ ном бурд. Мадрасаҳо на танҳо маркази таҷаммӯи толибилмон ва тадрис ба ҳисоб мерафт, инчунин онҳо дар рушди улуми маъруфи замони худ нақши калидӣ доштанд, ки бузургтарин донишмандон дар мадрасаҳои маъруфи Хуросони Бузург ба толибилмон дарс мегуфтанд. Нахустин мадраса дар қаламрави Хуросони Бузург: дар Нишопур мадрасаи Байҳақия бо ташаббуси Иброҳим Иҷлии Байҳақӣ (вафот 935) ва дар пойтахти давлати Сомониён, шаҳри Бухоро соли 907 ба ибтикори Исмоили Сомонӣ таъсис ёфт.[1]

Агар ба таърихи таъсиси мадрасаҳо дар билоди дигари ислом таваҷҷуҳ кунем, мебинем, ки ин муассисаҳои таълимӣ хеле баъд аз Хуросони Бузург ба вуҷуд омадаанд. Масалан, дар Миср мадрасае бо номи «Ал-авфия» соли 1137 дар шаҳри Искандария сохта шуда буд, ки мансуб ба Ибни Авфзии Заҳро мебошад. Дуюмин мадраса дар Миср мадрасаи «Салафия» ё «Ал-ҳафизия» буда, аз ҷониби Абдулҳасан Алӣ Ибни Солор маъруф ба Ал-Маликулодили вазир соли 1149 дар шаҳри Искандария бунёд гардида аст. Ин мадраса аз ҷониби вазири Зафар ном халифаи Фотимиён барои ҳофиз Абӯтоҳири Салафӣ бино шудааст.

Нахустин мадраса дар сарзамини Ҳиҷоз соли 1183 дар шаҳри Макка барои пайравони мазҳаби ҳанафия бо номи мадрасаи «Занбилӣ» сохта шудааст.

Нахустин мадраса дар Тунис соли 1249 аз ҷониби ҳамсари Абӯзакариёи аввал хонум Амира Атаф бо номи «Ал-шамоия» бино гардидааст. Дар Марокаш нахустин шахсе, ки мадраса сохт, султон Яъқуб ибни Абдулҳаққи Мароинӣ дар соли 1286 буд.

---

[1] Ноҷии Маъруф. Мадориси илмияи қабл аз низомия // Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. Теҳрон, 1986. С. 206, 213.

Аввалин мадраса дар сарзамини Андалусия, ки дар соҳилҳои ҷанубии Испания воқеъ аст, соли 1349 аз ҷониби Ризвон Насри Ҳоҷиб (ваф. 1358) ном вазир таъсис ёфтааст. Дар бораи Ҳоҷиб ва мадрасаи ӯ чунин менависанд: «Ӯ мадрасаро дар Ғарнота эҷод кард ва пеш аз он мадрасае дар он ҷо набуд. Ва фавоиде бад-он марбуд сохт ва амлок ва мустағлоте барои он вақф намуд ва он мадрасаи якто дар мунқабат гардид ва дар беҳҷат ва зарофат ва фахоҳат беназир шуд ва аз тариқи вақф оби нӯшиданӣ барои он фароҳам кард».[1]

Аз баррасии матолиби таърихӣ аз сарчашмаҳои муътабар метавон ба чунин натиҷа расид, ки оғози таъсиси нахустин мадрасаҳо дар саросари ҷаҳони ислом чунин аст:

Хуросони Бузург: Нишопур ва Бухоро дар  соли 907, Миср (Ҷомуъ-ул-азҳар) 971, Ироқ соли 1064, Шом соли 1097, Ҳиҷоз (Арабистон) соли 1183, Тунис соли 1249, Мағриб то соли 1286, Андалузия соли 1341.[1]

Аз ин бармеояд, ки нахустин мактаби олии исломӣ, яъне мадрасаҳо на дар ғарби ислом, яъне на дар сарзамини арабҳо, ки ватани зуҳури ислом аст, балки дар сарзамини қавмҳои ориёнажод, яъне тоҷикону эрониён ба фаъолият оғоз намудааст. Ин амал бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки гузаштагони мо дар ташаккул ва такомули тамаддуни исломӣ бузургтарин нақшро доштаанд.

Аммо бо вуҷуди ҷой доштани тамоси илмии устувор байни ғарб ва шарқи ҷаҳони ислом муаррихони маъруфи ғарби ҷаҳони ислом, чун Хатиби Бағдодӣ, Ибни Ҷавзо, Ибни Дабишӣ, Ибни Асир дар осори худ доир ба мадрасаҳое, ки дар сарзамини Хуросои Бузург таъсис ёфта, фаъолият намудаанд, ҳеҷ маълумоте намедиҳанд. Танҳо Ибн ал-Наҷҷори Бағдодӣ ба баъзе аз ин мадрасаҳо ишора кардааст.

Пажӯҳишгарони таърих ва тамаддуни исломӣ, мисли Ҷорҷ Зайдон дар китоби «Тамаддуни исломӣ», Аҳмад Амин дар китоби «Нимрӯзи ислом», Аҳмади Шиблӣ дар китоби «Таърихи тарбияти исломӣ», Муҳаммад

---

[1] Ноҷии Маъруф. Мадориси илмияи қабл аз низомия // Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. Теҳрон, 1986. С. 213.

Ғанима дар китоби «Таърихи донишгоҳҳои бузурги ислом» низ аз мадрасаҳоеро, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон фаъолият менамуданд, чизе нагуфтаанд.

Акнун мепардозем ба муаррифии мадрасаҳои пеш аз низомияҳои Хуросони Бузург:

**Мадрасаи Қаттон**. Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Маҳмуд ибни Ҳамзаи Нишопурӣ маъруф ба Қаттон (ваф. 912) - фақеҳи моликиро метавон аз пештозони наҳзати таъсиси мадрасаҳо дар Нишопур номид. Ӯ дар масҷид ва мадрасаи худ, ки ба Миёндеҳия маъруф буд, ба ривоҷи мазҳаби моликӣ пардохт. [1]

**Мадрасаи Байҳақӣ.** Ин мадраса аз нахустин ниҳодҳои омӯзишии пеш аз мадориси низомия ва қабл аз таваллуди Низомулмулки Тӯсӣ ба дасти Абулҳасан Муҳаммад ибни Шуайб ибни Иброҳими Иҷлии Байҳақӣ (ваф. 936) фақеҳ ва мударриси шофеӣ дар Куйи Сайёри Нишопур сохта шуд. Байҳақӣ аз касоне чун Ибни Хузайма, Муҳаммад ибни Исҳоқ, Абулаббос ибни Сурайҷ ва Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ дар ин мадраса дониш омӯхтаанд, ривоят кардааст. Яке аз шогирдони ин мадраса Абулҳасан Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алии Байҳақии Хусравҷирдӣ – котиб, адиб ва фақеҳи шофеӣ ва мураббӣ ва мусоҳиби Абулаббоси Исфаронии вазир мебошад. Ин шогирд низ мадрасае ба номи мадрасаи Байҳақӣ доштааст ва аз моли худ сохта будааст. Ба ривояти Алӣ ибни Зайди Байҳақӣ дар «Таърихи Байҳақ» Алӣ ибни Ҳусайни Байҳақӣ устоди Абӯисҳоқи Исфароиниро (ваф. 1027) дар мадрасаи худ макони зист дод. Баъдҳо Абулмаолии Ҷувайнӣ (ваф. 1085) фақеҳи шофеӣ пас аз марги падар дар соли 1042 илми усулро дар ин мадраса назди Абулқосим Искофии Исфароинӣ (ваф. 1060) фаро гирифт. Дар ин мадраса ҳуҷраҳое барои сукунати уламо ва шояд талабагон вуҷуд доштааст. Соли 1019 Абӯбакр Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмади Исфаҳонӣ – адиб, фақеҳ ва муҳаддиси зоҳиди Исфаҳонӣ ба Нишопур омад ва дар маҷолиси назар ҳузур ёфт ва ба ривояти ҳадис пардохт ва саранҷом

---

[1] Ноҷии Маъруф. Мадориси илмияи қабл аз низомия. С.213.

дар ин мадрасаи Байҳақӣ даргузашт. Мадрасаи Байҳақӣ то муддатҳои баъд вуҷуд дошт. Мутавалиёни баъдинаи мадраса Абӯсолеҳ Аҳмад ибни Абдулмалик ибни Алии Муаззин (998-1078), Абӯбакр Муҳаммад ибни Маъмун ибни Алии Абевардӣ (ваф. 1101) ва дигарон буданд. Ин мадраса баъд тавасссути Ҳусайн ибни Абулаббос Муҳаммад ибни Ҳасани Фаравон бозсозӣ шуд.[2]

**Мадрасаи Юсуф ибни Ҷаъфари Нишопурӣ**. Ин мадраса ҳудуди соли 921 барои яке аз уламои саршиноси шаҳр Юсуф ибни Ҷаъфар ибни Муҳаммад дар наздикии масҷиди Раҷо аз ҷониби ҳокими вакти Нишопур сохта шуд.

**Мадрасаи Дор-ус-суна.** Фақеҳ, муҳаддис ва мутакаллими шофеӣ Абӯбакр Аҳмад ибни Исҳоқ ибни Аюби Сибғии Нишопурӣ (827-953) дар наздикии боғи ҷомеи Нишопур мадраса бунёд намуд, ки бо номи Дор-ус-суна маъруф буд. Сибғӣ муаллифи осоре аз қабили «Фазоил-ул-арбаа» мебошад. Пас аз марги Сибғӣ ин мадраса ба шогирди ӯ Абӯабдуллоҳ Ҳокими Нишопурӣ вогузор гардид. Нахустин мударриси ин мадраса Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмади Сандуқии Нишопурӣ мебошад. Аз дигар мударрисони ин мадраса Муҳаммад Ҳоҷиб ибни Аҳмади Тӯсӣ (ваф. 947), адиб, муҳаддис, аллома Абӯамр Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Зардӣ (ваф. 949), Абулҳусайн Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҷаъфари Буҳайрӣ, муҳаддис ва шайхи шофеӣ Абулҳасан ибни Аҳмади Нишопурӣ, Абӯбакр Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Бустӣ буданд.[3]

**Мадрасаи Ҳаддод**. Ҳасан ибни Яъқуб ибни Юсуфи Нишопурӣ маъруф ба Ҳаддод (ваф. 947) зоҳид ва суфӣ дар хориҷи Нишопур дар хонақоҳи худ дарс мегуфт.[4]

---

[1] Ноҷӣ Муҳаммадризо. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Душанбе, 2011. С. 815.; Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. Теҳрон, 1986. С.237.
[2] Муҳаммадризо. Н. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Душанбе, 2011. С.816-817.
[3] Самъонӣ. Ал-ансоб. Ҷ.8. С.276.
[4] Нишопурӣ Ҳоким Муҳаммад ибни Абдуллоҳ. Таърихи Нишопур. Тарҷуми Муҳаммад ибни Ҳусейн Халифаи Нишопурӣ. Бо кӯшиши Аҳмад Ризо Шафеии Кадканӣ. Теҳрон, 1966. С.159.

**Мадрасаи Абӯисҳоқи Бастомӣ** (ваф. байни солҳои 926-946). Бастомӣ дар боғи Розиини Нишопур мадраса ва хонае барои аҳли ҳадис бунёд намуд буд.

**Мадрасаи Кулортегин дар Бухоро**. Абӯбакри Наршахӣ дар бораи амири Бухоро Туғрулбек, ки Кулортегин лақаб дошт, менависад: «Вай чӯбҳои он масҷидро (Искаҷкатро) бихарид аз варасаи Солор ва он масҷидро вайрон кард ва чӯбҳоро ба шаҳри Бухоро овард ва мадрасае бино кард ва наздики Чӯбаи Баққолон ва он чӯбҳоро дар он ҷо харҷ кард ва моли беҳад дар он ҷо ба кор бурд. Ва он мадрасаро мадрасаи Кулортегин хонанд. Ва хоки ин амир дар он мадраса бувад».[1]

Абӯбакри Наршахӣ дар бораи оташсӯзии шаҳри Бухоро дар моҳҳои май-июни соли 937 хабар дода, аз оташ гирифтани мадрасаи Форҷак менависад: «Ва оташ бар ҳаво чун абр ҳамерафт ва Куйи Бикор ва тимчаҳои бозор ва мадрасаи Форҷак ва тими Кашфгаронро ва бозори саррофону баззозон ва он чӣ дар Бухоро буд, бад-ин ҷониб, ҳама бисӯхт то лаби рӯд».[2]

Самъонӣ аз мадрасаи мансуб ба Абӯҳафси фақеҳ ёд карда, мегӯяд, ки муҳаддиси аҳли Форс Абӯбакр Муҳаммад ибни Аҳмад Шоҳуии Форсӣ пас аз чанде иқомат дар Нишопур ба Бухоро рафт ва дар мадрасаи Абӯҳафси фақеҳ тадрис кард ва сипас ба Форс баргашт.[3]

**Мадрасаи Ҳассони Қаршӣ.** Ин мадрасаро Ҳассон ибни Муҳаммади Қаршӣ (ваф. 960) таъсис намудааст. Ӯ имоми аҳли ҳадис дар Хуросон буд ва аз миёни уламо зоҳидтарин ва обидтарин ба шумор мерафт. Ҳассони Қаршӣ дар шаҳрҳои Бағдод, Нишопур ва Нисо дарс медод ва ҳадис мегуфт ва аз ӯ ҳадис нақл мешуд.[4]

**Мадрасаи Ибни Ҳубони Тамимӣ.** Ин мадрасаро Абӯҳотам ибни Ҳубони Тамимӣ пеш аз соли 965 таъсис додааст. Ёқути Ҳамавӣ дар китоби «Муъҷам-ул-булдон» менависад, ки «Абӯҳотам ибни Ҳубон китобҳояшро

---

[1] Наршахӣ Абӯбакр. Таърихи Бухоро. Душанбе, 2012. С. 41.
[2] Ҳамон ҷо. С. 171.
[3] Самъонӣ. Ал-Ансоб. Ҷ. 8. С. 46.
[4] Субкӣ Тоҷиддин. Табақот-ул-шофеия. Ҷ. 3. С. 226.

вақф кард ва онҳоро дар хонае, ки худ марсуми онро дода буд, ҷамъ кард ва имрӯз мадрасае барои асҳобаш аст. Ин мадраса ҳамчунин маскане барои ғарибон ва аҳли ҳадису фиқҳ аст».[1]

**Мадрасаи Абӯҳафс дар Бухоро**. Ин мадраса пеш аз соли 975 таъсис шудааст. Тоҷиддини Субкӣ дар китоби «Табақоти васатӣ» дар шарҳи ҳоли Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Али ибни Шохвия, ки ӯ Абӯбакр Қозии Форсӣ аст, ба нақл аз Ҳокими Нишопурӣ аз он ёд мекунад. Он чӣ Субкӣ аз забони Ҳоким нақл мекунад, ин аст: «Вай замоне имоми Нишопур буд. Сипас ба Бухоро рафт ва дар мадрасаи Абӯҳафс дарс медод. Сипас ба Нишопур рафт ва дар он ҷо ҳадис гуфт. Ва дар асоли 971 дар Нишопур даргузашт. Дар китоби «Табақот»-и Шерозӣ омадааст, ки Абӯбакри Шоҳвия дар соли 971 вафот кард. Ин навишта ба он далолат мекунад, ки мадрасаи Абӯҳафс пеш аз сафари Ибни Шоҳвия ба Бухоро таъсис шудааст. Дар китоби «Мунтахаб-ас-сайёқ» шарҳи ҳоле аз Абӯҳасани Фақеҳ вуҷуд дорад: «Ӯ Алӣ ибни Абӯнаср ва аз риҷоли ҳунарманд ва соҳибназар дар умури қазо буд. Қироати «Саҳеҳ»-и Бухориро назди Абӯсаҳли Ҳафсӣ дар мадраса дар соли 1072 ба поён бурд ва вафоташ дар соли 1119 будааст. Ин навишта моро ба он водор мекунад, ки шояд ин мадраса ҳамон мадрасаи Ҳафсия буда ва то соли 1119 мавҷуд будааст.[2]

**Мадрасаи Абӯсолеҳи Таббонии шаҳри Ғазна**. Соли 995 Абӯсолеҳ аз Нишопур ба Ғазна рафт ва дар мадрасае, ки то замони Абӯфазли Байҳақӣ наздики дари Бустиён бар ҷой буда, ба дарсгӯӣ пардохт. Аз шогирдони Таббонӣ метавон аз қозиулқузот Абӯсулаймон Довуд ибни Юнус ва бародари ӯ Қозӣ Муҳаммад ном бурд.[3]

Дар Бузаҷон (шаҳре миёни Нишопур ва Ҳирот) мадрасае вуҷуд дошт ва шайх Абӯзарри Бузаҷонӣ дар он ба дарсгӯи машғул буд. Сабуктегин соли 997 ин шайхро зиёрат кардааст.[4]

---

[1] Ёқути Ҳамавӣ, Шаҳобуддин Абдулло. Муъҷам-ул-булдон. Ҷ. 1.Бейрут, 1955. С. 417.
[2] Субкӣ Тоҷуддин. Табақот –уш-шофеия. Миср, 1964. Ҷ.3. С.78.
[3] Байҳақӣ. Абулфазл. Таърихи Байҳақӣ. Душанбе, 2014. С. 249.
[4] Ноҷии Маъруф. Мадориси илмияи қабл аз Низомия // Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. Теҳрон, 1986. С. 827.

**Мадрасаи Дарвозаи** Бустиён дар Ғазна пеш аз соли 995 таъсис шудааст. Зикри ин мадраса дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» дар сухан аз Абӯсалоҳ (ваф.1009) омадааст. Соли 995 Маҳмуди Ғазнавӣ ӯро дар Ғазна барои имоматии мазҳаби Абӯҳанифа таъйин кард ва дар дарвозаи Бустиён дар мадрасае, ки он ҷо буд, ба тадрис машғул шуд. Абӯсолеҳ эътибори бузурге назди Маҳмуди Ғазнавӣ дошт. Ҳангоми вафоти Абӯсолеҳ Маҳмуди Ғазнавӣ ба вазири худ Абулаббоси Исфароинӣ дастур дод, ки ба мадрасаи ин имом биравад ва барои ӯ маросими азодорӣ барпо кунад.[1]

**Мадрасаи Муҳаммад ал-Ҳамшодӣ.** Ин мадрасаро пеш аз соли 998 фақеҳ ва адиби маъруф Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Ҳамшод Абӯмансур ибни Абӯмуҳаммади Ҳамшодии Нишопурӣ таъсис намуд аст. Вай соли 928 зода шуда, соли 997 аз олам гузашта аст. Ҳамшодӣ илми ҳадисро аз Абӯҳомид ибни Билол ва Абӯбакри Қаттон дар Ироқ аз Абӯалии Саффор ва Абӯҷаъфари Разоз ва дар Ҳиҷоз аз Абӯсаид ибни Аъробӣ омӯхтааст. Муҳаммади Ҳамшодӣ яке аз обидон ва зоҳидони замони худ буда, аз ҳамнишӣ ва дӯстӣ бо подшоҳону дарбориёни онҳо дурӣ ҷуста, ҳамеша сокини масҷиду мадраса буд.[2]

**Мадрасаи ибни Ризвон.** Ин мадрасаро Ҳасан ибни Довуд ибни Ризвон Абӯалии Самарқандӣ дар соли 999 таъсис дода аст. Вай дар Хуросону Ироқ илми фиқҳ, дар шаҳри Басра «Сунан»-и Абудовудро аз бар намуда, сипас ба Нишопур баргашта ва мадраса таъсис намуда, тӯли панҷ сол дар он дарс дода аст. Вафоти ибни Ризвон дар соли 1004 мебошад.

**Мадрасаи Саидияи Нишопур.** Онро ҳангоме ки Сабуктегини Ғазнавӣ волии Нишопур буд, дар соли 1000 таъсис намуд.[3]

**Мадрасаи Даққоқияи Нишопур.** Ин мадраса аз ҷониби донишманди машҳури асри худ Абӯали Ҳасан ибни Алии Даққоқӣ соли 1000 сохта шудааст. Номи ин мадраса дар шарҳи ҳоли донишмандоне аз қабили Абуисҳоқи Тӯсӣ (ваф. 1020) ва Абувалиди Балхӣ омадааст.

---

[1] Таърихи Байҳақӣ. С.213.
[2] Ноҷии Маъруф. Мадориси исломии қабл аз низомияҳо // Ёддоштҳои Адиби Нишопурӣ. С.226.
[1]Ноҷӣ Муҳаммадризо. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Душанбе, 2011. С. 826.

**Мадрасаи Соидияи Нишопур.** Мадрасаи Саидия то соли 1011 таъсис ёфта, Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Умар, Қозӣ Зиёд Абдулқосим, Қозӣ Имом Абдулаъло, Соид ибни Қозиулқузоъ, Абулаъло Соид ибни Мансур ибни Исмоил барин ашхоси саршинос аз мударрисони он будаанд. Аз ҷумла, Абдулқосим Соид ибни Қозиъулқузоъ (ваф. 1077) дар Мовароуннаҳр, Ироқ, Рай ва Ҳамадон ҳадис омӯхта, муддате дар «Соидия» муовини падар буда, ду сол тадрис намуда, қозиулқузоти Нишопур ва соҳиби мартабаи фатво барои пайравони мазҳаби ҳанафӣ буд.

**Мадрасаи Абӯсаъди Зоҳид.** Ин мадраса то соли 1013 сохта шуда, муассисаш Абдулмалик ибни Абӯусмон Муҳаммад ибни Иброҳими Нишопурӣ буд. Вай илми фиқҳро назди Абдулҳусайни Ҷасбӣ омӯхта, дар Ироқ, Ҳиҷоз, Макка, Миср, Шом ҳадис шунида ва ба Нишпур баргашта, дар маҳаллаи Харгӯшон мадраса ва бемористон бино кард. Абӯсаъди Зоҳид муаллифи чанд китоб дар мавзӯи далоил-ул-нубува ва улумалшариа мебошад.

**Мадрасаи Саҳли Саълукии Аҷалӣ дар Нишопур.** Ин мадраса пеш аз соли 1013 аз ҷониби Абутайиб ибни Абӯсаҳли Салъукӣ (ваф.1013) таъсис дода шудааст. Вай дар назди падараш илми фиқҳ омӯхта, муддате муфтӣ ва қозии Нишопур будааст.[1]

**Мадрасаи Исфароинӣ дар Нишопур.** Ин мадраса барои Абӯисҳоқи Исфароинӣ пеш аз соли 1014 бунёд гаштааст. Ӯ баъд аз инки муддате дар Ироқ буд, ба Нишопур бозгашт ва дар ҳоле, ки донишмандони Ироқ ва Хуросон дар илм бартарии вайро иқрор кардаанд, ба Нишопур бозгашт. Барои вай мадрасае бино гардид, ки пеш аз он назираш дар Нишопур сохта нашуда буд ва дар он ҷо ба тадрис ва баёни ҳадис пардохт ва соли 1027 вафот кардааст.[2]

**Мадрасаи Собунӣ дар Нишопур.** Ин мадраса пеш аз соли 1014 барои Шайхулислом Абӯусмони Собунӣ (ваф. 1057) сохта шудааст, то ба донишҷӯён дар қироати Қуръон кумак кунад. Ӯ шаст сол дар маҷолиси

---

[1] Субкӣ Тоҷиддин. Табақот-ул-шофеия. Ҷ. 4. С. 393.
[2] Ҳамон. С. 29.

тазкир ва вазъ ширкат кард ва барои мардум дар намози ҷумъаи Нишопур ҳудуди бист сол хутба хонд. [1]

**Мадрасаи Бастомия** дар Нишопур аз ҷониби Иброҳим ибни Муҳаммад Абӯисҳоқи Бастомӣ бунёд шудааст. Вай дар Нишопур дар Бағалдарбайн маскан дошт ва ҳам мадраса ва ҳам хонааш дар он ҷо буд, ки онҳоро барои аҳли ҳадис сохта буд.[2]

**Мадрасаи ибни Фураки Ансорӣ**. Ин мадраса барои Абӯбакр Муҳаммад Ҳассон ибни Фураки Ансории Исфаҳонӣ (ваф. 1015) дар Нишопур сохта шудааст. Вай муддате дар шаҳрҳои Бағдоду Рай ба таълиму тадрис машғул буд. Вайро ба Нишопур даъват намуданд. Амир Насируддавла Абдулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим барои ӯ хона ва мадрасае дар канори хонақоҳи Абдулҳасани Пушангӣ бино кард. Ибни Фураки Ансорӣ доир ба фиқҳ ва дигар улуми исломӣ асарҳо таълиф намудааст.

**Мадрасаи Носеҳия** дар Нишопур то соли 1017 аз ҷониби фақеҳ Носеҳуддавла таъсис ёфтааст. Нахустин мударриси ин мадраса Абдулвоҳид ибни Исмоил ибни Пушанги Абдулқосими фақеҳ будааст. Яке дигар аз устодони ин мадраса Абӯабдуллоҳ Фуравӣ Муҳаммад ибни Фазл Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абдулаббос маъруф ба Абӯабдуллоҳ Соидии Нишопурӣ (1030-1135) мебошад. Вай «Саҳеҳ»-и Бухориро аз Абдулғофари Форсӣ шунид ва ҳамчунин назди шайхулислом Абӯусмони Собунӣ, бародараш Абӯалӣ, Абӯсаиди Ганҷрӯдӣ, Абӯбакри Байҳақӣ, Абдулқосим Абдулкарим ибни Ҳавозани Қаширӣ, Абӯисҳоқи Шерозӣ ва дигар устодони замон ҳадис шунида, илмҳои усул ва тафсирро назди Зайнулислом Қаширӣ, илми фиқҳро назди Имомулҳарамайн фаро гирифтааст[3].

**Мадрасаи ибни Абӯтайиби Нишопурӣ** соли 1019 дар шаҳри Исфароин аз ҷониби яке аз соҳибмулкон бо номи Абулқосим Алӣ ибни Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Умар таъсис шудааст. Ёқути Ҳамавӣ (ваф. 1228)

---

[1] Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. Теҳрон, 1986. С. 244.
[3] Ҳамон. С. 247.
[3] Ноҷии Маъруф. Мадориси илмияи қабл аз Низомия // Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. Теҳрон, 1986. С. 249.

менависад, ки асари ин мадраса то кунун боқӣ аст. Абулқосим ин мадрасаро барои Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Аҳмади Нишопурӣ маъруф ба Абӯтайиб таъсис кард ва бар он номи ӯро ниҳод. Дар бораи шарҳи ҳоли Абӯтайиб дар китоби «Муъҷам-ул-удабо» чунин омадааст: «Муваллидаш дар Нишопур ва мутаваттинаш дар қасабаи Сабзавор ва дорои маъруфияти тамом бар Қуръон ва тафсири он будааст. Ва ӯ ба соли 458 (1065-66) даргузашт ва дар мақбараи Сабзавор ба хок супурда шуд».[1]

Абӯтайиб шогирдони зиёде тарбият карда, ки яке аз онҳо Абулқосими Номӣ мебошад, ки муншии ҳамон мадраса буд. Вай таълифоти зиёде дошта, ки яке аз он тафсири Қуръон бо номи «Тафсири Кабир» дар 30 ҷилд ва дигаре «Тафсири авсат» дар 11 ҷилд ва сеюмин «Тафсири сағир» дар 3 ҷилд мебошад.

Дар китоби «Маҷмаъ-ул-удабо» доир ба яке аз лаҳзаҳои ҳаёти Абӯлтайиб чунин омадааст: «Ӯро ба соли 414 (1023) назди султон Маҳмуд ибни Сабуктегин бурданд. Ва чун ба маҷлиси ӯ ворид шуд, бидуни иҷоза нишаст ва шурӯъ кард ба хондани ривояте аз таърихи паямбар (с) бидуни ин ки султон ӯро ба ин кор амр карда бошад. Дар натиҷа султон ғуломеро амр кард, ки ӯро танбеҳ намояд. Пас ғулом мушти маҳкаме бар фарқи вай зад, ки он мушт муҷиби геронӣ дар самъи ӯ шуд ва кар гардид. Он гаҳ, ки султон аз манзалати вай дар дунё ва илму покӣ ва парҳезкорӣ огаҳ шуд, аз ӯ пузиш талабид ва дастур дод моле бад-ӯ бидиҳанд. Вай напазируфт ва гуфт, ки ман ниёзе ба мол надорам. Гар метавонӣ он чиро, ки аз ман гирифтӣ ба ман бозпасдиҳӣ, онро мепазирам ва он чиз шунавоии ман аст. Пас султон бад-ӯ гуфт: «Эй мард, мулк савлате дорад, ки гоҳ ниёзманди сиёсат аст. Ман туро дидам, ки аз воҷибӣ тааддӣ кардӣ, пас чунин амал аз ман сар зад. Ва акнун аз ту мехоҳам, ки маро ҳалол кунӣ». Абӯтайиб гуфт: «Худованд миёни ману ту ҳоким аст». Вай сипас гуфт: «Ту маро эҳзор кардӣ, ки аз ман ваъз ва таърихи паямбар ва хушуъ ва даргоҳи ӯро бишнавӣ, на он ки қавонин ва одоби подшоҳиро василаи ман барпо дорӣ ва сиёсати худро ба кор бандӣ. Ва ин чизе аст, ки ба худи подшоҳон ва

[1] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-удабо. Ҷ.5. С.231-232.

амсолони онон вобаст аст ва бо уламо иртиботе надорад. Сипас султон шарманда шуд ва сари худро ба сӯи ӯ кашид ва ба ӯ маъоника кард».[1]

**Мадрасаи Хаффофи** Нишопур (ваф. 1036) пеш аз соли 1036 таъсис шудааст. Абдулазиз ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Шайиб ибни Солеҳ Абусодиқ ибни Абдулвафои Воизи Форёбӣ маъруф ба Ал-Хаффоф марди фозил ва аз аҳли илму ҳадис будааст. Аз амакаш Абӯсаъди Хаффоф фиқҳ омӯхта ва аз Абуҷаъфари Халақонӣ ривояти ҳадис мекардааст.[2]

**Мадрасаи Абӯбакри Бустӣ** дар Нишопур дар соли 1037 таъсис шудааст. Муассиси он Аҳмад ибни Убайдулло ибни Муҳаммад ибни Ҷаъфар ибни Аҳмад ибни Мусо маъруф ба Абӯбакри Бустии фақеҳ мебошад.

**Мадрасаи Абӯсаъди Астарободӣ** дар Нишопур соли 1048 таъсис ёфтааст. Онро Исмоил ибни Алӣ маъруф ба Абӯсаъди Астарободии суфӣ ва воизи маъруф таъсис намудааст. Фавти ӯро дар соли 1048 ва 1056 навиштаанд.

**Мадрасаи Абдулҳасани Алматтутӣ.** Вай аз донишмандони маъруфи Нишопур буд. Соли 1052 дар Нишопур барои Абдулҳасани Алматтутӣ мадрасае бино карданд ва ӯро дар он ҷо сокин намуданд. Ӯ дар он ҷо ба тадрис пардохт ва бисёр хушбаён, огаҳ ва дар назди хосу ом суханонаш писандида буд.[1]

Хоҷа Абдулқосим Алӣ ибни Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Умар, ки худ аз бузургони ноҳияи Байҳақ буд, дар шаҳри Нишопур барои пайравони чаҳор мазҳаби аҳли суннат чаҳор мадраса бунёд кард. Мадрасаи аввал ба номи Имом Абдулқосим Абдулазиз ибни Юсуф барои ҳанафиён, дувум ба номи Имом Абдулҳасан Ҳаннони Воиз дар маҳалаи Навкӯй барои шофеиён, севум ба номи Имом Саид Алӣ ибни Абутайиб дар маҳаллаи Исфарис барои зайдиён ва чаҳорум дар маҳаллаи Шодраҳ барои карромиён. Ин хабар ба гӯши Султон Маҳмуди Ғазнавӣ мерасад ва ӯ фармон медиҳад то Хоҷа Абулқосимро ба пойтахти давлат шаҳри Ғазнӣ

---

[1] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-удабо. С.233.
[2] Ноҷии Маъруф. Мадориси илмияи қабл аз Низомия // Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. С.250.

даъват кунанд. Ҳангоме ки Хоҷа Абулқосим соли 1023 ба назди султон меояд, Маҳмуд ӯро мавриди сарзаниш қарор медиҳад. Султон Маҳмуд мегӯяд: чаро танҳо мазҳаберо, ки худ ба он муътақид ҳастӣ, ёрӣ намекунӣ ва барои пайравони он мадраса бино наменамоӣ? Ва агар шахсе барои пайравони чанд мазҳаб мадраса созад, бар хилофи муътақиди худ амал намуда ва касе, ки муртакиби ин кор шавад, иқдомоти ӯро на барои тақриб ба ҳаққи Таъоло, балки аз рӯи риё ва хадъа бояд донист. Саранҷом ба шафоати иддае аз бузургон Хоҷа Абуқосим аз хашми султон Маҳмуди Ғазнавӣ раҳоӣ ёфт.

**Мадрасаи Ибни Ғозираи Асадӣ** дар Бушанг пеш аз соли 1058 таъсис шудааст. Абдулҳасани Бохарзӣ (ваф. 1074) дар шарҳи ҳоли ибни Ғазирои Асадӣ аз ҷумла чунин менависад: «Абутолиб Ҳамза ибни Ғазирои Бағдодӣ, ки дар сафарҳое, ки ба Пушанг менамуд, дар ҳамон ҷо сокин гардид ва аз марсуми худ мадрасаро бино ниҳод, ки аз ҳар ҷониб донишҷӯён… ба сӯйи он сарозер гаштанд ва ӯ монанди чанголи шоҳин дар он мадраса истиқрор ёфт ва осори некаш бар ҳар толибилме, ки он ҷо рафту омад дошт, ҳусни асар бахшид ва ҳамагон аз улуми вай иқтибос намуданд. Вай ашъори адибона ва ба ҳинҷор дошт, ки бо вуҷуди он санги балодатро тарош ва нахт намедод». Дар идома Абулҳасани Бохарзӣ намунаҳое аз ашъори Ибни Ғозираи Асадиро оварда ва ёдовар шудааст, ки вафоти ӯ дар соли 1058 ба вуқуъ пайвастааст.[2]

**Мадрасаи шаҳри Бӯст** (дар ҷанубу ғарби Хуросон). Ин мадраса ба номи ибни Ҳиббони Бӯстӣ Абӯҳотам Муҳаммад - муҳаддис, фақеҳ ва шофеимазҳаб ва соҳибназар дар улуми шаръӣ ва бархе улуми ақлӣ ёд мешавад. Пас аз марги ӯ хонаашро барои шогирдонаш мадраса карданд. Донишҷӯёни фиқҳ ва ҳадис, ки аз дигар ҷойҳо омада буданд низ дар он ҷо иқомат мекарданд ва шаҳрия низ ба онҳо дода мешуд. Қитобхонаи ибни Ҳаббони Бустӣ вақфи он шуда буд.[3]

---

[1] Ноҷии Маъруф. Мадориси илмияи қабл аз Низомия // Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. С. 252.
[2] Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. Теҳрон, 1986. С.252.
[3] Самъонӣ. Ал-Ансоб. Ҷ. 2. С. 226.

**Мадрасаи Панҷдеҳи Марврӯд.** Дар Мараст яке аз деҳаҳои панҷгонаи Марврӯд мадрасае барпо буд. Ин мадраса аввалҳои асри XI вуҷуд доштааст, аммо таърихи таъсисаш маълум нест. Шахсе бо номи Абуяъқуб Юсуф ибни Иброҳим ибни Мансури Чочӣ яке аз шогирдони Абӯабдуллоҳ Ҳусайн ибни Ҳасани Ҳалимӣ (ваф. 1013) фақеҳи шофеӣ дар ин мадраса самои ҳадис кардааст.[1]

**Мадрасаи Омул**. Фармонравои Табаристон Носири Кабир Ҳасан ибни Алии Атруш (914-917) дар Омул мадрасае сохт ва он ҷо сокин шуд ва бо тадриси фиқҳу ҳадис ва калому шеъру адаб пардохт.[2]

**Мадрасаи Абувалиди Қаршӣ.** Муҳаддис, фақеҳ ва мударриси бузурги шофеии Хуросон Ҳасан ибни Муҳаммади Қаршии Нишопурӣ мадрасае бунёд намуд, ки дар он Абӯалӣ Ҳусайн ибни Яҳё ибни Закариёи Исфинқонии Нишопурӣ, Абулаббос Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Алии Бохарзӣ тадрис намудаанд.[3]

**Мадрасаи Абӯсаҳли Саълуқӣ**. Абӯсаҳл Муҳаммад ибни Сулаймони Саълуқӣ яке аз уламои бузурги Нишопур буд ва дар ин мадраса 32 сол ба шогирдон дарс гуфтааст.[4]

**Мадрасаи Ибни Фурак**. Мутакаллим, фақеҳ, муфассир, воизи шофеӣ Ибни Фурак пас аз таълиму тадрис дар шаҳрҳои Исфаҳон, Шероз, Рай бо даъвати ҳокими Хуросон амир Носирудавла Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳими Симҷур ба Нишпур баргашт. Абдулқосими Симҷур барои Ибни Фурак дар хонақоҳи Абдулҳасан Алӣ ибни Аҳмад ибни Саҳли Бушангӣ (ваф. 959) хона ва мадрасае сохт ва ӯ дар он ҷо ба тадрис машғул гардид.[5]

**Мадрасаи Абӯҷаъфар Салитӣ**. Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абулҳасан Муҳаммади Салитии Нишопурӣ (ваф. 991), ки аз мударрисони

---

[1] Субкӣ Тоҷиддин. Табақот-ул-шофеия. Ҷ. 2. С. 204; Ноҷии Маъруф. Мадориси илмияи қабл аз Низомия // Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. Теҳрон, 1986. С. 828.
[2] Омулӣ Авлиёуллоҳ. Таърихи Рӯён. Теҳрон, 1969. С. 110.
[3] Самъонӣ. Ал-ансоб. Ҷ.2. С.17
[4] Муҳаммадризо. Н. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Душанбе, 2011. С.823.
[5] Ҳамон ҷо. С.823.

бузург буд, мадрасаеро поягузорӣ кард ва ӯро дар он ҷо ба хок супориданд.[1]

**Мадрасаи Ҳамшодӣ**. Фақеҳ, мутакаллим ва воизи шофеӣ Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Ҳамшодӣ (928-998), ки аз Абӯвалиди Нишопурӣ илми фиқҳ омӯхта буд, масҷид ва мадрасае бунёд намуд ва дар он то охири умр ба тадрис пардохт. Ривоят мекунанд, ки ӯ 300 китоб таълиф кардааст.[2]

**Мадрасаи Саҳли Саълукӣ**. Фақеҳ, муҳаддис, адиб ва муфтии маъруф Абӯтайиб Саҳл ибни Муҳаммад ибни Сулаймон Иҷлии Саълукӣ (ваф. 1014) ва писараш Абӯсаҳл дар Нишопур мадраса бунёд намуданд, ки он миёни аҳли илм шуҳрати сазоворро касб намуд.[3]

**Мадрасаи Абӯалии Самарқандӣ.** Фақеҳи ҳанафӣ Абӯалӣ Ҳасан ибни Довуд ибни Ризвони Самарқандӣ (ваф. 1067), ки дар Нишопур назди Абӯсаҳли Зуҷҷоҷӣ илми фиқҳ омӯхт ва дар Ироқ такмили таҳсили илм намуд, пас аз бозгашт ба Нишопур, мадрасае бунёд намуда, ба тадрис пардохт.[4]

**Мадрасаи Абӯсаъди Харгӯшӣ.** Абӯсаъд Абдулмалик ибни Муҳаммади Харгӯшӣ (ваф. 1016) пас аз адои ҳаҷ соли 981 дар зодгоҳаш Харгӯши Нишопур мадраса ва китобхона таъсис дод ва ба дарс гуфтан машғул гардид.

**Мадрасаи Қозӣ Соиди Устувонӣ (Соидия).** Амири Хуросон Наср ибни Сабуктегин барои фақеҳи ҳанафӣ ва раиси ҳанафиёни Хуросон аз соли 1015 Абулаъло Соид ибни Муҳаммад ибни Аҳмади Устувоӣ (945-1041) мадрасае бунёд кард. Соли 1000 мадрасаи дигаре дар шаҳри Нишопур бо номи мадрасаи Соидия аз ҷониби Наср ибни Сабуктегин бунёд шудааст.[5]

Хулоса, бо баррасии осори таърихӣ ба ин натиҷа метавон расид, ки нахустин мадрасаҳо дар ҳар ду соҳили Амударё - Хуросону Варорӯд, яъне

---

[1] Самъонӣ. Ал-ансоб. Ҷ.7. С.194-195.
[2] Субкӣ. Ҷ.3. С.179-181; Ноҷии Маъруф. Мадориси илмияи қабл аз Низомия // Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. Теҳрон, 1986. С. 824.
[3] Ноҷии Маъруф. Мадориси илмияи қабл аз Низомия // Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. С. 824-825.
[4] Ҳамон ҷо. С. 825.
[5] Муҳаммадризо Н. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С.825-826.

Хуросони Бузург пайдо шудаанд. Аввалин бор истилоҳи мадраса, дар асари Муҳаммад Наршахӣ «Таърихи Бухоро» ҳангоми нақли ӯ дар бораи сӯхтори мадрасаи Форҷак дар моҳи раҷаби соли 325 ҳ.қ,/май-июни 937, ки он осеб мебинад, омадааст.[1] Дар асри X мадраса аз масҷидҳо ҷудо шуда, муассисаи таълимии мустақил ва макони тайёр намудани мутахассисони соҳаи дин ва дастгоҳи давлат мегардад.

Бояд гуфт, ки мадрасаҳо талаботи дастгоҳи давлатиро ба ходимони босавод таъмин менамуд. Ҳамин тариқ, ҳуқуқи додани маълумоти олии динӣ ва дунявӣ ба мадраса мегузарад. Дар асрҳои X-XI мадраса ҳамчун муассисаи таълимӣ на танҳо дар Бухорову Самарқанд, балки дар тамоми вилоятҳои Хуросону Мовароуннаҳр ба вуҷуд меояд. Чунончи, дар асри X дар Самарқанд 17 мадраса фаъолият мекард, ки ба мазҳабҳои мухталифи ислом тааллуқ доштанд. Ғайр аз ин мадрасаҳои зиёде бо китобхонаҳо дар Бухоро, Гурганҷ, Марв, Нишопур, Балх, Ғазнӣ ва Хатлон вуҷуд доштанд. Дар Хатлон 29 мадраса мавҷуд буд.[2] Дар вилояти Балх дар замони зиндагии Абӯҳоруни Котиб зиёда аз 400 мадраса ва 900 мактаб фаъолият доштанд. Дар асри X дар Нишопур ҳам зиёда аз 20 мадраса мавҷуд буд. Дар ин мадрасаҳо асосан олимони маъруф ба толибилмон дарс медоданд. Масалан, дар мадрасаҳои Самарқанд олимони маъруфе чун Абулқосим Ҳокими Самарқандӣ, Абӯмансур Муҳаммад Мотирудии Самарқандӣ, Абулайси Самарқандӣ ва дигарон дарс мегуфтанд.[3]

Чуноне ки дида шуд, то таъсиси низомияҳо мадрасаҳо арзи вуҷуд доштаанд, ки аз ҷониби пешвоёни фирқаҳои динӣ муддатҳо қабл аз бунёди низомияҳо дар Хуросони Бузург фаъолият мекарданд Аммо низомияҳо нахустин марказҳои таълимию илмии давлатии пешрафта, бо сохтори муназзами идорӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи давру замон буданд, ки ҳудуди се аср баъд аз Низомулмулк дар ин қаламрав вуҷуд доштанд.

---

[1] Наршахӣ Абубакр. Таърихи Бухоро. Душанбе, 2012. С.171.
[2] Султонзода Ҳусейн. Таърихи мадориси Эрон аз аҳди бостон то таъсиси дорулфунун. Теҳрон, 1985. С.100.
[3] Ҳамон ҷо. С.100.

## II.2. Низомияи Бағдод бузургтарин маркази таълимию илмии замони худ

Академик Б.Ғафуров Низомулмулкро барқароркунандаи ҳаёти мадании баъди аз миён рафтани давлати Сомониён донистa, менигорад, ки «Дар марказҳои мадании онвақтаи тоҷикон-эрониён (Нишопур, Балх, Ҳирот, Исфаҳон) ва инчунин дар марказҳои мадании араб (Басра ва Бағдод) бо унвони мадрасаҳои Низомия мактабҳои олӣ ташкил намуд, ки аз беҳтарин қувваҳои илмӣ ба атрофи ин муассисаҳои дониш ҷамъоварӣ карда шуданд. Дар байни ин мадрасаҳо, махсусан «Мадрасаи Низомия»-и Бағдод ниҳоятдараҷа шуҳрат пайдо кард. Низомулмулк на фақат барои пешрафти илму фан кӯшиш намуд, балки дар бораи тараққии адабиёт низ ғамхории зиёде кард».[1]

Дар баъзе аз сарчашмаҳои таърихӣ Низомулмулкро аз нахустин касе меҳисобанд, ки мадрасаҳоро асос гузошт. Ибни Халикон дар китоби «Вафёт ул-аъён» менависад, ки Хоҷа Низомулмулк «нахуст касе будааст, ки дар олами ислом мадраса эҳдос кардааст. Ва ин ки нахустин мадрасае, ки бунёд ниҳода шуда, мадрасаи Низомия аст, ки дар Бағдод ба соли 1064 оғози бино шуд ва дар зулқаъдаи соли 459 (сентябр-октябри 1067) расман гушоиш ёфт ва оғоз ба кор кард... Вай нахустин касест, ки мадориси илмиро таъсис кард ва мардум аз вай пайравӣ карданд».[2]

Яке аз шайхони маъруф Заҳабӣ (ваф. 1347) низ мисли Ибни Халикон Низомулмулкро аз нахустин касоне медонад, ки мадраса бунёд намуда аст.[3] Тоҷиддини Субкӣ ин ақидаи Заҳабиро дар шарҳи ҳоли Низомулмулк рад карда, менависад: «Шайхи мо Заҳабӣ пиндоштааст, ки ӯ (Низомулмулк) нахустин касест, ки мадрасаи илмияро бунёд ниҳодааст ва чунин нест. Мадрасаи Байҳақия пеш аз он ки Низомулмулк ба дунё ояд, вуҷуд доштааст».[4]

---

[1] Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷ.I. С.212.
[2] Ибни Халикон. Вафёт-ул-аъён. Ҷ. 1. С. 396.
[3] Ноҷии Маъруф. Мадориси исломии қабл аз низомияҳо // Ёддоштҳои Адиби Нишопурӣ. С.210.
[4] Субкӣ Тоҷиддин. Табакот-ул-шофеия. Ҷ. 3. С. 136.

Чуноне ки дар зербоби аввали ин фасл зикр шуд, дар Хуросони Бузург кори сохтани мадрасаҳо хеле барвақттар аз низомияҳо оғоз шуд ва ба ривояте нахустин касе, ки дар ислом мадраса бино кард, аз аҳли Нишопур буд.[1] Низомияҳо ба далели ин ки дар онҳо сохтори муназзам ва нави идорӣ ба вучуд омад, зинаҳои омӯзиш ва сифати таълим аз мадрасаҳои пештаъсисшуда фарқ мекарданд ва нахустин мадрасаҳое буданд, ки маоши дарс додан барои донишмандон муқаррар шуда буд,[2] ба ин далел ин мадрасаҳо дар баъзе осори таърихӣ нахустин ҳисобида шудаанд.

Низомулмулки Тӯсӣ дар таъсиси Низомияи Бағдод ва дигар низомияҳо ҳадафҳои мушаххасро дар назар гирифт ва меҳвари афкори ӯ дар чунин буданд: ба маркази ҳифз ва таблиғи мазҳабҳои аҳли суннат ва чамоат, ба хусус шофеиён табдил додани низомияҳо дар муқобили мазҳаби аҳли шиа бо истифода аз пуштибонии Салчуқиён ва дигар нерӯҳои қавӣ; дар Низомияи Бағдод тарбият намудани нерӯи ҳокими кишвар ва ба унвони меҳвар тақвият бахшидани асоси ин ташкилоти марказонидашуда; истифода аз унсури эронитабори донишманд ва кордони хатмкардаҳои Низомия дар низоми идории кишвар ба чои қувваи низомии турк, ки дур аз фарҳангу тамаддуни лозим дар он давра буданд.

Низомулмулк таваччуҳ ва алоқаи хосе ба илмҳои динӣ дошт ва усулан ба ҳама чиз бо чашми мазҳабӣ менигарист. Аз ин рӯ омилҳое, ки Низомулмулки Тӯсиро ба таъсиси мадрасаи Низомияи Бағдод водор намуданд, иборат аз: тақвият бахшидан ба мазҳаби шофеӣ ва рушди равияи ашъарӣ, ки худи ӯ аз пайравони сарсахти он буд.

Низомулмулк чун ба мансаби вазирӣ расид ва соҳиби ҳокимият дар давлати Салчуқиён ва хилофати Аббосиён гардид, пайравони мазҳаби шофеӣ бар асари таассубот ва сахтгириҳои вазири пешин Амидулмулк Абӯнасри Кандарӣ, ки ҳанафимазҳаб буд, дар шароити сахт ва ошуфтае қарор доштанд. Низомулмулк дида буд, ки мазҳаби ҳанафия бо пуштибонӣ ва ҳимояи султонҳо ва халифаҳои ҳанафимазҳаб дар шароити ниҳоят хуб

[1] Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. Теҳрон, 1986. С. 211.
[2] Ҳамон чо. С. 211.

қарор дошт. Пешвоён ва фақеҳони ин мазҳаб мавриди таваҷҷуҳи роҳбарони давлат буданд. Низомулмулк чун аз василаи неруманди ҳокимият бархӯрдор шуд, ба таври амалӣ барои ба қудрат расидани мазҳаби шофеӣ даст ба амали қатъӣ зад. Ӯ бо таъсиси Низомияи Бағдод тавонист нотавониҳои мазҳаби шофеиро аз байн бибарад. Нахустин ва бузургтарин иқдоми Низомулмулк дар ин бора истифода намудани ҳамаи имкониятҳои моддию маънаве буд, ки онро дар ихтиёри шофеимазҳабон гузошт.[1]

Низомулмулк бо тақвият додани шофеимазҳабон мехост як ваҳдати мазҳабӣ дар миёни пайравони аҳли суннат ва ҷамоат ба вуҷуд оварад. Зеро вай муътақид буд, ки бидуни як ваҳдати қавӣ ва ҳамаҷонибаи мазҳабӣ наметавон дар муқобили мазҳаби шиа муқовимат намуд. Вай бар ин ақида буд, ки ҷудоӣ ва душмании мазҳабӣ дар байни аҳли суннат сабаби харҷу марҷ ва заиф гардидани ҳокимият дар кишвар мегардад. Низомулмулк бо таваҷҷуҳ ба ин ҳадаф муътақид буд, ки барои расидан ба як қудрати қавӣ мебоист ҳамаи қувваҳое, ки садди чунин ваҳдати сиёсӣ ва қудрати марказии кишваранд, ҷилавгирӣ шаванд. Ба ин мазмун муҳаққиқи эронӣ Нуруллоҳ Кисоӣ муътақид аст, ки «ҳадаф аз таъсиси низомияҳо эҷоди марказҳои қудратманд ва густурдани мазҳабе буд, ки бо тарбияи афроди мубориз ва ҷидолӣ битавон ҷилави пешрафт ва густариши таблиғоти васеи пайравони исмоилия ва доиён ва халифаҳои Фотимиро дар қисмати шарқи ислом ва ҳавзаи халифаҳои Аббосӣ ва подшоҳони Салчуқиро сад намояд ва супурдани сарриштаи умури ҳассоси давлатӣ ва илмӣ ва мазҳабӣ ба дасти мударрисон ва фориғуттаҳсилони мадориси низомия асоси як ваҳдати мазҳабиро дар ин қисмат аз дунёи ислом фароҳам созад ва бо ихтисос додани ин мадорис ва мазоёи чашмгир ва бесобиқаи он ба фирқаи шофеӣ амалан пойи пайравони фирқаҳои дигарро ба ин мазҳаб боз намояд».[2]

---

[1] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С. 73.
[2] Ҳамон ҷо. С. 73.

Низомулмулк бо ин иқдомҳои худ тавонист то ҳадде ваҳдатро дар дохили кишвар ба вуҷуд оварад ва бо истифода аз кашмакашиҳо ва ихтилофҳо дар Миср дар давраи Маликшоҳи Салчуқӣ ба сарзаминҳои халифаҳои Фотимиён лашкар кашид ва ба ин роҳ тавонист дар муқобили қудрати тавонои Руми Шарқӣ истодагарӣ намояд ва ҳатто аз вай хироҷ бигирад.

Дар ин давра халифаҳои Аббосӣ ва ҳамчунин оммаи мардум нисбат ба олимон ва рӯҳонияти исломӣ эҳтироми зиёд доштанд. Зеро ин табақа амалан бо халифаҳо дар корҳои идораи кишвар ширкат доштанд ва дар назди мардум муҳтарам буданд. Низомулмулк бо таъсиси низомияҳо уламо ва рӯҳониятро тобеи давлат намуд ва онҳоро ба мубаллиғони давлат мубаддал гардонид. Аз ҷониби дигар Низомулмулк бо таъсиси низомияҳо, хонақоҳҳо, масҷидҳо, бемористонҳо ва ғайраҳо кӯшиш ба харҷ дод, ки таваҷҷуҳи оммаро нисбат ба давлат ва дастгоҳи ҳоким бештар намуда, такягоҳи қавӣ ва нерӯманде барои давлат ба вуҷуд оварад.

Низомулмулк, ки марди хирадманде буд, бо некӯкорӣ ва эҳсон бо олимон ва фақеҳон ва дилҷӯӣ аз мардум корҳояш равнақ мегирифтанд ва яке аз иқдомҳои оқилонаи вай ҳамин таъсиси мадорис, хонақоҳҳо, меҳмонсаройҳо, масҷидҳо ва бемористонҳо буд. «Низомулмулк барои куллияи туллоби улум ва ғайри он муқаррарӣ ва инъом таъйин карда буд ва аз Шом ва Диёрибакр ва Ироқи Аҷам ва Ироқи Араб, Хуросон ва Самарқанд иддаи касире аз хони эҳсони ин вазири ботадбир баҳраманд мегашт ва ҷамъи муқарририҳои ӯ соле шашсад ҳазор динор буд».[1] Муаллифи «Осор-ул-билод ва ахбор-ул-ибод» менависад, ки «аз будҷае, ки харҷи он аз ихтисоси вазир буд, даҳ якаш сарфи ин кор шуд».[2] Аммо душманонаш аз рӯи ҳасодат ба султони Салҷуқӣ мегуфтанд, ки бо ин маблағ метавон лашкаре фароҳам орост ва Константинополро гирифт: «Султон Низомулмулкро мавоҳиза карда, аз вай бархост намуд, ки он чи қадар муқаррарӣ мепардозад? Хоҷа ба султон гуфт: «Ман барои ту

---

[1] Самарҷонӣ Ҳ.С. Беҳтарини тоҷикон. Теҳрон, 2004. С. 118-119.
[2] Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ. Осор -ул-билод ва ахбор-ул-ибод. С.189

сипоҳиёне гирд овардаам, ки онро сипоҳиёни шаб мегӯянд. Хамин ки сипоҳиёни ту шаб ба хоб мераванд, ин лашкариён ба шабзиндадорӣ бармехезанд, дасти розу ниёз ба даргоҳи Худои чорасоз бармедоранд, туро аз ҷону дил дуо мегӯянд. Ту ва сипоҳиёнат аз баракати дуои онон хушу хуррам мондаед».[1]

Чуноне ки зикр шуд, яке аз ҳадафҳои асосии Низомулмулк дар таъсиси низомияҳо тарбияи ходимони давлатии муътақид ба аҳли суннат ва мазҳаби шофеӣ буд. Ин шахсон, ки мебоист ҷои ходимони гузаштаро дар низоми идории кишвар мегирифтанд, нахуст бояд ба табақаҳои мазҳабӣ омезиш меёфтанд. Низомулмулк сайъ намуд бо пайванди табақаҳои мазҳабӣ бо ходимони давлатӣ ва ҳамчунин истифода аз донишмандоне, ки дар низомияҳо дониш меомӯхтанд, ин ду табақаро ба якдигар наздик созад. Дар робита ба ин ҳадафи Низомулмулк дар китоби «Таърихи Эрони Кембриҷ» чунин омадааст: «Мақсади Низомулмулк аз қарори маълум аввалан пешбурди мақсадҳои сиёсии худ ва тарбияи мустахдимоти давлатӣ бо мазҳаби суннат буд, ки мебоист ҷонишини табақаи дабирони собиқ гарданд ва сониян вай умедвор буд, ки бо истифода аз уламое, ки дар ин мадорис тарбият мешуданд, ихтиёри тӯдаҳоро ба даст гирад ва бо густариши фирқаи исмоилия, ки мавҷудияти давлатро таҳдид мекард, мубориза кунад. Яке аз натиҷаҳои тавсияи мадорис фароҳам овардани муҷиботи ваҳдати девонсолории мазҳабӣ буд. Дар аввалҳои асри Аббосиён миёни уламо як сӯ ва табақаҳои дигар ва удабо аз сӯи дигар ҷудоӣ афтода буд... Бо тавсеаи мадорис табақаи дабир ва аҳли адаб аз як сӯ ва уламо аз сӯи дигар бештар ба ҳам наздик гардиданд. Зеро онҳо дар мадорис, ки дар маъонӣ ба сангари мазҳаби суннат табдил шуда буд, аз коромӯзии муштараке бархӯрдор буданд. Дабирон ва удабо бештар исломӣ шуданд ва уламо бештар эронӣ».[2]

Низомулмулк кӯшиш менамуд бо ваҳдати ин ду қувва битавонад як нерӯи муассир ва қавӣ ба вуҷуд оварда, монеъ аз ҷоҳталабиҳо ва

---

[1]Ҳалабӣ, Алиасғар Таърихи тамаддуни ислом. - .Теҳрон,1956. С.626-627
[2] Бовел. Ҷ.О. Таърихи Эрони Кембриҷ. Ҷ.5. Теҳрон, 1987. С. 211.

таҷовузҳои табақаҳои низомии турк гардад. Муаллифи китоби «Девонсолорӣ дар аҳди Салчуқиён» дар ин маврид чунин мегӯяд: «Бо пайванди девонсолорӣ бо ниҳоди мазҳабӣ фурсате ба вуҷуд омад, ки битавон ҷомеае эҷод кард, ки ҳойизи алоқаҳои ин ду унсур бошад ва ташкилоти кишвариро ба суръати як василаи муассир ва босубот дар муқобили ҷоҳталабиҳои табақаи ҷадиди низоми даровард».[1]

Низомулмулк, ки яке аз душманони сарсахти ақидатии Фотимиён буд, тасмим гирифт дар баробари маркази таблиғи Фотимиён - Ҷомеъ-ул-азҳари Миср ниҳоди илмӣ ва ташвиқӣ таъсис диҳад. Ҷомеъ-ул-азҳари Миср соли 969 сохта шуда, соли 971 ба фаъолият оғоз намуд. Ҳадафи аслӣ аз ин таъсиси маркази илмӣ ва мазҳабӣ тарғибу ташвиқи илмҳои динӣ ва густариши мазҳаби фотимиёни Миср буд. Низомулмулк аз як тараф медид, ки Ҷомеъ-ул-азҳари Миср то чӣ андоза дар таблиғоту ташвиқоти илмӣ муваффақ гардида, бо он ҳама мушкилоте, ки дар сарзамини хилофати Аббосиён нисбат ба доиён ва ҳаводорони халифаҳои Фотимӣ халқ шуда буд, доманаи таблиғот он қадар васеъ ва таъсиргузор буд, ки ҷонибдорони исмоилиён дар гӯшаю канори сарзаминҳои исломӣ бештар мешуданд. Аз ин  рӯ Низомулмулк ба ин натиҷа расид, ки танҳо омиле, ки метавонад дар мубориза ҳои сиёсӣ бо ин фирқа ғолиб ояд, таъсиси марказҳое аст, ки афродаш амалан дар муқобили даъвоҳои мухолифон посух гуфта тавонанд. Ин ҳадаф аз бузургтарин ангезаҳое дар таъсиси низомияҳо барои Низомулмулк буд. Ба қавли Нуруллоҳ Кисоӣ «таъсиси «Ҷомеъ-ул-азҳар» дар қарни даҳум ва Низомияи Бағдод дар қарни ёздаҳум яке аз мазокири рақобатҳои шиа ва суннӣ ва ихтилофи шадиди ин ду фирқа бо якдигар будааст».[2]

Таъсиси низомияҳо, махсусан Низомияи Бағдодро Низомулмулк «ба унвони муассиртарин ва пойдортарин кӯшиш дар мубориза бо ин тоифа талаққӣ мекард. Зоҳиран ба ҳамин сабаб буд, ки сарфи ҳар гуна ҳазинаро,

---

[1] Клузнер, Карло. Девонсолорӣ дар аҳди Салҷуқӣ. Теҳрон, 1984. С. 85.
[2] Кисоӣ Н. Мадориси Низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С. 79.

ки дар ин роҳ анҷом мешуд, мисли ҳазинае, ки дар роҳи тақвияти лашкар ва тавсеаи кишвар анҷом бояд, фаврӣ ва ҳаётӣ талаққӣ мекард».[1]

Низомияи Бағдод яке аз бузургтарин ва машҳуртарин мадрасаҳо буд, ки бо дастури Низомулмулк дар пойтахти хилофати Аббосиён ва яке аз марказҳои муҳимми сиёсӣ, илмӣ ва адабии ҷаҳони ислом дар он рӯзгор шаҳри Бағдод бо барномаҳои бошукӯҳ ва бесобиқа таъсис гардид. Низомулмулк ба хотири таассуби шадиди мазҳабӣ ва эътиқодоти хосса, ки ба халифаҳои суннимазҳабӣ Аббосиён дошт, қатъиян тасмим гирифт, ки дорулхилофати Бағдодро ба сифати маркази табодули фикру ақидаҳои мазҳабии ҳоким ба ҷомеаи мусалмонон мубаддал созад. Аз ин рӯ кӯшиш намуд, ки бо сарфи маблағҳои зиёд дар бинои ин донишгоҳ ва интихоби устодони донишманд ва машҳур ва таъйини маоши баланд ва доимӣ барои устодону донишҷӯён ва дигар кормандони низомияи Бағдод ба ҳайси яке аз бузургтарин пойгоҳҳои мазҳабию таблиғотии шарқии хилофат даровarad. Ба ин восита тавонист аз таблиғоти шадид ва муассири мазҳаби исмоилия, ки аз сӯи Ҷомеъ-ул-азҳари Қоҳира мерасид ва мазҳаби аҳли суннату ҷамоатро таҳдид менамуд ҷилавгирӣ намояд ва бар зидди он ба мубориза бархезад. Ин буд, ки имкониятҳои моддӣ ва нуфузи сиёсии худро дар роҳи баланд гардонидани нуфузи ин донишгоҳ сарф кард ва то ҳадде низ дар ин роҳ ба муваффақиятҳо ноил шуд. Низомияи Бағдод бо мурури замон ба ҳайси яке аз бузургтарин маркази илмии исломӣ таваҷҷуҳи толибилмонро аз тамоми гӯшаю канори ҷаҳони ислом ба сӯи худ ҷалб кард. Бояд гуфт, ки ҳеҷ як низомияҳои дигар, ки Низомулмулк дар шаҳрҳои Хуросони Бузург ва Ироқ бунёд намуда буд, натавонистанд аз ҷиҳати шуҳрату эътибори илмӣ ва теъдоди устодону донишҷӯён ба пояи низомияи Бағдод бирасанд. Дар тӯли фаъолияти се асрааш ин донишгоҳ қиблагоҳи аҳли илму дониши саросари олами ислом буд. Дар аксар сарчашмаҳои асримиёнагӣ омадааст, ки сохтмони бинои Низомияи Бағдод

[1] Зарринкуб А. Фирор аз мадраса. Теҳрон, 1974. С. 81-82.

соли 1064 оғоз ёфта, соли 1067 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст.[1] Ин мадраса дар қисмати шарқии шаҳри Бағдод, дар соҳили рӯди Даҷла ва дар миёни бозори маъруф ба Савқ-ул-салоса, наздикии дарвозаи Бобулзиҷ ва пайвастан ба мадрасаи Марҷон, ки аз биноҳои маъруфи ин шаҳр буд, сохта шуд ва дар атрофи он бозорҳои вақф бар он бино гардиданд. Низомияи Бағдод аз назари зебоӣ, кошикорӣ ва низоми сохтмон дар навъи худ беназир ва аз бузургтарин марказҳои омӯзишии он замон будааст. Бинои бошукӯҳи он онҳоеро, ки аз ғарби хилофати араб меомаданд, дар ҳайрат мемонд, зеро он дар байни сӣ мадрасаи Бағдод аз ҳама бузургтар ва зеботар буд.[2]

Зебоии низомия чунон олӣ ва диданӣ будааст, ки то дергоҳе пас аз таъсиси мадрасаи пурҷилои «Мустансария» дар соли 1233 ва суқути шаҳри Бағдод ва то соли 1327, ки муаррих ва сайёҳи араб Ибни Батута аз он дидан карда, ба назари вай комилан бе ҳамто будааст.[3]

Низомияи Бағдод дорои фазои васеъ, айвонҳои махсуси истиқоматии устодону фақеҳон, масҷид, ҳуҷраҳои махсуси муаззину дарбон, китобхона, ҷои нигаҳдории махсуси маводи сӯзишворӣ ва ғайра буд. Қисмати зиёди заминҳои маскунӣ ва хонаҳои қисмати шарқии шаҳри Бағдод дар соҳили дарёи Даҷла ба ихтиёри низомия дода шуд. Гарчанде ба соҳибони манзилҳои харобгардида аз ҷониби Низомулмулк маблағи зиёд пардохт гардида бошад ҳам, аммо ин кор сабаби норизоиятии бисёре аз соҳибони ин хонаҳо гардид. Ин норизоиятӣ боис шуд, ки мударриси маъруфи низомия шайх Абӯисҳоқи Шерозӣ дар ибтидо аз дарс гуфтан дар ин макон худдорӣ кард. Дар бораи масоҳати зербино ва фазои низомия он чиз шаҳодат медиҳад, ки ҳангоми суханронии воизи машҳур Ардашери Ибодӣ дар соли 1093 ҳудуди 30 ҳазор шунавандагон дар масоҳати 170 бар 120 метр ҷамъ шуда буданд.[4]

---

[1] Таҷоруб-ус-салаф. С.358; Ал-мухтасар. Ҷ.3. С.193; Ибни Батута Шамсуддин Абӯабдуллоҳ ибни Иброҳим. Туҳфа-ал-низом фӣ ғароиб-ал-амсор ва аҷоиб-ал-афсор. Тарҷумаи М. Муваҳҳид. Теҳрон, 1958. С.217; Ибни Ҷобир. С.215.
[2] Аъзамӣ Алӣ Зариф. Мухтасари таърихи Бағдод. Бағдод, 1926. С. 81.
[3] Ибни Батута. С.217
[4] Кисоӣ. Н. Мадориси Низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С.117.

Низомулмулк сохтмони низомия ва биноҳои мавқуфоти вобаста ба онро ба дӯши Абӯсаид Аҳмад ибни Муҳаммад Сӯфии Нишопурӣ (ваф.1086) ном шахс, ки яке аз наздиконаш маҳсуб меёфт, вогузор кард. Муаллифи китоби «Таҷоруб-ус-салаф» дар ин бора чунин навиштааст: «Пас аз итмоми бино ба Хоҷа расониданд, ки Абӯсаид дар ин кор хиёнат карда ва бисёре аз эътибороти мадрасаро ихтишош намудааст. Абӯсаид чун аз ин хабар огоҳ шуд, ба Басра гурехт, вале тӯле накашид, ки пушаймон шуд ва ба Бағдод бозгашт. Ва аз он ҷо назди Хоҷа рафт ва гуфт: «Эй худованд, ту ин мадрасаро бино фармудӣ. Ҳар кӣ дар он хиёнат карда, ҳисобашро дар Худо гузор, то савоб ёбӣ ва хоин бори он ба қиёмат барад». Хоҷа гуфт: «Андӯҳ аз моле нест, ки ту ё каси дигаре хиёнат кардӣ, балки андӯҳи ман аз замоне аст, ки фавт шуда ва тадоруки он мумкин нест. Ман хостам ин мадрасаро бинои маҳкам бошад, монанди бинои «Ҷомеи Мансур» ва бемористони Изадуддавла. Шунидаам, ки эшон барои як оҷур як занбал гач ба кор бурдаанд. Ба ман гуфтанд, ки ту ваҷҳаи иморатро дар оҷури манқуш сафр кардаӣ. Ва аз он метарсам, ки зуд хароб шавад. Ва бо он хоин беш аз ин хитоб накард».[1]

Абӯбакри Тартусӣ (вафот 1126), ки соли 1083 аз сарзаминҳои шарқии хилофат дидан намуд ва муддате дар назди устоди низомияи Бағдод Абӯбакри Шошӣ дарс хонд, менависад: «Абӯсаид ба Хоҷа гуфт, ки дар Бағдод ба номи ту мадрасае бино кунам, ки дар маъмураи арз монандаш ёфт нашавад ва номи ту то қиёмат боқӣ монад. Хоҷа ба вукалои худ дар Бағдод навишт, ки бар вай кумак кунанд. Абӯсаид замине дар соҳили Даҷла харид ва нақшаи мадрасаи низомияро кашид ва ба накутарин ваҷҳ онро сохт ва номи Хоҷа Низомулмулкро бар болои он навишт ва атрофаш бозорҳо вақфи мадраса бино кард ва корвонсароҳо ва ҳаммомҳо ва амлок харид ва вақфи мадраса намуд. Он гоҳ ҳисоби махориҷ, ки ба 60 ҳазор динор болиғ шуда буд, ба Хоҷа такдим дошт».[2] Бино бар навиштаи Абӯбакри Тартусӣ Абӯсаид танҳо 19 ҳазор динор аз ин маблағро сарфи

---

[1] Нахҷувонӣ Ҳ. Таҷоруб-ус-салаф. Теҳрон, 1965. С. 270.
[2] Тартусӣ А. Сироҷ-ул-мулк. Қоҳира, 1872. С. 128.

бинои мадраса намуда буд. Хоҷа Низомулмулк солона 600 ҳазор динор ба масрафи сохтмони мадрасаҳои низомия ва ба аҳли илм ихтисос дода буд. Шак нест, ки қисмати зиёд ин маблағ ба низомияи Бағдод ихтисос доштааст. Чунонки ишора кардем, танҳо 60 ҳазор динор аз ин рақам дар сарфи сохтмони мадраса ба масраф расида ва Хоҷа Низомулмулк 200 ҳазор динор аз моли худро дар роҳи бинои ин донишгоҳ сарф карда ва солона 15 ҳазор динор барои донишҷӯён ҷудо карда буд.[1]

Низомулмулк ба корҳои молии Низомияи Бағдод таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамуд. Ҳадафаш ин буд, ки маблағи идора ва нигоҳдории Низомия аз ҷое таъмин шавад, ки камтар мавриди дастдарозии ғосибон қарор гирад. Аз ин рӯ ба Абӯсаиди Сӯфӣ дастур дод, ки дар атрофи донишгоҳ бозорҳои вақф бар он созад, ҳамчунин корвонсароҳо, ҳаммомҳо, амлок, дуконҳо харида, ҳамаро вақфи Низомия намуд, то даромади онҳо ба масрафи идораи мадраса бирасад. Бо дастури Низомулмулк теъдоди мавқуфот ва молу амволи низомия дар дафтарҳои махсус сабт гардида, тибқи қоидаву қонуни махсус иҷрои он ба дӯши масъулон ва мутавалиёни низомия вогузор шуда буд.

Ибни Ҷабир, ки соли 1184 аз ин Низомия дидан намуда буд, чунин менависад: «Ҳуқуқи мударрисин газоф буд ва авоиди мадраса он қадар зиёд буд, ки пас аз пардохти ҳуқуқи (маоши) мударрисон ва таъмири мадраса боз чандон боқӣ мемонд, ки байни талабагони фақир тақсим мегардид».[2]

Бояд гуфт, ки ин рақамҳо собит набуда, авзоъ ва аҳволи сиёсӣ дар он таъсири мустақим дошт. Ҳамин омилҳо сабаб мешуд, ки гоҳе мавқуфот ва даромадҳои Низомия мавриди дастдарозӣ ва ғорати шахсони судҷӯ қарор гирад. Ибни Ҷавзо дар тавсифи воқеаи соли 1123 чунин менависад: «Асъади Майҳанӣ дар авохири шаъбони ин сол барои таҳвили мадраса ва назорат бар авқофи он ба ҷонишинии Ибни Боқирӣ мансуб гардид ва пас аз вуруд ба Бағдод бо вазир Аҳмад иттифоқ намуд, ки ҳуқуқ ва мусташари

[1] Кисоӣ. Н. Мадориси Низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С.114.
[2] Ибни Ҷабир. Реҳлаи ибни Ҷабир. – Миср, 1955. С. 215.

теъдоде аз фуқаҳоро қатъ кунад ва танҳо ба дувист нафар аз онон иктифо намояд. Дар натиҷа ихтилоле дар амри тадрис падид омад ва фуқаҳо аз ширкат дар маҷлиси дарс худдорӣ карданд».[1]

Соли 1273 Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ба Бағдод омад ва дастур дод, ки маоши устодон ва кормандони Низомия мисли пештара пардохт шавад. Ҳамчунин бозори Низомия, ки дар оташсӯзии соли 1271 пурра вайрон шуда буд, бо дастури вазири донишманди аҳди муғул Атомалик Ҷувайнӣ аз ҳисоби даромади вақфҳо дубора сохта шуд.

**Роҳбарии низомия.** Роҳбарии низомияи шаҳри Бағдод ба таври расмӣ бар дӯши муассиси он, яъне Низомулмулк буда, тибқи муқаррароти вақфнома пас аз марги вай ба уҳдаи фарзандонаш мегузашт. Ғайр аз онҳо подшоҳон, халифаҳо, вазирҳо, ҳокимон ва гоҳе ҳам қозиҳо метавонистанд уҳдадори ин вазифаи муҳим бошанд. Фармони таъйин ва озод намудани роҳабарони дохилӣ, мударрисон ва дигар масъулони низомияҳо аз ҷониби онҳо анҷом мегирифт.

Низомулмулк аз оғози таъсиси Низомия то охири умр, яъне аз соли 1064 то 1092 бо вуҷуди пуркорӣ ҳамеша аз корҳои ҷории мадраса, аз ҳолу аҳволи устодони он бохабар буд. Пас аз вафоти ӯ роҳбарии Низомияро писараш Муидулмулк ибни Низомулмулк бар уҳда дошт. Вай дар ором гардонидани моҷарои миёни ашъариҳо ва ҳанбалиҳо, ки соли 1076 дар робита ба таъйини Абдулқосими Қаширӣ ба мансаби мударрисӣ сар зада, сабаби кушта шудани намояндагони ҳарду ҷониб гардида буд, нақши муҳим бозид[2]. Ибни Асир дар баёни воқеаҳои соли 1082 менависад, ки «Муидулмулк дар ин сол аз Исфаҳон ба Бағдод омад ва дар Низомия манзил кард ва дар авқоти сегона ба даргоҳаш табл мезаданд».[1] Муидулмулк пас аз марги Абӯисҳоқи Шерозӣ дар соли 1083 Абӯнаср ибни Сабоғро ба ҷои ӯ маъмури тадрис намуд. Муидудмулк, ки ҳанӯз дар вақти ҳаёт будани Низомулмулк аз ҷониби падараш ва Маликшоҳи Салҷуқӣ ба мансаби муовини падар дар масъалаҳои ҷории Низомия таъйин гардид, бо

---

[1] Ибни Ҷавзо. Ал-мунтазам. Ҷ. 9. Ҳайдарободб, 1978. С. 246.
[2] Ибни Асир. Ал-Комил ат-таърих. Бейрут. Ҷ. 8. С. 128.

мухолифати падараш ба ҷои Абӯнаср ибни Сабоғ Абӯсаиди Мутавалиро ба ин мансаб таъйин намуд[2].

Дигар аз писарони Низомулмулк, Фахрулмулк ибни Низомулмулк низ, ки муддате умури низомияи Бағдодро ба уҳда дошт, шайх Абдуллоҳи Табариро ба мансаби мударрисӣ таъйин намуд. Зиёулмулк Аҳмад ибни Низомулмулк, ки вазири султон Муҳаммад ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ дар Ироқ буд, соли 1110 кӯшиш намуд, ки бори дигар имом Муҳаммади Ғаззолиро пас аз фавти Киё Ҳаросӣ барои дарс гуфтан дар Низомияи Бағдод розӣ намояд ва номае дар ин замина ба вай навишт. Абӯнаср Муҳаммад ибни Алӣ ибни Аҳмад ибни Низомулмулк дар аввал мударрисӣ ва назорати вақфҳои низомияро бар уҳда дошт. Баъд дар мансаби назорати вақфҳо хидмат кардааст.[3] Аз онки Абӯнаср аз мансаби мударрисӣ барканор мешавад, маълум мегардад, ки дар ин давра роҳбарии Низомия на дар дасти фарзандони Низомулмулк, балки дар ихтиёри халифа ва подшоҳ будааст. Юсуфи Димишқӣ, ки соли 1150 ба ҳукми султон ва фарзанди Низомулмулк ба манзури дарс гуфтан дар Низомияи Бағдод омад, чун кор бо иҷозати халифа набуд, аз дарс гуфтани ӯ ҷилавгирӣ ба амал омад ва ба ҷояш Абдулнаҷиби Суҳравардӣ ба маншури султон ва иҷозаи халифа ба тадрис пардохт[4]. Амир Сулаймон ибни Низомулмулк охирин шахсе аст, ки аз байни наберагони Низомулмулк ба соли 1239 роҳбарии ин Низомияро ба уҳда дошт. Дар робита ба ҳодисаҳои соли 1239 дар манобеи таърихӣ омадааст: «Амир Сулаймон дар маҷлиси вазъи Абдулфараҷ Абдулраҳмон ибни Ҷавзо ҳузур ёфт ва чунон ба ваҷд ва ҳол афтод, ки ҷома бар тан дарид ва ҳама бандагони худро озод намуд ва амволи худро ба фуқаро бахшид ё вақф кард».[1]

Подшоҳони Салҷуқӣ ва халифаҳои Аббосӣ ҳар кадом бо таваҷҷуҳ ба қудрат ва нуфузе, ки дар замони ҳукмронии худ доштанд, роҳбарии Низомияҳоро ба уҳда гирифта, ба корҳои дохилии низомияҳо, бахусус

---

[1] Ибни Асир. Ал-Комил ат-таърих. Бейрут. Ҷ. 8. С. 132.
[2] Ибни Халикон. Вафёт-ул-аъён. Қоҳира, 1948. Ҷ. 1. С. 12.
[3] Субкӣ. Табақот аш-шофеия. Миср, 1964. Ҷ. 6. С. 149.
[4] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С. 119.

низомияи Бағдод дахолат мекарданд. Чунончӣ, султон Муҳаммад ибни Маликшоҳ мударриси низомияи Бағдод Киё Ҳаросиро фақат барои он, ки номи Киё ба лақабҳои исмоилия шабоҳат дошт ва дар асари туҳмати душманон гунаҳкор ба ботиния шуда буд, дастгир ва зиндонӣ намуд.[2] Султон Масъуд ибни Муҳаммад соли 1143 дар маҷлиси вазъи Абӯбакр Ҳасани Нишопурӣ иштирок намуд ва суханрониҳои зидди мазҳаби ашъарияи ӯ султонро чунон тахти таъси қарор дод, ки дастур содир намуд, то номи ашъариро аз Низомия бардоранд ва ба ҷои он номи шофеиро нависанд.[3] Султон Санҷар ибни Маликшоҳ бо онки бештари айёми подшоҳиашро дар Хуросон ва шарқи Эрон гузаронид ва шаҳри Марвро пойтахт қарор дод, дар корҳои Бағдод дахолат менамуд. Аз ҷумла, соли 1123 бо фармони ӯ ва бародараш Муҳаммад барои дарс гуфтан дар Низомия Ибни Боқирқиро даъват намуд. Фақеҳон ба дарсгӯии Ибни Бақирқӣ мухолифат намуданд, аммо девони Бағдод онҳоро ба тобеияти ӯ даровард[4] ва Ибни Боқирқӣ дар вазифаи устодӣ боқӣ монд. Худи ҳамон сол бо фармони султон Санҷар ба ҷои Ибни Боқирқӣ Асъади Майҳанӣ мударрис таъйин гардид[5]. Халифа Носири Аббосӣ соли 1193 дар паҳлуи китобхонаи қадими низомияи Бағдод китобхонаи нав сохт ва китобҳои пурқиматеро бар он вақф намуд.[6] Бо фармони ин халифа соли 1217 Абӯабдуллоҳ Яҳё ибни Фазлон мударрис ва нозири вақфҳои Низомия таъйин гардид. Алоуддин Атомалики Ҷувайнӣ, ки аз соли 1258 то охири умр ҳокими Бағдод буд, дар радифи ислоҳоти доманадораш ба Низомияи Бағдод низ таваҷҷуҳи зиёде зоҳир намуда, дастур дод, ки бозори Низомия, ки дар оташсӯзии соли 1271 ба пуррагӣ вайрон шуда буд, аз нав сохта шавад. Бо фармони Атомалики Ҷувайнӣ 3 тан аз донишмандон ба дарсгӯӣ дар Низомияи Бағдод таъйин шуданд.[7]

---

[1] Аҳмади Бағдодӣ. Ал-ҳаводис ал-ҷомеа. Бағдод, 1883. С. 184.
[2] Ибни Ҷавзо. А-мунтазам. Ҳайдаробод, 1938. Ҷ. 9. С. 129.
[3] Ибни Ҷавзо. Ал-мунтазам. Ҷ. 10. Ҳайдаробод, 1938. С. 107.
[4] Ибни Ҷавзо. Ал-мунтазам. Ҷ. 9. Ҳайдаробод, 1938. С. 246.
[5] Субкӣ. Табақот-аш-шофеия. Миср, 1964. Ҷ. 7. С. 204
[6] Нахҷувонӣ Ҳ. Таҷоруб-ус-салаф. Теҳрон, 1965. С. 325.
[7] Кисоӣ Н. Мадориси Низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С. 121.

**Ташкилоти идорӣ ва таълимии Низомияи Бағдод.** Онҳоеро, ки дар низомияи Бағдод кор мекарданд ва аз ҳисоби даромадҳои вақфҳои ин мадраса маоши доимӣ мегирифтанд, метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: 1. сарпарастон, бозрасҳои вақфҳо, котибони ашёи вақфкардашуда, дарбонҳо, хидматгорон; 2. мударрисон, муовинҳои мударрисон, ёрдамчиҳои мударрисон аз ҳисоби донишҷӯён, пешвоён ва муфтиҳо, китобдорҳо ва донишҷӯён.

Дар миёни кормандони ташкилоти идории низомия сарпарастҳо ва бозрасҳои вақфҳо мақоми муҳимро соҳиб буданд. Дар сарчашмаҳои таърихии асримиёнагӣ аз чанд тани зерини онҳо ёд шудааст:

1. Абӯсаъди Қошӣ, ки масъули корҳои сохтмони низомия ва хариди заминҳои воқеъ дар ҳудуди онро ба уҳда дошт. Вай дар маросими ифтитоҳи низомияи Бағдод ба ҳайси муовини Низомулмулк ширкат карда буд. Дар робита ба аъмоли зишти Абӯсаъд яке аз нахустин ва машҳуртарин мударриси низомия Абӯисҳоқи Исфизорӣ, ки сабаби худдорӣ намудани ин олим аз дарс гуфтан дар низомияи Бағдод гардидааст, чунин гуфтааст: «Ба ман расониданд, ки Абӯсаъд бештари масолеҳи сохтмониро ғасб намуда ва қисмате аз шаҳрро ба манзури сохтмони низомия хароб намудааст».[1]

2. Асъади Майҳанӣ, ки соли 1123 бо дастури султон Санҷари Салҷуқӣ ба ҷонишинии Абдулфатҳ Боқир ба раёсати низомия таъйин шуд.[2]

3. Абӯфатҳ Боқир Абдулвоҳид ибни Ҳусайн бо фармоне аз ҷониби султон Санҷар тсоли 1123 ба Бағдод омад ва идораи умури низомия ва тадрисро ба уҳда гирифт.[3]

4. Абдулмаҳос Ҳасан ибни Саъд ибни Ханҷӣ, ки ҳангоми раёсати Абӯнаср Аҳмад ибни Низомулмулк ҷойнишини вай дар бозрасӣ ва назорат бар вақфҳои низомия буд.[4]

---

[1] Ибни Ҷавзо. Ал-мунтазам. Ҷ. 8. Ҳайдаробод, 1938. С. 246.
[2] Субкӣ. Табақот-аш-шофеия. – Миср, 1964. Ҷ. 7. С. 142.
[3] Ибни Ҷавзо. Ал-мунтазам. Ҷ. 9. Ҳайдаробод, 1938. С. 246.
[4] Ҳамон ҷо. С. 191.

5. Абӯбакр Садриддин Муҳаммад ибни Абдулатифи Хуҷандӣ, ки соли 1192 аз Исфаҳон ба Бағдод рафт ва ҳангоми иқомат дар Бағдод назорат бар низомияро бар уҳда гирифт.

6. Ибни Муҳтасиб Абдушукур Маҳмуд ибни Сулаймони Мавсилӣ, ки бо қозии шаҳри Бағдод Ибни Шаҳриҷурӣ дустӣ дошт, аз ҷониби ӯ маъмури назорат бар вақфҳои низомия гардид.[1]

7. Абӯалӣ Яҳё ибни Ҳарос Воситии Бағдодӣ дар ибтидо муовини раёсати таълим буд ва сипас ба сафорати Ғазна рафт ва дар бозгашт ба ҳайси мударрис ва бозраси вақфҳои низомия интихоб шуд.

8. Абдузакариё Тигритии Заълаби Яҳё ибни Муфарраҳ, ки аз олимони саршинос буд илова бар тадрис мансаби бозрасӣ ва назорат бар вақфҳои низомияро низ дошт.

9. Абӯмуҳаммад Абдулқодир ибни Довуди Воситӣ мулақаб ба Муҳиб, ки масъули идораи низомия буд.[2]

10. Абдулфазоил Муҳаммад ибни Абдулкарим Рофеи Қазвинӣ, ки чанд муддат бозраси низомия ва нозири вақфи ин мадраса будааст.

11. Абӯризо Абулраҳим Муҳаммад ибни Ёсин. Вай аввалан ёвари Низомия ва сипас нозири вақфҳои мадраса будааст.[3]

12. Абӯдовуд Разиуддин Ҷиллии Сулаймон ибни Музаффар ибни Ғаним, ки илова ба тадрис ва фатво назорати мадрасаро низ бар уҳда дошта аст.[4]

13. Ибни Фазлон Муҳамад ибни Яҳё, ки муншии халифа Носири Аббосӣ буд ва соли 1217 бо фармони халифа мударрис ва нозири вақфҳои низомия таъйин гардид.[1]

**Бахши таълими Низомия ва устодони он.** Низомияи Бағдод барои мансаби мударрисӣ қонуну қоида ва низомномаи хос қабул намуда буд, ки дар дигар марказҳои илмию таълимӣ маъмул ва дорои собиқа набуд. Ин усулу муқарларот, ки дар ҷанбаҳои илмӣ, ахлоқӣ ва мазҳабии мударрисон

---

[1] Ибни Касир. Ал-бидоя ва-л-ниҳоя. Қоҳира, 1939. С.13-14.
[2] Кисоӣ Н. Мадориси Низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. С. 123.
[3] Ибни Фавтӣ. Ал-ҳаводис ал-ҷомеа. – Бағдод, 1883. С. 123.
[4] Ҳамон ҷо. С.124.

буд, аз давраи вазирии Низомулмулк маъмул гардида, дар тӯли фаъолияти низомияҳо риоя мегардид. Ин ташаббуси Низомулмулк фаъолияти мударрисонро аз беназмӣ берун баровард. Тибқи ин муқаррарот шахсе метавонист мансаби мударрисии низомияро ишғол намояд, ки соҳиби олитарин дараҷаи илмии замони худ бошад. Интихоби Абӯисҳоқи Шерозӣ, яке аз пешвоёни донишманди мазҳаби шофеӣ ба сифати нахустин мударриси Низомияи Бағдод аҳамияти ин мансабро барои ҳама ошкор намуд. Ҳамчунин Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, ки соли 1091 аз ҷониби Низомулмулк ба мансаби мударрисии низомия таъйин гардид, бо вуҷуди он ки 34-35 сола будан, дар риштаҳои гуногуни илм осори зиёде таълиф карда, маъруфияти ҳамагон буд. Низомулмулк ӯро Зайниддин ва Шарафулайма лақаб дода буд.

Устодони Низомияи Бағдод илова бар фазилатҳои илмӣ аз назари ахлоқӣ ва иҷтимоӣ низ дар сатҳи олӣ қарор доштанд. Шахсе мударриси низомия шуда метавонист, ки бояд покдоман, зоҳиду парҳезгор ва мавриди эътимоди оммаи мардум ва намояндагони давлат бошад. Аксари устодони низомия ба дараҷае аз парҳезкорию порсоӣ расида буданд, ки бо вуҷуди бархӯрдорӣ аз имконияти васеи моддӣ ва маънавӣ ва ҳимояти ҳамешагии давлат хеле хоксорона зиндагӣ мекарданд. Ҳамин иззати нафс буд, ки онҳоро дар дараҷаи баланди эҳтиром нигоҳ медошт. Агар дар рафтору гуфтори мударрисон одитарин амалҳои зишт дида мешуд, онҳоро аз дарс гуфтан маҳрум мекарданд. Чунончи, яке аз набераҳои Хоҷа Насируддин бо номи Абӯнаср, ки мударриси низомия буд, танҳо ба гуноҳи онки зане шикоят намуд, ки Абӯнаср бо ӯ издивоҷ намудааст ва Абунаср дар аввал онро рад карда, сипас эътироф кард, бо сабаби бадномӣ ва расвоӣ аз мансаби мударрисӣ маъзул гардид.[2]

Азбаски бо сабаби доштани вақфҳои зиёд низомияҳо, аз ҷумла Низомияи Бағдод вазъи хуби молӣ доштанд, устодон маоши хуб ва барои зиндагияшон кофӣ мегирифтанд. Ин кор бо ифтитоҳи низомияи Бағдод

---

[1] Ибни Фавтӣ. Ал-ҳаводис ал-ҷомеа. С. 63-64.
[2] Кисоӣ Н. Мадориси Низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. С. 126.

оғоз ёфта, дар оянда назму тартиб пайдо намуд. Даромади низомия ончунон зиёд буд, ки пас аз пардохти маоши зиёд ба устодон боз боқӣ мемонд ва онро ба донишҷӯёни камбизоат медоданд. Дар низомияи Бағдод ҳуҷраҳое барои истиқомати шабонарӯзии устодон ва донишҷӯён сохта шуда буд. Барои устодон ҳамчунин аз ҳисоби низомия хӯрок дода мешуд. Дар ин маврид навиштаанд, ки вақте устоди илми адаби низомия Фаситҳи Астрободӣ бо гуноҳи аҳли шиа будан аз тадрис дар мадраса барканор гардид, аз ҳаққи нон ва манзил низ маҳрум шуд, ба шогирдоне, ки барои истифода аз дарси ӯ дар берун аз низомия ҷамъ омада буданд, гуфт: «Бар шумост, ки риояи муқаррароти мадрасаро бинамоед. Зеро ман ҳамакнун дар шароите ба сар мебарем, ки хонаам кироят ва нонам харида аст»[1].

Иҷозаи дарс гуфтан дар низомияи Бағдод, чун яке аз муассисаҳои муҳими давлат, танҳо бо фармони Низомулмулк, пас аз вай бо фармони подшоҳ ё халифаи вақт ва гоҳе ҳам бо фармони подшоҳ бо мувофиқа бо халифа дода мешуд. Ба ин сабаб устоди низомия шудан кори осоне набуд ва масъулияти азимеро талаб мекард. Шуҳрати низомияи Бағдод то ҷое расида буд, ки фақеҳон дар тамоми гӯшаю канори хилофат орзуи дарс гуфтан дар онро менамуданд. Дарс додан дар низомияи Бағдод олитарин дараҷаи тараққии як донишманд ва ифтихори бузурге барои вай буд. Аз ин рӯ ҳар гоҳ яке аз бузургони илм бо фармони дарс гуфтан дар Низомияи Бағдод вориди ин шаҳр мешуд, ӯро донишмандон ва мардум истиқболи бошукӯҳ мекарданд.

Аз ин мушоҳидаҳо метавон ба хулоса омад, ки мансаби устодии Низомияи Бағдод дар аҳди вазорати Низомулмулк ва баъдан ҳам яке аз мансабҳои муҳим ба шумор мерафтааст. Чунки устоди низомия будан маънои ҳам аз лиҳози иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ дар сатҳи олӣ қарор доштанро доштааст. Аз ин лиҳоз маҳрум гаштан аз мансаби мударрисӣ барои ҳар як шахс басо ногувор буд. Чунончи, Абӯнаср ибни Сабоғ, ки пас аз даргузашти Абӯсаиди Мутаваллӣ дар соли 1084 мударриси низомия гардида буд, бо сабабе аз дарс гуфтан дур карда

---

[1] Ёқути Ҳамавӣ. Маҷмаъ-ул-удабо. – Миср, 1923. Ҷ. 5. С. 415.

шуд. Атрофиёнаш ба ӯ маслиҳат доданд, ки ба пойтахт – шаҳри Исфаҳон назди Низомулмулк равад. Вай пас аз сафари номуваффақи Исфаҳон ба Бағдод баргашт ва аз шиддати нороҳатӣ даргузашт.[1]

Тибқи ахбори сарчашмаҳо баъзе касон барои дарёфт намудани мансаби мударрисии Низомия ба корҳои ношоиста, аз ҷумла ришва додан ҳам даст мезаданд. Бино ба навиштаи Субкӣ Абӯмуҳаммад Абдураҳмон ибни Ҳусайни Табарӣ барои дарёфти мансаби устодӣ дар низомияи Бағдод он қадар ришва дод, ки метавонист ба он маблағ мадрасаи комиле бисозад[2].

Дар Низомияи Бағдод маросими бошукӯҳи муаррифии устоди нав ба устодони пешин мавҷуд буд. Мегӯянд вақте Муҳаммад Ғаззолӣ барои дарс гуфтан дар Низомия мансуб гардид, дӯстонаш аз вай дархост намуданд, ки ба муносибати ошноӣ бо мударрисони Низомия зиёфат ташкил намояд.[3]

Тавре дар боло зикр шуд, яке аз ҳадафҳои низомияҳо иҷрои ҳадафҳои сиёсӣ ва мазҳабии давлат буд ва ба ин манзур давлатмардон ҳамеша дар иртибот бо низомияҳо буданд. Яке аз шаклҳои робитаи давлат бо низомияҳо он буд, ки ашхоси баландпоя ба низомияҳо ташриф оварда, маҷлисе доир менамуданд. Тибқи навиштаи Ибни Ҷавзо соли 1104 Саидулмулки вазир ба хотири ташвиқи мардум ба тадриси илм дар дарси мудариси низомияи Бағдод Киё Ҳаросӣ ширкат кард.[4]

Ҳамчунин он давлатмардоне, ки донишманд буданд, бевосита барои донишҷӯён дарс медоданд. Аз ҷумла, худи Низомулмулк, писари Шамсуддин Ҷувайнии соҳибдевон Шарафуддин Ҳорун дар ҳузури амаки худ Алоуддин, ки ҳокими Бағдод буд, ки ин корро анҷом додаанд.[1]

Яке аз нишонаҳои мударрис шудан дар Низомия он буд, ки ба ҳар як шахсе, ки ба устодӣ интихоб мешуд, дар маросими хоссе хилъати қимматбаҳо тақдим мегардид. Ин хилъат он қадар гаронқиммат ва бошукуҳ будааст, ки дар назари баъзеҳо пӯшидани он маънои худнамоишӣ

---

[1] Субкӣ. Табақот аш-шофеия. Миср, 1964. Ҷ. 5. С. 124.
[2] Субкӣ. Табақот-ал-шофеӣ. Миср. Ҷ. 7. С. 142.
[3] Кисоӣ Н. Мадориси Низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. С. 130.
[4] Ибни Ҷавзо. Ал-мунтазам. Ҳайдарбод, 1983. Ҷ. 9. С. 143.

ва дабдабаро доштааст. Ибни Ҷавзо менависад, ки вақте Ғаззолӣ хилъати мударрисиро ҳангоми тадрис ба бар намуд, мавриди интиқоди яке аз шогирдони порсои худ Муҳаммад ибни Тумрад қарор гириф[2]. Хилъати мударрисӣ аксаран аз ҷониби як тан аз бузургон ва намояндаи олирутбаи давлатӣ ба мутавалиёни низомия ба мударрисон пӯшонида мешуд. Тибқи навиштаи Ибни Фавтӣ пас аз он ки Наҷмиддин Муҳаммад ибни Абӯалҷаз ба ҳайси устод ба низомия пазируфта шуд, ба вай вазир Саидуддавла хилъати мударрисиро пӯшонид. Чун Наҷмиддин Муҳаммад ба курсии тадрис нишаст, гуфт: «Бизоати мо ҳамин буд, ки ба мо расид».[3] Ҳамчунин ба устодони низомия илова бар хилъат дар баъзе маврид барои саворӣ аспе, харе ё шутуре дода мешуд.

Пеш аз таъсиси низомияҳо дар марказҳои таълимӣ шогирдон ба даври устод ҳалқа зада, дарс мехонданд. Аммо дар низомияҳо бо сабаби хеле зиёд будани донишҷӯён барои устодон курсии нисбатан баланде омода мекарданд, ки мударрис ҳангоми дарс гуфтан, дар болои он менишаст. Ибни Батута, ки дар соли 1326 аз мадрасаҳои низомия ва Мустансарияи Бағдод дидан намуда буд, дар бораи нишасти мударрис бар курсӣ дар мадрасаи Мустансария чунин менависад: «Устод ба виқори тамом дар қуббаи кучаке бар фарози курсӣ менишаст. Дар рӯйи курсӣ бисоте афканда буд ва дар тарафайни мударрис ду муъид (касе, ки барои шогирдон дарсро такрор кунад) буданд, ки ҳар чиро, ки ӯ имло кунад, ин ду тан такрор менамоянд».[4]

Дар Низомия равиши дарс чунин буд, ки устод ҳангоми дарс гуфтан хилъати муддарисиро, ки либоси сиёҳе буд, мепӯшид ва саллае бар сар мениҳод ва дар ҳоле ки ду ёрдамчӣ дар ду тарафи ӯ истода буданд, ба дарс гуфтан мепардохт ва донишҷӯён дар назди курсӣ ба гуфтаҳои вай гӯш мекарданд. Гурӯҳе аз донишҷӯён гуфтаҳои устодро шунида, дар хотир нигоҳ медоштанд ва бархе аз донишҷӯён гуфтаҳои устодро менавиштанд.

---

[1] Ибни Ҷавзо. Ал-мунтазам. С. 143
[2] Ҳамон ҷо. С. 143.
[3] Ибни Фавтӣ. Ал-ҳаводис-ал-ҷомеа. – Бағдод, 1883. С. 456.
[4] Ибни Батута. Туҳфа-ул-анзор фи ғароиб-ул-амсор ва аҷоиб ул-асфор. Теҳрон, 1958. С. 217.

Хусусиятҳои хоси таҳсил дар Низомия он буд, ки дарс ба фаслҳои сол, мартабату манзалати устод, авзоъ ва аҳволи сиёсию мазҳабии шаҳри Бағдод вобатагӣ дошт. Аз ҷумла, ҳар гоҳ донишҷӯён аз ҳузури устоди олиқадре дар низомияи Бағдод иттилоъ меёфтанд ва медонистанд, ки аз дарси ӯ баҳраи зиёд мегиранд, дар дарсҳои ин устод иштироки фаъол менамуданд ва соати дарс низ тӯлонӣ мешуд. Вобаста ба ин маврид Субкӣ дар бораи Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Бурҳон ном мударриси низомия чунин менависад: «Вай дар тамоми соати рӯз ва пас аз шаб то саҳаргон ... ба тадрис иштиғол дошт ва толибони илм аз атроф ва акнофи мамолики исломӣ дар ҳалқаи дарси ӯ ҳузур меёфтанд. Иддае аз он хостанд китоби «Эҳё-ул-улум»-и Ғаззолиро ба онҳо тадрис кунад. Ғуфт: «Вақте барои ин кор надорам». Саранҷом ҳозир шуданд чаласаи дарс дар нимаҳои шаб мунъаҳид гардад».[1]

Маъмулан дарсҳои донишомӯзон дар тӯли ҳафта дар соатҳои пеш аз зӯҳр ва баъд аз зӯҳр доир мегардид ва рӯзҳои ҷумъа ва дигар идҳои исломӣ дар низомия истироҳат буд.

Дар Низомияи Бағдод танҳо шогирдони боэистеъдод ва дорои донишҳои хуби ибтидоӣ пазируфта мешуданд. Шуҳрати Низомияи Бағдод ва гузаштаи пурифтихори мударрисон ва фақеҳоне, ки дар ин ҷо дарс мегуфтанд, шефтагони илму донишро аз тамоми гӯшаю канори кишварҳои исломӣ ба сӯи худ мекашид. Онҳое, ки мақсаду маромашон аз таҳсили илм ва таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои маънавӣ ва дарки маърифат буд ва ҳамчунин касоне, ки азбар намудани илмро барои ноил шудан ба мансабҳои гуногуни иҷтимоӣ ва дарёфти маоши хуб пеша карда буданд, орзуи дар низомияҳо таҳсил карданро доштанд. Бузургтарин ифтихор барои ҳар як толибилм дар он замон он буд, ки муддате дар он Низомия таҳсил намояд. Ба бисёре аз хатмкардагони низомияи Бағдод муяссар мешуд, ки баъди хатми таҳсил дар худи ҳамон Низомия ифтихори мударрисиро пайдо

[1] Субкӣ. Табақот аш-шофеия. – Миср, 1964. Ҷ. 6. С. 30.

намоянд ва ё ба дигар мансабҳои илмию иҷтимоӣ аз қабили қозигӣ, раисӣ ва ё мударрисӣ дар дигар мадрасаҳоро соҳиб шаванд[1].

Яке аз шартҳои асосии дарс гуфтан ва таҳсил дар Низомияи Бағдод он буд, ки мударрис ва ё донишҷӯ пайрави мазҳаби шофеӣ бошад. Шарти дигари таҳсил дар ин низомия он буд, ки шахси довталаб бояд таҳсилоти муқаддамотиро ба таври бояду шояд фаро гирифта бошад. Дар ин маврид ибни Халикон дар бораи Қозӣ Абдулмаҳосин маъруф ба Ибни Шаддод (ваф. 1234) чунин менависад: «Вай пас аз таҳсилоти мумтад дар фиқҳу ҳадису Қуръон ва шоистагии комили илмӣ ба Бағдод рафт ва дар Низомия манзил кард ва ба таҳсили дониш пардохт ва андаке баъд ба мартабаи муъидии низомия ноил шуд».[2]

Дар Низомияи Бағдод чун муассисаи таҳсилию илмии давлатӣ тамоми харҷи таҳсил, таъмини хӯрок, ҷои хоб аз ҷониби давлат пардохт мегардид. Ин кор имкон медод, ки ҷавонони илмдӯст, ки имкони пардохти таҳсилро надоштанд, дар ин низомия ба таври ройгон таҳсил намоянд.

Абӯбакри Тартусӣ (ваф. 1126), ки баъди бист соли таъсиси Низомияи Бағдод аз Андалусияи Испания ба Бағдод сафар карда, назди Абӯбакри Чочӣ таҳсил намуда буд, чунин навишта аст: «Дар Низомияи Бағдод илова бар хӯроку пӯшок ва маскан ба толибилмони бебизоат кумаки харҷи таҳсил пардохт мешуд. Бояд гуфт, ки дар тӯли як сол ба маблағи 15000 динор ба донишҷӯён кумак расонида мешуд.[3] Ибни Ҷавзо менависад, ки ҳар як аз фақеҳон ҳар рӯз ҳудуди ним килограм хӯрока ҳақ дошт. Харҷи кумакҳо ба донишҷӯён асосан аз ҳисоби даромади вақфҳои Низомия таъмин мегардид.[4]

Муддати таҳсил дар Низомияи Бағдод мушаххас набуда, ба дараҷаи азхудкунии дарс аз ҷониби донишҷӯй ва сифати дарсҳои устодон вобаста буд. Донишҷӯ ин ё он китобро хонда, онро дар назди ин ё он устод имтиҳон месупорид ва устод гувоҳӣ медод, ки вай ин китобро дар назди ӯ

---

[1] Нахҷувонӣ Ҳ. Таҷоруб-ус-салаф. Теҳрон, 1965. С.  270.
[2] Ибни Халикон. Вафёт-ул-аъён. Қоҳира, 1948. Ҷ. 6. С. 81-84.
[3] Сироҷ-ул-мулук. С.128.
[4] Ибни Ҷавзо. Ал-мунтазам. Ҷ. 9. Ҳайдаробод, 1938. С. 248.

хонда ва аз уҳдаи дарки матолиби он баромада аст. Яъне донишҷӯён дар Низомия муддати гуногун таҳсил намуда, соҳиби гувоҳномаи хатми он мегаштанд. Абӯмансур Ҷаволиқ (ваф. 1145) муддати 17 сол дар назди мударриси адаби ин низомия Хатиби Табрезӣ (ваф. 1108) таҳсил намудааст. Вай илми адабро ончунон пурра аз бар намуд, ки баъдан ба ҷои устоди худ мударриси адаби Низомияи Бағдод гардид. Яке дигар аз донишҷӯёни низомияи Бағдод Ҳамадонии Моликӣ муддати қариб 17 сол дар назди Абӯмансури Ҷаволиқӣ таҳсили илм намудааст.[1]

Муносибати байни донишҷӯ ва устод дар низоми таҳсили Низомия бисёр муҳим буд. Намунаи олии арҷгузорӣ ба устодони Низомия маросиме буд, ки донишҷӯёни низомияҳои Бағдод ва Нишопур нисбат ба устодони худ Абӯисҳоқи Шерозӣ (ваф. 1083) ва Имомулҳарамайн Ҷувайнӣ (ваф. 1085) доштанд. Дар робита ба ин Ибни Халикон менависад: «Вақте Абӯсаиди Мутаваллӣ (ваф. 1085) пас аз вафоти Абӯисҳоқи Шерозӣ бар курсии тадрис дар Низомия нишаст, туллоб истиноди ӯро ба ҷои Абӯисҳоқ – устоди фақидашон шарти адаб надоштанд ва ин корро бар вай зишт мешумориданд. Аз вай хостанд, ки адабро муроот намуда, поинтар аз мартабаи устоди салаф нишинад ва ӯ аз кардаи хеш пӯзиш талабид».[2]

Низомияи Бағдод чуноне зикр шуд, илова ба ҷанбаҳои илмӣ ҳамчунин пойгоҳе буд барои тарбияи мубаллиғони шофеимазҳаб, ки пас аз хатми ин Низомия соҳиби мансаби олӣ мисли вазирӣ, қозигӣ ва пешвои мазҳабӣ, ҳуқуқи фатво додану ваъз гуфтан гашта, метавонистанд нисбат ба пайравони дигар мазҳаб муваффақтар бошанд. Ҳанӯз дар асри аввали таъсиси Низомияи Бағдод яке аз устодони машҳури он Абӯисҳоқи Шерозӣ гуфта буд: «Аз Ироқ то Хуросн аз шаҳру билоде, ки гузаштам, пешво ё мударрис ё қозӣ ё воизи он ҷоро шогирд ва ё яке аз асҳоби худ ёфтам».[1]

Ба тасдиқи ин ҳарфҳои Абӯисҳоқи Шерозӣ метавон гуфт, ки Муҳаммад ибни Тамрад, ки соли 1120 дар сарзамини Мағриб ба подшоҳӣ расид, Қозӣ Камолиддини Шаҳрзӯрӣ, Умод Котиби Исфаҳонӣ, ки дар

---

[1] Амин Ҳусайн. Ал-мадраса-ал-Мустансирия. Бағдод, 1960. С. 80.
[2] Ибни Халикон. Вафёт-ул-аъён. Қоҳира, 1948. Ҷ. 2. С. 314.

дастгоҳи Нуриддини Зангӣ ва Салоҳиддини Аюбӣ масъули тамоми корҳои сиёсӣ, илмӣ ва мазҳабӣ буданд, муаллифи китоби «Таърихи муаззами Димишқ» Ибни Асокир, ки ба тамоми шаҳрҳои Хурсон, Ҳиҷоз, Ироқ, Шом ва Ҷазира сафар карда буд, шоири бузург Саъдии Шерозӣ ва дигарҳо хатмкардаи Низомияи Бағдод буданд.[2]

Аз ин рӯ яке аз ҳадафҳои таҳсил дар Низомия ноил шудан ба мартабаи олии илмӣ ва иҷтимоӣ дар замони худ буд. Аз баррасии аҳволи бештари ходимони илмӣ, сиёсӣ ва мазҳабӣ аз охири асри XI то миёнаҳои асри XIV дармеёбем, ки ҳамаи онҳо бавосита ё бевосита бо Низомия иртибот доштанд.

Нуфузи илмию иҷтимоии дастпарварони Низомияи Бағдод то ҷое буд, ки вақте халифаи Бағдод Мустансари Аббосӣ дар муқобили Низомия мадрасаи Мустансирияро бунёд намуд, маҷбур шуд, ки барои дарс гуфтан дар мадрасаи худ хатмкардагони Низомияро ҷалб намояд.

Ин ҷо шоиста аст аз устодони маъруфи Низомияи Бағдод зикре кунем:

Нахустин мударриси ин маркази маъруфи таълимию илмӣ фақеҳи бузурги шофеӣ Абӯисҳоқи Шерозӣ (ваф.1083) интихоб гардид. Вай бе ҳеҷ як шакку шубҳа дар байни донишмандони асри XI аз шоистатарин чеҳра барои тадриси фиқҳи шофеӣ будааст. Дараҷаи илму дониш, парҳезкорӣ ва дину ахлоқи неки ӯро аксари муаррихону тазкиранависон васф кардаанд. Абӯисҳоқи Шерозӣ дар ибтидо аз тадрис дар низомияи Бағдод худдорӣ намуд. Дар тӯли бист рӯзе, ки масъулони Низомия ва дигар шахсони обрӯманд бо дастури Низомулмулк барои ҷалби Абӯисҳоқи Шерозӣ ба Низомия талош варзиданд, бо замонати яке аз бузургони ҳозир дар маросими ифтитоҳи Низомия Абӯмансур ибни Юсуф ва мувофиқати қозӣ Абӯсаъд донишмандони дигар Абӯнасри Саббоғ мувaққатан ба дарс гуфтан оғоз намуд. Саранҷом бо исрори бузургони замон ва шогирдонаш Абӯисҳоқи Шерозӣ барои тадрис дар низомияи Бағдод розӣ шуд ва дар ин вазифа то вопасин дами ҳаёти худ, яъне то соли 1083 боқӣ монд. Дар тӯли

---

[1] Субкӣ. Табақот аш-шофеия. – Миср, 1964. Ҷ. 4. С. 214-219.
[2] Амин Ҳусайн. Ал-мадраса-ал-Мустансирия. – Бағдод, 1960. С. 81.

ин муддат бисёре аз донишҷӯён, ки баъдҳо соҳиби мақомҳо ва мансабҳои баланди илмӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ дар саросари қаламрави Салҷуқиён гардиданд, аз ӯ илм омӯхтанд.[1] Пас аз вафоти Абӯисҳоқи Шерозӣ ва сипарӣ намудани айёми сӯгвории ӯ писари Низомулмулк Муидулмулк ба вазифаи мударрисӣ Абӯсаъди Мутаваллиро интихоб намуд. Чун ин хабар ба гӯши Низомулмулк расид, ошуфта гашт ва гуфт, ки шоиста бувад, ки ба хотири бузургдошти Абӯисҳоқи Шерозӣ Низомия як сол таътил мешуд ва дастур дод, ки ба ҷои Абӯсаъди Мутаваллӣ Абӯнасри Саббоғ аз нав ба тадрис пардозад.

Абӯнасри Саббоғ (ваф. 1084) аз донишмандони бузурги илмҳои динӣ ва рақиби Абӯисҳоқи Шерозӣ дар фиқҳи шофеӣ буд. Аммо баъди муддати кӯтоҳе вай аз кори тадрис барканор карда шуд ва Абӯсаъд ҷойгузини ӯ гардид. Абӯнасри Саббоғ барои аз нав ишғол намудани мансаби мударрисӣ ба шаҳри Исфаҳон назди Низомулмулк рафт. Аммо Низомулмулк ин дархости ӯро напазируфт ва дастур дод, ки барояш мадрасаи дигар бино кунанд. Ибни Саббоғ озурдаю маъюс ба шаҳри Бағдод бозгашт ва пас аз се моҳ аз олам даргузашт.

Абӯсаъди Нишопурӣ (ваф. 1085). Тавре дар боло зикр намудем, вай пас аз марги Абӯисҳоқи Шерозӣ аз ҷониби Муидулмулк ба мансаби мударрисӣ интихоб гардид, аммо бо мухолифати Низомулмулк аз тадрис маҳрум карда шуд. Пас аз вафоти Абӯнасри Саббоғ ба курсии тадрис нишаст ва аз соли 1084 то охири умри худ дар соли 1085 ба донишҷӯён аз усули фиқҳ дарс медод.

Абулқосими Дабусӣ (ваф. 1089) соли 1086 бо даъвати Низомулмулк барои дарсгӯӣ дар Низомия ба Бағдод омад. Ибни Асир дар шарҳи воқеаҳои соли 1086 менависад: «Дабусӣ бо чунон шукуҳ ва ҷалоле ба Бағдод омад, ки касе назири онро дар бораи ҳеҷ фақеҳе ёд надорад».[1] Абулқосими Дабусӣ то охири рӯзҳои ҳаёти худ, яъне то соли 1089 дар Низомия дарс мегуфт.

---

[1] Субкӣ, Тоҷиддин. Табақот уш-шофеият-ал-кубро. Ҷ. 3. С. 313.
[1] Ибн-ал-Асир. Таърихи Комил. Ҷ. 8. Теҳрон, 1991. С. 144.

Абӯнасри Тантаронӣ (ваф. 1092) яке аз донишмандон ва адибони шинохтаи замони худ буд, ки дар Низомияи Бағдод дарс гуфта ва дар мадҳи Низомулмулк қасидаи маъруфи худро сурудааст.

Абӯабдуллоҳи Табарӣ (ваф. 1101) аз пайравони бузурги Абӯисҳоқи Шерозӣ буда, пеш аз имом Ғаззолӣ дар Низомия дарс гуфтааст. Вай бо фармони Низомулмулк аз моҳи муҳаррами соли 483 ҳ.қ /март-апрели соли 1090 дарсгӯиро оғоз намудааст. Дар моҳи рабеулохири ҳамон сол /июн-июли соли 1090 бо фармони дигари Низомулмулк фақеҳи дигаре бо номи Абӯмуҳаммад Абдулваҳҳоби Шерозӣ низ барои дарсгӯӣ дар Низомия пазируфта шуд, ки ин ду устод як рӯз дар миён дарс медоданд. Чун дар соли 1091 ба ҳайси устоди Низомия ба дарсгӯӣ пардохт, ин ду устод аз дарс додан барканор гардиданд. Аммо Абӯабдуллоҳи Табарӣ пас аз канорагирӣ намудани имом Ғаззолӣ аз дарсгӯӣ бо фармони писари Наизомулмулки Тӯсӣ Фахрулмулк аз моҳи сафари соли 488 ҳ.қ. / феврал-марти соли 1095 аз нав устоди Низомияи Бағдод интихоб гардид ва то охири умр дар ин ҷо дарс гуфт.

Абӯзакариё Хатиби Табрезӣ (ваф. 1108) аз донишмандони шинохта дар илми луғат, адаб ва наҳви арабӣ буд ва бисёре аз хатмкунандагони Низомияи Бағдод дар ин ришта шогирдони ӯ мебошанд. Вай дар аввал дар низомия ба сифати китобдор ифои вазифа менамуд ва баъдан ба мансаби устоди илми адаб интихоб шуд.

Абулҳасани Киё Харосӣ (ваф. 1110) аз ҳамдарсони имом Ғаззолӣ ва яке аз шогирдони беҳтарини Имомулҳарамайн Ҷувайнӣ буд. Вай пас аз хатми Низомияи Нишопур муддате қозӣ буд ва баъдан мударриси Низомияи Бағдод интихоб таъйин шуд. Чуноне ки зикр шуд моҳи муҳаррами соли 495 ҳ.қ. / октябр-ноябри соли 1101 ба иғвои душманонаш ба пайравӣ аз мазҳаби исмоилия муттаҳам ва ба дастури султон Муҳаммади Салчуқӣ дастгир ва зиндонӣ шуд. Аммо теъдоде аз донишмандон ва пешвоёни мазҳабӣ ба бегуноҳии ӯ гувоҳӣ доданд ва султон вайро аз зиндон озод намуд. Пас аз озодӣ то охири умр дар мансаби устодии Низомияи Бағдод иҷрои вазифа намудааст.

Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ (1058-1111) аз нобиғаҳои замони худ буд ва соли 1091 Низомулмулк бо ӯ дар шаҳри Исфаҳон мулоқот намуда, ба вай лақабҳои «Зайнуддин» ва «Шарафулайма» дода, даъваташ намуд то дар Низомияи Бағдод ба касби устодӣ пардозад. Имом Ғаззолӣ моҳи ҷимодиулаввали соли 484 ҳ.қ / июн-июли соли соли 1091 ба шаҳри Бағдод ворид шуда, то моҳи зулқаъдаи соли 488 ҳ.қ. /ноябр-декабри соли 1095 ба дарсгӯӣ шуғл варзид. Илова бар 400 нафар шогирдонаш дар дарсҳои ӯ намояндагону пешвоёни дигар мазҳабҳо низ иштирок менамуданд. Соли 1095 вай бародари худ Аҳмади Ғаззолиро ба мансаби мударрисӣ пешниҳод намуд ва ба хотири адои ҳаҷ ба шаҳри Макка рафт. Соли 1110 вай барои дарсгӯӣ дар низомияи Бағдод аз ҷониби писари Низомулмулк Аҳмади Зиёулмулк даъват шуд, аммо имом Ғаззолӣ онро напазируфт[1].

Абӯбакри Шошӣ (Чочӣ, Тошкандӣ, ваф. 1113) аз хатмкардагони Низомияи Бағдод ва ёвари дарси Абӯисҳоқи Шерозӣ буд ва пас аз вафоти Абулҳасани Киё Ҳаросӣ дар моҳи шаъбони соли 503 ҳ.қ / феврал-марти соли 1110 ба мансаби мударрисӣ расид. Дар дарсҳои ӯ вазир ва дигар роҳбарони давлати Салҷуқиён низ иштирок менамуданд. Абӯбакри Шошӣ тӯли якуним сол то моҳи ҷимодиулохири соли 505 ҳ.қ. /январи соли 1112 ба толибилмони Низомия дарс гуфт.

Абӯбакри Самъонӣ (ваф. 1116) яке аз пешвоёни мазҳаби шофеияи Марв ва падари муаллифи китоби «Табақот-ул-ансоб» Абӯсаъди Самъонӣ буда, ки соли 1103 пас аз бозгашт аз сафари ҳаҷ ба шаҳри Бағдод рафта, дар Низомияи он дарс медод.

Муҳаммад ибни Ақиқ (ваф. 1118) дар низомияи шаҳри Бағдод аз илми калом дарс медод.

Фасеҳи Астарободӣ (ваф. 1122) пас аз Хатиби Табрезӣ дар Низомияи Бағдод илми наҳвро тадрис менамуд. Пас аз муддате ӯро ба гуноҳи шиа будан аз Низомия хориҷ карданд ва ба ҷои ӯ Абӯмансури Ҷаволиқӣ ба курсии дарсгӯи нишаст.

---

[1] Ҳумой, Ҷалолиддин. Ғаззолинома. Теҳрон, 1963. С. 170.

Абулфатҳ ибни Бурҳон (ваф. 1124), ки дар ибтидо пайрави мазҳаби ҳанбалӣ буд, ба хотири устоди Низомия шудан ба мазҳаби шофеӣ гаравид. Вай бори аввал муддати як моҳ ва бори дувум ҳамагӣ як рӯз устоди расмии Низомия буд. Ҳангоми иқомат дар Низомия ба таври ғайри расмӣ аз субҳ то шом ба донишҷӯён дарс медод. Теъдоде аз донишҷӯён аз вай хоҳиш намуданд, то китоби «Эҳё-ул-улум»-и имом Ғазолиро ба онҳо дарс диҳад. Абулфатҳ ибни Бурҳон аз сабаби надоштани вақти холӣ дар аввал ин хоҳишро рад намуд ва баъдан ба хулосае омаданд, ки ба хоҳишмандон ин китобро нимашаб дарс бидиҳад.

Абӯсаъди Ҳалвонӣ (ваф. 1126) аз пешвоёни мазҳаби шофеӣ ва аз шогирдони Абӯисҳоқи Шерозӣ, ки муддате устоди Низомия ва баъдан сафири халифаи Бағдод дар дарбори ҳоқони турк буд.

Абӯалии Исфаҳонӣ (ваф. 1130) дар низомияи шаҳри Исфаҳон илми фиқҳ омӯхта, аз соли 1127 то айёми вафоташ устоди Низомияи Бағдод буд.

Абулфатҳи Майҳанӣ (ваф. 1132) дар баробари дарс гуфтан, ҳамчунин сарпарастӣ ва назорат ба вақфҳои Низомияро ба уҳда дошт. Вай солҳои 1113 то 1128 ду дафъа ба мансаби устодии Низомия интихоб гардид. Абулфатҳи Майҳанӣ дар навбати дувуми устодӣ ва сарпарастии худ дар Низомия дар ҳамдастӣ бо вазир Аҳмад ибни Низомулмулк хостанд, ки кумакпулии бисёре аз донишҷӯёнро қатъ намуда, теъдоди фақеҳони Низомияро то 200 нафар коҳиш диҳанд. Ин икдом ба муқовимати донишҷӯён ва дарсшиканӣ ҳам аз ҷониби донишҷӯён ва ҳам аз ҷониби устодон сабаб гардид.

Абӯмуҳаммади Табарӣ (ваф. 1135) фарзанди устоди собиқи Низомия Абӯабдуллоҳи Табарӣ ва аз шогирдони Абӯисҳоқи Шерозӣ буд, ки моҳи ҷимодиулохири соли 505 ҳ.қ./ январи соли 1112 пас аз барканории Абӯбакри Шошӣ ба мансаби устодии Низомия интихоб шуд. Аммо пас аз чанд муддате аз мансаби устодӣ барканор гардида, дар моҳи шаъбони 512 ҳ.қ./ноябр-декабри соли 1118 пас аз Асъади Майҳанӣ бори дувум ба курсии мударрисӣ нишаст ва баъди чанде аз устодӣ барканор гардид. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки вай барои ноил шудан ба мансаби устодии

Низомияи Бағдод он қадар ришва дод, ки бо ин пул метавонист як мадрасаи комил бисозад.[1]

Абӯсаъд Аҳмад ибни Собити Хуҷандӣ (ваф. 1136) пас аз хатми низомияи шаҳри Исфаҳон дар низомияи Исфаҳон ба касби устодӣ пардохт. Баъди чанде Абӯсаъди Хуҷандӣ ба устодии низомияи Бағдод пазируфта шуд.

Абӯяъқуб Зоҳиди Ҳамадонӣ, ки пас аз соли 1067 ба шаҳри Бағдод рафта ва дар Низомияи ин шаҳр дар назди Абӯисҳоқи Шерозӣ илми фиқҳ омӯхт ва аз соли 1127 дар ҳамон ҷо ба мансаби устодӣ пазируфта шуд.

Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҳусейни Урмавӣ (ваф. 1141) аз шогирдони Абӯисҳоқи Шерозӣ буд ва пас аз хатми Низомияи Бағдод дар ҳамон ҷо ба тадриси илми фиқҳ пардохт.

Абулвафо Қозии Исфаҳонӣ (ваф. 1141) қозии сипоҳ ва ҳамзамон устоди Низомияи Бағдод буд.

Абӯмансур Муинуддини Раззоқ (ваф. 1144) аз соли 1137 устоди Низомияи Бағдод ва пас аз муддате раиси шофеиёни Бағдод буд.

Абӯмансури Ҷаволиқӣ (ваф. 1144 ва ё 1145) муддати 17 сол дар назди Хатиби Табрезӣ дарси адаб омӯхта, пас аз хатми Низомияи Бағдод дар ҳамон ҷо ба тадриси улуми адабӣ пардохт. Дар сарчашмаҳо омада, ки халифа Муқтафии Аббосӣ ба Абӯмансури Ҷаволиқӣ пайравӣ мекард.

Абӯбакр Садриддини Хуҷандӣ (ваф. 1157) аз бузургони хонадони шаҳри Хуҷанд, раиси шофеиёни Исфаҳон ва дар назди султонҳои Салҷуқӣ ва халифаҳои Аббосӣ аз эътибору эҳтироми зиёде бархӯрдор буд. Муддате дар Бағдод зист ва дар Низомияи ин шаҳр тадрис намудааст. Бинобар навиштаи сарчашмаҳо Абӯбакри Хуҷандӣ дар сафаре, ки аз шаҳри Бағдод ба шаҳри Исфаҳон бозмегашт, дар яке аз деҳаҳои байни шаҳрҳои Ҳамадон ва Караҷ шабона хобид ва субҳ ӯро мурда ёфтанд. Ин воқеа сабаби сар задани нооромиҳои бузурге дар Исфаҳон гардид.

Абулфатҳ ибни Боқирқӣ (ваф. 1158). Дар моҳи ҷумодиулохири соли 517 ҳ.қ./ июл-августи соли 1123 бо фармони султон Санҷари Салҷуқӣ ба

[1] Субкӣ Тоҷиддин. Табақоту-ш-шофеият-ал-кубро. Ҷ. 7. Қоҳира, 1964. С. 147.

мансаби устодӣ ва масъули идораи умури мадрасаи низомияи Бағдод таъйин гардид. Фақеҳон бар зиддӣ ӯ шӯриданд, аммо ҳукумат онҳоро ба итоат намудан маҷбур намуд. Вай то моҳи шаъбони ҳамон сол ин мансабро бар уҳда дошт ва Саъди Майҳанӣ ҷойгузини ӯ гардид.

Абулвақти Санҷарӣ (ваф. 1158) дар моҳи рабеулаввали соли 553 ҳ.қ./ феврал-марти соли 1158 дар Низомияи Бағдод ба тадриси илми ҳадис машғул буд.

Абӯнаср ибни Низомулмулки Тӯсӣ (ваф. 1165) ибтидо дар назди устоди илми фиқҳи низомияи Бағдод Асъади Майҳанӣ дарс омӯхт ва соли 1146 ба мансаби устодии ҳамин Низомия пазируфта шуд. Пас аз муддате аз дарс гуфтан озод карда шуд ва бар кори назорати вақфҳои мадраса боқӣ монд ва баъдан иҷозати дарсгуфтанро гирифт. Абӯнасри Тӯсӣ соли 1161 бори дигар аз мансаби устодӣ барканор гардид. Сабаби барканории ӯ, чуноне ки зикр шуд, шикояти зане будааст, ки даъво мекард, ки Абӯнаср бо вай издивоҷ кард ва ӯ ин амрро инкор намудааст. Абӯнасри Тӯсӣ соли 1163 ба сафари ҳаҷ рафт ва дар бозгашт дар мадрасаи Ғаззолияи шаҳри Димишқ ба даср гуфтан пардохт.

Юсуфи Димишқӣ (ваф. 1166) моҳи муҳаррами 545 ҳ.қ/ апрел-майи соли 1150 ба устодии Низомия пазируфта шуд ва хилъати мударрисӣ ёфт. Вале чун таъйини вайро халифа напазируфт, рӯзи ҷумъа аз вурӯди ӯ ба ҷомеи хилофат ҷилавгирӣ шуд ва аз ин ҷиҳат намозро дар ҷомеаи султон хонд ва ва ба Низомия бозгашт. 27 муҳаррами соли 545 ҳ.қ./26 майи соли 1150 Абулнаҷиби Суҳравардӣ ба дастури халифа ба ҷои вай таъйин шуд.[1] Юсуфи Димишқӣ бори дигар дар соли 1161 пас аз барканории Абӯнасри Тӯсӣ ба мансаби устодӣ расид ва ин вазифаро то соли 1167 ба уҳда дошт. Дар ҳамон сол ба ҳайси сафир ба Хузистон фиристода шуд ва дар ҳамон ҷо вафот кард.

Абулнаҷиби Суҳравардӣ (ваф. 1167) дар низомияи Бағдод дар назди устодон Асъади Майҳанӣ ва Фасеҳии Астарободӣ таҳсили илм намуда буд ва пас аз Юсуфи Димишқӣ аз 26 майи соли 1150 то соли 1152 устоди

Низомия буд. Баъдан ба ҳалқаи суфиён пайваст ва дар работе, ки дар соҳили Бағдод барои пайравони худ сохта буд, ба дарс гуфтан пардохт.

Абумуҳаммади Хоразмӣ (ваф. 1172), муаллифи китоби «Таърихи Хоразм» муддате дар Низомияи Бағдод аз илми ҳадис дарс гуфт.[2]

Абӯнасри Шошӣ (ваф. 1180), ки набераи Абӯбакри Шошӣ буд, аз моҳи январи соли 1170 дар Низомияи Бағдод ба тадрис пардохт ва ин вазифаро то охири соли 1173 ба уҳда дошт. Пас аз ӯ Разиуддини Қазвинӣ ба ҷои вай таъйин гардид.

Абулбаракоти Анбории Наҳвӣ (ваф. 1181) аз донишмандони маъруфи илми наҳв буд ва пас аз хатми Низомияи Бағдод дар ҳамон ҷо ба касби устодӣ пардохт.

Абӯтолиби Карахӣ (ваф. 1189), ки маъмури таълими халифа Носири Аббосӣ буд, дар моҳи сафари 581 ҳ.қ./ май-июни соли 1185 пас аз барканории Разиуддини Қазвинӣ ба ҷои ӯ ба курсии устодӣ нишаст ва аз улуми фиқҳ ва ҳадис дарс гуфт.

Абулхайри Қазвинӣ (ваф. 1193) аз донишмандони бузурги ҳадис ва тафсир буд, ки дар Низомияи Бағдод аз охирҳои моҳи раҷаби соли 568 ҳ.қ. / феврал-марти соли 1173 пас аз барканории Ибни Шошӣ ба тадриси ҳадисҳо пардохт. Вай аз китобҳои бузурги ҳадис чун «Таърих»-и Ҳокими Бағдодӣ, «Сунан»-и Байҳақӣ, «Саҳеҳ»-и Муслим», «Муснад»-и Абӯисҳоқи Шерозӣ ва ғайра нақли ҳадис менамуд. Соли 1179 Абулхайри Қазвинӣ бо доштани мансаби устодӣ аз ҷониби халифа Носири Аббосӣ ба Мавсил рафт ва соли 1185 аз тадрис дар Низомия канорагирӣ намуда, ба Қазвин бозгашт ва моҳи муҳаррами соли 589 ҳ.қ./январ-феврали соли 1193 дар ватани худ вафот кард. Бархе аз таърихнависон навиштаанд, ки муддати устодии ӯ 15 сол аст. Аммо чуноне ки дида шуд, ӯ аз соли 1173 то 1185 муддати 12 дар Низомия дарс гуфтааст.[1]

Муҷири Бағдодӣ (ваф. 1195 дар низомияи Бағдод ёвари дарси Абулнаҷиби Суҳравардӣ буд ва муддате дар мадрасаҳои шаҳрҳои Димишқ

---

[1] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. С. 149.
[2] Субкӣ, Тоҷиддин. Табақоту-ш-шофият-ал-кубро. Ҷ. 7. С. 289.

ва Шероз, ки барои ӯ сохта буданд, дарс медод. Дар моҳи рамазони соли 591 ҳ.қ./ август-сентябри соли 1195 бо даъвати Ибни Қассоб дар низомияи Бағдод ба дарсгӯӣ пардохт ва дар моҳи зулҳиҷҷаи ҳамон сол вафот кард.

Абӯалӣ Маҷдуддин Яҳё ибни Рабеъ (ваф. 1205) дар Низомия иқомат менамуд ва ибтидо ёвари устодон буд. Пас ба ҳайси сафир ба Ғазна фиристода шуда, баъди бозгашт дар моҳи рабеулаввали соли 598 ҳ.қ./ ноябр-декабри соли 1201 аз ҷониби халифа ба мансаби устодии Низомия интихоб гардида, то моҳи шавволи соли 605 ҳ.қ/ апрел-майи соли соли 1209 ин мансабро бар уҳда дошт.

Ваҷеҳ маъруф ба Зарири Наҳвӣ (ваф. 1215) дар ибтидо аз мазҳаби ҳанбалӣ пайравӣ мекард, илми фиқҳро дар мазҳаби Абӯҳанифа омӯхт. Чун донист, ки яке аз шартҳои устодӣ дар Низомия пайрави мазҳаби шофеӣ будан аст, ба мазҳаби шофеӣ гаравид ва ба мансаби устодии Низомия расид. Вай, ки донандаи забонҳои гуногун буд, ҳангоми душворӣ кашидани шогирдонаш дар фаҳми забони арабӣ, маводи таълимиро ба забони модарии онҳо тафсир менамуд.

Абӯзакариёи Тикритӣ (ваф. 1219) аз хатмкардагони Низомияи Бағдод буд, соли 1210 барои тадрис дар Низомия даъват шуд. Вай илова ба касби устодӣ вазифаи бозрасӣ дар низомияро низ ба уҳда дошт.

Абӯабдуллоҳ Муҳиддин Муҳаммад ибни Яҳё ибни Фазлон (ваф. 1232) ибтидо дар мадрасаи Фахруддавла ибни Матлаб дарс медод ва ҳамзамон дабири дорулташрифоти халифа буд. Соли 1217 бо фармони халифа Носири Аббосӣ ба мансаби устодӣ ва нозирии вақфҳои Низомия интихоб шуд. Вай аввалин фақеҳ аз мазҳаби шофеӣ буд, ки ба сифати устоди мадрасаи Мустансария интихоб гардид.

Абулаббоси Воситӣ (ваф. 1232) дар ибтидо қозии шаҳри Ҳаммолия буд ва сипас ба муддати чаҳор сол дар Низомияи Бағдод сокин шуда, ба донишҷӯён аз фанни ҳисоб ва фароиз дарс мегуфт.

---

[1] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С. 152.

Абӯдовуд Разиуддини Гелонӣ (ваф. 1233) соли 1185 ба шаҳри Бағдод рафта, дар Низомия иқомат намуда, илова ба назорати Низомия ба тадрис ва фатво низ шуғл меварзад.

Абулмаолӣ Абдураҳмон ибни Муқбил (ваф. 1242) то соли 1233 мударриси Низомия буд. Дар ин сол пас аз вафоти мударриси мадрасаи Мустансария аз дарс гуфтан дар Низомия озод карда шуд ва устоди мадрасаи Мустансария гардид.

Ибни Ҷабири Саломӣ (ваф. 1241) ибтидо мазҳаби ҳанбалӣ дошт ва ба мазҳаби шофеӣ гаравида, дар чандин мадрасаи шаҳри Бағдод, аз ҷумла Низомия пас аз барканории Шаҳобиддин Маҳмуди Занҷонӣ ба устодии низомияи дар соли 1228 Бағдод расидааст.

Наҷмуддин Абӯҳомиди Бадроӣ (ваф. 1257) соли 1241 ба мақоми устодии Низомия расида, ҳамзамон китобдори халифаи Бағдод буд. Вай баъдан дар шаҳрҳои Бағдод, Ҳалаб, Димишқ мадрасаи Бадроияро таъсис намуда, дар тақлид ба Низомия фаъолияти онро роҳандозӣ намуд.

Шаҳобуддин Абулманоқиби Занҷонӣ (ваф. 1258) муддате дар Низомия ба ҳайси мударрис фаъолият кард ва ба дорулвазора даъват шуда аз дарсгӯӣ дар Низомия маъзул шуд ва ба ҷои вай Ибни Ҷабир таъйин гардид. Занҷонӣ дар мадрасаи Мустансария низ дарс гуфтааст.[1]

Абӯнасри Ҷазирӣ (ваф. 1264) мансаби устодии Низомия ва масъулияти девони иншоъро бар уҳда дошт ва ба Миср рафта, дар он ҷо ба мансаби қозигӣ расид.

Маҷдуддин Алӣ ибни Ҷаъфар (ваф. то соли 1283) мударриси Низомия буд ва барои дарс гуфтан ба мадрасаи Баширия рафт ва Нуриддин Абулбаёни Ҳалабӣ ба ҷои вай устоди Низомия гардид.

Шамсуддини Ҷувайнӣ (ваф. 1284) соли 1272 ба мансаби устодии Низомия расид. Амаки ӯ Азолуддин Атомалики Ҷувайнии соҳибдевон, ки яке аз шахсиятҳои барҷастаи замони худ буд, дар дарси Шамсуддин ҳамроҳи чанд тан аз давлатмардон ва фақеҳон иштирок намудааст.

[1] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. С. 337.

Нуриддин Абдулғанӣ маъруф ба Абулбаён (ваф. 1288) соли 1283 пас аз Маҷдуддин Алӣ ибни Ҷаъфар ба мансаби устодии Низомия расид.

Наҷмуддин Муҳаммад ибни Абӯалъаз, ки соли 1288 пас аз вафоти Нуриддини Ҳанбалӣ ба мансаби устодии Низомия расид, ҳамзамон қозии Бағдод низ буд. Саъдуддавлаи вазир хилъати мударрисиро ба ӯ пӯшонид ва Наҷмуддин дар оғози дарс чунин гуфт: «Бизоати мо ҳамин буд, ки ба мо расид».[1]

Шамсуддин Муҳаммади Кешӣ (ваф. 1294) соли 1266 ба шаҳри Бағдод рафта, ба мансаби устодии Низомия мансуб гардид. Донишмандон дар дарси ӯ иштирок намуданд, ки яке аз онҳо писари Шамсуддини соҳибдевон Баҳоуддин буда, ки ба ин устоди донишманд таваҷҷуҳи хос доштааст.

Насируддини Форуқӣ (ваф. 1306) соли 1273 устодии Низомия буд.

Дар тӯли солҳои гуногун дар Низомияи Бағдод инчунини устодоне, мисли Абулфатҳи Ҳаддоди Исфаҳонӣ (ваф. 1106), Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Усмони Рабёҷӣ (ваф. 1132), Абӯсаодати Бағдодӣ (ваф. 1147), Фахриддин ибни Ҳасани Исфаҳонӣ (ваф. 1163), Абӯмансур Саъд ибни Ибратии Наҳвӣ (ваф. 1193), Абулаббос ибни Аван (ваф. 1201), Абулҳасани Фориқӣ (ваф. 1205), Абулмузаффар ибни Абиалмушаррафи Мавсилӣ (ваф. 1218), Абулманоқиби Қазвинӣ (ваф. 1225), Баҳоуддин ибни Шаддод (ваф. 1236), Исмоил ибни Абдурраҳмон ибни Зубайдӣ (ваф. 1243), Сироҷиддини Наҳрқулӣ (ваф. 1256), Алоуддин Абулҳориси Утрорӣ (ваф. 1302), Муҳиуддини Оқулӣ (ваф. 1366), Ғиёсуддин ибни Муҳаммад Оқулии Шофеӣ (ваф. 1394), Шайх Абӯмансур Саид ибни Муҳаммад ибни Вазан, Абулҳасан Алӣ ибни Абдусолим, Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдулмалик ибни Ҷайрун, Абулмакорим Муборак ибни Алии Самарқандӣ, Абӯбакр Аҳмад ибни Алӣ ибни Ашқар, Абӯабдурраҳмон Аҳмад ибни Муҳаммади Кешмеҳанӣ, Абӯҳомид Муҳаммад ибни Абӯрабеи Ғарнотӣ ва дигарон ба толибилмон дарс гуфтаанд.

**Китобхонаи Низомия.** Ҳамзамон бо таъсиси Низомияи Бағдод дар дохили он китобхонаи муҷаҳҳазе низ ташкил шуд. Ташкили китобхона дар

Низомияи Бағдод яке аз рӯйдодҳои муҳими илмии он замон буд. Зеро дар ин китобхона теъдоди зиёде аз китобҳои олимони маъруфи гузашта ва замон гирдоварӣ шуда буд ва китобҳои дилхоҳ дар дастрасии устодону донишҷӯён қарор мегирифт. Китобхона ва кормандони он бахше аз ташкилоти омӯзишии Низомияро ташкил дода, бар ҳар яке аз онҳо моҳона муқаррар шуда буд. Низомулмулк ба фаъолияти китобхона мисли дигар ниҳодҳои Низомия назорат бурда, ғамхорӣ мекард. Аз ҷумла, дар сафаре, ки соли 1086 ба Бағдод дошт, ба ҳангоми боздид аз Низомия аз китобхонаи он низ дидан намуда, аз фанҳои ҳадис ва имло дар он ҷо ба донишҷӯён дарс хонд. Соли 1116 анбори чӯбу ҳезуми атрофи Низомия ва дуконҳои атрофи он оташ гирифт, ки забонҳои оташ ба китобхона низ расид. Аммо ба китобҳо осебе нарасид. Китобҳо фавран ба маҳалли амне интиқол дода шуданд ва ин маҷмӯаи нодир аз нобудшавӣ эмин нигоҳ дошта шуд.[2]

Соли 1123 халифа Носири Аббосӣ дастур дод то китобхонаи бузурге дар иловаи бинои қадим бунёд кунанд ва китобҳои нодиреро ба он ҷо интиқол доданд.

Бояд гуфт, ки ба китобхонаи низомияи Бағдод дигар бузургони илму фарҳанг китобҳо ҳадя менамуданд. Дар миёни онҳо метавон аз Муҳаммад ибни Шаҳфирӯз ибни Моҳёр Абуҷаъфари Лозарии Табарӣ (ваф. 1124), Субҳиддин Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Маҳмуди Бағдодӣ маъруф ба Ибни Наҷҷор (ваф. 1245) ва Тоҷиддин Абӯтолиб Алӣ ибни Анҷаб ибни Усмон ибни Сонии Бағдодиро (ваф. 1275) метавон ном бурд.[3]

Дар сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи чанд тан аз китобдорони китобхонаи Низомияи Бағдод маълумот дода шудааст. Аз ҷумла, фақеҳ ва шоири машҳур Яъқуб ибни Сулаймон ибни Довуд Абӯюсуфи Исфароинӣ (ваф. 1095), адибони машҳури замони худ Абузакариё Хатиби Табрезӣ (ваф. 1108), Муҳаммад ибни Аҳмад Абумузаффари Абевардӣ (ваф. 1113), Муҳаммад ибни Алӣ ибни Шаҳфирӯз Абуҷаъфари Табарӣ (ваф. 1124), Алӣ

---

[1] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. С. 456.
[2] Равандӣ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон. Роҳат-ус-судур ва оя ус-сурур дар таърихи оли Салҷуқӣ. Тасҳеҳи Муҳаммад Иқбол. Теҳрон, 1985. С. 73.
[3] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С. 177-178.

ибни Аҳмад Абдулқасони Бикрӣ (ваф. 1179), Абдулрашид ал-Ҳасиб Мубашшир Аҳмади Розӣ машҳур ба Бурҳони Бағдодӣ (ваф. 1193), Амр ибни Абӯбакр Абдуллоҳ Дабоси Абуҷаъфар (ваф. 1204), Абдулқодир ибни Довуди Воситӣ маъруф ба Муҳибуддин (ваф. 1222) ва ғайра.

Аз баррасии зиндагиномаи китобдорони Низомия маълум мегардад, ки бархе аз онҳо хаттотон ва хушнависони чирадаст будаанд. Аз ин бармеояд, ки яке аз вазифаҳои китобдорон руйнавис кардани китобу рисолаҳо низ будааст.

Китобхонаҳои бузурге, ки зери таъсири китобхонаи Низомияи Бағдод дар низомияҳои дигар низ таъсис ёфта буданд, бе ҳеҷ шакку шубҳа аз нахустин китобхонаҳои донишгоҳӣ ё китобхонаҳои вобаста ба мадрасаҳои олии исломӣ будаанд. Низомулмулк даромади зиёдеро аз ҳисоби вақфҳои молии Низомияҳо барои харид ва рӯнавис кардани китобҳо сарф менамуд. Ин буд, ки дар тӯли ду-се соли таъсис китобхонаҳо ба ганҷинаи бузурге табдил ёфтанд.

Таъринависону тазкиранигорон ба ҳангоми зикри устодон, воизон, донинишҷӯён, китобдорон ва дигар кормандони Низомияи Бағдод, ҳамчунин аз шоироне ном бурдаанд, ки дар Низомия иқомат дошта, мударрисону фақеҳони бузурги ин маркази муҳимми таълмию илмиро мадҳу ситоиш мекарданд. Аз шоирони муқими Низомия, ки дар осори муаррихон ёд шудаанд: фақеҳ Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Яҳё ибни Муҳаммад ибни Баҳлули Андалусӣ (ваф. 1122) Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Усмони Ғозӣ (ваф. 1129), Абулдор Ёқут ибни Абдуллоҳи Румӣ мулаққаб ба Маҳзабуддин (ваф. 1225), Абӯмуҳаммад Ҷаъфари Маккӣ ибни Алӣ ибни Саиди Бағдодӣ (ваф. 1234), Азолуддин Абдусалом ибни Кабуши Басрӣ (ваф.1276), Абулфазл Муҳаммад ибни Абулмунъами Ғасонӣ (вафӣ.1205) ва ғайра.[1]

Яке аз бузургони адабиёти классикии форсу тоҷик Саъдии Шерозӣ низ муддате дар низомияи Бағдод таҳсил намудааст:

Маро дар Низомия идрор буд,

Шабу рӯз талқину такрор буд.

Шайх Саъдӣ дар Низомияи Бағдод дар назди Абдурраҳмон ибни Юсуфи Ҷавзо (ваф. 1258), ки ӯро ба унвони Шайхи аҷал Абдулфараҷ ибни Ҷавзо гуфтааст ва шайх Шаҳобуддин Абӯҳафс Умар ибни Муҳаммади Суҳравардӣ (ваф. 1234) сабақ гирифтааст.[1]

Хулоса, Низомияи Бағдод яке бузургтарин маркази илмӣ, таълимӣ бо сохтори муназзами идорӣ ва пешрафта маҳсуб меёфт. Ин Низомия бино ба ахбори муаррихону сайёҳон аз назари зебоӣ, кошикорӣ, услуби сохтмонӣ беназир, дорои фазои васеъ, айвонҳои бузурги махсус барои зиндагии фақеҳон ва устодон, ҳамчунин масҷид, китобхонаи бузург ва дигар биноҳои лозим барои таълиму тадрис ягонаи даврон буд. Дар ин Низомия на танҳо аз тамоми гӯшаю канори қаламрави Салчуқиён, инчунин аз саросари нуқоти ҷаҳони ислом толибилмон таҳсил менамуданд, ки тамоми шароитҳо барояшон муҳайё буд. Барои дарс гуфтан дар Низомияи Бағдод ба ибтикори Низомулмулки Тусӣ, султонҳои Салчуқӣ ва халифаҳои Бағдод маъруфтарин донишмандони замон, бахусус фақеҳони мазҳаби шофеӣ даъват мешуданд. Ин буд, ки Низомияи Бағдод намунае барои таъсиси донишгоҳҳо на танҳо дар саросари ҷаҳони ислом, ҳатто дар кишварҳои Аврупо гардид.

### II.3. Мақоми низомияҳо дар таҳаввули низоми таълими асрҳои баъдӣ

Бо ташаббуси бевоситаи Хоҷа Низомулмулки Тусӣ ғайр аз Низомияи маъруфи Бағдод дар дигар шаҳрҳои қаламрави Салчуқиён, мисли Нишопур, Исфаҳон, Марв, Балх, Омул, Басра, Харгурд, Мавсил ва ғайра низ низомияҳо таъсис ёфтанд. Дар миёни онҳо қадимтарин, ки пеш аз Низомияи Бағдод бунёд ёфта буд, Низомияи шаҳри Нишопур мебошад.

**Низомияи Нишопур.** Иттилооте, ки аз шарҳи ҳоли мударрисон ва донишомӯхтагони Низомияи шаҳри Нишопур то ба мо расидааст, нишон медиҳад, ки ин Низомия аз назари теъдоди мударрисон ва фақеҳони

---

[1] Ибни Халикон. Вафёт-ул-аъён. Қум, 1985. С. 41.

машҳуре, ки ба таълиму тарбия машғул буданд, ҳамчунин аз назари сифати кор баъд аз Низомияи Бағдод дар ҷои дувум қарор дошт.

Бо вуҷуди ин ки аз соли таъсиси ин Низомия мушаххас хабаре нест, вале далелҳои таърихӣ ба таври возеҳ шаҳодат медиҳанд, ки таъсиси Низомияи Нишопур чанд сол пеш аз таъсиси Низомияи Бағдод буда, ба солҳои аввали ҳукмронии Алпарслони Салҷуқӣ (1063-1072) рост меояд.[2]

Дар ин давра вазири ҳанафимазҳаби Салҷуқиён Амидулмулк Абӯнасри Кандарӣ дастгир шуда, соли 1064 ба қатл расид ва Низомулмулк ҷойгузини ӯ гардид. Дар бораи чи гуна бунёд шудани Низомияи Нишопур муаллифи «Осор-ул-билод ва ахбор-ул-билод» менависад: «Гӯянд султон Алпарслон роҳаш ба Нишобур афтод. Аз дари масҷиде гузашт, гурӯҳе фуқаҳо бидид, ки жандапӯш бар дари он масҷид ҷамъанд. Ҳеҷ эътиное ба шоҳу вазир ва ғайра накарданд. На такриме, на таъзиме, на ҳатто дуои хайре. Султон пурсид вазирро: «Инҳо чикораанд?» Низомулмулк посух дод: «Талабаи улум ҳастанд, ки аз ҳар кас шарифтаранд. Аз дунё баҳрае надоранд ва либосҳояшон гувоҳ ҳаст, ки нодоранд». Вазир ҳис кард, ки султон аз ҷавоби ӯ каме дилаш ба ҳоли он табақаҳо сӯхтааст. Гуфт: «Эй султон, агар иҷозат фармоӣ, мо мадориси муътабар барои туллоб бисозем, хобгоҳе барои ин муҳассилин таъмин кунем, моҳиёна ҷирае муқаррар шавад, ки ғами ноне нахӯранд ва ба хотири осуда таҳсил намоянд». Султон фикрро писандид».[3]

Пас аз ба мансаби вазирӣ расидан, Низомулмулк пайравони мазҳаби шофеиро, ки пароканда шуда буданд, ба шаҳри Нишопур овард. Аз ҷумла, Имомулҳарамайн Ҷувайниро ба Нишопур даъват карда, барои вай мадраса бунёд намуд, ки ин нахустин Низомия ба шумор меравад. Ҷувайнӣ пас сахтгирӣ ва фишори пешвоёни мазҳаби ҳанафӣ маҷбур шуд, то муддати чаҳор сол дар шаҳрҳои Макка ва Мадина умр ба сар барад ва дар он ҷо ба тадрису фатво додан машғул шуда, ба лақаби Имомулҳарамайн

---

[1] Кисоӣ Н. Мадориси Низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С. 200.
[2] Ҳунари Эрон. Тарҷумаи Беҳрӯз Ҳабибӣ. Теҳрон, 1986. С. 419.
[3] Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ. Осор -ул-билод ва ахбор-ул-ибод. С.189.

мушарраф гардид. Ҳиҷрати ӯ аз Нишопур ба Ҳиҷоз ба нимаи аввали асри XI марбут мешавад.[1]

Ибни Халикон бозгашти Ҷувайниро аз Ҳиҷоз ба Нишопур ва таъсиси Низомия барои ӯро дар аввалҳои подшоҳии Алпарслон ва пас аз қатли Амидулмулк дар соли 1064 ва оғози вазорати Хоҷа Низомулмулк навиштааст: «Пас ба сӯи Ҳиҷоз хориҷ шуд ва чаҳор сол дар Макка ва Мадина иқомат гузид ва ба тадрису таҳқиқ дар куллияи мазоҳиб пардохт. Аз ин рӯ ба Имомулҳарамайн шуҳрат ёфт то он, ки дар оғози давлати Алпарслони Салҷуқӣ ва вазорати Низомулмулк ба Нишопур бозгашт ва Низомулмулк мадрасаи Низомияи Нишопурро бар ӯ бино кард ва хитобае дар онро ба вай тафвиз намуд. Имомулҳарамайн дар ин мадраса ба ваъз ва мунозира нишаст ва ба тасниф дар масоили мазҳабӣ пардохт».[2]

Ибни Халикон дар нақли ривояте аз Ибни Асир роҷеъ ба Амидулмулк Кандарӣ ба иштибоҳ роҳ додааст. Ибни Асир ҳеҷ гуна ишорае ба Алпарслон накарда, дар зикри воқеаҳои соли 1064 дар бораи султон Туғрулбек (ваф. 1063) навишта, ки Амидулмулк вазирии ӯро ба ӯҳда доштааст. Ин иштибоҳи Ибни Халикон, яъне афзудани номи Алпарслон дар нақлу ривоятҳои Ибни Асир бархе аз муҳаққиқони муосирро низ дучори саҳву хатогӣ намудааст. Аз ҷумла, донишманди муосири эронӣ Ҷалолуддини Ҳумоӣ дар китоби «Ғаззолинома»дар бораи муддати дарс гуфтани Имомулҳарамайн, ки устоди имом Муҳаммади Ғаззолӣ буд, дар Низомияи Нишопур чунин менависад: «Пас аз он ки навбати давлати Алпарслон расид ва Хоҷа Низомулмулк зимоми корҳоро ба даст гирифт, дар садади равнақ ва фатақи умур баромад ва Имомулҳарамайн ва соири уламоро дубора ба ватанашон баргардонид ва мадрасаи Низомияи Нишопурро барои ӯ бино кард ва Имомулҳарамайн ҳудуди ҳаждаҳ сол бидуни ҳеҷ гуна рақиб ва маҷоҳиме мударриси Низомияи Нишопур буд».[1]

Бино ба назари Ҷалолуддини Ҳумоӣ таъсиси Низомияи Нишопур ҳудуди соли 1067, яъне ҳаждаҳ сол пеш аз марги нахустин мударриси он

---

[1] Кисоӣ Н. Мадориси Низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С. 87.
[2] Ибни Халикон. Вафёт-ул-аъён. Қоҳира, 1948. С. 480.

Имомулҳарамайн сурат гирифтааст, ки ин таърих марбут ба миёнаҳои давраи даҳсолаи подшоҳии Алпарслон мешавад, на аввалҳои он. Ин таърих бо матлабе, ки Ҷалолуддини Ҳумоӣ аз Ибни Халикон нақл намудааст, ихтилоф дорад. Чун сарчашмаи таҳқиқоти онҳо дар бораи Амидулмулк Кандарӣ ва воқеаҳо дар атрофи вай китоби «Вафёт-ул-аъён» будааст, иштибоҳи Ибни Халиконро дар нақли ин матолиб такрор намудаанд.

Иштибоҳи дигаре, ки дар осори илмии дигар ба назар мерасад, матолибе аст, ки муҳаққиқи ироқӣ Ноҷии Маъруф дар китоби «Алмоия ал низомиёт» дар бораи таърихи таъсиси Низомияи Нишопур ва муддати сӣ сол тадриси Имомулҳарамайн Ҷувайнӣ навиштааст. Бино ба ақидаи муаллифи мазкур Низомияи Нишопур ҳудуди соли 450 ҳ.қ. (1058-59) таъсис шудааст ва чунин натиҷа гирифтааст, ки чун Имомулҳарамайн соли 478 (1085) вафот намуда ва муддати сӣ сол дар ин мадраса дарс гуфтааст. Пас Низомияи Нишопур даҳ сол пеш аз Низомияи Бағдод (459 ҳ.қ./ 1066) сохта шудааст[2]. Тибқи навиштаи Ноҷии Маъруф таъсиси Низомияи Нишопур ба солҳои 449 ҳ.қ. /1057 то 450 ҳ.қ. /1058 марбут мешавад. Дар ҳоле ки ин давра рост меояд ба айёми ҳукмронии Амидулмулк Кандарӣ ва авҷ гирифтани фитнаи зидди пайравони мазҳабҳои ашъарӣ ва шофеӣ дар Хуросон, ки ба табъиди пешвои шофеиён Имомулҳарамайн ва мусофирати вай аз Хуросон ба Ҳиҷоз анҷом ёфт. Агар муддати мусофирати Имомулҳарамайнро дар ин давраи тӯлонӣ ва иқомати чаҳорсолаи ӯ дар шаҳрҳои Макка ва Мадина ва ҳатто таваққуфи вай дар ҷануби Эрон ва Бағдодро дар назар бигирем ва ин муддатро аз таърихи бозгашти ӯ ба Нишопур дар оғози подшоҳии Алпарслон ва вазирии Хоҷа Низомулмулк пас аз қатли Амидулмулк ба ҳисоб биёварем, ба хубӣ нодурустии ин назар, ки Низомияи Нишопур соли 1058 ва даҳ сол пеш аз Низомияи Бағдод таъсис гардидааст, пай хоҳем бурд. Низомияи Нишопур пас аз қатли Амидулмулк (1064) ва барои дарсгуфтани Ҷувайнӣ таъсис шуда, ӯ аз ин

---

[1] Ҳумоӣ Ҷалолиддин. Ғаззолинома. Теҳрон, 1965. С. 278.
[2] Маъруф Ноҷӣ. Уламо-ал-низомиёт ва мадорис ал-машриқ ал-исломӣ. – Бағдод, 1973. С. 41-43.

давра то соли 1085, яъне то айёми вафоташ ба дарсгӯӣ, вазъ, хитоба ва мунозира машғул буд.

Низомияи шаҳри Нишопур бо вуҷуди пеш аз Низомияи шаҳри Бағдод таъсис ёфтан, афзалияти собиқаи адабии Нишопур бар Бағдод, доро будани устодони бузурге чун Ҷувайнӣ, имом Муҳаммади Ғаззолӣ, имом Муҳаммад Яҳёи Нишопурӣ ва чанд тани дигар натавонист аз ҷиҳати шуҳрату эътибори илмӣ ва теъдоди мударрисону фориғуттаҳсилон ба дараҷаи Низомияи Бағдод бирасад ва дар тӯли фаъолияташ дар мақоми дувум қарор дошт. Сабаби он пеш аз ҳама дар он буд, ки Низомулмулк барои равнақи Низомия Бағдод, ки дар пойтахти хилофат ҷой дошт, диққати бештар медод. Вай мехост, ки Низомияи Бағдод нисбат ба Ҷомеъулазҳари Миср, ки маркази аслии таълимоти Фотимиён буд, машҳуртар гардад. Дигар ин ки бар асари тохтутозҳои туркманҳои ғуз ва тотор шаҳри Нишопур рӯ ба харобӣ оварда, аҳолии он тарки ватан карда буданд, ки ин ҳаводис ба пешрафти илму дониш дар ин шаҳри бостонӣ зарбаи сангин зад. Ба ҳар ҳол Низомияи Нишопур дар пешрафти Низомияи Бағдод таъсиргузор буд. Сабаби дигари шуҳрат пайдо намудани Низомияи Бағдод ва дар асрҳои баъд доир ба ин Низомия рӯи кор омадани асарҳои зиёд дар он аст, ки бар асари турктозиҳо осори гаронқимати маҳфуз дар китобхонаҳои Нишопур бештар осеб дида, аз миён рафтаанд.

Дар Низомияи Нишопур донишмандони маъруфи зерин машғули дарсгуфтан ба шогирдон буданд:

1. Абулқосим Юсуф ибни Алӣ ибни Ҷаббора ибни Ақили Ҳазлии Мағрибии Баскарӣ (ваф. 1072) аз донишмандони риштаи наҳв ва Қуръон буд. Вай дар шаҳри Бағдод назди Абӯлаъло Муҳаммад ибни Алии Воситӣ, дар шаҳри Нишопур назди Абулқосими Қушайрӣ илм омӯхта, дар шаҳри Исфаҳон аз Ҳофизи Абӯнаъим ҳадис шунидааст. Соли 1065 аз ҷониби Низомулмулк ба сифати устоди дарси Қуръон дар Низомияи Нишопур таъйин гардида, то охири умр дар ин симат хидмат намудааст.

2.Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Ҳошими Кашмеҳанӣ маъруф ба Абӯсаҳли Марвазӣ (ваф. 1072). Яке аз муҳаддисони маъруф буда, дар

Низомияи Нишопур «Саҳеҳ»-и Бухориро тадрис менамуд. Вай то соли 1072 устоди ин Низомия буда ва баъдан ба шаҳри Марв меравад.[1]

3. Абдураҳмон ибни Мансур ибни Ромиш ибни Абдуллоҳ ибни Зайд (ваф. 1081) маъруф ба Абӯсаъд ибни Раис Солори Мансур аз донишмандони сӯфиманиш буда, бо Абӯсаиди Абулхайр ҳамнишинӣ ва ба хонақоҳи ӯ рафту омад дошт. То ҳангоми вафот аз ҳадис дарс мегуфт. Ҳадисҳои шунидаашро дар маҷмӯаҳои «Ғариб-ул-ҳадис Абӯубайд синан Абӯабдурраҳмон Нисоӣ», «Маъонӣ-ал-Қуръон», «Ансоб Зайир ибни Бакор» ва ғайра таҳия намудааст.

4. Абулқосим Ҷурҷонии Исмоилӣ (ваф. 1084) аз воизони маъруфи замони худ ба шумор мерафт. Чандин бор ба Нишопур сафар карда, дар Низомияи ин шаҳр аз илми ҳадис дарс гуфтааст. Абулқосим аз Нишопур ба зодгоҳаш Ҷурҷон баргашта, дар он ҷо аз дунё гузашт.

5. Зиёуддин ибни Абулмаъолӣ Абдулмалик ибни Абӯмуҳаммад Абдулло ибни Юсуф маъруф ба Имомулҳарамайн Ҷувайнӣ (ваф. 1085) дар аввал назди падараш Абӯмуҳаммад илми фиқҳ омӯхта, баъди марги ӯ ба ҷои вай ба дарс гуфтан машғул шуд ва дар мадрасаи Байҳақияи Нишопур назди Абулқосими Аскофии Исфароинӣ ба таҳсили илми усул ва такмили ихтисос пардохт. Баъд ба шаҳрҳои Исфаҳону Бағдод сафар карда, аз Ҳофиз Абӯнаими Исфаҳонӣ ҳадис шунид. Пас аз бозгашт ба фатво ва тадрис машғул шуд. Дар фитнаи зидди ашъариҳои Хуросон ба табъиди пешвоёни ҳанафӣ муддати чаҳор сол сокини шаҳри Макка гардид ва ба лақаби Имомулҳарамайн шуҳрат ёфт. Низомулмулк пас аз пирӯзиаш вайро ба Нишопур даъват намуда, барояш Низомияи Нишопурро таъсис намуд. Имомулҳарамайн аз соли 1063 то соли 1085, яъне муддати 22 сол мударриси ин низомия буд.

Ҷувайнӣ аз пешвоёни мазҳаби шофеӣ ва аз нахустин мударриси Низомияи шаҳри Нишопур буд, ки бисёре аз фозилону донишмандони Хуросон, аз ҷумла имом Муҳаммад Ғаззолӣ, Киё Ҳаросӣ, Абулмузаффари Хофӣ аз вай илм омӯхтаанд. Овозаи илмӣ ва рӯҳонии ӯ ҳанӯз дар қайди

---

[1] Форсӣ Муҳиддин Абулҳасан Абулғафор ибни Исмоил. Мунтахабу-с-сиёқ. Теҳрон, 1965. С. 15.

ҳаёт буданаш на танҳо сарзамини Хуросон, инчунин кишварҳои Ироқ, Шом ва Ҳиҷозро фаро гирифта буд.

Ҷувайнӣ дар риштаҳои гуногуни илм китобҳо навишт, ки аз онҳо дар Низомияи Нишопур дарс гуфта мешуд. Муҳимтарин асари ӯ «Китоб нафоия-ал-матлаб-фӣ дароия-ал-мазҳаб» мебошад.[1]

6., Исмоил ибни Зоҳир ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ маъруф ба Абулқосими Нӯғонӣ (ваф. 1086). Аз фақеҳони маъруфи мазҳаби шофеия ва устоди илми фиқҳи Низомияи Нишопур буд.

7. Муҳаммад ибни Аҳмад Абуҷаъфари Табасӣ (вафот 1089) аз донишмандони саршиносӣ илми ҳадис буда, дар низомияи Нишопур аз рӯи китоби «Бустон-ул-орифин» дарс мегуфт. Вай пас аз бозгашт ба зодгоҳаш дар он ҷо аз дунё гузаштааст.

8. Аҳмад ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Умар ибни Халаф Абӯбакри Шерозӣ аз устодони илми ҳадиси Низомияи Нишопур ва аз адибону фозилону сӯфиёни замони худ буд.

9. Муҳаммад ибни Ҳаймоҳ Абӯнасри Ромашӣ (ваф.1095) аз донишмандони саршиноси риштаҳои забони арабӣ, ба хусус наҳв, қироат ва улуми қуронӣ буд. Вай ба шаҳрҳои Ироқ, Ҳиҷоз, Шом ва Миср сафар намуда, пас аз бозгашт ба ватан бо дастури Низомулмулк ба устодии риштаҳои ҳадис ва Қуръони Низомияи Нишопур таъйин гардид.

10. Ҳасан ибни Аҳмад ибни Муҳаммад Абӯмуҳаммади Самарқандӣ (ваф. 1097) дар шаҳрҳои Нишопур ва Самарқанд илми ҳадис омӯхта, дар низомияи Нишопур аз илми ҳадис дарс мегуфт. Ӯ муаллифи китоби «Баҳр-ул-сонид» буд.

11. Абулқосим Музаффар ибни Имомулҳарамайни Ҷувайнӣ (ваф. 1098) аз фозилони ва хатибони маъруфи замони худ буд ва пас аз вафоти падараш раёсати шофеиёни Хуросонро бар уҳда дошт. Соли 1095 дар ҳамдастӣ бо раиси ҳанафиёни Нишопур Қозӣ Аҳмад ибни Соид бар зидди карромиён қиём намуданд, ки дар натиҷа бисёре аз пайравони мазҳаби каромия кушта шуда, мадрасаҳои онҳо хароб гардид. «Абулқолсим пас аз

марги падараш хост дар Низомия ба тадрис биншинад. Вайро монеъ шуданд. Он гоҳ дар масҷиди Мутариз дарс дод ва фуқаҳо ва туллоб аз асҳоби падараш аз ӯ пуштибонӣ намуданд ва ӯ ба хидмати Низомулмулк дар Ироқ рафт ва бо ҷалби пуштибонии ӯ ба Нишопур бозгашт ва мавриди қабули омма қарор гирифт ва ба ҷои падар дар Низомия ба тадрис пардохт то дар асари ихтилофоти мазҳабӣ ба қатл расид»[2].

12. Абӯсаъд Абдулвоҳид ибни Абдулкарим ибни Абулқосими Қаширӣ мулаққаб ба Рукнулислом (ваф. 1110) шабҳои ҷумъа дар Низомияи Нишопур дарс мегуфт.

13. Муҳаммад ибни Муҳаммади Тӯсӣ маъруф ба Абӯҳомиди Ғаззолӣ (ваф. 1111) дар зодгоҳаш шаҳри Тус улуми муқаддамотиро назди Аҳмади Родаконӣ фаро гирифта, барои омӯзиши илм ба шаҳри Гургон рафта, баъд дар Низомияи Нишопур назди Ҷувайнӣ таҳсил намудааст. Пас аз вафоти Ҷувайнӣ соли 1085 барои такмили илму дониш сайру сафар оғоз намуд. Ғаззолӣ дар маҷлиси баҳсу мунозирае, ки дар назди Низомулмулк доир гардид, ба пирӯзӣ расид ва Низомулмулк ӯро лақабҳои «Шарафулайма» ва «Зайнуддин» дода, мударрисии Низомияи Бағдодро дар ихтиёраш гузошт. Ғаззолӣ пас аз сайру сафар дар Шом ва Ҳиҷоз ва зиёрати Каъба ба ватан баргашт ва соли 1104 вазири султон Санҷари Салҷуқӣ Фахрулмулк Музаффар ибни Низомулмулк (ваф. 1106) ӯро барои дарс гуфтан дар Низомияи Нишопур дават намуд.[1]

14. Сулаймон ибни Носир ибни Умрон Абулқосим Ансории Нишопурӣ (ваф. 1118) аз шогирдони Ҷувайни ва Абулқосими Қушайрӣ буд ва муддате дар шаҳрҳои Ҳиҷозу Бағдод зиндагӣ кард. Пас аз бозгашт ба Нишопур китобдори Низомияи ин шаҳр таъйин шуд ва ҳамзамон аз усул ба донишҷӯён дарс мегуфт. Вай муаллифи китобҳои «Шарҳ-ул-иршод фӣ усул-уд-дин» ва «Ал-ғания» дар илми усул мебошад.

15. Абулмаҳосин Абдурраззоқ ибни Алӣ ибни Асҳақи Тӯсӣ маъруф ба Шаҳоби вазир (ваф. 1121) дар назди Ҷувайнӣ илми фиқҳ омӯхта, муддате

---

[1] Форсӣ Муҳиддин Абулҳасан Абулғафор ибни Исмоил. Мунтахабу-с-сиёқ. С. 49.
[2] Ҳамон ҷо. С. 227.

дар Низомияи Нишопур дарс гуфт ва пас аз он вазирии султон Санҷари Салҷуқӣ таъйин гардид.

16. Аҳмад ибни Мансур ибни Абдулҷаббор Абдулқосими Самъонӣ (ваф. 1139) дар ҳудуди солҳои 1133-1134 бо ҳамроҳии Абӯсаъди Самъонӣ ба Нишопур рафта, дар Низомияи ин шаҳр ба дарс гуфтан пардохт.

17. Абӯсаъди Муҳиддин Муҳаммад ибни Яҳёи Нишопурӣ (ваф. 1153) аз бузургони дин ва илми фиқҳ дар замони худ буд. Вай дар назди имом Муҳаммади Ғазалӣ ва Абулмузаффари Хофӣ таҳсили илм карда, худ шогирдони зиёдеро тарбия намудааст. Абӯсаъди Муҳиддин муддате дар Низомияи шаҳри Ҳирот тадрис намуда ва бо фармони султон Санҷар ба мударрисии Низомияи Нишопур таъйин гардид.

18. Абулмаонӣ Масъуд ибни Аҳмад ибни Муҳаммад (ваф. 1160) ибтидо дар Низомияи Нишопур улуми фиқҳ ва ҳадис омӯхта, баъдан мударрисии ин маркази муҳими таълимиро бар уҳда дошт.

19. Абулмаонӣ Масъуд ибни Муҳаммад Қутбиддини Нишопурӣ (ваф. 1182) аз пешвоёни фақеҳони шофеии шаҳрҳои Нишопур ва Балх илми фиқҳ омӯхта, дар Низомияи Нишопур дарс мегуфт. Баъдан ба шаҳри Бағдод, соли 1145 ба шаҳри Димишқ, баъдан ба шаҳрҳои Ҳалаб ва Ҳамадон рафта, ба мударрисӣ машғул шуд.[2]

Донишомӯхтагони Низомияи Нишопур шахсиятҳои маъруфи замони хеш гаштанд. Теъдоде аз онҳо дар ин мадраса ба ҳайси устод ва теъдоди диграшон дар мадрасаҳои дигар машғули дарсгуфтан шуданд. Дар зер зикре аз баъзе фориғтаҳсилони ин мадраса мекунем:

Абулҳасани Киё Ҳаросӣ (ваф.1110) (ҳамдарсони Абӯҳомиди Ғаззолӣ ва аз ёварони дарси Имомулҳарамайн буд. Пас аз таҳсил, чуноне ки гуфта шуд, дар Низомияи Нишопур ба Бағдод рафт ва дар Низомияи ин шаҳр ба тадрис пардохт) Абӯҳомиди Ғаззолӣ (ваф. 1111), Абӯнаср Абӯбакр Аҳмади Сироҷ (ваф. 1124, аз ёварони дарси Ҷувайнӣ буд), Абӯсаъди Самъонӣ (ваф.1166, солҳои 1133-1134 ёвари дарси Абулқосими Самъонӣ буд),

---

[1] Форсӣ Муҳиддин Абулҳасан Абулғафор ибни Исмоил. Мунтахабу-с-сиёқ. С. 90.
[2] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. С.88.

Абулҳасани Рамилӣ Алӣ ибни Ҳасан ибни Алӣ (ваф. 1173), Абулҳасан Алӣ ибни Ҳасани Бохарзӣ (ваф. 1074, муаллифи китоби маъруфи «Дамия-ул-қаср», ибтидо дар назди падари Имомулҳарамайн Абӯмуҳаммади Ҷувайнӣ илми фиқҳ омӯхт), Абулфараҷ Аҳмад ибни Муҳаммади Ҳамадонӣ (адибони муосири Бохарзӣ ва аз ёварони дарси имом Муваффақи Нишопурӣ), Музаффар ибни Абдуллоҳ ибни Халифа Абӯсаъди Ховарӣ (ваф. 1082, соли 1082 ба Нишопур рафта ва дар Низомияи ин шаҳр аз Абулқосим ибни Зоҳири Нуғонӣ ҳадис шунидааст), Мансур ибни Тоҳир ибни Абдуллоҳ Абулқосими Марвободӣ (ваф. 1087, шогирдони Имомулҳарамайн, Низомулмулк вайро барои дарс гуфтан ба Низомияи Рай фиристод), Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Музаффари Хофӣ (ваф. 1106, шогирди Имомулҳарамайн ва ҳамдарси Имом Муҳаммади Ғаззолӣ ва Киё Ҳаросӣ, баъди хатми Низомияи Нишопур қозии шаҳри Тӯс ва ноҳияҳои атрофи он буд) Абулфатҳ, Саҳл ибни Аҳмади Арғиёнӣ (ваф. 1105, дар назди шайхони шаҳри Марв илми фиқҳ омӯхт, сипас ба Нишопур омад ва назди Имомулҳарамайн дарс хонд), Абулфатҳи Ҳаддод Аҳмад ибни Муҳаммади Исфаҳонӣ (ваф. 1106, ҳамдарси Муҳаммади Ғаззолӣ ва аз шогирдони Имомулҳарамайн), Муҳаммад ибни Аҳмад Абулмузаффари Абевардӣ (ваф. 1113, муаллифи асари таърихии «Таърихи Нисо ва Абевард», шоир, шогирди Имомулҳарамайн)[1] ва дигарон.

Шогирдони Низомияи Нишопур хеле зиёд буда, танҳо теъдоди шогирдони Имомулҳарамайн беш аз 400 нафар будааст. Бархе аз муаррихон шоирони маъруфи форс-тоҷик Анварии Абевардӣ ва Заҳири Форёбиро низ аз шогирдони Низомияи Нишопур медонанд.[2]

**Низомияи Ҳирот.** Шуҳрати илмии шаҳри Ҳирот Низомулмулкро ба он водор намуд, ки яке аз мадрасаҳои бузурги Низомияро дар ин минтақа бино кунад. Ин Низомия дар ноҳияи Пушанг беш аз панҷ аср фаъолият дошт. Дар сарчашмаҳои таърихӣ бархе аз воқеаҳое, ки ба Низомияи Ҳирот

---

[1] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмуву иҷтимоии он. С. 89.
[2] Сафо Забеуллоҳ. Тарихи адабиёт дар Эрон. Теҳрон, 1971. С. 235.

марбутанд, сабт шудаанд.[1] Аз ҷумла Ибни Ҷавзо дар воқеаҳои соли 1085 чунин менависад: «Дар моҳи рамазони ин сол дар Ҳирот хатибе файласуф суханони фалсафӣ эрод намуд ва Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ки таассуби шадид дошт, ба хотири ин амр ба вай даровехт. Гурӯҳе ба ҳимоят аз Хоҷа бархостанд ва фитнае аҷиб пайдо шуд. Чунон ки хонаи файласуфро сӯхта ва ӯро мазруб намуданд. Файласуф ба Фушанҷ (Пушанг) рафт ва ба қозӣ Абӯсаид ибни Абиюсуф паноҳанда шуд. Тарафдорони Хоҷа Абдуллоҳ ӯро думбол намуданд ва ба вай ва қозӣ Абӯсаид озор расониданд. Ва фитна чунон шиддат ёфт, ки мадрасаи Низомияро фаро гирифт ва дари онро сиёҳ карданд. Оқибат Хоҷа Насируддин касе фиристод ва Хоҷа Абдуллоҳро аз Ҳирот табъид намуданд, то фитна биоромид ӯро ба Ҳирот боз гардонид».[2]

Низомияи Ҳирот дар замони ҳукмронии хонадони Куртҳои Ҳирот (1245-1381) аз равнақи илмӣ бархӯрдор буд. Дар аҳди Малик Ғиёсиддини дувум (1369-1381) фақеҳони мадрасаи Низомияи Ҳирот бар зидди Сарбадорон, ки шиамазҳаб будаанд, фатвое содир намуданд ба ин мазмун: «Бар малики ислом воҷиб аст,ки дафъи он тоифа кунад. Малик Ғиёсиддин дар авохири соли 773 ҳ.қ. (1371) бо лашкаре сохта барои ҷанг бо эшон мутаваҷҷеҳи Нишопур гардид».[3]

Низомияи Ҳирот дар замони Ҳусайн Бойқаро (1469-1506) бо дастури ин султон бинои мадраса таҷдид гардид. Пас аз ин таърих сарчашмаҳои таърихӣ аз Низомияи Ҳирот иттилое намедиҳанд. Шояд баъд аз тасарруфи Ҳирот аз ҷониби Сафавиёни шиамазҳаб дар ибтидои асри XVI ин мадрасаи шофеимазҳабон аз фаъолият бозмонд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ аз чандин шахсияти маъруф ном бурда мешавад, ки мударрис ва донишомӯхтаи ин Низомия буданд. Аз ҷумла:

1. Абӯбакри Шошӣ (Чочӣ, Тошкандӣ, ваф. 1092) дар шаҳри Ғазна иқомат дошт, бо фармони Низомулмулк барои дарс гуфтан ба Низомияи Ҳирот рафт ва то охири умр устоди ин мадраса буд.[4]

---

[1] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-булдон. Бейрут, 1955. Ҷ. 4. С. 280.
[2] Ибн ал Ҷавзо. Ал мунтазам фӣ таърих ал мулук в-ал умам. Ҳайдаробод, 1357 ҳ.қ. Ҷ. 9. С.15-16.
[3] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С.247.
[4] Абдурраҳмони Ҷомӣ. Девони комил Теҳрон, 1341 (1962). С. 27.

2. Имом Муҳиддин Муҳаммад ибни Яҳё ибни Мансури Нишопурӣ (ваф. 1152) пеш аз дарс гуфтан дар Низомияи Нишопур муддате устоди низомияи Ҳирот буд.[1]

3. Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Зиёд. Ибни Асир дар тавзеҳи воқеаҳои соли 1205 дар бораи Имом Муҳиддин чунин менависад: «Вай мударриси Низомияи Ҳирот ва мутаваллии авқофи Хуросон аз ҷониби салотини Ғур буд. Ибни Хармил-волии Ҳирот натавонист пуштибонии ӯро дар таслими шаҳр ба Хоразмшоҳ ҷалб намояд ва Алӣ ҳамчунон аз Ғиёсуддин Маҳмуд (ҳукмр. 1205-1210) ҳимоят менамуд, то саранҷом сипоҳи Хоразмшоҳ ба ҳангоми истило бар Ҳирот чашмонашро мил кашиданд».[2]

4.Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492)и ҳамроҳи падари худ аз шаҳри Ҷом ба Ҳирот омада, муддате дар Низомияи Ҳирот аз устодоне чун Мавлоно Ҷунайд, Мавлоно Хоҷа Алии Самарқандӣ, Мавлоно Шаҳобуддин Муҳаммади Ҷоҷармӣ улуми гуногунро омӯхтааст.[3]

**Низомияи Исфаҳон**. Низомияи Исфаҳон ба хотири лақаби бисёре аз мутуваллиён ва мударрисони Оли Хуҷанд, ки Садриддин буд, дар таърих бо номи «Садрия» низ шинохта шудааст.[4] Қадимтарин сарчашмае, ки дар бораи Низомияи Исфаҳон маълумот медиҳад, китоби «Маҳосини Исфаҳон»-и Мофурухӣ аст, ки таълифи он дар байни солҳои 1072-1092 сурат гирифтааст. Нахустин мударриси ин Низомия Абӯбакр Муҳаммад ибни Собити Хуҷандӣ (ваф. 1090), ки Низомулмулк ӯро аз Марв ба Исфаҳон оварда буд, мебошад.[1]

Тавре дар боло ишора намудем, Оли Хуҷанд дар густариши илму дониш, аз ҷумла низомияҳои Исфаҳон саҳми босазо гузоштаанд. Нахустин шахси машҳури ин хонадон Абӯбакр Муҳаммад ибни Собити Хуҷандӣ (ваф. 1089) аз бузургону фақеҳон ва раисони шофеии Хуросон буд, ки

---

[1] Субкӣ, Тоҷиддин Абунаср Абдулваҳҳоб ибни Алӣ. Табақот аш-шофеия ал кубро. Қоҳира, 1964. Ҷ. 4. С. 190.
[2] Ибни Асир, Азолуддин Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммади Ҷазрӣ. ал-Комил фи-ал таърих. – Бейрут, 1967. Ҷ. 9. С. 277.
[3] Сафиуддини Кошӣ, Муллоалӣ ибни Ҳусейни Воиз. Рашаҳод. – Компури Ҳинд, 1912. С. 132.
[4] Ҳусейнӣ, Яздӣ, Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибн ал-Низом. Ал-ароза фӣ ал-ҳикоя ал-Салҷуқия. – Лейдан, 1909. С. 58.

Низомулмулк дар шаҳри Марв дар маҷлиси ваъзи ӯ ҳузур ёфта, мартабаи фазлу дониш вайро шинохта, ӯро ҳамроҳи худ ба Исфаҳон овард ва раёсати шофеиён, мутаваллигӣ ва мударрисии Низомияи ин шаҳрро ба ӯ супорид. Абӯбакри Хуҷандӣ дар Исфаҳон шукуҳ ва эътибори қобили мулоҳизаеро соҳиб шуда, ҳалқаи дарси ӯ дар Низомияи ин шаҳр ҷои аҳли донишу фазл ва бисёре аз донишпажӯҳон шуд, ки аз минтақаҳои дурдасти сарзаминҳзои исломӣ ба назди ӯ меомаданд ва ба аз худ намудани илму маърифат мепардохтанд. Пас аз Абӯбакри Хуҷандӣ фарзандон ва набераҳои ӯ раёсати илмӣ ва сиёсии шаҳри Исфаҳонро бар уҳда доштанд.[2]

Аз миёни донишомӯхтагони ин Низомия метавон аз чунин ашхос ном бурд:

1. Абӯалии Исфаҳонӣ, Ҳасан ибни Сулаймон ибни Абдуллоҳ ибни Фатҳи Наҳравонӣ (ваф. 1163) дар назди Абӯбакри Хуҷандӣ илми фиқҳ омӯхта буд, то ба мансаби қозии Хузистон ва мударрисии Низомияи Бағдод расид.

2. Абӯбабдуллоҳ ибни Абӯсаъд (ваф. 1130), аз аҳли шаҳри Рай ва шогирди Абӯбакри Хуҷандӣ буд.

3. Аҳмад ибни Саломат (ваф. 1132) дар Низомияи Бағдод аз Абӯисҳоқи Шерозӣ ва Ибни Сабоғ ва дар Низомияи Исфаҳон аз Абӯбакри Хуҷандӣ илми фиқҳ омӯхта, то ба мансаби давлатӣ ва муаллимии фарзандони халифаҳои Бағдод расид.

4. Абӯсаъд ё Абӯсаид, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Собити Хуҷандӣ (ваф. 1136).

5. Қозӣ Абӯбакр Аҳмад ибни Муҳаммад мулаққаб ба Насоҳуддин Арҷонӣ (ваф. 1149) дар чанд вилоят мансаби қозигиро иҷро намуда, ашъори хубе низ офарид.

6. Абулаббос ибни Ратбӣ низ аз шогирдони Абӯбакри Хуҷандӣ буд.[3]

---

[1] Ибни Асир, Азолуддин Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммади Ҷазрӣ ал-Комил фи-тал таърих. – Бейрут, 1967. Ҷ. 8. С. 219.
[2] Ҳумой Ҷалолиддин. Ғаззолинома. Теҳрон, 1963. С.133.
[3] Ибн ал-Ҷавзо, Абулфароҷ Абдурраҳмон ибни Алӣ Бакрӣ Садиқӣ. Ал-мунтазам-фи-таърих ал-мулк-в-ал-олам. Ҳайдаробод, 1357 ҳ.қ. (1938). Ҷ. 9. С. 115.

**Низомияи Марв.** Низомияи шаҳри Марв аз нимаи дувуми асри ёздаҳум то аввалҳои асри сездаҳум фаъолият намудааст. Мударрисон ва донишомӯхтагони ии Низомия шахсиятҳои маъруф буданд, мисли: 1.Муҳаммад ибни Абдулҷайёри Абулмузаффар Абӯбакри Самъонӣ (ваф. 1116) фақеҳ ва муҳаддиси мазҳаби шофеӣ ва соҳиби силсила осор буда, ки дар шаҳрҳои Марв, Нишопур, Рай, Исфаҳон ва Бағдод ривояти ҳадис намуда, дар низомияи Бағдод суханрониҳо доштааст. Ҳангоми устоди Низомияи Бағдод будан Абулфатҳи Майҳанӣ ҷонишинии ӯро бар ухда дошт[1].

2. Асъад ибни Муҳаммад Абулфатҳи Майҳанӣ (ваф. 1126) устоди фанни фиқҳ буд ва дар илми мунозира маҳорати баланд дошт.[2]

3. Маҳмуди Хоразмӣ (ваф. 1126) аз донишмандони маъруфи замони худ буд ва дар Низомияи Марв иқомат менамуд.

4. Абӯсаҳл Иброҳим ибни Усмон Адиб Ғазии Ашбаҳӣ (ваф. 1129) фозил ва адиби шинохта, муддате дар низомияи Марв иқомат намуда, пас ба Балх бозгаштааст.

5. Аҳмад ибни Мансур ибни Аҳмад ибни Абдулҷаббор Абулқосими Самъонӣ (ваф. 1139) амаки хурдии Абӯсаиди Самъонӣ, ибтидо дар назди бародараш Абӯбакр фиқҳ ва улуми адабӣ омӯхта, баъдан ҷонишини ӯ дар мансаби мударрисӣ гардид.[3]

6. Исмоил ибни Абдулвоҳид Абӯсаиди Пушангӣ (ваф. 1141). Субкӣ ба нақл аз Ибни Самъонӣ навишта, ки Абӯсаид ба Марв ворид шуд ва ман аз ӯ ҳадис шунидам ва худи Абӯсаид дар Нишопур самои ҳадис карда буд.[4]

7. Абдуллоҳ ибни Маймун ибни Абдуллоиҳ Куфӣ (ваф. 1156), аз фозилони номдор ва қозии шаҳри Абевард ва атрофи он буд ва дар шаҳри Марв назди Абӯбакри Самъонӣ фиқҳ ва ҳадис хонд. Абӯбакри Самъони дар бораи Абдуллоҳ ибни Маймун чунин навиштааст, ки дар Нишопур

---

[1] Ибни Халикон. Вафёт-ал-аъён ва анбоъ-ал-замон. Қоҳира, 1948. Ҷ. 2. С. 380.
[2] Субкӣ, Тоҷиддин Абунаср Абулваҳҳоб ибни Алӣ. Табақот-аш-шофеия-ал-кубро. Қоҳира, 1964. Ҷ. 7. С. 43.
[3] Маъруф, Ноҷӣ. Уламо ал низомиёт ва мадорис ал-Машриқ -ал исломӣ. – Бағдод, 1973. С. 61.
[4] Субкӣ, Тоҷиддин. Табақот аш-шофеия ал кубро. Қоҳира, 1964. Ҷ. 7. С. 49.

«қисмате аз тақрироти ӯро имло намудам ва ноиби ман дар низомияи Марв шуд».[1]

8. Абӯсаъд Абдулкарим ибни Абӯбакр Муҳаммад ибни Абдуҷаббори Самъонии Марвазӣ (ваф. 1167), аз бузургон ва олимони Хуросон, қозӣ ва фақеҳи шофеӣ муддате дар Мовароуннаҳр, Хуросон, Исфаҳон, Рай, Ҳамадон, Ҳиҷоз, Мавсил, Шом ва ғайра мусофират кард ва дар бозгашт дар шаҳри Нишопур иқомат ихтиёр намуд. Султон Санҷар ӯро ба мансаби мутаваллии авқоф ва устодии Низомияи Марв таъйин кард. Қозӣ Абӯсаъд муаллифи осори зиёд, аз ҷумла зайли «Таърихи Бағдод»-и Хатиби Бағдодӣ ва «Таърихи Марв» мебошад.[2]

9. Ибни Ғайён Афзалуддин Умар ибни Алӣ (ваф. 1186) дар муқаддимаи рисолаи «Ҳадус-ул-олам»-аш навишта, ки дар моҳи шавволи соли 522 ҳ.қ. / сентябр-октябри соли 1128 дар Низомияи Марв ба касби дониш машғул буд. Ибни Ғайён аз мухолифони Абӯалӣ ибни Сино буд ва дар илми мантиқ ба ӯ хӯрдагириҳо намудааст.[3]

10. Фахровар ибни Шоҳфур Абиҳошим ибни Аҳмад Абулмаҷди Розӣ аз фозилони Рай буд ва дар Низомияи Марв таҳсил намуд. Абӯсаъди Самъонӣ дар бораи Абулмаҷди Розӣ чунин навиштааст: «Дар Марв бар мо ворид шуд ва дар Низомия манзил намуд ва бо ман дар ҳалқаи дарси амуям ширкат намуд ва як ё ду варақ аз китоби «Ҳалия»ро дар соли 528 (1133-34) бо ҳам хондем».[4]

**Низомияи Балх.** Низомулмулк пеш аз ба мансаби вазирӣ расидан, муддате дар дастгоҳи ҳукумати шаҳри Балх кор кард ва аҳамияти илмию фарҳангӣ ва иҷтимоии ин шаҳри бостониро эҳсос карда, дар ин шаҳр мисли дигар шаҳрҳои бузурги Хуросон Низомия таъсис намуд. Яке аз чеҳраҳои илмию мазҳабии шаҳри Балх Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Вахшии Балхӣ (ваф. 1078) буд, ки дар илми фиқҳ ва ҳадис маъруф буд. Ҳангоми мулоқот Низомулмулк аз фазлу дониши вай огоҳӣ ёфт ва дар назди ӯ

[1] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷам-ул булдон. Бейрут, 1955. Ҷ. 4. С. 490.
[2] Ибни Халикон. Вафёт-ал-аъён ва анбоъ-ал-замон. Қоҳира, 1948. Ҷ. 2. С. 381.
[3] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С.243-244.
[4] Маруф, Ноҷӣ. Уламо ал низомиёт ва мадорис ал-Машриқ ал исломӣ. – Бағдод, 1973. С. 62.

«Сунан»-и Абудовуд ва осори дигарро хондааст. Кисоӣ Н. аз қавли Абӯалии Вахшӣ чунин менависад: «Дар талаби илм ва самои ҳадис сафарҳо намуда ва ранҷҳо бурдам ва наздик буд, ки бимирам ва касе ба мартабаи илмӣ ва мизони маълумотам пай набурд, то Худованд Насируддинро тавофиқ дод ва ин мадрасаро бисохт ва маро дар ин иқомат дод, то ба имлои ҳадис бипардозам».[1]

Дар сарчашмаҳои таърихӣ аз мударрисон ва донишомӯхтагони зерини Низомияи Балх ёд шудааст: Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Вахшӣ (ваф. 1078),[2] Абдулқосим Абдуллоҳ ибни Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Шаҳфури Тамимӣ (ваф. 1095, муддате дар Балх иқомат кард ва дар Низомияи шаҳр дарс гуфт),[3] Абулмаҳосин Муҳаммад писари Абдулқосим Абдуллоҳ ибни Тоҳир (пас аз вафоти падараш дар Низомияи Балх дарс гуфт), Абдулқосим Абдуллоҳ ибни Зариф (ваф. 1108),[4] Абӯҳафз Умар ибни Аҳмад ибни Лайси Толиқонӣ (ваф. 1141, аз фақеҳон ва сӯфиёни Балх буд, дар Низомияи ин шаҳр муовини мударрисо уҳдадор буд),[5] Абӯсаид Одам ибни Аҳмад ибни Асади Ҳиравӣ (ваф. 1141, зодаи Ҳирот ва муқими Балх, донишманди улуми сарфу наҳв, луғату мунозира, ки шоир ва донишманди маъруф Рашидуддини Ватвот дар назди ӯ сабақ омӯхт ва дар осори худ аз Абӯсаиди Ҳиравӣ ситоиш кардааст[6]), Абдулфатҳ Дувайнӣ Насруллоҳ ибни ибни Мансур ибни Саҳл мулаққаб ба Камолуддин (ваф. 1151, дар низомияи Бағдод дар назди имом Ғаззолӣ дарс хонда, сипас ба Хуросон рафта дар шаҳрҳои Марву Нишопур ба таълим пардохт ва баъдан ба Балх омада, дар Низомия то охири умр иқомат намудааст[7]).

Саъдулмулк Муҳаммад ибни Муҳаммад Абдуҷалили Котиб маъруф ба Рашидуддини Ватвот (1087-1183) чуноне ки гуфта шуд, дар Низомияи Балх тҳсил кардааст. Ёқути Ҳамавӣ дар бораи таҳсили Рашидуддини

---

[1] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Теҳрон, 1995. С.234.
[2] Ибни Исфандиёр Хатиб Муҳаммад. Таърихи Табаристон. Теҳрон, 1320. С. 123
[3] Субкӣ Тоҷиддин. Табакот-ул-шофеия. Ҷ. 5. С. 63-64.
[4] Субкӣ Тоҷиддин. Табакот-ул-шофеия. Ҷ. 7. С. 126.
[5] Ҳамон ҷо. С. 204.
[6] Ёқутӣ Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-удабо. Бейрут, 1955. Ҷ. 1. С. 101.
[7] Ноҷии Маъруф. Мадориси илмияи қабл аз низомия // Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. Теҳрон, 1986. С. 70.

Ватвот чунин менависад: «Низомулмулк танҳо бо ду Низомияи Бағдод ва Нишопур иктифо накард ва дар шаҳрҳои дигар монанди Басра, Исфаҳон, Балх, Ҳирот низ мадорисе ба ҳамин ном дошт. Чунонки Хоҷа Рашидуддини Ватвот шоири маъруфи давраи Хоразмшоҳӣ дар ҳукумати Шайх Абӯсаъд Одам ибни Аҳмади Ҳиравӣ дар низомияи Балх таҳсил намудааст. Рашид дар яке аз рисолаҳои худ аз устодаш чунин таҷлил намудааст: Номаест оганда аз шавқ ба пешво ва сарвари бузургвори мо Абӯсаъд. Рӯзу сол ва рӯзгорамон ба баракати ҳузурамон дар низомияи Балх ва иҷтимоъ дар мазҳари некҳо ва пешвоӣ obod бод».[1]

Ин шоир ва олими форс-тоҷик аз аксари илмҳои замонаш, бахсус аз фалсафа, калом, сарфу наҳв, луғат, маонӣ ва баён, арӯзу бадеъ, иншо ва ғайра дониши комил дошт. Аз Рашиди Ватвот дар насру назм мероси адабӣ ва илмии зиёде боқӣ мондааст. Девони шоир 8563 байт қасида, таркиббанд, тарҷеъбанд, ғазал, қитъа ва рубоиро дар бар мегирад.

Рашиди Ватвот расоил ва муншаотеро, ки бо забонҳои форсию арабӣ барои шахсони гуногун навишта буд, дар маҷмӯаҳои «Абкор-ул-афкор фӣ расоил ва-л-ашъор» ва «Ароис-ул-хавотир ва нафоис-ун-наводир» гирд овардааст, ки маҷмӯаи аввал 9 рисолаи арабию 9 рисолаи форсӣ ва 9 қасидаи форсию 9 арабӣ ва дувумӣ 25 номаи арабию 25 номаи форсиро дар бар мегирад. Номаҳои вай аҳамияти бузурги тарҷумаҳолӣ, адабӣ ва таърихӣ доранд. Муҳимтарин асари Рашиди Ватвот «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ уш-шеър» аст, ки аз санъати шеърӣ баҳс мекунад. Вай ҳамчунин муаллифи «Рисолаи арӯз» ё «Ақсон-ул-буҳур» ном асари манзум мебошад.[2]

**Низомияи Омул.** Бино ба навиштаи муаллифи китоби «Таърихи Табаристон» Ибни Исфандиёри Котиб низомияи Омул бо дастури Низомулмулк барои Фахрулислом Абулмаҳосини Рӯёнӣ (ваф. 1108) таъсис гардид, ки то ҳангоми таълифи «Таърихи Табаристон» дар соли 1215 фаъолият дошт.[3]

---

[1] Ёқутӣ Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-удабо. Бейрут, 1955. Ҷ. 1. С. 101.
[2] Ҳамон ҷо. С. 101.
[3] Ибни Исфандиёр. Таърихи Табаристон. Теҳрон, 1320 (1941). С. 123.

Абулмаҳосин Абулвоҳид ибни Исмоили Руёнӣ мулаққаб ба Фахрулислом соли 1024 дар шаҳри Омул таваллуд ёфта, ибтидо дар назди падар муқаддамоти илмро фаро гирифта, сипас дар шаҳрҳои Нишопур, Ғазна ва Марв ба таҳсили улум ва такмили маълумот пардохт. Вай дар шаҳрҳои Рай ва Исфаҳон ба даср гуфтан ва имлои ҳадис пардохт. Абулмаҳосин дар илми фиқҳ ва ҳадис маъруф буд. Абулмаҳосин муаллифи асарҳои «Ал-баҳр», «Ал-хуруқ», «Ал-ҳалия», «Ал-таҷриба», «Ҳақиқат-ул-қавлайн», «Маносис-аш-шофеӣ» ва ғайра мебошад. Худи вай гуфтааст: «Агар кутуби шофеӣ тамом бисӯзанд, метавонам ҳамаи онро аз ҳифз имло кунам». Илова ба дарсгӯӣ дар Низомияи Омул мансаби қозигии Табаристонро низ дошт. Абулмаҳосин соли 1108 ба дасти яке аз мутаассибони исмоилия кушта мешавад.[1]

Дигар аз мударрисони маъруфи Низомияи Омул Абулфаворис Ҳаббуллоҳ Саъд ибни Тоҳир (ваф. 1152) зодаи шаҳри Омули Табаристон мебошад.

**Низомияи Басра.** Дар бисёре аз сарчашмаҳои қадим ин Низомия танҳо ба номи мадраса ишора шудааст. Ҳиндушоҳ ибни Санҷари Наҳҷувонӣ дар китоби «Таҷоруб-ус-салаф» аввалин муаррихе аст, ки ба тафсили ин мадраса пардохта ва зимни аҳволи Хоҷа Насируддин ва осори ӯ чунин навиштааст: «Низомияе, ки дар Басра сохт, наздики гӯри Забири Авом аст ва ин Низомия аз Низомияи Бағдод некӯтар ва бузургтар будааст. Ва дар авохири айёми Муътасим хароб шуд. Чӯб ва оҷур ва олоти дигарро ба Басра нақл карданд ва мадрасаи дигаре сохтанд ва номаш «Низомия» ниҳоданд ва Низомияи кӯҳнаро ҷои осор боқӣ мондааст.[2]

Мирхонд дар китоби «Равзат-ус-сафо» ин гуфтаҳои муаллифи «Таҷоруб-ус-салаф»-ро нақли қавл намудааст.[3]

Конпури Ҳиндӣ баъди ошноӣ бо китоби «Равзат-ус-сафо» ба навиштаҳои он дуруст сарфаҳм нарафта, ба иштибоҳот роҳ додааст. Вай

---

[1] Субкӣ Тоҷиддин. Табақот аш-шофеия ал кубро. Қоҳира, 1964. Ҷ. 7. С. 326.
[2] Ҳиндушоҳ ибни Санҷар ибни Абдулло Соҷии Нахҷувонӣ. Таҷоруб-ус-салаф. Теҳрон, 1344 (1965). Ҷ. 1. С. 12.
[3] Мирхонд. Таърихи равзат-ус-сафо. Теҳрон, 1338 (1959). Ҷ. 4. С. 288.

дар китоби «Зиндагонии Хоҷа Низомулмулк» чунин менависад: «Дар поёни хилофати Муътасими Аббосӣ (218-228)-833-842 ин мадраса вайрон гардид ва тамоми асос ва сомони онро ба Бағдод бурданд»[1]. Аммо аз навиштаҳои муаллифи «Таҷоруб-ус-салаф» чунин бармеояд, ки низомияи Басра то нимаи аввали асри 13, яъне то охирҳои рӯзгори Аббосиён фаъол буда, вақфҳо ва даромадҳояш ҳамчунон мисли аввала боқӣ мондаанд. Интиқол додани масолеҳи мадрасаи кӯҳна ва бино кардани мадрасаи нав сирфан ба хотири нигаҳдорӣ ва ҳифзи амвол ва ашёи вақфи мадраса аз ҳисоби даромади вақфҳои он сурат гирифтааст.

Бояд гуфт, ки дар сарчашмаҳо дар бораи низомияи нав ҳеҷ гуна маълумот вуҷуд надорад. Аз ҷумла, Ибни Батута, ки дар аввалҳои соли 1326, яъне чаҳор сол пеш аз таълифи «Таҷоруб-ус-салаф» аз шаҳри Басра дидан намуда буд, бо вуҷуди ишора ба қабри Забири Авом дар беруни шаҳри Басра, ба низомияҳои қадим ва ҷадиди ин шаҳр ҳеҷ гуна ишорае накардааст.[2]

Новобаста аз он ки сарашмаҳои таърихӣ дар бораи фаъолияти низомияи шаҳри Басра аз нимаи дувуми асри XI то ҳудуди ду асрро фаро мегирад, маълумот додаанд, аммо дар бораи фаъолияти илмии ин мадраса ва мушаххасоти мударрисон ва донишомӯхтагони он маълумоти ночиз боқӣ мондааст.

Шояд яке аз сабабҳои асосии дур мондани Низомияи Басра аз назар ва таваҷҷуҳи сарчашмаҳои таърихӣ наздикии шаҳри Басра ба шаҳри Бағдод ва шуҳрати оламгири Низомияи Бағдод буд, ки ин Низомияро комилан таҳти таъсир қарор дода, таваҷҷуҳи донишмандонро бештар ба Низомияи Бағдод ҷалб намуд.

Танҳо иттилои дақиқе, ки дар бораи таърихи фаъолияти низомияи шаҳри Басра то ба рӯзгори мо расидааст, ишораи Ибни Асир дар бораи

[1] Конпурӣ А. Зиндагонии Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ. Теҳрон, 1974. С. 153.
[2] Ибни Батута. Тухфа-ул-анзор фӣ ғароиб-ул-амсор ва аҷоиб-ул-асфор. Теҳрон, 1337ҳ.ш. С. 177.

истилои шаҳри Басра аз ҷониби Сайфуддавла ибни Садақа дар соли 1105 ва паноҳанда шудани Аббосиёни шаҳр ба бинои Низомия мебошад.[1]

Тибқи навиштаи Тоҷиддини Субкӣ яке аз мударрисони ин мадраса Муҳаммад ибни Қанон ибни Ҳомид ибни Тайиб маъруф ба Абулфазли Анборӣ (ваф. 1109) буд, ки дар шаҳри Бағдод дар назди Абӯисҳоқи Шерозӣ илми фиқҳ омӯхт ва ба мансаби қозигии шаҳри Басра расида, дар Низомияи ин шаҳр ба дарс гуфтан пардохт.[2]

**Низомияи Харгурд (Хоф).** Дар бораи низомияи Харгурди наздики Нишопур дар сарчашмаҳои таърихӣ маълумот ба чашм намерасад. Ягона санади муътабаре, ки фаъолияти Низомияи Харгурдро таъйид мекунад, қисмате аз айвони харобгаштаи ин Низомия ва катибаи охири он мебошад, ки боқӣ мондааст. Ин катиба дар музеи Эрони бостон нигаҳдорӣ мешавад. Профессори фаронсавӣ Андрей Гадори қисмати асосии таҳқиқот ва кашфиёти бостоншиносии марбут ба ин Низомияро анҷом додааст, бо таваҷҷуҳ ба матни бидуни таърихи катибаи Низомияи Харгурд ба ин бовар аст, ки чун Низомулмулк дар ин катиба «Размалмуъминин» лақаб дорад ва ин лақаб андаке пеш аз соли 1087 ба вай дода шуда буд, пас метавон пиндошт, ки сохтмони ин мадраса то соли 1087 ба поён расида буд.[3]

**Низомияи Мавсил.** Шаҳри Мавсил дар аҳди Салҷуқиён яке аз вилоятҳои маъруф ва маркази силсилаи Атобакони Мавсил буда, Низомулмулк яке аз Низомияи худро дар ин шаҳр таъсис дод. Ибни Ҷабири Андалусӣ, ки дар охирҳои асри XII аз ин шаҳр дидан карда буд, аз шаш мадраса ва биноҳои баланду олии он ном бурдааст.[4]

Дар сарчашмаҳои таърихӣ танҳо аз ду тан мударрисони Низомияи Мавсил ёд шудааст, ки инҳо мебошанд:

1. Абӯҳомид Муҳиддин Муҳаммад ибни Қозӣ Камолиддини Шаҳрӯзии Мавсилӣ (ваф. 1190). Вай дар Низомияи шаҳри Бағдод назди

---

[1] Ибни Асир. Ал-комил фи-т-таърих. – Бейрут, 1967. Ҷ. 8. С. 231.
[2] Субкӣ Тоҷиддин. Табақот аш-шофеия ал кубро. Қоҳира, 1964. Ҷ. С. 175.
[3] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. С. 238-239.
[4] Ибни Ҷабир. Реҳлаи ибни Ҷабир. Миср, 1995. С. 222-225.

шайх Абӯмансур ибни Ризоз илми фиқҳ омӯхта, ба шаҳрҳои Шом мусофират намуда, баъд аз падараш дар шаҳрҳои Димишқ ва Ҳалаб қозӣ будааст. Баъдан ба Мавсил баргашта, илова бар мансаби қозигӣ дар Низомияи ин шаҳр дарс мегуфтааст.[1]

2. Абулаббоси Анборӣ, Аҳмад ибни Наср ибни Ҳасан маъруф ба Шамс (ваф. 1201) аз уламои маъруфи Мавсил буда, дар аввал муовини қозии шаҳри Бағдодро бар уҳда дошт. Сипас ба Мавсил рафта, дар мадрасаҳои Низомия ва Камолия ба тадрис пардохтааст.[2]

Аз Низомияи Рай ғайр аз зиндагиномаи як тан аз мударрисони он иттилои дигаре боқӣ намондааст Мансур ибни Тоҳир ибни Абдуллоҳ Абулқосими Марвободӣ (ваф. 1087), ки яке аз шогирдони Имомулҳарамайн Ҷувайнӣ буд, аз ҷониби Низомулмулк барои дарсгӯӣ ба шаҳри Рай фиристода шуд ва ҳамзамон роҳбарии пайравони мазҳаби шофеиро бар уҳда дошт.[3]

Низомияи Зохар аз мадрасаҳои дигари бино намудаи Хоҷа Низомулмулк дар шаҳри Зохар, ки он дар наздики шаҳри Ганҷа ва дар мобайни Шервону Озарбойҷон воқеъ буд, мебошад. Аҳолии Зохар асосан мардуми лак буданд ва китоби имом Шофеиро ба забони лакӣ тарҷума карда, ба онҳо дарс медоданд.[4]

**Низомияи ҷазираи Ибни Умар.** Ҷазираи Ибни Умар, ки имрӯз танҳо ба номи Ҷазира ёд мешавад, дар қисмати болои Мавсил ҷой дорад. Ягона манбаи таърихие, ки дар бораи Низомияи ҷазира маълумот медиҳад, китоби «Ал-равзатайн»-и Абӯшомеъ (ваф. 1266) мебошад. Дар ин китоб омада, ки мадориси Низомулмулк дар олам машҳур ва шаҳре аз вуҷуди он холӣ нест. Ҳатто дар ҷазираи Ибни Умар, ки гӯшае аз замин ва чандон мавриди таваҷҷуҳ набуда, мадрасаи некуе бино кард ва ин мадраса ҳамакнун ба мадрасаи Размуддин маъруф аст.[5] Аз ин навишта бармеояд, ки

---

[1] Ибни Халикон. Вафёт ал аъён. Қоҳира, 1948. Ҷ. 3. С. 379.
[2] Субкӣ Тоҷиддин. Табақот аш-шофеия ал кубро. Қоҳира, 1964. Ҷ. 6. С. 67.
[3] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. С. 249.
[4] Закариё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ. Осор-ул-билод ва ахбор ул ибод. Бейрут, 1960. С. 249.
[5] Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. С. 237.

ин мадраса ба номи яке аз мударрисони он Размуддин хонда мешуд ва то санаи вафоти Абӯшомеъ фаъолият менамудааст.

Ибни Асир, ки зодаи ин ҷазира аст, дар бораи дигар низомияҳо маълумот дода, аммо дар мавриди Низомияи зодгоҳаш чизе нанавиштааст. Ёқути Ҳамавӣ дар бораи ду тан аз донишмандони ин ҷазира бо номҳои Абулқосим Умар ибни Муҳаммад ибни Акрамаи Ҷазрӣ (ваф. 1164) ва Абӯтоҳир Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Моҳрони Ҷазрӣ (ваф. 1181), ки пас аз таҳсил дар низомияи Бағдод ба зодгоҳи худ баргашта, дар Низомияи ҷазираи Ибни Умар дарс гуфтаанд, маълумот додааст.[1]

Бояд гуфт, ки ҳамзамон бо таъсиси низомияҳои Низомулмулк дар аҳди Салҷуқиён ба дасти шахсони дигар низ дар шаҳрҳои гуногуни қаламрави давлати Салҷуқиён мадрасаҳои хурду бузург бунёд гардиданд. Аз ҷумла, Маликшоҳи Салҷукӣ бо тақлид ба вазири донишманди худ Низомулмулк дар маҳалли Карони шаҳри Исфаҳон, ки пойтахти давлати Салҷуқиён буд, мадраса бунёд намуд. Ин мадраса бар хилофи низомияҳои Низомулмулк, ки барои пайравони мазҳаби шофеӣ сохта шуда буданд, барои пайравони ҳам мазҳаби шофеӣ ва ҳам мазҳаби ҳанафӣ бунёд гардид.[2]

Дар шаҳри Нишопур низ чанд мадраса бунёд гардид, ки яке аз онҳо мадрасаи Хотун ном дошт, ки дорои китобхонаи ғание буд ва чанд ҷилд аз китоби «Таърихи Байҳақӣ» дар он нигоҳдорӣ мешуд. Дигар аз мадрасаи ин шаҳрро як тан аз амирони даврони Салчуқӣ, ки бобои Абулҳасан Алӣ ибни Зайди Байҳақӣ буд, бунёд намуд. Амир Исфаҳсолор Сайфуддин Абӯнаср Муҳаммад ибни Абулхайри Хусравгирдӣ (вафот 1116) низ мадрасае бунёд кард. Аз дигар мадрасаҳои ин шаҳр мадрасаи Сарвия, мадрасаи дарвозаи Ироқ, мадрасаи миёни бозори Нишопур буданд.[1]

Дар шаҳри Марв ғайр аз мадрасаи Низомия мадрасае фаъолият менамуд ки хоси пайравони мазҳаби шофеӣ буд ва дар он Самъонӣ (вафот 1091) дарс мегуфт. Дар дигаре аз мадрасаи ин шаҳр яке аз фақеҳони бузург Шамсулайма Абулқосим Исмоил ибни Абӯалӣ Ҳасани Байҳақӣ тадрис

---

[1] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-булдон. Ҷ.2. С.138.
[2] Нахҷувонӣ Ҳ. Таҷоруб-ус-салаф. Теҳрон, 1965. С. 277-278.

менамуд. Ёқути Ҳамавӣ аз мадрасае, ки Муҳаммад ибни Мансури Муставфӣ (вафот 1101) бино карда буд ва хамчунин аз мадрасаҳои Амидия ва Хотуния ном бурдааст.[2]

Дар шаҳри Гургон барои Абӯтоҳир Иброҳим ибни Мутаҳҳари Шабоки Ҷузҷонӣ (вафот 1119) мадрасае бунёд намуда буданд.[3] Авлиёуллоҳи Омулӣ аз мадрасае дар шаҳри Рай хабар медиҳад, ки пас аз шикасти султон Санҷар ва фитнаи Ғазон тавассути амири Мозандарон Хоҷа Наҷмуддин Ҳасан Амидӣ сохта шуда буд. Дар мадрасаи Рай мутакаллими имомия Садидаддин Маҳмуди Ҳумсӣ мударрис ва Алӣ ибни Мунтақи мутаваллӣ буданд.

Дар шаҳри Ҳамадон Маликулумаро Ҷалолиддини Айиба мадрасае бино кард ва муаллифи китоби «Роҳат-ус-судур» Абулфазл Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Алии Ровандиро барои тадрис дар ин мадраса ва чанд мадрасаи дигар даъват намуд.[4] Дар ин шаҳр ҳамчунин султон Туғрул ибни Муҳаммади Салчуқӣ, Масъуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ (вафот 1151) низ мадрасаҳо бунёд намудаанд. Аз мадрасаи бунёднамудаи Масъуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ, ки дар дохили он дафн шудааст, зикр кардаанд. Арслон ибни Туғрул (вафот 1165) низ дар Ҳамадон мадраса бунёд намуд, ки дар он дафн шудааст. Модари Арслон ибни Туғрул ва Атобак Илдаргиз аз дигар ашхосе буданд, ки дар шаҳри Ҳамадон мадрасахо сохта «ва чун он мадорис пардохтанд ва Хоҷа Имом Сафиуддини Исфаҳониро ба дарс гуфтан менишондаанд, даъвате шигирф сохтанд ва ҳамаи аймаи шаҳр ҳозир шуданд ва анвои атъама ва ҳаловӣ оварданд ва хоне ниходанд аз косаҳои симин ва ҳангоме, ки мурданд, дар мадориси худ дафн шуданд».[5]

Дар шаҳри Кошон вазири маъруфи Аббосиён Анӯшервон ибни Холид мадраса бунёд намуд. Аз дигар бунёдкунандагони мадраса дар ин шаҳр

---

[1] Ёқути Ҳамавӣ. Маҷмаъ-ул-удабо. Ҷ.4. С.249.
[2] Ҳамон ҷо. С.509.
[3] Субкӣ. Табақот аш-шофеия. Миср, 1964. Ҷ. 4. С. 200.
[4] Ровандӣ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон. Роҳат-ус-судур ва оя ус-сурур дар таърихи оли Салҷуқӣ. Тасҳеҳи Муҳаммад Иқбол. Теҳрон, 1985. С.40
[5] Шамсиддини Заҳабӣ. Таҷоруб-ус-салаф. Ҳайдаробод, 1915. С.300.

Масъуди Салчуқӣ буд, ки дар Кошон мадрасае некӯ бисохт ва китобҳои бисёр бар он мадраса вақф кард ва амлок ҳамчунин».[1]

Дар Кирмон низ Салчуқиён мадрасаҳои зиёде сохтанд. Аз ҷумла, чаҳорумин подшоҳи Салчуқиёни Кирмон Умодудддавла Туроншоҳ ибни Қароарслон (ҳукмр. 1084-1096) «фармуд то муҳандисони бинокорро ҳозир карданд ва дар рабази беруни шаҳр бинои саройи хеш фармуд ва дар ҷанби сарой масҷиди ҷомеъ ва мадраса ва хонақоҳ ва бемористон ва гармоба ва авкофи шигирф бар онҳо ниҳод… ва он маҳалла ба маҳаллаи сешанбе маъруф гардид».[2] Аз миёни ин биноҳо масҷиди ҷомеъи он то 550 сол баъд, яъне то давраи муаллифи «Таърихи Салоҷуқаи Кирмон» ва ба баъд низ обод буд.[3] Дар ин шаҳр ҳамчунин Арслоншоҳ ибни Кирмоншоҳ ибни Қоврад (ҳукмр. 1101-1142) ва ҳамсари ӯ Зайтунхотун мадрасаҳо сохтанд. Мадрасаи бунёднамудаи Зайтунхотун бо номи мадрасаи Дари Моҳон шуҳрат дошта ва вақфхоеро низ доро буд.[4]

Дар минтақаи Бардасари шаҳри Бам ва Ҷирафт ҳафтумин подшоҳи Қоварзиён Муҳаммад ибни Арслоншоҳ (ҳукмр. 1142-1152) мадраса ва ҳамчунин масҷидҳо, бемористон ва китобхона бунёд намудааст.

Дар шаҳри Язд аз ҷониби Абӯҷаъфар Алоуддавлаи Колиҷор, ки соли 1102 аз ҷониби Маликшоҳи Салҷукӣ амири он ҷо таъйин шуда буд, соли 1132 мадрасае будёд кард, ки дар даромадгоҳаш ду манора дошт ва ба ҳамин муносибат мадраса номи «Думанора»-ро гирифта буд. Абуҷаъфар Алоуддавлаи Колиҷор барои мадфани худ дар ин мадраса гунбадхонаи зебо сохта буд, ки дар он ҷо дафн шуд.[5] Дигар мадрасаҳои ин шаҳр аз ҷониби яке аз сарлашкарони Абӯҷаъфар Алоуддавлаи Колиҷор бо номи Каёнрасу, ҳамчунин Алоуддавлаи писари Маҳмуд ибни Маликшоҳ бо номи мадрасаи Атохон дар паҳлӯи мадрасаи Абӯҷаъфар Алоуддавлаи Колиҷор сохта шуда буданд.[6]

---

[1] Нахчувонӣ Ҳ. Таҷоруб-ус-салаф. Теҳрон, 1965. С. 301.
[2] Муҳаммад ибни Иброҳим. Таърихи Салҷуқиёни Кирмон. Теҳрон, 1953. С.20.
[3] Ҳамон ҷо. С.21.
[4] Ҳамон ҷо. С.21.
[5] Аҳмад ибни Ҳусайн Ал-Котиб. Таърихи ҷадиди Язд. Теҳрон, 1998. С. 66.
[6] Ҳамон ҷо. С.68.

Аз мадрасаҳои бинонамудаи Атобакони Язд дар ин шаҳр метавон аз мадрасаи бунёд намудаи Атобаки Сом-писари Атобаки Азолиддин дар наздики дарвозаи Меҳрҷирди Язд, мадрасаи сохтаи бародари Атобаки Сом бо номи Вардонрӯз ном бурд.[1]

Дар шаҳри Бағдод ҳамзамон бо Низомияи Бағдод теъдоди зиёди мадрасаҳои дигар фаъолият менамуданд, ки яке аз онҳо мадрасаи Батлосия буд. Ин мадраса китобхонаи бузурге дошт, ки феҳристи китобҳои он ба 360 ҷилд мерасид. Батлосия дорои чаҳор ҳазор ғурфа ва 50 китобдор буд.[2] Мадрасаи бино намудаи вазири Маликшоҳи Салҷуқӣ Тоҷулмулк Булғаноим, ки баъд аз кушта шудани Низомулмулк ба вазорат расида буд, бо номи Тоҷия шуҳрат дошт. Ходими Татиш ибни Алпарслон, ки Хумортегин ном дошт,бо намояндагӣ аз Татиш барои пайравони мазҳаби ҳанафияи Бағдод мадрасаи Татишро бунёд намуд. Соли 1208 дар ин шаҳр барои пайравони мазҳаби ҳанафия мадрасаи дигаре бо номи Мадрасаи Бузург сохта шуд.[3]

Бузургтарин ва маъруфтарин мадрасае, ки дар рақобат бо низомияҳо бунёд гардид, мадрасаи Мустансирия мебошад. Сохтмони ин мадраса бо дастури халифа Мустансири Аббосӣ (1226-1242) соли 1227 оғоз ва соли 1233 ба анҷом расид. Ибни Фавтӣ дар тасвири воқеаҳои соли 1233 менависад, ки китобҳои китобхонаи Мустансияро дар 15 ҷимодулохири соли 630 ҳ.қ./ феврал-марти соли 1233 ба он ҷо ҳамл карданд.[4] Ин китобҳоро анбордори китобхонаи халифа Зиёуддин Аҳмад ва падараш шайх Абулазиз аз рӯи фанни китобдорӣ ба тартиб даровардаанд то ки ёфтани китобҳо осон гардад. Дар рӯзи панҷшанбеи 5-уми моҳи раҷаби ҳамон сол халифа бо ноиби вазири худ Насируддин, бузургони дарбор, қориҳои Қуръон, шоирон ва ҷамъе аз тоҷирони машҳур ба мадраса ҳозир шуд ва 62 нафарро аз пайравони ҳар мазҳаб барои таҳсил интихоб кард ва ба ҳар гурӯҳ мударрис таъйин намуд. Дар ин ду рӯз мударрис – яке барои

---

[1] Аҳмад ибни Ҳусайн Ал-Котиб. Таърихи ҷадиди Язд.С.68.
[2] Ибни Фавтӣ. Ал-ҳаводис-ал-ҷомеъа. С.222.
[3] Ҳамон ҷо. С.222.
[4] Ҳамон ҷо. С.223.

шофеия ва дигаре барои ҳанафия ва ду ноиби тадрис-яке барои моликия ва дигаре барои ҳанбалия интихоб кард. Халифа Мустансир бинои мадрасаро барои таҳсили пайравони чаҳор мазҳаби аҳли суннат ба чаҳор бахш тақсим кард.[1]

Дар Мустансария барои устодону донишҷӯён шароити хуб муҳайё карда шуд, ки дар ин маврид Ибни Фавтӣ менависад: Аз ҳар тоифа 62 тан бо ротибаи доимӣ ва гӯшти хурдании мураттаб ва мудом ва ғайр аз инҳо ҳалво ва мева ва собун ва фарш дар ин мадраса ба таҳсили фиқҳ пардозанд. Дар дорулҳадис муҳаддиси бузургвор бо ду қорӣ ва ду тан, ки ба илми ҳадиси набавӣ иштиғол варзанд, кор кунанд ва дар рӯзҳои шанбе ва якшанбе аз ҳар ҳафта ҳадис гуфта шавад. Ва инонро низ шаҳрия ва ротибае мусовӣ бо фуқаҳо муайян бошад. Дар хонае муттасил ба тадриси 30 кӯдаки ятим бошанд, ки Қуръонро аз қорӣ фаро гиранд ва муиде, ки бо ӯст, кӯдаконро ба ҳифзи Қуръон кӯмак кунад ва эшонро низ монанди собиқайн ротиба ва шаҳрия бошад. Дар ин мадраса табибе ҳозик ва мусалмон ба таълими даҳ тан аз муслимин машғул бошад. Ва аз коркунон ва муҳассилони мадраса ҳар ки бемор шавад, муоличааш кунанд ва адвия ашрабаи вай низ аз маҳалли авқоф дода шавад. Иддае дар ин мадраса ба таҳсили улуми фароиз ва ҳисоб ва ғайри инҳо иштирок варзанд. Мадрасаи Мунтансияро хазинае барои амвол ва арзок буд ва дар он чизҳое аз қабили шакар ва шамъ ва маснуъот ва амсоли инҳо ҳифз мешуд ва дарбонон ва фаррошон бар он мегузоштанд.[2]

Чуноне ки дида шуд, хидмати бузурги Низомулмулки Тусӣ дар ҳаёти илмию фарҳагии замони худ бо таъсиси Низомияи Бағдод хатм намешавад. Бо дастури бевоситаи ин сиёсатмадори барҷаста ва пуштибони фарҳанг дар дигар шаҳрҳои хурду бузурги қаламрави давлати Салчуқиён, ба хусус Нишопур, Исфаҳон, Марв, Балх, Омул, Басра, Хардуд, Мавсил ва ғайраҳо низомияҳо таъсис мешаванд. Ин низомияҳо дорои барномаҳои муназзам, масъули идорӣ, будҷаи солона, ҳисобдорӣ, синфхонаҳо,

---

[1] Ибни Фавтӣ. Ал-ҳаводис-ал-ҷомеъа. Бағдод, 1983. С.222.
[2] Ҳамон ҷо. С. 223.

китобхонаҳои ғанӣ ва низоми ҳуҷҷатгузорӣ барои кормандон, устодон ва донишҷӯён буданд.

Низомияи шаҳри Нишопур, чуноне ки зикр шуд, аз назари шумораи устодони машҳуре, ки ба таълими донишҷӯён машғул буданд, ҳамчунин аз лиҳози сифати таълим ва теъдоди донишҷӯён баъд аз Низомияи Бағдод дар мақоми дувум қарор дошт. Низомияи шаҳри Исфаҳон низ бо таваҷҷуҳ ба мавқеияти мумтози ин шаҳр чун пойтахти давлати Салчуқиён ва алоқаи фаровони Низомулмулк бо донишмандон, фақеҳон ва устодони машҳуре, ки бештар аз Оли Хуҷанд буданд, мавқеъ ва мақоми хоси худро дошт.

Ин низомияҳо дар тӯли фаъолияти худ чандин насли фақеҳон, қозиҳо, муҳаддисон, луғатшинососн, таърихнависон ва адибонро дар домани худ парвариш намуда, барои таъсиси марказҳои таълимию илмӣ дар саросари қаламрави давлати Салчуқиён намунаи ибарт ба ҳисоб мерафтанд.

Низомияҳое, ки таъсиси онҳо бо таваҷҷуҳ ба омилҳои сиёсӣ ва мазҳабӣ сурат гирифт, аз нимаи дувуми асри XI то беш аз се аср сарчашмаи таҳаввулоти бузург дар заминаҳои сиёсӣ, илмӣ ва мазҳабии на танҳо қаламрави давлати Салчуқиён, балки дигар давлатҳо гардид. Мадрасаҳои низомия сарфи назар аз ҷанбаҳои илмӣ, ба хотири таваҷҷуҳи хос ба барномаҳои мазҳабӣ ва фароҳам сохтани ҷаласаҳо ва суханрониҳои пуршӯр ва ҳамчунин баҳсу мунозираҳои мазҳабӣ, илова ба донишмандону донишҷӯён ҳамчунин таваҷҷуҳи намояндагони давлату сиёсатмадорон ва ҳатто намояндагони касбу кори гуногунро ба сӯи худ ҷалб намуданд. Низомияҳо ба маркази ҷамъ омадани олимони улуми динӣ дар саросари дунёи исломӣ табдил ёфтаанд. Низомулмулки Тӯсӣ ба хотири амалӣ сохтани мақсаду маром ва ҳадафҳои сиёсию мазҳабии худ доир ба интихоби мударисони донишманду барҷаста ва ҳамчунин таъйин намудани маоши хеле баланд ва хурду хӯроки зиёд барои устодон ва донишҷӯён таъсироти матлубе дар заминаи осудагию хушҳолии аҳли илм ба вуҷуд овард. Ин буд, ки бисёре аз дороён бо роҳу равиши Низомулмулк ба таъсиси марказҳои таълимӣ пардохта, молу пасандози худро сарфи ин кор менамуданд.

Натиҷаҳои таъсиси низомияҳо дар асрҳои миёна иборат буд аз:

1. Пешрафти илмҳои динӣ ва бахусус мазҳаби шофеӣ. Муассиси низомияҳо Низомулмулки Тӯсӣ чун пайрави мазҳаби шофеӣ буд, мехост бо таъсиси низомияҳо пеши роҳи таблиғоти шиаи дувоздаҳимомӣ, исмоилия ва дигар мазҳабҳоро бигирад ва ин мадрасаҳо ба таълими ба пайравони мазҳаби шофеӣ махсус гардонида, тамоми имкониятҳои моддӣ ва қудрати сиёсии худро барои расидан ба ҳадафи ниҳоии худ ба кор бурд. Ҷонибдории ин вазири қудратманд аз мазҳаби шофеӣ ва ҳамчунин султонҳои Салчуқӣ ва халифаи Бағдод, ки аксари онҳо пайрави аҳли суннат буданд, роҳро барои чунин густариш ва пешрафти маорифи мазҳабӣ чунон ҳамвор намуд, ки дар камтар даврае аз давраҳои исломӣ метавон назире барои он пайдо намуд. Аз ин рӯ авҷ гирифтани масъалаҳои динӣ ба рақобатҳои мазҳабӣ низ шиддат бахшид.

Дар низомияҳо илмҳои ваъз, хитоба, баҳсу мунозира, усул ва калом беандоза пешрафт ва тарақӣ намуда, олимони дар ин илмҳо китобҳо навиштанд. Бахусус дар мазҳаби шофеӣ китобҳои пурарзише таълиф гардиданд ва китоби «ал-Мустасфӣ»-и имом Ғаззолӣ аз муҳимтарин асар дар усули фиқҳ мебошанд. Имом Муҳаммади Ғаззолӣ аз бузургтарин фақеҳи охирҳои асри XI буд, ки дар низомияҳои Бағдод ва Нишопур дарс гуфта, дар осори хеш мазҳаби шофеӣ ва тариқаи ашъариро шакли ниҳоӣ бахшид. Китобҳои «Ал-мунтаҳал фӣ фан-ал-ҷадал», «Ваҷир», «Хилофа» аз китобҳои муҳими фиқҳи шофеӣ гардида, дигар осори фиқҳиро зери таъсири хеш қарор дода, чанд аср баъд низ онҳо аз китобҳои дарсии фиқҳи шофеӣ буданд. Илова бар ин осоре, ки Муҳаммад Ғаззолӣ дар риштаҳои гуногуни илмҳои динӣ ва мазҳаби шофеӣ аз худ боқӣ гузошт, аз марзҳои ҷаҳони ислом берун рафта, дар осори динии Аврупои асримиёнагӣ низ таъсир бахшид. Чунончи, ба ақидаи бархе аз муаррихон баъзе аз китобҳои вай, ки пеш аз соли 1150 ба лотинӣ тарҷума шудаанд, дар осори динии яҳудиён ва масеҳиёни асримиёнагӣ таъсири намоён доштааст. Аз ҷумла, яке аз шахсиятҳои маъруфи дини масеҳӣ Томас Аквинас ва аллома Паскал ба таври ғайри мустақим аз афкори Муҳаммади Ғаззолӣ, ки бештар аз

ҳамаи мутафакирони исломӣ дар такомули афкори масеҳӣ нақш доштаанд, истифода намудаанд.[1]

Ҷувайнӣ китоби «Ал-мағиз фӣ интиёр-ул-ҳақ»-ро дар бартарии мазҳаби шофеӣ бар мазҳаби ҳанафӣ таълиф намуд.[2]

Бархӯрдорӣ ва баҳрамандии низомияҳо аз устодони бузурге чун Абӯисҳоқи Шерозӣ, Ҷувайнӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ ва чандин тани дигар ба пешрафти доманаи фиқҳи шофеӣ беш аз пеш афзуд ва шавқу ҳаваси рӯзафзуни толибилмон ба ҳузур дар дарсҳои ин устодон пои пайравони дигар мазҳабҳоро ба сӯи мазҳаби шофеӣ кашид. Дар ин бора Ибни Касир чунин менависад: «Абулхитоб ва Ибни Ақил ду тан аз руасои ҳанбалия дар ҳалқаи дарси Ғаззолӣ ҳузур меёфтанд».[3]

Ба хотири истифода аз имкониятҳои моддию маънавии низомияҳо бархе аз фақеҳони дигар мазҳабҳо тарки мазҳаби худ намуда, ба мазҳаби шофеӣ гаравиданд.[4]

2. Ҳаракати таъсиси мадрасаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ. Нимаи дувуми асри ёздаҳум давраи пешравию шукуфоӣ дар таъсиси мадрасаҳои исломӣ гардид. Бо ин ташаббус Низомулмулк дар истифода аз низомияҳо ба унвони баҳрагириҳои сиёсӣ ва паҳн гардидани мазҳаби расмии давлату ботил намудани фикру ақидаҳои мухолифон, бахусус муқовимат дар муқобили мазҳаби шиа ва исмоилиён тағйироти ҷадид дар таъсиси ин гуна мадрасаҳои давлатиро ба вуҷуд овард. Ин кор ба як навъ рақобат байни пешвоёни мазҳабҳо табдил ёфт ва дар асрҳои XII ва XIII дар сарзаминҳои исломӣ камтар минтақае пайдо мешуд, ки дар он ҷо мадрасаҳо ва марказҳои илмӣ набошад.

Дар ибтидо ҳадафи Низомулмулк аз таъсиси низомияҳо барқарорӣ ва густариши мазҳаби шофеӣ ва муборизаи шадид бо таблиғоти васеъ ва густурдаи фирқаи исмоилия буд, аммо оҳиста-оҳиста ин иқдоми ӯ сабаби таҳаввули бузург дар заминаи таъсиси марказҳои илмӣ ва мадрасаҳое

---

[1] Филип Ҳайтс. Таърихи араб. Ҷ. 1. Табрез, 1964. С. 551.
[2] Ҳумоӣ Ҷалолуддин. Ғазолинома. Теҳрон, 1963. С. 278.
[3] Ибни Касир. Ал-бидоя ва-л-ниҳоя. Қоҳира, 1939. С. 12.
[4] Ҳамон ҷо. С. 12.

гардид, ки бархе аз онҳо аз доираи баҳсу мунозира дар атрофи масъалаҳои мазҳабӣ берун рафта, дар дигар риштаҳои илму фан низ ба фаъолияти худ оғоз намуданд. Ҳеҷ кадоме аз мадрасаҳои илмии давлатӣ ва хусусии он замон, мисли Байтулҳикмати Маъмун дар шаҳри Бағдод, Ҷомеъулазҳари шаҳри Қохира, мадрасаҳое, ки таввасути султон Маҳмуди Ғазнавӣ, Изаддудавлаи Дайламӣ ва Алҳокими Фотимӣ таъсис гардид, он ташкилоти идорӣ, дастгоҳи васеъ ва густурда, ҳамчунин барномаҳои муназзам ва навовариҳои низомияҳо ва таъсироти амиқеро, ки онҳо дар амри таъсис ва густариши марказҳои илмӣ эҷод менамуданд, надоштаанд. Ин буд, ки бисёре аз ҳокимон, подшоҳҳо, халифаҳо ва дигар давлатмардон ба Низомулмулк пайравӣ карда, мадрасае бо номи худ бунёд намудаанд. Бархе аз ин афрод ба хотири хидмат ба дин ва баъзеҳо ба хотири мустаҳкам намудани қудрати сиёсии худ ва гурӯҳе барои рақобат бо Низомулмулк ин корро анҷом доданд.[1] Намунаи чунин рақобат таъсиси мадрасаи Тоҷияи Бағдод аст, ки таваccути Тоҷулмулк Абулғаноим - рақиби Низомулмулк дар дастгоҳи Маликшоҳи Салчуқӣ соли 1089 таъсис ёфт ва дар таассуб бо низомияҳо онро Тоҷия номид.

Пойтахти хилофат шаҳри Бағдод, ки бо бархӯрдорӣ аз маркази бузурги таълимию илмии Низомия ба бузургтарин ифтихороти таърихи илмии худ ноил гардида буд, ҳамзамон маркази мадрасаҳои бузурге шуд, ки баъд аз Низомия дар ин шаҳр бунёд гардиданд. Ибни Ҷабири Андалусӣ, ки дар охири асри XII ба шаҳри Бағдод омада буд, теъдоди мадраҳои онро 30 адад зикр карда аст,[2] ки муҳимтарини онҳо мадрасаи Мустансирия буд.

Таъсиси мадрасаҳои давлатӣ дар сарзаминҳои Шом ва Миср бо сабаби қудрат ёфтани ду хонадони эронитабори Нурия ва Салоҳия[1], ки бо Салчуқиён наздикӣ доштанд, хеле беҳтар аз дигар минтақаҳо буд. Фармонравои мустақили Миср ва Шом Нуриддин Маҳмуди Занғӣ (ваф. 1173), ки ҳудуди 50 шаҳр ва қалъаро аз дасти пешвоёни ҳаракати салибӣ озод намуда буд, дар шаҳрҳои он диёр мадрасаҳои бузурге таъсис дод. Яке

---

[1] Ибни ал-Асир. Таърихи комил. Ҷ. 8. Теҳрон, 1991. С. 159.
[2] Ибни Ҷабир. Реҳлаи Ибни Ҷабир. Миср, 1955. С. 215-216.

аз чунин мадрасаҳо дар пойтахти ин кишвар шаҳри Димишқ буд, ки тибқи навиштаи Ибни Ҷабир аз беҳтарин мадрасаҳои он замон будааст.[2] Ба гуфтаи Ибни Ҷабир дар шаҳри Димишқ эълон шуда буд, ки ҳар кас маркази омӯзишӣ бино кунад, хароҷоти он ҳар кадар ки бошад, аз хазинаи шоҳӣ пардохт мешавад. Нуриддин Маҳмуди Зангӣ худ низ чандин мулки шахсиашро ба хотири таъсис намудани марказҳои омӯзишию фарҳангӣ вақф намуд.[3]

Салоҳиддин Аюбӣ (ваф. 1193), ки аз парваришёфтагони дастгоҳи идории Нуриддин Маҳмуди Зангӣ ва фотеҳи Байтулмуқаддас буд, пас аз фатҳи Миср ба фаъолиятҳои исмоилиён ва марказҳои таблиғотии он хотима бахшид ва ба таъсиси мадрасаҳо барои пайравони мазҳабҳои ҳанафӣ ва моликӣ дар ин диёр оғоз намуд.[4] Вай мадрасаи Салоҳияро, ки аз бузургтарин мадрасаҳо буд, соли 1176 дар наздикии оромгоҳи имом Шофеӣ бунёд карда, барои устодон ва фақеҳон хӯроки рӯзона ва маош таъйин намуд.[5]

Омилҳои дигари таъсиси теъдоди зиёди мадрасаҳои ин давр вуҷуди хатмкардагони низомиҳо ё амирон ва ҳокимоне буд, ки аз онҳо истиқбол ва ҳимоят намуда, барои тарғибу ташвиқи мазҳаби шофеӣ ба таъсиси мадрасаҳо мусоидат мекарданд. Яке аз писарони Салоҳиддини Аюбӣ бо номи Абулфатҳи Ғозӣ ҳангоми фармонравои шаҳри Ҳалаб будан аз қозӣ Абулмаҳосин Баҳоуддини Шофеӣ (ваф. 1234), ки аз донишмандони номии асри худ ва аз хатмкардагони Низомияи Бағдод буд, ба гармӣ истиқбол намуда, бо вуҷуди ин ки дар Ҳалаб чандин мадраса фаъолият мекард, бо дархости ин донишманд мадрасае барои вай таъсис дода, чанде аз мулкҳои худро вақфи он намуд. Худи қозӣ Абулмаҳосин низ ду мадраса барои шофеиён ва дорулҳадис таъсис намуд[6]. Ноиби ҳукумати Ардабил Мансури Шарафтегин соли 1137 барои Абулаббос Хизр Ибни Насри Арбилии

---

[1] Ибни Ҷабир. Реҳлаи Ибни Ҷабир. С. 278.
[2] Ҳамон ҷо. С. 272.
[3] Ибни Ҷабир. Реҳлаи Ибни Ҷабир. Миср, 1955. С. 272.
[4] Ибни Халикон. Вафёту-л-аъён. Ҷ. 6. Қум. С. 205.
[5] Ҳамон ҷо. Ҷ. 2. С. 10.
[3] Ибни Халикон. Вафёту-л-аъён. Ҷ. 6. Қум. С. 81.

Шофеӣ (ваф. 1173), ки аз шогирдони Низомияи Бағдод буд, мадраса бунёд намуд[1]. Мадрасаи Ҷорухияи шаҳри Димишқ низ аз ҷумлаи мадрасаҳое буд, ки барои Абулқосим Маҳмуд Ибни Мубораки Воситӣ (ваф. 1292) - нобиғаҳои замон ва хатмкардаи Низомияи Бағдод, таъсис гардид. Дигар аз хатмкардагони Низомиияи Бағдод аллома Наҷмиддин Абӯмуҳаммади Бодроӣ (ваф. 1257) дар шаҳри Димишқ мадрасаи Бодроияро таъсис дод.[2] Хатмкардаи дигари Низомияи Бағдод муаррих ва адиби асри XII Умод Котиби Исфаҳонӣ соли 1166 ба шаҳри Димишқ рафта, мавриди эҳтироми Нуриддини Зангӣ қарор гирифта, дар мансабҳои баланди ҳукуматӣ хидмат карда, бо дархости Нуриддини Зангӣ дар мадрасаи машҳури Нурия ба дарсгӯӣ пардохт.[3]

Ҳангоме ки Низомулмулк дар шаҳри Исфаҳон ба таъсиси низомия оғоз бахшид, султон Маликшоҳи Салчуқӣ низ ба таассуб аз вазири худ дар маҳалли Карони Исфаҳон барои пайравони мазҳабҳои ҳанафия ва шофеия мадраса бунёд намуд.[4] Дар минтақаи Озарбойҷон низ аз ибтидои асри XII сохтмони мадрасаҳо авҷ гирифт. Ибни Асир дар зикри воқеаҳои соли 1107 менависад, ки Қутбиддин Язид, ки марде дӯстдори дониш ва донишмандон буд, ба ҳангоми ҳукумат бар ин диёр ба таъсиси мадорис қиём намуд.[1] Дар шаҳрҳои Хуросони Бузург низ бо сабаби вуҷуди донишмандони бузург таъсиси мадрасаҳо авҷ гирифт. Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки аз охирҳои асри XI то ҳамлаи муғулҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон, Озарбойҷону Табаристон, Форсу Хузистон, Кирмону Исфаҳон, Ҷиболу Систон ва ғайра мадрасаҳо ва марказҳои илмии заёде таъсис ёфтанд, ки муассисон ва устодони аксари онҳо дастпарварони низомияҳо буданд.

3. Таъсири низомияҳо дар таъсиси нахустин донишгоҳҳои Аврупо.

Ба ақидаи ҳамаи муаррихон ва соҳибназарони Шарқу Ғарб мадрасаҳои низомия ва бахусус Низомияи Бағдод аз нахустин мадрасаҳо бо низоми пешрафтаи идорӣ ва маъмурӣ, ки баъдан мактабҳои олии

---

[1] Ибни Халикон. Вафёту-л-аъён. Ҷ. 2. С. 10.
[2] Ибни Халикон. Вафёту-л-аъён. Ҷ. 8. С. 195.
[3] Ибни Халикон. Вафёту-л-аъён. Ҷ. 4. С. 233.
[4] Муҷмал-ут-таворих. С. 215.

исломӣ аз он намуна гирифтанд, маҳсуб мешавад. Ин низомияҳо илова бар он, ки дар дунёи ислом сабаби таҳаввули бузург дар заминаи таъсис ва густариши доманаи фаъолияти марказҳои илмӣ гардиданд, низоми идорӣ ва омӯзишии низомияҳо ба марказҳои таълимию илмии кадими аврупоӣ низ таъсир гузошт ва онҳо мавриди қабули донишгоҳҳои Аврупо гардид.[2]

Солернаи Италия, ки аз қадимтарин донишгоҳи Аврупо маҳсуб меёбад, аз таъсири мадрасаҳо холӣ набуд. Ҳамчунин марказҳои бузурги дигар монанди донишгоҳҳои Балонияи Париж, Мунпалия ва Оксфорд, ки ҳама баъд аз асри XII таъсис ёфтаанд, таъсири мадрасаҳои исломӣ, аз ҷумла низомияҳо дида мешавад.[3]

Муҳаққиқи аврупоӣ Алфред Гюм дар мақолаи «Фалсафа ва илми илоҳӣ»-аш, ки дар маҷмӯаи «Мероси ислом ё он чи мағрибзамин ба милали исломӣ мадюн аст» менависад: «Дар инҷо чанд калимае роҷеъ ба донишгоҳҳои исломӣ мумкин аст муносиб дошта бошад. Ибтидо донишгоҳи маъруфи Низомия дар Бағдод ба василаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ – рафиқи Умари Хайём ва вазири Алпарслон дар соли 1064 таъсис гардид ва дар муддати андак донишгоҳҳои дигаре дар Нишопур, Димишқ, Байтулмуқаддас, Қоҳира, Искандария ва ҷоҳои дигар таъсис шуд. Қадимтарин донишгоҳҳои Балони Париж, Манпалия ва Оксфорд дар қарни XII таъсис шуданд. Агар дарсҳоеро, ки муслимин дар қарни X ва XI мехонданд, бо он чи муҳассилини масеҳӣ дар қарнҳои XI ва XII меомӯхтанд, мавриди муқоиса қарор диҳем, хоҳем дид, ки тамоми донишгоҳҳои Машриқ ва Мағриб беш аз ин будааст то кунун фарз шуда. Ҳамон таҳсил ва мутолиаи мураттаб ва муназзам, иртиботи устод ва шогирд, масъалаи ҳуқуқ ва авқоф ва интизом, дараҷот ва гувоҳиномаи таълим ва тарбият ва фаъолиятҳои зиндагии донишомӯзӣ муҳаққан дар марокизи таҳсилии Шарқ ва Ғарб монанди Бағдод ва Оксфорд каму беш

[1] Ибни ал-Асир. Таъсири комил. Ҷ. 8. Теҳрон. 1991. С. 247.
[2] Филип Ҳайтс. Таърихи араб. Ҷ. 1. Табрез, 1964. С. 526.
[3] Мероси ислом ё он чи Мағрибзамин ба милали исломӣ мадюн аст. Ба қалами сездаҳ тан аз мусташриқин ва устодони донишгоҳҳои Инглистон. Теҳрон, 1946. С.230.

яке будааст».[1] Дар ҷои дигари мақолааш Алфред Гюм дар бораи таъсироти фикрии яке аз устодони бузурги низомияҳои Бағдод ва Нишопур Мухаммади Ғаззолӣ ба ҷаҳони Ғарб чунин менависад: «Афкор ва ақоиди Ғаззолӣ аз вакте ки осораш дар дастраси аҳолии Ғарб қарор гирифт, ҷалби таваҷҷуҳи мутафаккирони масеҳиро намуд. Китобҳои Ғаззолӣ дар мантиқ ва ҳикмат дар қарни XII тарҷума гардид. Раймон Мартин касе буд, ки арзиши воқеии «Таҳофуту-л-философа»-и ӯро истинбот ва қисмати зиёде аз онро дар китоби худ дарҷ кард ва дар атрофи он баҳс намуд».[2]

Бояд тазаккур дод, ки он чиро ки мо пас аз таъсиси донишгоҳҳо ба усули аврупоӣ моли Ғарб меномем, дар аксар маврид баргирифтаи аврупоиҳо аз низоми маъмули низомияҳо мебошад.

4. Бузургдошти устодон ва донишмандон. Аз қадимулайём олимон ва муаллимон дар миёни мардуми мо эътибори бузург доштанд ва касби муаллимӣ пешаи бошараф ҳисоб меёфт. Бо пайдо шудани низомияҳо ва ниёзи шадиди давлат ба фақеҳон ба хотири мубориза бар зидди таблиғоти фирқаӣ, устодон аз олитарин имтиёзҳои иҷтимоӣ бархӯрдор гардида, дорои чунон нуфузи амиқе дар назди мардум, халифаҳо ва подшоҳон шуданд, ки назари онҳо дар ҳалли ин ва ё он масъала муҳим ҳисобида мешуд. Чунончи, пас аз фавти халифа Қоими Аббосӣ (ҳукмр. 1030-1074) бо пешниҳоди мударриси низомияи Бағдод Абӯисҳоқ ба мансаби хилофат Муқтадири Аббосӣ расид. Ин устоди Низомия то он дараҷа дар назди Низомулмулк соҳибэҳтиром буд, ки аз вафоташ Низомулмулк ба писари худ Муидулмулк навишт, ки лозим буд ба поси таҷлил аз мақоми Абӯисҳоқи мадаррис низомияи Бағдод бояд як сол таътил мешуд.[3]

Вақте устоди низомияи Нишопур Ҷувайнӣ аз дунё гузашт, бозорҳо баста шуданд ва қариб як моҳ ҳеҷ кас аммома бар сар нагузошт ва худуди 400 тан аз шогирдонаш, ки аз манотиқи мухталифи кишвар буданд, ба азои вай нишастанд.[4]

---

[1] Мероси ислом ё он чи Мағрибзамин ба милали исломӣ мадюн аст. С.231.
[2] Ҳамон ҷо. С. 251.
[3] Ал-мухтасар. Ҷ. 2. С. 124.
[4] Ибни Ҷавзо. Ал-мунтазам. Ҷ. 9. С. 18.

Ибни Асир дар шарҳи воқеаҳои соли 1086 чунин менависад: «Дар ин сол Абулқосим Дабусӣ (ваф. 1089) дар ҳоле ки аз ҷониби Низомулмулк фармони тадриси низомияи Бағдодро дошт, бо чунон шукуҳе ба Бағдод ворид гардид, ки касе назири онро дар мавриди ҳеҷ фақеҳ ба ёд надорад».[1]

5. Ғамхорӣ дар ҳаққи устодон ва донишҷӯён. Бояд гуфт, ки то таъсиси низомияҳо бо истиснои баъзе мавридҳо мударрисон ва муҳассилон асосан дар масҷидҳо зиндагӣ карда, бо маоши доимӣ таъмин набуданд. Бо таъсиси низомияҳо аз ҷониби Низомулмулк дар ҳаёти устодон ва донишҷӯён таҳавулоти чашмрас ба амал омад. Устодону донишҷӯён аз сахтиҳои иҷтимоӣ раҳо ёфта, онҳо бо дарёфти маоши доимӣ ва ғамхориҳо аз ҷониби давлати вақт мушарраф гардиданд. Бо ташаббуси Низомулмулк таваҷҷуҳ ба илм ва олимону илмомӯзон хеле зиёд шуд ва аз ҳисоби даромадҳои мавқуфоти низомияҳо зиндагии мударрисону донишҷӯён ниҳодҳои омӯзишию илмӣ беҳбуди зиёд пайдо кард. Маҳз зери таъсири низоми шаклёфтаи низомияҳо ва барномаҳои таҳсилии онҳо халифа Мунтасири Аббосӣ мадрасаи Мустасирияро таъсис намуд, ки дар он ҷо донишҷӯён пурра ба таври ройгон таҳсил менамуданд. Устодон маоши доимӣ мегирифтанд. Донишҷӯён ва устодон бо китоб, қалам, қоғаз ва дигар маводи лозимии таълимӣ ба таври ройгон таъмин мешуданд. Барои онҳо ошхона, ҳаммом ва бемористон сохта шуда буд, ки ба таври ройгон хидмат менамуданд. Подшоҳи Мағриб Нуриддини Зангӣ дар тақлид ба низомияҳо ҳафт боғу бӯстон ва миқдори заминҳояшро барои истифодаи донишҷӯён қарор дода, аз хазинаи шоҳиаш барои 500 нафар донишҷӯ харҷи таҳсилро пардохт менамуд. Ҷойнишини ӯ Салоҳуддини Аюбӣ барои аҳли илму дониш солона 3000 динор моҳона медод[1].

6. Аз ҷониби дигар дастгоҳи пуршукӯҳи низомияҳо сабаби норозогии бархе аз мардуми порсо мегардид ва онҳо ин донишгоҳҳоро маркази ҷалби бархе аз ҷоҳталабону мансабхоҳон ва дунёпарасатон медонистанд. Ба ақидаи онҳо, ба хотири ҷалби ризоияти Низомулмулк, фарзандони ӯ,

[1] Ибни ал-Асир. Таърихи комил. Ҷ. 8. Теҳрон, 1991. С. 144.

халифа ва подшоҳон ин гуна шахсон хусусиятҳои олии инсонӣ ва ахлоқиро фидои амалҳои шахсӣ ва ҳадафҳои сиёсӣ намуда, майдони муқаддаси илмро олуда месохтанд. Аз ин лиҳоз ҳангоми баррасии зиндагиномаи бузургони илм, сиёсат ва дину мазҳаби ин давра дармеёбем, ки ин мадрасаҳо сарчашмаи таъсироти на танҳо мусбат ва муфид, мисли таъсиси марказҳои илмии зиёд, инчунин дар барзе аз мавридҳо боиси парокандагӣ ва зиддиятҳои мазҳабӣ ва сабаби таназзули тадриҷии бисёре аз риштаҳои илм гардидаанд.

7. Бетаваҷҷуҳӣ нисбат ба баъзе аз риштаҳои илм. Тавре дар боло зикр шуд, яке аз ҳадафҳои асосии таъсиси низомияҳо аз ҷониби Низомулмулк мубориза бар зидди душманони мазҳабияш, аз ҷумла аҳли шиа ва исломиён буд ва низомияҳо низ дар чаҳорчӯбаи мазҳаби шофеӣ махдуд буданд. Ҳамчунин дар низомияҳо на ҳамаи илмҳои маъмули замона таълим дода мешуданд. Агар низоми таълимии низомияҳоро ба марказҳои бузурги омӯзишию илмии гузашта аз қабили Гунди Шопур ва Байтулҳикма муқоиса кунем, мебинем, ки шароити таҳсил аз лиҳози ақидатӣ дар низомияҳо маҳдуд буд. Чунончӣ, дар ин маркази бузурги таълимию илмии аҳди Сосониён Гунди Шопури устодону донишҷӯёни пайрави дину мазҳабҳои мухталиф буданд ва дар ин ҷо аз илмҳои гуногун дарс гуфта мешуд. Дар Байтулҳикмати аҳди халифа Маъмун низ донишҷӯён илмҳои мухталифро фаро мегирифтанд.

8. Мубориза бар зидди фалсафа ва озодии афкор. Илми фалсафа дар таърихи миллати мо собиқаи тӯлонӣ дошта, ҳатто файласуфони юнонӣ аз фалсафаи Зардушт баҳра бурдаанд. Дар аҳди ислом, аз ҷумла дар замони халифа Маъмуни Аббосӣ теъдоде аз донишмандон ва муҳаққиқон дар Байтулҳикмаи Бағдод ба тарҷумаи китобҳои илмӣ, аз ҷумла фалсафа аз забонҳои юнонӣ ва паҳлавӣ (форсии миёна) ба забони арабӣ машғул буданд. Аммо дар асрҳои баъдӣ бо айби халифаҳои мутаассиб аз омӯзиши ин илм худдорӣ ба амал омад. Давраи таъсиси низомияҳо замони коҳиши

---

[1] Нуъмонӣ Шиблӣ. Омӯзишгоҳҳои қадим дар кишварҳои исломӣ // Дониш ва парвариш. – №8. С. 8.

илми фалсафа ва мубориза бо афкори озод буд. Аз ҷумла, бо зуҳури имом Муҳаммади Ғаззолӣ муборизаи шадид бар зидди фалсафа оғоз шуд. Ғаззолӣ бо мутолиаи китобҳои фалсафӣ ба осори файласуфон ва шарҳу тафсири Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино ва ғайра тасмим гирифт то будёди фалсафаеро, ки Форобӣ ва Ибни Сино устувор карда буданд, барҳам занад ва бо андешаи фалсафии ботиниёни фотимии Миср ва сабоҳиён ба ҷанг пардохт. Ба ин хотир китоби «Таҳофут -ул-фалосафа»-ро таълиф намуд.

Имом Ғаззолӣ барои мубориза бо фалсафа он чунон дар осори файласуфон ба таҳқиқ пардохт, ки худ ба як файласуфи тавоно табдил гардид. Яке дигар аз устодони низомияи Марв имом Афзалуддин Умар ибни Алӣ ибни Ғайён низ аз душманони сарсахти фалсафа буд. Вай дар радди назари Ибни Сино дар мавриди қадим будани ҷаҳон рисолае бо унвони «Ҳудус-ул-олам»-ро таълиф намуд. Ибни Ғайён муътақид буд, ки «файласуфон дар масъалаи пайдоиши ҷаҳон хилоф карданд ва маншаи фасод дар дин шуданд. Ва бояд решаи суханони гумроҳкунандаи ононро su канд ва ошкор сохт, ки усули ақоиди онҳо куфр ва гумроҳӣ аст».[1]

9. Дар зери таъсири комили давлат қарор додани илму дониш. Мақсади аслии Низомулмулк аз таъсиси низомияҳо тарбияти онҳое буд, ки битавонанд пас аз хатми ин донишгоҳҳо аз онҳо дар корҳои давлатӣ ва иҷтимоӣ ба нафъи мақсадҳои давлат баҳбардорӣ кунанд ва онҳоро иҷрокунандаи барномаҳои давлат, ки муҳимтарини он мубориза бар зидди пайравони дигар мазҳабҳо, бахусус аҳли шиа ва исмоилия буд, таълим диҳанд. Бинобар ин аксари онҳое, ки мақсадашон аз таҳсил бештар ҷанбаҳои моддӣ буд, дарёфтанд, ки таҳсил дар низомияҳо сабаби расидан ба мақомҳои баланди давлатӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Онҳо медиданд, ки мударрисон, қориёни Қуръон, вазирон, дабирон, пешвоёни дину мазҳаб аз миёни хатмкунандагони низомияҳо интихоб мешаванд. Аз ҷониби дигар, устодони низомияҳо аз имтиёзҳое бархӯрдор буданд, ки дар ҳеҷ ҷои дигар назираш пайдо намешуд. Аз ин ҷиҳат низомияҳо ҷои онҳое гардид, ки мақсадашон аз таҳсили илм расидан ба мақомоти баланди давлатӣ буд.

Хулоса, низомияҳо аввалин муассисаҳои таълимӣ бо сохтори мукаммали идорӣ, молиявӣ, илмӣ ва таълимӣ дар ҷаҳон буданд. Таъсис ва фаъолияти низомияҳо ба таъсиси мадрасаҳо ва ё донишгоҳҳо дар саросари қаламрави давлати Салчуқиён ва умуман ҷаҳони ислом дар тақлид ба онҳо таккони ҷиддӣ бахшид. Бисёре аз амирон, вазирон ва ҳокимон дар пайравӣ бо низомияҳои Низомулмулк ба сохтмони мадрасаҳо ва дигар биноҳои таълимӣ ва маъмурӣ даст заданд.

Низомияҳо, ки таъсиси онҳо бо таваҷҷуҳ ба омилҳои хоси сиёсӣ ва мазҳабӣ сурат гирифт, аз оғоз, яъне нимаи дувуми асри XI беш аз се аср сарчашмаи таҳаввулоти бузург дар заминаҳои сиёсӣ, илмӣ ва мазҳабии на танҳо қаламрави давлати Салчуқиён балки давлатҳои ҳамсояи он низ гардид.

Ба ақидаи ҳамаи муаррихон ва соҳибназарони Шарқу Ғарб низомияҳо, бахусус Низомияи Бағдод аз нахустин мактабҳои олӣ ва ё донишгоҳҳои исломӣ маҳсуб мешавад. Ин низомияҳо илова бар он, ки сабаби таҳаввулоти бузург дар заминаи таъсис ва густариши доманаи фаъолияти марказҳои илмӣ гардид, аз назари низоми идорӣ, омӯзишӣ ва таъсир дар бархе аз риштаҳои илм намунае барои марказҳои илмии асримиёнагии аврупоӣ гардид ва он чиро, ки мо пас аз таъсиси донишгоҳҳо ба шевои аврупоӣ моли Ғарб медонем, дар аксар маврид баргирифтаи аврупоиҳо аз низоми маъмулии низомияҳо мебошад.

[1] Феҳристи кутуби эҳдоии Машкуҳ. Ҷ. 7. Таҳияи А.Ҳақиқат. Теҳрон, 2003. С. 26-94.

# ХУЛОСА

## 1. НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Роҳи тайнамудаи Низомулмулк чун ходими барҷастаи давлатӣ ва сиёсӣ дар таъйини вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии нимаи дуюми асри XI дар қаламрави давлати Салҷуқиён басо ибратомӯз аст. Вай ҳангоми вазири Алпарслон ва Маликшоҳ буданаш бо хирад ва лаёқат тавонист тамоми корҳои идорӣ ва сиёсии қаламрави бузурги давлати Салҷуқиёнро ба даст гирад. Дар натиҷа давлати таъсиснамудаи туркҳои Салҷуқӣ, ки аз ҳокимони алоҳида иборат буд, ба як давлати мутамарказ табдил ёфта, кишвар аз кашмакашиҳои сарони қабилаҳои турк муддате раҳоӣ ёфт.

Низомулмулк дар баробари ходими бузурги давлатӣ ва сиёсатмадори тавоно будан, яке аз донишмандони саршиноси улуми замони худ маҳсуб мешуд. Дар шаҳрҳои Марв, Балх, Нишопур, Рай, Исфаҳон ва Бағдод, ки аз марказҳои бузурги илму фарҳанги ин аҳд шинохта шуда буданд, Низомулмулк илмҳои замони худро аз бар намуда, бино ба ахбори сарчашмаҳо дар илми ҳисоб, иншо, донистани забони арабӣ ва форсӣ аз ӯ маъруфтар касе набудааст. Ҳамин фарогирии илмҳои замон буд, ки ӯ аз вазифаи дабирӣ то ба мақоми вазорат дар давлати Салҷуқиён расид.

Низомулмулки Тӯсӣ ба султонҳои бодиянишини Салҷуқӣ бо татбиқи сунану анъаноти давлатдории Сомониён усули давлатдорӣ, идораи раият, сарварии лашкар ва кишваркушоиҳоро омӯзонид ва давлатеро аз Ҳалаб то Кошғарро зери фармони онҳо овард. Тамоми дастовардҳои султонҳои Салчуқии аҳди Низомулмулк натиҷаи лаёқату кордонии ин вазири ботадбири хуросонӣ буд.

Дар тӯли вазирии Низомулмулк дар давраи ҳукумати Алпарслон ва Маликшоҳ ин ду султон дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ комилан бо андешаи Низомулмулк ҳамназар буданд ва махсусан дар замони ҳукумати Маликшоҳи Салҷуқӣ Низомулмулк аз қудрати бештари ҳукумат бархӯрдор шуд.

Дар муборизаҳои дарборӣ, ба хусус барои интихоби валиаҳди Маликшоҳ мухолифатҳо миёни Низомулмулк ва ҳамсари бонуфузи

Маликшоҳ – Турконхотун ва ҷоҳталабоне чун Тоҷулмулк Абулғаноим ва Маҷдулмулк Абулфазл шиддат ёфт. Мухолифони вазир тавонистанд бо бадгӯӣ ва туҳматҳои зиёде Маликшоҳро нисбат ба Низомулмулк бадбин созанд ва ӯро аз вазорат маъзул кунанд [ 3-М].

Душманони Низомулмулк медонистанд, ки бо он эътибор, нуфуз ва истиқлолу иқтидоре, ки ин вазир миёни амирон ва сипоҳиёну ҳокимони вилоятҳо дорад, бо барканор шуданаш аз вазорат, он ҳамаро ҳифз ва барои ин гурӯҳи душманон мушкилот халқ хоҳад кард. Бинобар ин аз ҳақиқат дур нест, ки ин душманони дохили дарбор барои аз миён бардоштани Низомулмулк аз хусуматҳои ин вазир бо Ҳасани Саббоҳ истифода карданд ва шароитеро фароҳам оварданд, то фидоии исмоилӣ ӯро ба қатл расонад [3-М]. Қатли Низомулмулк дар таърихи давраи салтанати Салҷуқиён оғози сукути ин давлат гардид.

Дар бораи таърихи рух додани воқеаи қатли Низомулмулк сарчашмаҳои таърихӣ рӯзҳои мухталифи моҳи рамазони соли 485 ҳ.қ, аз ҷумла 10 рамазонро зикр кардаанд [3-М]. Чун қатли Низомулмулкро аксари муаллифони рисолаҳои таърихӣ шаби ҷумъа гуфтаанд, тибқи ҷадвали таҳвили соли ҳиҷрӣ ба мелодии И.Орбелӣ, ки дар он рӯзу моҳу сол муайян аст, танҳо 10 рамазон ба он мувофиқ меояд. Пас ин ҳодиса 10 рамазони соли 485 ҳ.қ. баробар бо 14 октябри соли 1092 ба вуқӯъ пайвастааст.

Дар осори таърихии баъд аз Низомулмулк танҳо зикри номи неки ӯро чун вазири ботадбир, донишдӯст ва хайрандеш ба мушоҳида мегирем.

Осори насрии Низомулмулк намунаи барҷастаи насри форсӣ-тоҷикии ин замон буда, ӯ аз нависандагони шинохтаи асри хеш маҳсуб мешавад. Рисолаи «Сиёсатнома» ва чанд мактуби боқимонда аз Низомулмулк далели ин муддаост.

Рисолаи «Сиёсатнома» чун дастурамали сиёсие барои хонадони Салчуқиён аз ҷониби Низомулмулк навишта шуд. Низомулмулк, ки худсарӣ, беадолатӣ ва зулму ситами ҳокимони азхудрафтаи Салчуқиро медид ва медонист, ки ин ҳама пояи ҳукмронии давлатро заиф мекунад,

бинобар ин вай чунин дастурамалеро менависад, ки ғояи асосии он иборат аз барқарор намудани оромӣ ва адолат дар кишвар, пеша кардани тарзи оқилонаи кишвардорӣ, поквиҷдонии арбобони давлатӣ, аз пайи ободонии мамлакат шудани шахсони масъул мебошад. Инчунин дар ин асар роҷеъ ба сиёсату раёсати амирону вазирон, дабирон, надимон, қозиҳо, хидматгарон, посбонон ва дигар табақаҳои аҳолӣ, таъмину нигаҳдошти лашкар, хазинаи давлат ва ғайра андешаҳои ҷолиб баён шудаанд.

«Сиёсатнома»-и Низомулмулк на танҳо аз сарчашмаи асосӣ дар омӯзиши сохтори сиёсии давлатҳои шарқи мусулмонӣ ба ҳисоб меравад, инчунин муаллиф дар ин асараш рӯйдодҳои муҳими асрҳои пешин, мисли наҳзатзои хуррамдинон, монавиён, маздакиён, қарматиён, ботиниён ва ғайраҳоро тасвир кардааст. Дар «Сиёсатнома» ахбори муҳимми таърихӣ дар бораи баъзе масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Саффориён, Сомониён, Ғазнавиён ва Салчуқиён гирд оварда шудааст.

«Сиёсатнома» аз мероси бузурги фарҳангии асримиёнагии халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Мутмаинан метавон гуфт, ки чун Низомулмулк «Сиёсатнома»-ро ба забони тоҷикӣ-форсӣ навишта, ба Маликшоҳи Салҷуқӣ пешниҳод кард, бинобар ин метавон хулоса кард, ки: нахуст Маликшоҳи Салҷуқӣ бо забони тоҷикӣ-форсӣ ошноии комил доштааст ва дувум забони муоширати дарбори Салҷуқиён тоҷикӣ-форсӣ будааст.

«Сиёсатнома» яке аз аввалин асарҳоест, ки ба забони тоҷикӣ дар риштаи сиёсати давлатдорӣ таълиф шуда, онро метавон ба навъе ҷамъбасти фаъолияти сиёсии беш аз 30-солаи Низомулмулк донист, ки дар он мушоҳидаҳои муаллиф дар сиёсати давлатдорӣ баён гардидаанд.

То даврони вазорати Низомулмулк Салчуқиён чи дар корҳои дохилӣ ва чи дар сиёсати хориҷӣ ҷуз нишастан ба тахт ва машғул шудан ба шикору маишат дигар коре намекарданд. Пешрафту дастовардҳои Салҷуқиён дар аҳди Алпарслон ва дар замони салтанати Маликшоҳ бо шарофати вазири ботадбир, ки амалан идораи кулли кишварро бар уҳда дошт, ба вуҷуд омадааст. Дар натиҷаи сиёсати оқилонаи Низомулмулк

тамоми қаламрави давлати Салчуқиён дар аҳди Маликшоҳ зери назорати комили ҳукумат қарор гирифт.

Низомулмулк бо тадбирҳои сиёсӣ ҷои вазир Амидулмулки Кандариро дар саҳнаи сиёсат гирифта, дар кори поин овардани шиддати низоъҳои мазҳабӣ ва ба даст оварданги ваҳдати динӣ кӯшиши зиёде ба харҷ дод. Яке аз сабабҳои пешрафти нисбии давлати Салчуқиёнро метавон дар коҳиш додани низоъҳои мазҳабӣ донист.

Низомулмулк солҳои тӯлонӣ кӯшиш ба харҷ дод, то миёни султонҳои Салҷуқӣ ва халифаҳои Аббосӣ сулҳу салоҳ пойдор бошад ва бо ин амал, вайро метавон кафили сулҳ миёни ин ду хонадони ҳукуматгар донист.

Дар мавриди таъсиси мадрасаҳо ва марказҳои таълимоти олӣ метавон хулоса кард, ки:

- аввалин мадраса на дар ғарби ҷаҳони ислом, балки дар шарқи он, яъне дар сарзамини ниёгони тоҷикон – Хуросони Бузург: дар Нишопур мадрасаи Байҳақия аз ҷониби Иброҳим Иҷлии Байҳақӣ (вафот 935) [ 2-М] ва соли 907 дар шаҳри Бухоро аз тарафи амир Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ таъсис ёфтанд;

- нахустин маркази илмӣ ва таълимӣ бо сохтори идории пешрафта, ки дар ҷаҳони ислом таъсис ёфт, Низомияи Бағдод мебошад; яке аз ҳадафҳои таъсиси Низомияи Бағдод ин рақобат бо маркази илмӣ ва мазҳабии Фотимиёни Миср - Ҷомеъ-ул-азҳар ва ҷилавгирӣ аз густариши нуфузи он дар қаламрави давлати Салҷуқиён буд [ 5-М];

- нахустин касе, ки дар ҷаҳони ислом мадрасаҳо бо низоми таълиму тадриси бесобиқа таъсис дод, ки онҳо баъдан заминаи таъсиси донишгоҳҳоро фароҳам оварданд, эронитабор буд, на араб;

- муассиси Низомия на донишмандони исломӣ, балки арбоби давлатӣ ва сиёсӣ - Низомулмулк буд [ 1-М]; Низомулмулк нахустин касест, ки барои устодони мадрасаҳои Низомия маош муқаррар кард;

- низомияҳо аввалин муассисаҳои таълимоти олӣ бо сохтори мукаммали идорӣ, молиявӣ, илмӣ ва таълимӣ дар ҷаҳон буданд [ 1-М];

- ҳар риштаи таълим мисли илмҳои фиқҳ, ҳадис, тафсир, сарфу наҳв, адабиёт, калом ва ғайра устоди алоҳидаи худро дошт, ки ӯро шайх меномиданд [ 2-М];

- низоми таълим дар низомияҳо дар чаҳорчӯбаи мазҳаби шофеӣ маҳдуд мешуд [1-М] ва танҳо устодоне ҳаққи дарсгуфтан ба низомияҳоро доштанд, ки пайрави мазҳаби шофеӣ бошанд. Бисёр иттифоқ меафтод, ки донишмандон барои пазируфтани онҳо ба сифати устод, мазҳаби худро тарк гуфта, шофеимазҳаб мешуданд [ 4-М];

- яке аз ҳадафҳои асосии таъсиси низомияҳо аз ҷониби Низомулмулк мубориза бар зидди ақидаҳои душманони ғоявии худ, мисли шиаён ва исмоилиён буд [ 5-М];

- давраи таъсиси низомияҳоро замони коҳиши илми фалсафа ва мубориза бо афкори озод меҳисобанд. Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, ки яке аз устодони Низомияи Бағдод буд, муборизаи шадид бар зидди фалсафа оғоз кард ва хост бунёдеро, ки Форобию Сино дар заминаи фалсафа устувор карда буданд, барҳам занад ва бо андешаи фалсафии фотимии Миср ва сабоҳиён ба ҷанг пардохт;

- масъулияти интизом ва корҳои дохилии низомияҳоро мутаваллӣ бар уҳда дошт, ки дар дохили низомия иқомат менамуд. Дар баъзе маврид вазифаҳои ӯро мударриси бузург ё раис анҷом медод;

- ташкил намудани суханрониҳои донишмандони бузурге, ки аз дигар гӯшаю канори давлат ба шаҳрҳое, ки дар он ҷойҳо низомияҳо фаъолият менамуданд ва бахусус дар низомияи Бағдод бар дӯши воиз буд; сарпарастӣ ва ҷамъоварии даромади вақфҳои низомияро нозири вақф ба зима дошт; мутасаддии китобхонаҳои низомияҳо аз миёни олимони маъруфи интихоб карда мешуд;

- донишҷӯёни низомияҳо ба се гурӯҳ тақсим мешуданд: *ибтидоӣ* - онҳое, ки ба низомияҳо нав дохил шуданд; *мутавассита* - онҳое, ки чанд соли таҳсилро сипарӣ намудаанд; *олӣ* - касоне, ки дар арафаи хатми низомияҳо қарор доштанд;

- дарсҳо асосан пеш ва ё баъди намози панҷвақта доир мегардиданд ва вақти баргузории дарсҳоро устодон муайян менамуданд; дарсҳо ба забони арабӣ сурат мегирифт ва агар дар ибтидои таҳсил донишҷӯе забони арабиро хуб намедонист, устоди фанни забон барои вай гуфтаҳои мударрисро тарҷума мекард; айёми таътили донишҷӯён даҳаҳои аввали моҳҳои зулҳиҷа, рамазон, раҷаб ва шаъбон буд;

- таъсис ва фаъолияти низомияҳо ба таъсиси мадрасаҳо ва ё донишгоҳҳо дар саросари қаламрави давлати Салчуқиён ва умуман ҷаҳони ислом такқони ҷиддӣ бахшид. Бисёре аз амирон, вазирон ва ҳокимон дар пайравӣ бо низомияҳои Низомулмулк ба сохтмони мадрасаҳо ва дигар биноҳои таълимӣ, илмӣ ва маъмурӣ даст заданд [4-М]. Аз ҷумла, Маликшоҳи Салчуқӣ ба ҷонибдорӣ аз вазири машҳури худ дар маҳалли Карони Исфаҳон барои пайравони мазҳабҳои ҳанафия ва шофеия мадраса бунёд намуд [6-М]; яке аз муставфиён бо номи Шарафулмулк Абӯсаъд Муҳаммад ибни Мансур ибни Муҳаммад ҳангоме ки соли 1066 муовинони Низомулмулкро дар бинои мадрасаи Низомия дид, дастур дод, ки дар болои қабри имоми Абӯҳанифа воқеъ дар маҳалли Болалтоқ иморате бисозанд ва барои пайравони мазҳаби ҳанафия мадраса барпо кунанд. Тоҷулмулк, ки аз рақибони Низомулмулк буд, мадрасае дар Бағдод бо номи Тоҷия сохт ва шайх Абӯбакри Шоширо (Тошкандиро) барои тадрис дар он даъват кард;

- аз охирҳои асри XI то ҳамлаи муғулҳо дар минтақаҳои гуногуни Эрон, Моварооуннаҳру Хуросон мадрасаҳо ва марказҳои илмии зиёде таъсис ёфтанд, ки муассисон ва устодони аксари онҳо дастпарварони низомияҳо будаанд;

- таъсиси мадрасаҳои давлатӣ дар сарзаминҳои Шом ва Миср ба сабаби ба қудрат расидани ду хонадони эронитабори Нурия ва Салоҳия, ки бо Салчуқиён наздикӣ доштанд, хеле беҳтар аз дигар минтақаҳо буд. Фармонравои мустақили Миср ва Шом Нуриддин Маҳмуди Зангӣ (ваф. 1173) дар шаҳрҳои гуногун мадсараҳои бузург таъсис намуд;

- Салоҳиддини Аюбӣ (ваф. 1193), ки аз парваришёфтагони дастгоҳи идории Нуриддин Маҳмуди Зангӣ ва фотеҳи Байтулмуқаддас буд, пас аз фатҳи Миср ба фаъолиятҳои исмоилиён ва марказҳои таблиғотии он хотима бахшида, ба таъсиси мадрасаҳо барои пайравони мазҳабҳои шофеӣ, ҳанафӣ ва моликӣ дар ин диёр оғоз намуд. Вай мадрасаи Салоҳияро соли 1176 дар наздикии оромгоҳи имом Шофеӣ бунёд намуда, барои устодон ва фақеҳон хӯроки рӯзона ва маош таъйин намуд;

- низомияҳои Низомулмулк на танҳо дар ҷаҳони ислом, балки дар саросари ҷаҳон ба ҳайси нахустин муассисаи олии муназзам эътироф гардида, донишгоҳҳои Аврупо зери таъсири онҳо таъсис ёфтаанд [1-М]. Дар донишгоҳҳои Балонияи Париж, Мунпалия ва Оксфорд, ки ҳама баъд аз асри XII таъсис ёфтаанд, таъсири мадрасаҳо, аз ҷумла низомияҳо дида мешавад;

- низомияҳо, ки таъсиси онҳо бо таваҷҷуҳ ба омилҳои хоси сиёсӣ ва мазҳабӣ, ба хусус мазҳаби шофеӣ сурат гирифт [4-М], аз нимаи дуюми асри XI беш аз се аср сарчашмаи таҳаввулоти бузург дар заминаҳои сиёсӣ, илмӣ ва мазҳабии на танҳо қаламрави давлати Салҷуқиён, балки хориҷ аз он низ гашт;

- чун низомияҳо ба маркази омода намудани мутахассисон дар соҳаҳои мухталифи давлатӣ гардиданд, бинобар ин аксари донишҷӯён мақсадашон аз таҳсил бештар ҷанбаҳои моддӣ, яъне расидан ба мақомоти баланди давлатӣ буд.

## 2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

- натиҷаҳои илмии мавзӯи мавриди таҳқиқро чун кумакмавод барои навиштани таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XI-и таърихи халқи тоҷик метавон истифода кард;

- барои шинохти бештари шахсияти Низомулмулк дар асоси маводи ин диссертатсия таҳия ва нашри рисола ва мақолаҳои илмӣ-оммавӣ дар бораи ин ходими бузурги сиёсӣ ва фарҳангӣ;

- бо такя ба маводҳои ин таҳқиқот ворид намудани маълумоти бештар дар бораи Низомулмулк ва низомияҳои таъсиснамудаи ӯ дар китобҳои дарсии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, коллеҷҳо ва донишгоҳҳо;

- ба гардиши илмӣ ворид сохтани ахбори сарчашмаҳои таърихӣ роҷеъ ба хадамоти Низомулмулк дар корҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XI ва баъди он;

- ба нашр омода кардани матни комил ва интиқодии «Сиёсатнома»;

- рухдодҳои таърихии инъикосшуда дар «Сиёсатнома» бо дарназардошти фарогир будани матолиби он омӯзиш ва таҳқиқоти алоҳида ва хосро талаб мекунад, ки дар оянда онро бояд дар назар гирифт.

Татбиқи амалии ин тавсияҳо симои арбоби бузурги давлатӣ ва фарҳангӣ Низомулмулкро дар таърихи ватанӣ бештар равшан ва барҷаста хоҳад сохт.

## НОМГӮИ АДАБИЁТ

### 1. ФЕҲРИСТИ МАНБАЪҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ


1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Девони комил / Абдурраҳмони Ҷомӣ .Теҳрон, 1341 (1962). -673 с.
2. Абулҳасани Бохарзӣ. Думйат-ул-каср ва усрату аҳли-л-аср / Абулҳасани Бохарзӣ. Теҳрон, 1971.
3. Абусаъди Самъонӣ. Китобу-л-ансоб / Абусаъди Самъон.ӣ Лондон, 1912.
4. Авфӣ Муҳаммад. Тазкираи Лубоб-ул-албоб / Авфӣ Муҳаммад. Теҳрон, 1982.-648 с.
5. Амин Ҳусайн. Ал-мадраса-ал-Мустансирия / Амин Ҳусайн. Бағдод, 1960.
6. Аҳмад ибни Ҳусайн Ал-Котиб. Таърихи ҷадиди Язд / Аҳмад ибни Ҳусайн Ал-Котиб. Теҳрон, 1998.-540 с.
7. Аҳмади Бағдодӣ. Ал-ҳаводис ал-ҷомеа / Аҳмади Бағдодӣ. Бағдод, 1883.
8. Байҳақӣ Абулфазл. Таърихи Байҳақӣ / Байҳақӣ Абулфазл. Душанбе, 2014. -774 с.
9. Бундори Исфаҳонӣ. Таърихи силсилаи Салҷуқӣ / Бундори Исфаҳонӣ. Тарҷумаи Муҳаммадҳусайни Ҷалилӣ. Теҳрон, 1977. -480 с.
10. Ёқути Ҳамавӣ Шаҳобуддин Абдулло. Муъҷам-ул-булдон. Ҷ. 1 / Ёқути Ҳамавӣ. Бейрут, 1955
11. Ёқути Ҳамавӣ Шаҳобуддин Абӯабдуллоҳ. Муъҷам-ул булдон. Ҷ. 4 / Ёқути Ҳамавӣ. Бейрут, 1955.
12. Ёқути Ҳамавӣ. Маҷмаъ-ул-удабо. Ҷ. 5 / Ёқути Ҳамавӣ. Миср, 1923.
13. Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-удабо / Ёқути Ҳамавӣ. Бейрут, 1955.
14. Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ. Осор -ул-билод ва ахбор-ул-ибод. Тарҷума аз арабӣ А.Шарафкандӣ / Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ. Теҳрон: Муассисаи илмии андешаи ҷавон, 1366. -271 с.
15. Ибн ал-Асир. Таърихи Комил. Ҷ. 8 / Ибн ал-Асир. Теҳрон, 1991. -517 с.

16.Ибн ал-Ҷавзо Абулфароҷ Абдурраҳмон ибни Алӣ Бакрӣ Садиқӣ. Ал-мунтазам-фи-таърих ал-мулк-в-ал-олам. Ҷ.9 / Ибн ал-Ҷавзо. Ҳайдаробод, 1357 ҳ.қ. (1938).
17.Ибни Абӯусайбиъа. Уюн-ул-анбо фӣ табақоти-л-аттибо / Ибни Абӯусайбиъа. Миср, 1882.
18.Ибни Асир. Ал-Комил фи-ат таърих. Ҷ. 8 / Ибни Асир. Бейрут, 1967.
19.Ибни Асир. ал-Комил фи-ат таърих Ҷ. 9 / Ибни Асир. Бейрут, 1967.
20.Ибни Асир. ал-Комил ат-таърих. Ҷ. 8 / Ибни Асир. Бейрут. 1967.
21.Ибни Асир. Комили таърихи бузурги ислом ва Эрон. Тарҷумаи Алӣ Ҳошимии Ҳоирӣ. Ҷ. 17 / Ибни Асир. Теҳрон. 1991. -848 с.
22.Ибни Батута Шамсиддин Абӯабдуллоҳ ибни Иброҳим. Туҳфа-ул-анзор фӣ ғароиб-ул-амсор ва аҷоиб-ул-асфор. Тарҷумаи М.Муваҳҳид / Ибни Батута. Теҳрон, 1337 (1958).
23.Ибни Бибӣ. Ахбори салоҷуқаи Рум. Ба эҳтимоми Муҳаммадҷаводи Машкур / Ибни Бибӣ. Теҳрон, 1971.
24.Ибни Исфандиёри Котиб. Таърихи Табаристон. Ҷ.1 / Ибни Исфандиёри Котиб. Теҳрон, 1320 (1941). -327 с.
25.Ибни Касир Умодуддин Абдулфидоъ Исмоил ибни Асри Димишқӣ. Ал-бидоя ва-л-ниҳоя / Ибни Касир. Қоҳира, 1939
26.Ибни Касир. Ал-бидоя ва-л-ниҳоя/ Ибни Касир. Қоҳира, 1939.
27.Ибни Қифтӣ. Таърих-ул-ҳукамо / Ибни Қифтӣ. Теҳрон, 1968.
28.Ибни Ҷабир Аблҳусайн Муҳаммад ибни Аҳмади Андалусӣ / Ибни Ҷабир. Реҳлаи ибни Ҷабир. – Миср, 1995.
29.Ибни Ҷавзо Абдулфаррух Абдураҳмон ибни Алӣ Бакри Сидиқи. Ал-мунтазам фӣ таърих-ал-мулк ва-л-умам. Ҳайдаробод, Ҷилди 9, 1938.
30.Ибни Ҷавзо. Ал-мунтазам фӣ таърих-ал-мулук ва-л-умам / Ибни Ҷавзо. Ҳайдаробод, 1938.
31.Ибни Ҷавзо. Ал-мунтазам. Ҷ. 9 / Ибни Ҷавзо. Ҳайдарбод, 1983.
32.Ибни Фавтӣ. Ал-ҳаводис-ал-ҷомеъа-ал-моия-ал-собеъа / Ибни Фавтӣ. Бағдод, 1883

33.Ибни Халикон Шамсиддин Абулаббос Аҳмад ибни Алӣ. Вафёт ал аъён / Ибни Халикон. Қоҳира, 1948. Ҷ. 3.
34.Ибни Халикон Шамсиддин Абулаббос Аҳмад ибни Алӣ. Вафёт-ал-аъён ва анбоъ-ал-замон Ҷ. 2./ Ибни Халикон. Қоҳира, 1948.
35.Ибни Халикон. Вафёт-ул-аъён. Ҷ. 1 / Ибни Халикон. Қоҳира, 1948.
36.Ибни Халикон. Вафёт-ул-аъён. Ҷ. 6 / Ибни Халикон. Қум, 1985. -843.
37.Исфаҳонӣ Б. Таърихи силсилаи Салчуқӣ. Тарҷумаи Муҳаммадҳусайни Ҷалилӣ / Исфаҳонӣ Б.. Теҳрон, 1977.
38.Қазвинӣ Умодуддин Абуяҳё Закариё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуд. Осор-ул-билод ва ахбор ул убод. Бейрут, 1960.
39.Ҷалолуддини Бардӣ. Ал-мунҳал-ал-софӣ ва-л-муставфӣ-ал-вофӣ / Ҷалолуддини Бардӣ. Қоҳира, 1990.
40.Мирхонд Мирмуҳаммад ибни Саидраҳмониддини Ҳовандшоҳ. Таърихи равзат-ус-сафо / Мирхонд. Теҳрон, 1338 (1959). Ҷ. 4.
41.Мирхонд. Равзат-ус-сафо. Ҷ. 4 / Мирхонд. Теҳрон, 1983.
42.Муқаддимаи Шеффер // Сиёсатнома. Теҳрон 1344. саҳ.ёздаҳ
43.Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас. Ба тасҳехи Маликушшуаро Баҳор. Теҳрон. 1318.-537 с.
44.Мунадҷимбошӣ. Саҳоиф-ул-ахбор / Мунадҷимбошӣ. Истамбул, 1285 ҳ.қ.
45.Мунтаҷабуддин Бадеъ Атобак ал-Ҷувайнӣ. Атабату-л-катаба. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми М.Қазвинӣ ва А.Иқбол / Мунтаҷабуддин Бадеъ Атобак ал-Ҷувайнӣ. Теҳрон: Ширкати саҳҳомии чоп, 1329. -170 с.
46.Муҳаммади Ҷувайнӣ. Таърихи ҷаҳонкушои Ҷувайнӣ Ҷ.3. Ба саъй ва эҳтимоми М.Қазвинӣ. Чопи сеюм / Муҳаммади Ҷувайнӣ. Теҳрон: Дунёи китоб, 1382. -590 с.
47.Наршахӣ Абӯбакр. Таърихи Бухоро / Наршахӣ Абӯбакр. Душанбе, 2012. -736 с.
48.Нахҷавонӣ Ҳиндушоҳ. Таҷоруб-ус-салаф / Нахҷавонӣ Ҳиндушоҳ. Теҳрон, 1965.

49.Низам ал-мульк. Сиасет-намэ – книга о правлении вазира XI столетия Низам ал-мулька. Перевод, введение и примечания профессора Б.Н. Заходера. М.-Л. 1949. -379 с.
50.Низомулмулк. Сиёсатнома (Сайрулмулук). Ба кӯшиши Ҷ.Шиор. Чопи шашум / Низомулмулк.Теҳрон, 1373 (1994). -383 с.
51.Низомулмулк. Сиёсатнома. Бозшиносӣ, нақду таҳлил ва вероиши матн, тавзеҳот ва феҳрастҳо М.Истеъломӣ / Низомулмулк. Теҳрон, 1390.
52.Низомулмулк. Сиёсатнома. Ба кӯшиши Абос Иқбол / Низомулмулк.Теҳрон, 1990.
53.Низомулмулк. Сиёсатнома. Ба чоп тайёркунанда А.Девонақулов / Низомулмулк. Душанбе: Адиб, 1989. -200 с.
54.Низомулмулк. Сиёсатнома. Бо ҳавошӣ ва ёддоштҳо ва ишорот ва тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ. Чопи дувум / Низомулмулк. Теҳрон, 1344. -295 с.
55.Низомулмулк. Сиёсатнома. Таҳияи матн, пешгуфтор, тавзеҳот ва луғот А.Ҳоҷиев / Низомулмулк. Душанбе: Шарқи озод, 1998. -249 с.
56.Нишопурӣ Ҳоким Муҳаммад ибни Абдуллоҳ. Таърихи Нишопур. Тарҷуми Муҳаммад ибни Ҳусейн Халифаи Нишопурӣ. Бо кӯшиши Аҳмад Ризо Шафеии Кадканӣ / Нишопурӣ Ҳоким. Теҳрон, 1966.
57.Носируддин Муншии Кирмонӣ. Насоим-ул-асҳор мин латоим- ул-ахбор. Дар таърихи вузаро. Ба тасҳеҳ, муқаддима ва таъliқи Мирҷалолуддини Ҳусайнии Урмавӣ. Чопи дувум / Носируддин Муншии Кирмонӣ. Теҳрон: Интишороти Иттилоот, 1364. -160 с.
58.Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида. Ба эҳтимоми А.Навоӣ. Чопи панҷум / Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Теҳрон: Амир Кабир, 1387. -816 с.
59.Ҳиндушоҳ ибни Санҷар ибни Абдулло Соҷии Нахҷувонӣ. Таҷоруб-ус-салаф / Ҳиндушоҳ ибни Санҷар. Теҳрон, 1344 (1965). Ҷ. 1.
60.Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-уз-зунун / Ҳоҷӣ Халифа. Истанбул, 1909.
61.Ҳусейнӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибн ал-Низом Яздӣ. Ал-ароза фӣ ал-ҳикоя ал-Салҷуқия / Ҳусейнӣ Муҳаммад. Лейдан, 1909.

62.Оқсарой Маҳмуд ибни Муҳаммад. Таърихи Салоҷуқа. Тасҳеҳи У.Турон. Анқара, 1983. Ифаҳонӣ Бундор. Таърихи силсилаи Салҷуқӣ. Тарҷумаи Муҳаммад Ҳусайни Ҷалилӣ / Оқсарой Маҳмуд. Теҳрон, 1977.
63.Омулӣ Авлиёуллоҳ. Таърихи Рӯён. Бо кӯшиши Манучеҳри Сутуда / Омулӣ Авлиёуллоҳ. Теҳрон, 1969.
64.Рашиди Ватвот. Ҳадоиқу-с-сеҳр фӣ дақоиқи-ш-шеър / Рашиди Ватвот. Теҳрон. 1986.
65.Рашиди Ватвот.Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ул-ривоёт / Рашиди Ватвот. Теҳрон, 1984.
66.Ровандӣ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон. Роҳат-ус-судур ва оя ус-сурур дар таърихи оли Салҷуқӣ. Тасҳеҳи Муҳаммад Иқбол / Ровандӣ Муҳаммад. Теҳрон, 1985.
67.Самарқандӣ Муҳаммад ибни Алӣ ал-Котиб. Эъроз-ал-сиёсат фӣ эъроз-ал-раёсат. Тасҳеҳи Ҷаъфари Шиор / Самарқандӣ Муҳаммад. Теҳрон, 1980.
68.Самъонӣ Абӯсаъд Абдулкарим ибни Муҳаммад. Ал-ансоб. Ҷ. 2/ Ал-Ансоб Самъонӣ Абӯсаъд. Теҳрон, 1986.
69.Самъонӣ Абӯсаъд Абдулкарим ибни Муҳаммад. Ал-ансоб. Ҷ. 8.Ал-Ансоб / Самъонӣ Абӯсаъд. Теҳрон, 1990.
70.Сафиуддини Кошӣ Муллоалӣ ибни Ҳусейни Воиз. Рашаҳод / Сафиуддини Кошӣ. Компури Ҳинд, 1912.
71.Субкӣ Тоҷиддин Абунаср Абдулваҳҳоб ибни Алӣ. Табақот-ул-шофеия. Ҷ. 2 / Субкӣ Тоҷиддин. Қоҳира, 1964.
72.Субкӣ Тоҷиддин Абунаср Абдулваҳҳоб ибни Алӣ. Табақот-ул-шофеия. Ҷ. 3/ Субкӣ Тоҷиддин. Қоҳира, 1964.
73.Субкӣ Тоҷиддин Абунаср Абдулваҳҳоб ибни Алӣ. Табақот-ул-шофеия. Ҷ. 4/ Субкӣ Тоҷиддин. Қоҳира, 1964.
74.Субкӣ Тоҷиддин Абунаср Абдулваҳҳоб ибни Алӣ. Табакот-ул-шофеия. Ҷ. 5 / Субкӣ Тоҷиддин. Қоҳира, 1964.
75.Субкӣ Тоҷиддин Абунаср Абдулваҳҳоб ибни Алӣ. Табакот-ул-шофеия. Ҷ. 6 / Субкӣ Тоҷиддин. Қоҳира, 1964.

76.Субкӣ Тоҷиддин Абунаср Абдулваҳҳоб ибни Алӣ. Табакот-ул-шофеия. Ҷ. 7 / Субкӣ Тоҷиддин. Қоҳира, 1964
77.Абӯнаср Минҳоҷуддин Усмон ибни Муҳаммад Сируҷуддини Ҷузҷонӣ.Табақоти Носирӣ / Ҷузҷонӣ. Теҳрон, 1953.
78.Тартусӣ Абӯбакр Муҳаммад. Сироҷ-ул-мулук / Тартусӣ Абӯбакр. Теҳрон, 1981.
79.Тартусӣ Абӯбакр. Сироҷ-ул-мулк / Тартусӣ Абӯбакр. Қоҳира, 1872.
80.Форсӣ Муҳиддин Абулҳасан Абулғафор ибни Исмоил. Мунтахабу-с-сиёқ / Форсӣ Муҳиддин. Техрон, 1965.
81.Хондамир. Дастур-ул-вузаро / Хондамир. Теҳрон, 1938.
82.Шабонкораӣ М. Маҷмаъ-ул-ансоб / Шабонкораӣ. Теҳрон, 1984.
83.Шамсиддини Заҳабӣ. Таҷоруб-ус-салаф / Шамсиддини Заҳабӣ. Ҳайдарobод, 1915.

**МОНОГРАФИЯ, БРОШУРА ВА МАҚОЛАҲО**

84.Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII. вв. / Агаджанов С.Г. Ашхабад: Ылым, 1969. -294 с.
85.Агаджанов С.Г. Сельджукиды и Туркмения в XI-XII вв. / Агаджанов С.Г. Ашхабад: Ылым, 1973. – 164 с.
86.Агаджанов С.Г. Государство Сельджугидов в Средняя Азия в XI-XII вв. / Агаджанов С.Г. Москва: Наука, 1991. – 303 с.
87.Айнӣ С. Маънои калимаи тоҷик // Садои Шарқ. – №8 / Айнӣ С. Душанбе 1986. С.66-86.
88.Алимардонов А. Сиёсатнома // Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷ.7. Сармуҳаррири илмӣ М.Осимӣ / Алимардонов А. Душанбе, 1987. С.77.
89.Аъзамӣ Алӣ Зариф. Мухтасари таърихи Бағдод / Аъзамӣ Алӣ Зариф. Бағдод, 1926.
90.Бабазаде Х., Мохибали П. Архитектура и строительное дело Центральной Азии и Ирана / Бабазаде Х., Мохибали П. Бешкек, 2004. -148 с.
91.Баҳромӣ Акбар. Таърихи Эрон аз зуҳури ислом то суқути Бағдод / Баҳромӣ Акбар. Теҳрон, 1971. -740 с.

92.Бартолд В.В. Туркистоннома. Тарҷумаи Карими Кишоварз / Бартолд В.В. Теҳрон, 1973.
93.Бартольд В.В. Двенадцать лекций по истории турецких народов Средней Азии / Бартольд В.В. // Сочинения Т.V. М., 1968. С.19-194.
94.Бартольд В.В. История Туркистана / Бартольд В.В. // Сочинения Т. II., Ч.I. М., 1963. С.109-163.
95.Бартольд В.В. Туркистан в эпоху монгольского нашествия / Бартольд В.В. // Сочинения Т.I. М., 1963. С.238-385.
96.Бертелс Е.Э. Таърихи адабиёти форсӣ. Аз даврони Фирдавсӣ то аҳди Салҷуқиён. Тарҷума ба форсӣ аз С.Эзидӣ. Чопи аввал / Бертелс Е.Э. Теҳрон: Интишороти Ҳирманд, 1374. -400 с.
97.Бертельс Е.Э. Очерки истории персидской литературы / Бертельс Е.Э. Ленинград: Издание Ленинградского восточного института имени А.С.Енукидзе, 1928. -203 с.
98.Бовел. Ҷ.О. Таърихи Эрони Кембриҷ. Ҷ.5 / Бовел. Ҷ.О. Теҳрон, 1987. -630 с.
99.Ғаравӣ М. Асри тиллоии Низомулмулк / Ғаравӣ М. Теҳрон, 1988. -392 с.
100. Гафуров Б. Г. История таджикского народа в кратком изложении. Издание второе, исправленное и дополненное / Гафуров Б. Г. Москва: Государственное издательство политической литературы, 1952. -508 с.
101. Гафуров Б. Г. История таджикского народа в кратком изложении. Издание третье, исправленное и дополненное / Гафуров Б. Г. Т.I. Москва: Государственное издательство политической литературы, 1955.-544 с.
102. Гафуров Б. Г. Таджики древнейшая, древняя и средневековая история / Гафуров Б. Г. Москва: Наука, 1972. -658 с.
103. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история / Гафуров Б.Г. Москва: Наука, 1972. -658 с.
104. Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷ.I. / Ғафуров Б. Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1947. -384 с.
105. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби якум / Ғафуров Б.Ғ. Душанбе, 1983.
106. Додхудоева Л. Низомулмулк // Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷ.5. Сармуҳаррири илмӣ М.Осимӣ. Душанбе, 1984. С.181-182.

107. Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. Теҳрон, 1986. -368 с.
108. Зарринкуб А. Фирор аз мадраса / Зарринкуб А. Теҳрон, 1974. -480 с.
109. Зарринкуб А. Рӯзгорон. Таърихи Эрон аз оғоз то суқути салтанати Паҳлавӣ. Чопи панҷум / Зарринкуб А. Теҳрон. 1383. -1014 с.
110. Заходер Б.Н. Введение в изучение памятника //Низам ал-мульк. Сиасет-намэ – книга о правлении вазира XI столетия Низам ал-мулька. Перевод, введение и примечания профессора Б.Н. Заходера. М.-Л. 1949. -379 с.
111. Иқбол А. Таърихи Эрон / Иқбол А. Теҳрон, 1983. -792 с.
112. История таджикского народа. Т.III. Душанбе: Дониш, 2013. -579 с.
113. Камол Х. История вторжения кочевых племен в Мавераннахр и Хорасан (XVI в.) / Камол Х. Душанбе: Дониш, 2012. -408 с.
114. Камол Ҳ. Ҳокимони Хуросон дар аҳди охирин шоҳони Сосонӣ ва замони хулафои рошидин / Камол Ҳ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). №3/3. Душанбе, 2017. С.3-7.
115. Камол Ҳ. Инъикоси хурӯҷи Синбоди Муғ дар манобеи таърихии асрҳои IX-XIII/ Камол Х. // Муаррих №1 (17) 2019. С.76-83.
116. Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Чопи дувум / Кисоӣ Н. Теҳрон, 1984. -347 с.
117. Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Чопи севум / Кисоӣ Н. Техрон, 1995. -347 с.
118. Клузнер Карло. Девонсолорӣ дар аҳди Салҷуқӣ / Клузнер Карло. Теҳрон, 1984.
119. Конпурӣ А. Зиндагиномаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ. Тарҷумаи Мустафо Таботабоӣ / Конпурӣ А. Техрон, 1974. -524 с.
120. Конпурӣ А. Зиндагиномаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ. Тарҷумаи Мустафо Таботабоӣ / Конпурӣ А. Техрон, 1975. -524 с.
121. Махсумов Қ. Низомия // Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷ.5. Сармуҳаррири илмӣ М.Осимӣ. Душанбе, 1984. С.181.
122. Маъруф Н. Мадориси илмияи қабл аз низомия // Ёдномаи Адиби Нишопурӣ / Маъруф Н. Теҳрон, 1986. С.205-267.

123. Маъруф Ноҷӣ. Уламо-ан-низомиёт ва мадорис ал-Машриқ ал-исломӣ / Маъруф Ноҷӣ. Бағдод, 1973.
124. Меликсет-бек Л.М. Сиасет-намэ – книга о правлении вазира XI столетия Низам ал-мулька. Перевод, введение в изучение памятника и примичания профессора Б.Н.Заходера. Издание Академии наук СССР. М.-Л., 1949. 379 стр./ Меликсет-бек Л.М. // Известия Академии наук Армянской ССР. Общественные науки. №1. 1951. С.95-98.
125. Мероси ислом ё он чи Мағрибзамин ба милали исломӣ мадюн аст. Ба қалами сездаҳ тан аз мусташриқин ва устодони донишгоҳҳои Инглистон. Теҳрон, 1946. -840 с.
126. Мирбабаев А. Мадраса Таджикистана / Мирбабаев А. Душанбе: Мерос, 1994. -125 с.
127. Мирбабаев А.К., Мукимов Р.С., Мукимова С.Р. Мадраса Мавераннахра и Хорасана / Мирбабаев А.К., Мукимов Р.С., Мукимова С.Р. Душанбе: Мерос, 1998. -185 с.
128. Мирбобоев А. Муқаддимаи таърихи Хуҷанд / Мирбобоев А.. Хуҷанд: Ношир, 2013. -448 с.
129. Мирбобоев А.К. Мадраса // Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷ.4. Сармуҳаррири илмӣ М.Осимӣ / Мирбобоев А.К. Душанбе, 1983. С.126.
130. Муқимова С., Бузургниё Д. Научные и образовательные учреждения среднего и Ближнего Востока / Муқимова С., Бузургниё Д. Душанбе, 2007. -165 с.
131. Муҳаммад ибни Иброҳим. Таърихи Салҷуқиёни Кирмон / Муҳаммад ибни Иброҳим. Техрон, 1953. -674 с.
132. Муҳаммадризо Н. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён / Муҳаммадризо Н. Душанбе, 2011.-1295 с.
133. Наботзода З. Низомия // Фарҳанг, 2006, №5. С.31-32.
134. Нафисӣ С. Низомияи Бағдод // Меҳр, №2 / Нафисӣ С. Теҳрон, 1934. С.34-37.
135. Новосельцев А.Я. Низам аль-мульк // Советская историческая энциклопедия. Т.10. Главный редактор Е.М.Жуков / Новосельцев А.Я. Москва: Издательство «Советская энциклопедия», 1967. С.200.

136. Ноҷии Маъруф. Мадориси илмияи қабл аз низомия // Ёдномаи Адиби Нишопурӣ / Ноҷии Маъруф. Теҳрон, 1986. С.205-267.
137. Ноҷӣ Муҳаммадризо. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён / Ноҷӣ Муҳаммадризо. Душанбе, 2011. -295 с.
138. Нуъмонӣ Шиблӣ. Омӯзишгоҳҳои қадим дар кишварҳои исломӣ // Дониш ва парвариш. -№8 / Нуъмонӣ Шиблӣ. Теҳрон, 1963 С.18-23.
139. Рауф А. Гусейн-заде. Кавказ и сельджуки / Рауф А. Гусейн-заде. Баку: Кавказ, 2010. -272 с.
140. Рашод Муҳаммад. Таърихи ҷангҳои салибӣ / Рашод Муҳаммад. Теҳрон, 1978. -458 с.
141. Сайф Озод Абдурраҳмон. Таърихи хулафои Фотимӣ / Сайф Озод Абдурраҳмон. Теҳрон, 1989.
142. Сафо Забеуллоҳ. Тарихи адабиёт дар Эрон. Ҷ. 2 / Сафо Забеуллоҳ. Теҳрон, 1971. -870 с.
143. Сафо Забеуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ. 2 / Сафо Забеуллоҳ. Теҳрон, 2000. -870 с.
144. Содиқи Самарҷонӣ. Беҳтарини тоҷикон / Содиқи Самарҷонӣ. Теҳрон, 2004. -241 с.
145. Султонзода Ҳусейн. Таърихи мадориси Эрон аз аҳди бостон то таъсиси дорулфунун / Султонзода Ҳусейн. Теҳрон, 1985. -515 с.
146. Талас А. Низомияи Бағдод ва таърихи он / Талас А. Париж, 1939.
147. Фалсафӣ Н. Ҳашт мақолаи таърихӣ ва адабӣ / Фалсафӣ Н. Теҳрон, 1951.
148. Феҳристи кутуби эҳдоии Машкуҳ. Ҷ. 7. Таҳияи А.Ҳақиқат. Теҳрон, 2003.
149. Филип Ҳайтс. Таърихи араб. Ҷ. 1 / Филип Ҳайтс. Табрез, 1964. -872 с.
150. Фурӯзонфар Б. Тарҷумаи рисолаи «Қаширия» / Фурӯзонфар Б.. Теҳрон, 1936.
151. Хатиби Бағдодӣ. Таърихи Бағдод / Хатиби Бағдодӣ. Бейрут, 1986
152. Ҳалабӣ Алиасғар. Таърихи тамаддуни ислом / Ҳалабӣ Алиасғар. Теҳрон, 1956. -543 с.
153. Ҳиндӣ К. Зиндагонии Хоҷа Низомулмулк / Ҳиндӣ К. Теҳрон, 1995.
154. Ҳумой Ҷалолиддин. Ғаззолинома / Ҳумой Ҷалолиддин. Теҳрон, 1963.
155. Ҳунари Эрон. Тарҷумаи Беҳрӯз Ҳабибӣ. Теҳрон, 1986. -744 с.

156. Ҷавод М. Ал-мадраса ал-низомия би Бағдод // Маҷаллаи Шумер. №9. 1953. С.12-17.

### АВТОРЕФЕРАТ ВА ДИССЕРТАТСИЯҲО

157. Баят Казем Хайдаркули. Учебные центры Мавераннахра и Хорасана в период Сельджукидов. Автореферат дисс. На соискание ученой степени кандидата исторических наук / Баят Казем Хайдаркули. Душанбе, 2014. -22 с.

## 2. ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд

[1–М] **Садриддини А.** Риштаҳои таҳсилӣ ва устодони низомияҳо / Садриддини А. // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 2017. - №5(72). Душанбе. С. 218-220.

[2–М] **Садриддини А.** Марказҳои таълимии то низомияҳо / Садриддини А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. - №4. Душанбе. С. 23-26.

[3–М] **Садриддини А.** Авомили қатли Хоҷа Насируддини Тӯсӣ / Садриддини А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. - №2. Душанбе. С. 30-36.

[4–М] **Садриддини А.** Низомияҳои Низомулмулк аз нигоҳи муҳаққиқон / Садриддини А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019.- №8.- Душанбе. С.42-48.

### Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табърасида

[5–М] **Садриддини А.** Сиёсатҳои мазҳабии Салҷуқиён дар замони вазорати Низомулмулк / Ҷамолӣ С., Садриддини А. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 2019. - №3/1(61). Бохтар. С. 98-102.

[6–М] **Садриддини А.** Омилҳои сиёсӣ-мазҳабии таъсиси низомияҳо дар ҷаҳони ислом / Садриддини А., Ҷамолӣ С. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ. Бохтар, 2019. С. 86-88.